ISSN 3079-1758

№1 (7), 2026



# ПАЁМИ
## ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ РАШТ
### БАХШИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚ, ТАЪРИХ ВА ИҚТИСОД

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА В РАШТСКОМ РАЙОНЕ
### СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

# BULLETIN
## TAJIK PEDAGOGICAL INSTITUTE IN RASHT DISTRICT
### SERIES LAW, HISTORY AND ECONOMIC SCIENCES

ISSN 3079-1758

# ПАЁМИ
# ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР НОҲИЯИ РАШТ

## БАХШИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚ, ТАЪРИХ ВА ИҚТИСОД

№1 (7), 2026

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА
# В РАШТСКОМ РАЙОНЕ

## СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

№1 (7), 2026

# BULLETIN
# TAJIK PEDAGOGICAL INSTITUTE IN RASHT DISTRICT

## SERIES LAW, HISTORY AND ECONOMIC SCIENCES

№1 (7), 2026



РАШТ-2026

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2024 таҳти №392/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.**

**САРМУҲАРРИР:**

**Раҷабзода Маҳмадёр Носир**
н.и.ҳ., дотсент, ректори ДОТ
дар ноҳияи Рашт

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Зокирзода Зафар Хайрулло**
н.и.ҳ., дотсент, муовини
ректор оид ба корҳои таълими
ДОТ дар ноҳияи Рашт

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

**Аламшозода Фаридун**
**Аламшо**
н.и.ҳ., дотсент

**СУРОҒА:**

77817, Тоҷикистон,
н. Рашт, ш. Ғарм, кӯчаи
Э. Муҳиддинов, 63

**ТЕЛЕФОН:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:**

farodil_ff@mail.ru

**СОМОНАИ МАҶАЛЛА:**

https://dotr-vestniki.tj

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**ҲУҚУҚ**

**Яков Илич Гилинский**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Воробёв Сергей Михайлович**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Шарипов Тақдиршо Шарипович**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Идизода Файзалӣ Фузайлшо**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**ТАЪРИХ**

**Турсунов Турсунмурод Худоймуродович**
доктори илмҳои таърих, профессор
**Ғафуров Абдулло Мутиллоевич**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Сайнаков Сайнак Парпишоевич**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Наврузов Ғолибшо Лоиқович**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Садиров Шарафҷон Аҳтамович**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Махсудов Аслиддин Муҳабатович**
номзади илмҳои таърих, дотсент

**ИҚТИСОД**

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Президенти АМИТ
**Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Каримов Баҳодур Ҳасанович**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Амирзода Соҳибназар Амирхоҷа**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Ниёзов Мустафо Абдуллоевич**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**© ДОТ дар ноҳияи Рашт, 2026**

**Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан**
**от 23 декабря 2024 года за № 392/ЖР-97**

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**

**Раджабзода Махмадёр Носир**
к.ю.н., доцент, ректор ТПИ в Раштском районе

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

**Зокирзода Зафар Хайрулло**
к.ю.н., доцент, проректор по учебной работе ТПИ в Раштском районе

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:**

**Аламшозода Фаридун Аламшо**
к.ю.н., доцент

**АДРЕС:**

77817, Таджикистан,
Раштский район, г. Гарм,
улица Э. Мухиддинова, 63.

**ТЕЛЕФОН:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**ЭЛЕКТРОННАЯ ПОЧТА:**

farodil_ff@mail.ru

**САЙТ ЖУРНАЛА:**

https://dotr-vestniki.tj

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

**ПРАВО**

**Яков Ильич Гилинский**
доктор юридических наук, профессор
**Воробьев Сергей Михайлович**
доктор юридических наук, профессор
**Шарипов Такдиршо Шарипович**
доктор юридических наук, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло**
доктор юридических наук, профессор
**Идизода Файзали Фузайлшо**
кандидат юридических наук, доцент

**ИСТОРИЯ**

**Турсунов Турсунмурод Худоймуродович**
доктор исторических наук, профессор
**Гафуров Абдулло Мутиллоевич**
кандидат исторических наук, доцент
**Сайнаков Сайнак Парпишоевич**
кандидат исторических наук, доцент
**Наврузов Голибшо Лоикович**
кандидат исторических наук, доцент
**Садиров Шарафджон Ахтамович**
кандидат исторических наук, доцент
**Махсудов Аслиддин Мухабатович**
кандидат исторических наук, доцент

**ЭКОНОМИКА**

**Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт**
доктор экономических наук, профессор,
Президент НАНТ
**Джонмамадов Шермамад Бегмамадович**
доктор экономических наук, профессор
**Иброхимзода Илхомуддин Раджабали**
доктор экономических наук, профессор
**Каримов Баходур Хасанович**
доктор экономических наук, доцент
**Амирзода Сохибназар Амирходжа**
кандидат экономических наук, доцент
**Ниёзов Мустафо Абдуллоевич**
кандидат экономических наук, доцент
**Махмадуллоев Ахмадджон Саидджонович**
кандидат экономических наук, доцент

**© ТПИ в Раштском районе, 2026**

**The journal is registered by the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan on december 23, 2024 for No. 392/MJ-97**

**EDITOR-IN-CHIEF:**

**Rajabzoda Mahmadyor Nosir**
candidate of legal sciences, associate professor, rector of TPI in Rasht district

**DEPUTY EDITOR-IN-CHIEF:**

**Zokirzoda Zafar Khairullo**
candidate of legal sciences, associate professor, vice-rector for academic affairs TPI in Rasht district

**RESPONSIBLE SECRETARY:**

**Alamshozoda Faridun Alamsho**
candidate of legal sciences, associate professor

**ADDRESS:**

77817, Tajikistan, Rasht district, Garm city,
E. Mukhiddinov street, 63.

**PHONE:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**E-MAIL:**

farodil_ff@mail.ru

**JOURNAL WEBSITE:**

https://dotr-vestniki.tj

**THE EDITORIAL BOARD:**

**LAW**

**Yakov Ilich Gilinskiy**
doctor of law, professor
**Vorobyov Sergey Mikhailovich**
doctor of law, professor
**Sharipov Taqdirsho Sharipovich**
doctor of law, professor
**Azizzoda Ubaydullo Abdullo**
doctor of law, professor
**Idizoda Fayzali Fuzaylsho**
candidate of law, associate professor

**HISTORY**

**Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich**
doctor of historical sciences, professor
**Ghafurov Abdullo Mutilloevich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Saynakov Saynak Parpishoevich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Navruzov Gholibsho Loiqovich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Sadirov Sharafjon Ahtamovich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Makhsudov Asliddin Muhabatovich**
candidate of historical sciences, associate professor

**ECONOMY**

**Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht**
doctor of economic sciences, professor,
President of NAST
**Jonmamadov Shermamad Begmamadovich**
doctor of economic sciences, professor
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali**
doctor of economics, professor
**Karimov Bahodur Hasanovich**
doctor of economic sciences, associate professor
**Amirzoda Sohibnazar Amirkhoja**
candidate of economic sciences, associate professor
**Niyozov Mustafo Abdulloevich**
candidate of economic sciences, associate professor
**Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich**
candidate of economic sciences, associate professor

**© TPI in Rasht district, 2026**

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

ТДУ: 343.326

# МАСЪАЛАҲОИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА БАЪЗЕ РАВИШҲОИ МУҚОВИМАТ БО ОН

**Зокирзода З.Х., Пулодов Р.Т., Раҷабов Б.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Экстремизм яке аз падидаҳои хавфноки ҷомеаи муосир ба ҳисоб рафта, ба амният, сулҳ ва суботи давлатҳо таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад. Ин зуҳурот на танҳо бо амалҳои зӯроварона, балки бо тарзи тафаккури ифротӣ, таҳаммулнопазирӣ ва рад намудани арзишҳои умумиинсонӣ зоҳир мегардад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ экстремизм шаклҳои нав пайдо намуда, бештар ба зеҳн ва шуури ҷавонон таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши сабабҳои пайдоиши экстремизм ва муайян намудани роҳу равишҳои муассири муқовимат бо он вазифаи муҳимми ҷомеа маҳсуб мешавад.

Мавзуи муқовимат бо экстремизм дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ҷойгоҳи муҳим дорад ва аз ҷониби олимону ҳуқуқшиносони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [1, с. 199]; [2, с. 232]; [3, с. 136]. Муаллифон дар асарҳои арзишманди худ моҳият, сабабҳо ва заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва идеологии пайдоиши ифротгароиро баррасӣ намуда, хусусиятҳои паҳншавии онро дар ҷомеаи муосир таҳлил намудаанд. Дар асарҳои олимони ватанӣ асосҳои назариявии муқовимат ба экстремизм, механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, инчунин нақши мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нишон дода шудаанд [4, с. 168]; [5, с. 212]; [6, с. 132-134]. Бо назардошти таҳдидҳои муосир, масъалаҳои марбут ба экстремизм ва терроризм дар доираи илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология баррасӣ мешаванд. Экстремизм ҳамчун андеша ё рафтори аз ҳад гузашта маънидод мешавад, ки дар он шахс ё гурӯҳ танҳо ақидаи худро дуруст шуморида, дигар андешаҳо ва ҷаҳонбиниҳоро рад менамояд. Чунин тафаккур аксаран бо суистифодаи дин, миллат ё идеологияи сиёсӣ ҳамроҳ гардида, боиси барангехтани низоъ, хушунат ва нооромии иҷтимоӣ мегардад. Гурӯҳҳои экстремистӣ бо истифода аз шиорҳои зоҳирфиреб ва ваъдаҳои бардурӯғ мекӯшанд пайравон, бахусус ҷавононро, ба сафи худ ҷалб намоянд.

Яке аз сабабҳои асосии пайдоиши экстремизм мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Бекорӣ, камбизоатӣ, сатҳи пасти зиндагӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ метавонанд дар инсон эҳсоси ноумедӣ ва беадолатиро ба вуҷуд оранд. Дар чунин шароит баъзе афрод роҳи ҳалли мушкилоти худро дар ғояҳои ифротӣ мебинанд, зеро гурӯҳҳои экстремистӣ худро ҳамчун ҳомии “адолат” ва “ҳақиқат” муаррифӣ мекунанд. Ин ҳолат махсусан барои ҷавононе, ки таҷрибаи кофии зиндагӣ надоранд, хавфнок мебошад. Дар ин росто, бекорӣ яке аз сабабҳои паҳншавии экстремизм мебошад. Таъмини онҳо бо ҷойи кор, фароҳам овардани шароити рушди варзиш, фарҳанг ва фаъолиятҳои ҷамъиятӣ метавонад онҳоро аз роҳи ифротгароӣ дур созад. Оила ҳамчун пояи асосии ҷомеа бояд дар тарбияи фарзандон нақши фаъол дошта бошад. Муоширати солим, таваҷҷуҳ ба мушкилоти ҷавонон ва тарбияи арзишҳои ахлоқӣ метавонад таъсири манфии муҳити берунаро коҳиш диҳад. Дар муқовимат бо экстремизм нақши давлат

аҳаммияти калидӣ дошта, пеш аз ҳама тавассути татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҳадафманд амалӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои асосии гаравидани баъзе шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, ба ғояҳои ифротӣ мушкилоти иҷтимоӣ, бекорӣ ва номуайянии иқтисодӣ мебошад. Бо дарки ин воқеият, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва коҳиш додани осебпазирии иҷтимоӣ тадбирҳои мушаххас меандешад. Дар асоси гузоришҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути татбиқи чорабиниҳои "Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ" дар маҷмуъ 866 ҳазору 622 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардидаанд. Ин нишондиҳанда далели он аст, ки давлат масъалаи шуғли аҳолиро ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми пешгирии экстремизм ва таъмини суботи иҷтимоӣ дар маркази сиёсати худ қарор додааст. Таъмини шаҳрвандон бо ҷойи кор на танҳо сатҳи зиндагиро боло мебарад, балки ҳисси масъулият, эътимод ба фардо ва пайванди онҳоро бо ҷомеа ва давлат таҳким мебахшад. Илова бар ин, тадбирҳои давлат дар самти беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ идома доранд. Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 14-уми январи соли 2026 дар бораи зиёд кардани ҳаҷми маош, нафақа ва идрорпулиҳо, аз 1 сентябри соли 2026 маоши вазифавии кормандони гуногун дар ҷумҳурӣ аз 15 то 25 фоиз баланд бардошта мешавад. Ин иқдом бори дигар гувоҳи таваҷҷуҳи пайвастаи давлат ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон мебошад. Баланд шудани сатҳи маош ва таъмини иҷтимоӣ, махсусан дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ, ба таҳкими мавқеи иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат намуда, заминаи паҳншавии ғояҳои ифротиро коҳиш медиҳад. Зеро шахсе, ки худро аз ҷониби давлат дастгиришуда эҳсос мекунад, камтар ба таблиғоти ифротӣ ва ваъдаҳои бардурӯғи гурӯҳҳои тундрав майл пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат яке аз роҳҳои муассири муқовимат бо экстремизм ба ҳисоб меравад. Таъмини шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ на танҳо рушди устувори кишварро таъмин мекунад, балки ҳамчун воситаи муҳимми пешгирии ифротгароӣ ва таҳкими амнияти миллӣ хизмат менамояд.

Сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ ва надонистани моҳияти аслии дин ва фарҳанг низ яке аз сабабҳои муҳимми паҳншавии экстремизм ба шумор меравад. Бисёре аз ҷавонон бинобар набудани дониш ва маърифати ҳуқуқӣ ҳар гуна маълумотро бе санҷиш қабул мекунанд. Гурӯҳҳои ифротӣ аз ин ҳолат истифода бурда, мафҳумҳои диниро таҳриф менамоянд ва онҳоро ба манфиати худ шарҳ медиҳанд. Дар натиҷа, дин, ки бояд омили сулҳ ва инсондӯстӣ бошад, ба воситаи низоъ ва хушунат табдил мeёбад. Бо дарназардошти натиҷаҳои мусбат ва самаранокии соли 2024 эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Иҷлосияи 80-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, ки 12 декабри соли 2025 баргузор гардид, пешниҳод намуданд, ки соли 2027 дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад. Ин ташаббуси Тоҷикистон дар тарғиби маърифати ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар арсаи байналмилалӣ беназир аст [9, с. ].

Омилҳои равонӣ низ дар ташаккули андешаҳои экстремистӣ нақши муҳим доранд. Эҳсоси танҳоӣ, набудани дастгирии оилавӣ, мушкилоти шахсӣ ва ҷустуҷӯи маънои зиндагӣ метавонад шахсро ба доми гурӯҳҳои ифротӣ кашад. Онҳо ба чунин афрод эҳсоси мансубият, дастгирӣ ва “ваъдаҳои олӣ”-ро пешниҳод мекунанд, ки дар зоҳир ҷолиб менамояд, вале дар асл боиси фоҷиа мегарданд.

Дар баъзе мавридҳо фазои иттилооти беназорат низ ба афзоиши экстремизм мусоидат мекунанд. Фазои иттилоотии беназорат, бахусус интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ба майдони асосии таблиғи экстремизм табдил ёфта метавонад. Маводҳои таблиғотӣ, наворҳо ва паёмҳои пинҳонӣ метавонанд ба осонӣ ба шуури ҷавонон роҳ ёбанд. Омӯзгорон ҳамчун тарбиятгарони насли нав бояд на танҳо дониш диҳанд, балки ҷаҳонбинии солим, қобилияти таҳлили иттилоот ва масъулияти шаҳрвандиро дар хонандагон ташаккул диҳанд ва дар фазои иттиоотӣ бо мақолаву суханрониҳои таъсирбахш баромад намоянд. Онҳо метавонанд бо шарҳу тавзеҳи дурусти масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динӣ ҷавононро аз таъсири ғояҳои ифротӣ ҳифз намоянд. Тавассути дарсҳо, суҳбатҳо ва чорабиниҳои тарбиявӣ омӯзгорон имконият доранд арзишҳои сулҳ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба қонун ва ватандӯстиро дар шуури ҷавонон ҷой диҳанд. Зиёиён, аз ҷумла олимон, нависандагон, рӯзноманигорон ва аҳли фарҳанг, низ дар муқовимат бо экстремизм масъулияти бузург доранд. Онҳо бояд бо навиштани мақолаҳо, таҳқиқот, баромадҳо ва асарҳои маърифатӣ андешаҳои ифротиро рад намуда, ғояҳои созанда, миллӣ ва инсонгароёнаро таблиғ намоянд. Фаъолияти зиёиён метавонад ба болоравии сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, бедор намудани ҳисси худшиносии миллӣ ва тақвияти ваҳдати ҷомеа мусоидат кунад. Ҳамкории омӯзгорон ва зиёиён дар фазои иттилоотӣ, бахусус дар шабакаҳои иҷтимоӣ, аҳаммияти махсус дорад. Истифодаи дуруст ва ҳадафмандонаи ин фазо барои паҳн намудани андешаҳои солим, ҳушдор додан аз хатарҳои экстремизм ва ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар байни ҷавонон метавонад ба яке аз воситаҳои муассири пешгирии ифротгароӣ табдил ёбад.

Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ҳамчун муассисаи таҳсилоти олӣ на танҳо кадрҳои омӯзгориро омода мекунад, балки нақши фаъол дар таҳкими суботу ваҳдати ҷомеа ва муқовимат бо экстремизм низ бар дӯш дорад. Пеш аз ҳама, Донишкада ҳамчун муассисаи таҳсилоти олӣ ба омӯзгорони оянда тахассус, малакаи баланд ва донишҳои заруриро медиҳад, ки дар фаъолияти ояндаи онҳо барои тарбияи ҷавонон ба сӯи таҳаммулпазирӣ, эҳтироми қонун ва арзишҳои инсонӣ мусоидат менамояд. Омӯзгорон, ки дар ин муассиса тарбия меёбанд, худ ҳамчун намуна дар ҷомеа ба кор машғул мешаванд ва метавонанд дар муқовимат бо ғояҳои ифротӣ нақши муассир бозанд. Донишкада ҳамчунин барои омӯзгорони муассисаҳои миёна ва олии минтақа курсҳои такмили ихтисос мегузаронад. Масалан, дар Донишкада бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои омӯзгорон курси такмили ихтисоси «Диншиносии илмӣ» баргузор шудааст, ки дар он илму донишҳои замонавӣ барои фаҳмиши дурусти дин ва муқовимат бо ғояҳои ифротӣ дода шуд, ки ин худ як ҷузъи муҳимтарини муқовимат бо экстремизм ба шумор меравад. Беш аз ин, донишкада ташаббусҳои гуногуни илмӣ ва ҷамъиятиро низ дар самти бедор кардани маърифати ҳуқуқӣ ва рушди шуури сиёсӣ ба маънои мусбат роҳандозӣ намудааст. Нашри мақолаҳо, воситаҳои таълимӣ, дастурҳои

оммавӣ-маърифатӣ ва баргузор кардани семинару конференсияҳо ба баланд бардоштани сатҳи маърифату фарҳанг дар байни донишҷӯён ва ҷомеа мусоидат мекунад, ки ҳамин омил самаранокии муқовимат бо экстремизмро афзоиш медиҳад.

Ҳамин тавр, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт на танҳо маркази омӯзиши касби омӯзгорӣ мебошад, балки ҳамчун як боргоҳи илму маърифат ва майдони муҳимми пешгирӣ ва муқовимат бо экстремизм дар сатҳи маҳаллӣ амал мекунад. Донишкада тавассути чорабиниҳои таълимӣ, илмӣ ва ҷамъиятӣ ба  худшиносии миллӣ ва баланд гардидани маърифати ҳуқуқии ҷавонон, бахусус эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд заминаҳои заруриро муҳайё месозад.

Оқибатҳои экстремизм барои ҷомеа бисёр хатарнок мебошанд. Ин падида боиси вайрон шудани сулҳу субот, афзоиши хушунат, коста гардидани ваҳдати миллӣ ва коҳиши эътимод ба қонун ва давлат мегардад. Илова бар ин, экстремизм ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зарари ҷиддӣ расонида, зиндагии осоиштаи мардумро халалдор месозад. Муқовимат бо экстремизм бояд ҳамаҷониба ва пайваста сурат гирад. Танҳо чораҳои ҳуқуқӣ барои решакан намудани ин падида кофӣ нестанд. Ҳарчанд чораҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳамоҳангшудаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар ин самт нақши муҳим мебозанд. Илова бар ин, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, густариши фарҳанг, таълими босифат ва тарбияи ватандӯстӣ аз роҳҳои муассири пешгирии экстремизм мебошанд. Омӯзиши дурусти дин ва фаҳмонидани арзишҳои аслии он ҳамчун дини сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба инсон нақши калидӣ дорад.

Бояд гуфт, ки экстремизм ва терроризм ду падидаи зиддиҳуқуқӣ ва хатарнок мебошанд, ки ба амнияти миллӣ, суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори давлат таҳдид мекунанд. Ҳар ду падида асосан бар асоси ифротгароӣ ва ақидаҳои радикалӣ ташаккул меёбанд, вале шакл ва роҳҳои амалӣ кардани онҳо фарқ мекунанд. Экстремизм бештар як падидаи фикрӣ ва идеологӣ буда, дар шакли ифротгароии сиёсӣ, динӣ, этникӣ ё иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Терроризм бошад амалест, ки бо истифода аз хушунат, зӯроварӣ ё таҳдид барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, динӣ ё иҷтимоӣ равона шудааст.

Алоқамандии экстремизм ва терроризм дар он зоҳир мешавад, ки экстремизм аксар вақт замина ва таҳрик барои фаъолияти террористиро таъмин мекунад. Яъне афрод ё гурӯҳҳое, ки ақидаҳои ифротӣ доранд, метавонанд ба амалҳои хушунатомез ва террористӣ даст зананд. Масалан, экстремизм метавонад ақида ва идеологияи радикалиро дар шуури ҷавонон ҷой кунад, ки боиси ташкили гурӯҳҳои террористӣ мегардад. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ чунин пайвастагӣ зоҳир мешавад: экстремизм асоси фикрии терроризмро ташкил медиҳад ва терроризм шакли амалӣ ва ҷиноятии экстремизм мебошад ва молу мулк, инчунин, маблағҳои пулӣ, арзишҳо ва дигар молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани ин ҷиноятҳо ба даст оварда мешаванд, мавриди мусодира қарор дода мешаванд [7, с. 87]; [8, с. 158]; [10].

Дар робита ба ин, муҳаққиқон ду хусусияти асосии алоқамандии терроризм ва экстремизмро таъкид мекунанд: аввал, экстремизм ҳамчун заминаи идеологӣ ва иҷтимоӣ барои ташкил ва амалӣ кардани амалҳои террористӣ хизмат мекунад; ва дуюм, терроризм шакли зоҳирии экстремизм аст, ки бо истифода аз хушунат ва

таҳдид амал мекунад. Ин ду падида бо якдигар пайваст буда, ҳамзамон таҳдиди ҷиддии амнияти шаҳрвандон ва суботи давлатиро ташкил медиҳанд.

Экстремизм метавонад дар шакли радикализми динӣ-мазҳабӣ, сиёсӣ ё этникӣ зоҳир шавад. Ҳар кадоме аз ин шаклҳо метавонад барои расидан ба ҳадафҳои худ терроризмро ҳамчун абзори амалӣ истифода кунад. Масалан, гурӯҳҳои ифротии динӣ бо истифода аз ақидаҳои радикалӣ ҷавононро барои ҳамлаҳои террористӣ омода мекунанд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аксари парвандаҳои террористӣ бо сабаби таъсири идеологияҳои ифротӣ ба амал омадаанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алоқамандии ин ду падидаро эътироф намуда, пешгирӣ ва ҷазоро барои ҷиноятҳои террористӣ ва экстремистӣ пешбинӣ мекунанд.

Дар робита ба пешгирӣ, бартараф кардани алоқамандии экстремизм ва терроризм бояд чораҳои комплексӣ андешида шавад. Аввалан, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар бораи хатарҳои ифротгароӣ ва терроризм муҳим аст. Дуюм, тақвияти ҳамкории давлат бо ниҳодҳои динӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад ҷараёни радикализм ва пайвастани ҷавонон ба гурӯҳҳои террористиро коҳиш диҳад. Севум, таҳкими қонунгузорӣ ва мусоидат ба амалиёти муассир барои ошкор ва маҳви ташкилотҳои экстремистиву террористӣ заминаи ҳуқуқиро таъмин мекунад.

Ҳамзамон, ҷустуҷӯ ва таҳлили омилҳои иҷтимоӣ ва равонӣ, ки ба афрод имкон медиҳанд, ки ба экстремизм ва терроризм ҷалб шаванд, аҳаммияти калон дорад. Ин омилҳо аз нобаробарии иҷтимоӣ, камбуди имкониятҳои таҳсил, бекорӣ, инчунин аз пас будани маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Дар натиҷа метавон гуфт, ки экстремизм падидаи мураккаб ва бисёрҷанба буда, решаҳои он дар мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маърифатӣ ва равонӣ ҷой доранд. Муқовимат бо он танҳо дар сурате самараи воқеӣ медиҳад, ки тамоми ҷомеа масъулиятшинос бошад. Бо роҳи дониш, маърифат, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба қонун, дӯст доштани Ватан ва ваҳдати миллӣ метавон ҷомеаро аз хатарҳои экстремизм эмин нигоҳ дошт ва барои наслҳои оянда муҳити амну осоишта фароҳам овард.

**Муқарриз: Муқимӣ С.Д. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1.Имомов, А.Х. Терроризм – форма организованной преступности: монография / А.Х. Имомов. – Душанбе: Санадвора, 2003. – 199 с.

2.Раҳимзода, Р.Ҳ. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои судӣ оид ба фаъолияти ташкилотҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ / Р.Ҳ. Раҳимзода. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 232 с.

3.Сафарзода, Ҳ.С., Аҳёзода, Ш.Т., Мирзоумарзода, А.М. Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ: дастури методӣ / Ҳ.С. Сафарзода, Ш.Т. Аҳёзода, А.М. Мирзоумарзода. – Душанбе: Торус, 2021. – 136 с.

4.Сафарзода, Ҳ.С., Насуриён, П.А., Ализода, А.Ш. Асосҳои муқовимат ба экстремизми (ифротгароии) динӣ-мазҳабӣ: монография / Ҳ.С. Сафарзода, П.А. Насуриён, А.Ш. Ализода. – Душанбе: Торус, 2022. – 168 с.

5.Ҳайдарзода, М.П. Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / М.П. Ҳайдарзода; зери таҳрири Ҳ.С. Сафарзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 212 с.

6.Ҳайдарзода, М.П. Таърихи пайдоиши экстремизм ва мафҳуми умумиҳуқуқии он / М.П. Ҳайдарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – № 1 (33). – С. 132-134.

7.Шарипов, Т.Ш. Ҷиноятҳои террористӣ тибқи қонунгузории байналмилалӣ / Т.Ш. Шарипов, С.Э. Баҳриддинзода // Законодательство. – 2020. – № 3(39). – С. 83-88.

8.Шарипов, Т.Ш. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии маблағгузории терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Ш. Шарипов, Ш.Ҷ. Мираҳмадов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – № 3(39). – С. 155-158.

9.Шарифзода, С.Ш. Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ ва таносуби он бо дигар категорияҳои ҳуқуқӣ / С.Ш. Шарифзода, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 11. – С. 246-251.

10.Шарипов, Т.Ш., Зокиров З.Х. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷазо дар намуди мусоидраи молу мулк / Т.Ш. Шарипов, З.Х. Зокиров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2019. – № 4(32). – С. 104-113.

## МАСЪАЛАҲОИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА БАЪЗЕ РАВИШҲОИ МУҚОВИМАТ БО ОН

Мақолаи мазкур ба баррасии мушкилоти экстремизм ҳамчун падидаи мураккаб ва хатарноки иҷтимоӣ-сиёсӣ бахшида шудааст, ки ба амнияти миллӣ, суботи давлатӣ ва рушди устувори ҷомеа таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, экстремизм шаклҳои нав касб намуда, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва фазои иттилоотӣ ба шуури шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, таъсири манфӣ мерасонад. Дар мақола моҳият ва нишонаҳои асосии экстремизм, омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологие, ки ба паҳншавии он мусоидат мекунанд, таҳлил мегарданд. Аз ҷумла, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ, бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, буҳронҳои арзишӣ ва суиистифодаи эҳсосоти динӣ ҳамчун заминаҳои асосии густариши ифротгароӣ арзёбӣ мешаванд.

Ҳамзамон, дар мақола баъзе равишҳои муҳимми муқовимат ба экстремизм пешниҳод мегарданд. Таъкид мешавад, ки мубориза бо ин падида бояд хусусияти комплексӣ дошта бошад ва на танҳо ба чораҳои ҷазодиҳӣ, балки ба пешгирӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ низ такя намояд. Аз ҷумла, такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳкими ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, рушди маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, инчунин тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян карда мешаванд. Муаллифон бар он назаранд, ки танҳо дар сурати ҳамоҳангии тадбирҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ метавон сатҳи таҳдиди экстремизмро коҳиш дода, амният ва суботи ҷомеаро таъмин намуд.

**Калидвожаҳо:** экстремизм, ифротгароӣ, амнияти миллӣ, таҳдид, муқовимат, пешгирӣ, маърифати ҳуқуқӣ.

# ПРОБЛЕМЫ ЭКСТРЕМИЗМА И НЕКОТОРЫЕ МЕТОДЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЕМУ

Статья посвящена анализу проблем экстремизма как сложного и опасного социально-политического явления, представляющего серьёзную угрозу национальной безопасности, стабильности государства и устойчивому развитию общества. В условиях глобализации и стремительного развития информационных технологий экстремизм приобретает новые формы и распространяется через социальные сети и информационное пространство, оказывая негативное влияние на сознание граждан, особенно молодежи. В статье рассматриваются сущность и основные признаки экстремизма, социальные, экономические, политические и идеологические факторы, способствующие его распространению. Среди них отмечаются низкий уровень правовой культуры, безработица, трудовая миграция, кризис ценностей и манипуляция религиозными чувствами.

Особое внимание уделяется подходам к противодействию экстремизму. Подчеркивается необходимость комплексного характера мер, включающих не только правоохранительные действия, но и профилактическую работу и просвещение населения. К ключевым направлениям относятся совершенствование законодательства, повышение эффективности работы правоохранительных органов, развитие взаимодействия государства с гражданским обществом, укрепление правовой и политической грамотности, патриотическое воспитание и укрепление национальных ценностей. Авторы считают, что только при согласованности правовых, социальных, культурных и просветительских мер можно снизить уровень угрозы экстремизма и обеспечить безопасность и стабильность общества.

**Ключевые слова:** экстремизм, радикализм, национальная безопасность, угроза, противодействие, профилактика, правовая грамотность.

# PROBLEMS OF EXTREMISM AND SOME APPROACHES TO COUNTERING IT

The article analyzes the problems of extremism as a complex and dangerous socio-political phenomenon that poses a serious threat to national security, state stability, and sustainable social development. In the context of globalization and the rapid development of information technologies, extremism takes on new forms and spreads through social networks and the information space, negatively affecting citizens' consciousness, especially among youth. The paper examines the essence and key characteristics of extremism, as well as social, economic, political, and ideological factors that contribute to its spread. These include low legal awareness, unemployment, labor migration, value crises, and manipulation of religious sentiments.

Special attention is given to approaches for countering extremism. The study emphasizes that combating extremism requires a comprehensive strategy, including not only law enforcement measures but also preventive and educational activities. Key directions include improving legislation, enhancing the effectiveness of law enforcement agencies, fostering cooperation between the state and civil society, promoting legal and political literacy, patriotic education, and strengthening national values. The authors believe that only through the coordination of legal, social, cultural, and educational measures is it possible to reduce the level of the threat of extremism and ensure the security and stability of society.

**Keywords:** extremism, radicalism, national security, threat, counteraction, prevention, legal literacy.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Зокирзода Зафар Хайрулло** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63, Телефон: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Пулодов Раҷабалӣ Тоҳирович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63, Телефон: (+992) 987-89-46-85.

**Раҷабов Биҳиштулло Сайдублоевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63, Телефон: (+992) 987-30-08-24.

**Сведения об авторах: Зокирзода Зафар Хайрулло** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры право и государственное управление. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63, Телефон: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Пулодов Раджабали Тохирович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры право и государственное управление. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63, Телефон: (+992) 987-89-46-85.

**Раджабов Бихиштулло Сайдублоевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры право и государственное управление. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63, Телефон: (+992) 987-30-08-24.

**Information about the authors: Zokirzoda Zafar Khairullo** – Tajik pedagogical institute in the Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63, Phone: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Pulodov Rajabali Tohirovich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht region, associate of the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63, Phone: (+992) 987-89-46-85.

**Rajabov Bihishtullo Saydubloevich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht region, associate of the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63, Phone: (+992) 987-30-08-24.

ТДУ: 342.346.347

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ САЛОМАТИИ РАВОНӢ ВА ҲУҚУҚИ ДАСТРАСӢ БА КӮМАКИ РАВОНӢ

**Аламшозода Ф.А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикстон дар ноҳияи Рашт**

Ҳуқуқ ба саломатӣ яке аз ҳуқуқҳои иҷтимоии ҳар як шахс маҳсуб гардида, таъмини онро давлат кафолат медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба санадҳои муҳимми байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аъзо шуда, дар қаламрави кишвар тибқи қонунгузории миллӣ ҳуқуқи ҳар як шахсро ба ҳифзи саломатӣ муқаррар намудааст.

Таҳлили қонунгузори амалкунандаи кишвар дар бахши саломатӣ нишон медиҳад, ки дар кишвар таваҷҷуҳ ба ҳифзи саломатии равонӣ нисбатан маҳдуд мебошад. Масалан, мутобиқи моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ёрии тиббии ройгонро дар муассисаҳои тандурустии давлатӣ кафолат медиҳад. Ғайр аз ин, дар аксари муассисаҳо, аз ҷумлаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ клиникаҳои тиббию ҳуқуқӣ ташкил карда шудааст, ки ёрии ройгони тиббию ҳуқуқӣ медиҳанд. Пас, чаро клиникаҳои кӯмаки равонӣ таъсис дода намешаванд? Чаро ба масъалаи расонидани кӯмаки ройгони равонӣ таваҷҷуҳ зоҳр намегардад? Ин ва дигар саволҳо моро водор намуданд, ки оид ба саломатии равонӣ ва дастрасӣ ба кӯмаки равонӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳем, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошанд.

Бояд тазаккур дод, ки психология равон ва рафтори инсонро меомӯзад ва ин илм барои рушд ва некӯаҳволии ҷомеа аҳаммияти калон дорад. Равоншиносон дониш ва малакаҳои худро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт: маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, адолат ва ғайра истифода мебаранд. Дар ин кор, равоншиносон бо вазифаҳо ва мушкилоти гуногуне, ки ба хусусиятҳои инкишоф ва фаъолияти равонии инсон, таъсири мутақобилаи онҳо бо муҳити зист ва дигар одамон ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо алоқаманданд, рӯбарӯ мешаванд.

Саломатии равонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳаи психлогия таъмин ва назорат карда мешавад. Аммо, дар самти амалисозии ҳуқуқ ба ҳифзи саломатии равонӣ баъзе мушкилиҳо ҷой доранд, ки самаранокии татбиқи онро зери суол қарор медиҳад. Махсусан, масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти хизматрасонии равонӣ, механизмҳои танзим ва ҳифзи ҳуқуқ ба саломатиии равонӣ ва ғайра. Атрофи масъалаи мазкур муҳаққиқон назарҳои худро пешниҳод намудаанд, ки мубрамияти ин масъаларо боз ҳам дучанд мегардонад. Аз ҷумла, муҳаққиқон А.В. Сидорова ва С.В. Макушева иброз доштаанд, ки «нигоҳ доштани фазои муносиби равонӣ дар ҷомеа ва дар натиҷа, саломатии равонии шаҳрвандон бояд барои давлат афзалиятнок ҳисобида шавад. Аммо, имрӯз дар кишвар танзими мунтазами ҳуқуқии кӯмаки равонӣ ба аҳолӣ вуҷуд надорад ва қоидаҳои идоравӣ дар ин соҳа пароканда ва маҳдуд мебошанд. Аз ин рӯ, қабули қонун ва дигар санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ дар ин самт, ки паҳлуҳои муҳимми кӯмаки равонӣ, аз ҷумла ҳуқуқи шаҳрвандонро барои кӯмаки ройгони равонӣ танзим мекунад, амри зарурӣ донист мешавад» [19, с. 23].

Ба андешаи К.И. Коробко, «аҳаммияти саломатии равонии шаҳрвандонро нодида гирифтан мумкин нест. Нигоҳ доштани сатҳи оптималии саломатии

равонӣ аксар вақт ба кӯмаки равонӣ ниёз дорад. Бо назардошти аҳаммияти ин бахши саломатии шаҳрвандон, ба назар мерасад, ки танзими ҳуқуқии кӯмаки равонӣ дар маҷмӯъ ва хизматрасонии равонӣ ҳамчун шакли иқтисодии ифодаи ин фаъолият, бахусус, такмил дода шавад» [11, с. 28]. Маврид ба зикр аст, ки психология ҳамчун илм ва бозори хизматрасонии равонӣ эҳёи худро аз сар мегузаронад. Дар ин маврид муҳаққиқон қайд намудаанд, ки «ин аз як қатор омилҳои муҳим вобаста аст: маҳз кӯмаки равонӣ ба одамон дар мубориза бо таҷрибаҳои эмотсионалӣ ва паси сар кардани вазъиятҳои душвори зиндагӣ мусоидат менамояд; технологияҳои муосир, ба монанди машваратҳои онлайн ва омӯзиши равонӣ, ба одамон имкон медиҳанд, ки дар вақти муносиб барои худ кӯмаки равонӣ гиранд; ва дар ҷомеаи муосир одамон ба ҷаҳони ботинӣ, саломатии равонӣ ва некӯаҳволии худ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мекунанд» [19, с. 23]. Аммо, чунин шарот дар кишвари мо ҳануз фароҳам оварда нашудааст. На тавассути технологияи муосир расонидани кӯмаки равонӣ тариқи маҷозӣ роҳандозӣ шудааст ва на ҳамаи аҳолӣ ҳангоми дучор шудан ба мушкилиҳои равонӣ ба мутахассиси соҳа муроҷиат мекунанд.

Таҳлили меъёрҳои байналхалқӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо масъалаҳои психологӣ зери як мафҳуми умумӣ «тамомияти равонӣ» муқаррар шудаанд. Ин мафҳум васеъ буда, дигар ҷанбаҳои равонии инсон, аз ҷумла дахлнопазирии равониро низ ифода мекунад. Аммо, мафҳуми мазкур барои на танҳо қонунгузорӣ, балки илми равоншиносӣ ва ҳуқуқшиносии ватанӣ нав ба назар мерасад. Агар дар ҷумҳурӣ санадҳои дахлдор дар самти саломатии равонӣ ва ё дигар ҷанбаҳои психологӣ қабул карда мешуд, он гоҳ чунин мафҳумҳо дар онҳо шарҳ дода мешуданд ва бисёре аз баҳсҳои ҳуқуқӣ низ ҳалли худро меёфтанд. Масалан, ба саволи он, ки «Оё ҳуқуқ ба саломатии моддаи 38-и Конститутсияи ҶТ саломатии равониро ифода мекунад ё не?» ҷавоб гардонидан душвор мебошад. Зеро барои иҷроиши меъёри моддаи мазкур дар кишвар Кодекси тандурустӣ қабул карда шуд, аммо дар самти саломатии равонӣ ягон беҳбудии ҷиддӣ рӯх надод [3, с. 29]. Кодекси мазкур танҳо масъалаи саломатии беморони рӯҳӣ (ҳолатҳои равонпизишкӣ)-ро муқаррар кардааст, вале дар он ба масъалаҳои саломатии равонӣ аз рӯи ҳолатҳои равондармонӣ таваҷҷуҳ нашудааст. Дар Кодекси мазкур як маротиба калимаи «равонӣ», як маротиба калимаи «психология» ва ҳафт маротибаи дигар калимаи «равоншиносӣ» омадааст. Вале калимаи «рӯҳӣ» барзиёд аст. Ҳатто дар моддаи якум бахши мафҳумҳои асосӣ мафҳуми «кумаки тиббии рӯҳӣ» муқаррар шудааст. Ҳол он ки ин санад ягона санади кодификатсионӣ дар бахши танзими ҳуқуқӣ ва ҳифзи саломатӣ ба ҳисоб меравад.

Саволи дигар ин аст, ки оё ҳифзи саломатие, ки дар боби 16-и КҶ ҶТ - «ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» муқаррар шудаанд саломатии равониро дар назар дорад ё не? Агар ҳа, пас чаро дар ягон меъёри он ҳифзи саломатии равонии инсон аз ягон намуди зараррасонӣ муқаррар нашудааст? Аз ҷумла, дар диспозитсияи моддаҳои 110-116 ягон ҳолати харобшавии саломатии равонӣ муқаррар нашудааст. Баръакс, иборaҳои «дарди ҷисмонӣ», «узви бадан» ва ғайра истифода шудаанд. Агар ҷинояти содиршуда ба саломатии равонии шахс зарар расонида, ӯро дучори оқибатҳои гуногуни рӯҳию равонӣ гардонад, пас бо кадом модда ва санади ҳуқуқӣ ҳифз карда мешавад?

Дар адабиётҳои русӣ мафҳумҳои «психическое здоровье» ва «психологическое здоровье» фарқ карда мешавад. Дар тарҷумаи тоҷикӣ бинобар сабаби васеъ будани истилоҳоти тоҷикӣ тарҷумаи дақиқи ин мафҳумҳо душвор аст. Ба андешаи мо, мафҳуми аввал ҳамчун саломатии рӯҳӣ ва мафҳум дуюм ҳамчун саломатии равонӣ (психологӣ) маънидод мегардад. Вақте сухан дар хусуси саломатии равонӣ меравад ҳолати равонии шахсро то бемориҳои рӯҳӣ фаро мегирад. Ҳолати бемориҳои рӯҳӣ бошад ба саломатии равонӣ дохил нашуда, табобати онҳо аз ҷониби равонпизишк ба роҳ монда мешаванд. Дар натиҷаи фарқияти дар боло зикршуда байни психология ва психиатрия, мафҳумҳои калидӣ ба монанди «саломатии рӯҳӣ» ва «саломатии равонӣ» пайдо мешаванд. Тавре ки И.В. Дубровина қайд мекунад: «Дар ҳоле ки истилоҳи «саломатии рӯҳӣ» асосан ба равандҳо ва механизмҳои рӯҳии инфиродӣ дахл дорад, истилоҳи «саломатии равонӣ» ба шахсият дар маҷмӯъ ишора мекунад, ки бо зуҳуроти олии равони инсон зич алоқаманд аст ва ба мо имкон медиҳад, ки ҷанбаи мушаххаси психологии саломатии инсонро, ки аз ҷанбаҳои тиббӣ, сотсиологӣ, фалсафӣ ва дигар фарқ мекунад, муайян созем» [11, с. 26; 16, с. 52].

Саломатии равониро [22, с. 87-101] ҳамчун неъмати шахсии ғайримолумулкӣ, ки нисбат ба он муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, фаҳмида мешавад. Саломатии равонӣ бояд ҳамчун ҳолати рӯҳии бадан, ки бо маҷмӯи сифатҳо ва қобилиятҳои шахсӣ хос буда, ба инсон барои мутобиқ шудан ба муҳити иҷтимоӣ имкон медиҳад, фаҳмидан лозим аст [5, с. 3-5]. Муаллиф ба таври конститутсионӣ мукаммал гардонидани уҳдадории давлатро оид ба ғамхорӣ дар бораи саломатии ҷисмонӣ ва равонии ҳар як шаҳрванд ва пешбурди сиёсати мақсаднок оид ба ҳифз, мустаҳкам намудани саломатии равонӣ ва рафъи амалҳое, ки хавфи вайронкунии қонунро дар оянда ба вуҷуд меоранд, асоснок кардааст. Маврид ба зикр аст, ки зарурат ва аҳаммияти танзими ҳуқуқии масъалаи саломатии равонӣ, инчунин аз он шаҳодат медиҳад, ки уҳдадории давлат оид ба кафолати ҳуқуқи ҳар як шахс ба сатҳи баландтарини солимии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ дар моддаи 12 Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муқаррар шудааст. Аз ин андешаҳо чунин хулоса мебарояд, ки саломатии равонӣ аз саломатии ҷисмонии инсон фарқи калон дорад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки дар баробари саломатии ҷисмонӣ дар қонунгузории кишвар чун санадҳои байналмилалӣ саломатии равонӣ низ муқаррар карда шавад.

Танзими ҳуқуқии саломатии равонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам буда, таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқони соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Зеро танзими мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ҳадафҳо, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои кори равоншиносон, инчунин ҳуқуқ ва ҷавобгарии онҳо ва муштариёни онҳоро муайян мекунад. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи равоншиносӣ меъёрҳо ва стандартҳои рафтори ахлоқӣ ва касбии равоншиносон, инчунин механизмҳои назорат ва ҷавобгариро барои вайрон кардани ин меъёрҳо ва стандартҳо муқаррар мекунад [6, с. 430]. Дар чаҳорчӯби қонун танзим намудани масъалаҳои зикршуда, ҳам ба фаъолияти равоншиносон ва ҳам ба татбиқи ҳуқуқ ба саломатии равонӣ ва гирифтани кӯмаки равонӣ мусоидат менамояд. Дар ин хусус ҳақ ба ҷониби муҳаққиқ Ю.С. Шойгу мебошад, ки чунин ибрози назар намудааст: таъмини чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқӣ ва танзимкунанда барои амалияи равонӣ вазифаи мураккаб ва бисёрҷанба аст, аммо ҳалли он, пеш аз ҳама, ҷиҳати таъмини ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди кишвар барои гирифтани кӯмаки тахассусӣ ва

нигоҳ доштани саломатии равонии ҳар як шахс ва умуман миллат хеле муҳим арзёбӣ мегардад [21, с. 23]. Ҳар кас табиатан ҳуқуқ ба саломатӣ дорад, зеро ин ҳуқуқ ҷузъи таркибии ҳуқуқ ба ҳаёт мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки мутобиқи Конститутсия ҳар кас ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ҳақ дорад. Аммо, чӣ тавр тасдиқ кардан мумкин аст, ки ҳар кас ба гирифтани ёрии равонӣ ҳақ дорад? Ва ё кадом санади ҳуқуқӣ мутахассисони соҳаи психологияро уҳдадор мекунад, ки ба шахс ёрии равонӣ расонанд? Ин ва дигар саволҳо боз ҳам аз мубрамияти масъалаи таҳқиқшаванда дарак дода, зарурати қабули санади ҳуқуқиро нишон медиҳад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар ин маврид таъкид шудааст, ки «айни замон зарурати қабули қонуни махсус, ки ба расонидани кӯмаки равонӣ ба аҳолӣ бахшида шудааст, ба миён омадааст. Набудани чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи истилоҳоти ягонаро дар робита ба расонидани кӯмаки равонӣ номумкин намуда, фарқи байни шаклҳои давлатӣ ва ғайридавлатии кӯмаки равониро мушкил мегардонад» [7, с. 142]. Тавре маълум мегардад, таҳияи чаҳорчӯбаи нави қонунгузорӣ, ки ба танзими кӯмаки равонӣ ба аҳолӣ нигаронида шудааст, муайян ва таҳлили қоидаҳои амалкунандаро дар ин соҳа талаб мекунад.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии масъалаи мавриди назар нишон медиҳад, ки дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба масъалаи танзими ҳуқуқии саломатии равонӣ ва расонидани кӯмакӣ равонӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Аз ҷумла, танзими ҳуқуқии расонидани кӯмаки равонӣ ё дар сатҳи миллӣ ё минтақавӣ (масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Австралия ва Канада) ба роҳ монда шудааст. Чунин танзим баъзан дар сатҳи фаромиллӣ (хусусан, дар Иттиҳоди Аврупо) низ амалӣ карда мешавад. Ғайр аз ин, «Ассотсиатсияи равоншиносии Амрико Қонуни намунавиро барои иҷозатномадиҳии давлатии равоншиносон таҳия кардааст. Ҳамзамон, иттиҳодияи мазкур Кодекси принсипҳо ва қоидаҳои рафтори ахлоқиро барои равоншиносон қабул кард. Ҳуҷҷати ҳуқуқие ба мисли Кодекси ахлоқи касбӣ ва рафтори равоншиносон аз ҷониби Ҷамъияти равоншиносии Британиё, Ҷамъияти равоншиносии Австралия ва Ҷамъияти равоншиносии Канада қабул карда шудааст. Кодексҳои монанд, масалан дар Зеландияи Нав, Туркия, Малайзия, Ҷумҳурии Филиппин ва дигар кишварҳо низ таҳия шудаанд» [7, с. 142-143]. Чунин раванди танзими ҳуқуқии расонидани кӯмаки равонӣ аз сатҳи таваҷҷуҳи баланди давлату ҳукумат ба ҳифзи саломатии равонӣ дар ин кишварҳо дарак медиҳад.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар кишварҳои аъзои ИДМ масъалаи танзими ҳуқуқии расонидани кӯмаки равонӣ на дар ҳамаи кишварҳо мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор грифтааст. Ягона давлате, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи хеле баланд зоҳир намудааст ин Ҷумҳурии Беларус мебошад. Дар Ҷумҳурии Беларус Қонун «Дар бораи расонидани кӯмаки равонӣ» аз 01.07.2010, № 153-3 [14] қабул шуда, амал мекунад. Дар муқаддимаи ин қонун гуфта мешавад, ки он барои муайян кардани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии расонидани ёрии равонӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ҳангоми гирифтани он равона шудааст. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ аз панҷ боб иборат аст, ки масъалаҳои зеринро фаро мегирад: муқаррароти умумӣ; танзими давлатӣ дар соҳаи расонидани ёрии равонӣ; расондани ёрии равонӣ; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон ҳангоми расонидани ёрии равонӣ ба онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои равоншиносон; муқаррароти хотимавӣ.

Ҷанбаи муҳимме, ки таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад, муқаррароти моддаи 12 Қонуни зикршуда мебошад. Дар моддаи мазкур муқаррар шудааст, ки кӯмаки равонӣ дар асоси методҳо ва усулҳои тасдиқшуда аз ҷониби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Беларус ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус расонида мешавад. Барои иҷрои ин меъёри ҳуқуқӣ, Қарори Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Беларус ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи тасдиқи Дастурамал дар бораи тартиб ва шартҳои истифодаи методҳо ва усулҳои расонидани кӯмаки равонӣ» аз 30.07.2012, № 15/89 [15] қабул карда шудааст. Воқеан ҳам имрӯз дар кишвари мо дар чаҳорчубаи қонун танзим карда нашудааст, ки мутахассисони соҳа ҳангоми расонидани кӯмаки равонӣ аз кадом методҳо истифода мебаранд ва он методҳо асоснок ҳастанд ё не.

Мувофиқи қарори дар боло зикршуда, ҷанбаи муҳимми кӯмаки равонӣ дар Ҷумҳурии Беларус истифодаи методҳо ва усулҳои ташхиси равонӣ, ислоҳи равонӣ, машварати равонӣ, пешгирии равонӣ ва таълими равонӣ мебошад, ки барои истифода аз ҷониби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Беларус ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус тасдиқ шудаанд. Ҳар як усул (ҳар як усули расонидани кӯмаки равонӣ) дастурҳоро оид ба истифодаи он дар бар мегирад, ки тартиб ва шартҳои татбиқи онро муайян мекунад. Чунин мушаххаснамоӣ фаъолияти хизматрасонии равониро осон намуда, аз як тараф доираи фаъолияти мутахассиси соҳаро муайян мекунад ва аз тарафи дигар муштарӣ ҳангоми муроҷиат ба кӯмаки равонӣ метавонад муайян кунад, ки аз усулҳои расмӣ ба ӯ кӯмаки равонӣ мерасонанд ва ё ӯ зери санҷиши ягон усули махсуси мутахассис қарор мегирад. Чунин ҳолат ҳуқуқ ба саломатии равонӣ ва гирифтани кӯмаки равониро дар сатҳи лозима таъмин менамояд. Дар ин маврид К.И. Коробко дуруст қайд намудааст, ки мавҷудияти чунин алгоритмҳои равшан ва дақиқ ҳангоми расонидани кӯмаки равонӣ, аз як тараф, ба ноил шудан ба ҳадди аксар таъсири табобатӣ мусоидат мекунад ва аз тарафи дигар, таъсири манфиро ба соҳаи равонии шахс аз сабаби истифодаи танҳо методҳо ва усулҳои иҷозатдодашуда бо тартиби муқарраршуда аз байн мебарад [11, с. 28]. Бо назардошти нуктаҳои муҳимми ишорашуда, таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии дар боло зикршударо дар ҷумҳурӣ саривақтӣ меҳисобем.

Дар баробари Ҷумҳури Белорус Туркманистон низ Қонунро «Дар бораи хизматрасонии равонӣ» аз 08.06.2019 [13] қабул намудааст. «Санади меъёрии ҳуқуқии мавриди назар аз панҷ боб иборат буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: муқаррароти умумӣ; танзим ва назорати давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии равонӣ; асосҳои пешниҳоди хизматрасонии равонӣ; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гирандаи хизматрасонии равонӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои равоншинос; муқаррароти хотимавӣ. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ аз 1 январи соли 2020 эътибор пайдо кардааст. Санади мазкур ба муқаррароти қонуни Ҷумҳурии Белорус аз рӯйи мазмун наздикӣ дошта бошад ҳам, вале хизматрасонии равониро ҳамчун фаъолияти иҷозатномадор тасниф намекунад ва инчунин ягон муқарраротро оид ба истифодаи танҳо методҳо ва усулҳои тасдиқшудаи мақомоти дахлдори давлатӣ дар бар намегирад» [11, с. 28].

Яке аз кишварҳои пешрафта дар қаламрави ИДМ ин Федератсияи Русия мебошад, ки дар такмили қонунгузории худ бисёре аз кишварҳо ба қонунгузории Русия такя мекунанд. Аммо, новобаста аз ин, дар Русия низ танзими ҳуқуқии кӯмаки равонӣ дар сатҳи лозима ба роҳ монда нашудааст. Аз набудани қонуни

алоҳида дар ин самт бисёре аз муҳаққиқон изҳори нигаронӣ намудаанд. Аз ҷумла, тавре дар адабиёт қайд мегардад, «дар айни замон Русия қонуни ягонаи федералӣ надорад, ки асосҳои ҳуқуқӣ, ҳадафҳо, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои амалияи равонӣ, инчунин ҳуқуқ ва масъулиятҳои равоншиносон ва муштариёни онҳоро муайян кунад. Қоидаҳои мавҷудаи идоравӣ ва қонунҳои субъектҳои Федератсияи Русия ҳама ҷанбаҳои нигоҳубини равониро пурра танзим ва сифату дастрасӣ ва бехатарии онро таъмин намекунанд. Стандартҳои касбӣ ва талаботи тахассусӣ барои равоншиносон, инчунин механизмҳои назорат ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ низ муайян нашудаанд» [6, с. 431].

Зарурати қабули қонуни алоҳидаро оид ба кӯмаки равонӣ аксари муҳаққиқон дастгирӣ кардаанд. Зеро таҳия ва қабули қонуни миллӣ дар бораи кӯмаки равонӣ [4, с. 87] як воситаи зарурӣ барои танзими ҳуқуқии фаъолияти равонӣ хоҳад буд, ки ба беҳтар кардани сифат, дастрасӣ ва бехатарии кӯмаки равонӣ барои аҳолӣ, инчунин тақвияти ҷомеаи касбии равоншиносон ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо мусоидат мекунад. Қайд кардан муҳим аст, ки дар Федератсияи Русия лоиҳаи Қонуни федералӣ «Дар бораи кӯмаки равонӣ ба аҳолӣ дар Федератсияи Русия» [18] барои баррасӣ ба Думаи давлатии Федератсияи Русия пешниҳод шудааст. Ҳадафи изҳоршудаи ин лоиҳаи қонун таъмини амнияти иҷтимоӣ ва некӯаҳволии равонии аҳолии Федератсияи Русия ва фароҳам овардани кафолат барои ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани кӯмаки тахассусии равонӣ мебошад. Маврид ба зикр аст, ки лоиҳаи мазкур то ҳол қабул нашудааст. Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ зикр шудааст, ин «лоиҳаи қонун баҳсҳо ва интиқодҳои зиёдеро аз ҷониби ҷомеаҳои гуногуни касбӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд овардааст, ки он як қатор камбудиҳо ва зиддиятҳоро дар бар мегирад ва метавонад ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро дар соҳаи саломатии равонӣ поймол кунад. Аз ин рӯ, қабули қонуни федералӣ дар бораи кӯмаки равонӣ таҳияи минбаъда, муҳокима ва ҳамоҳангсозиро бо ҷонибҳои манфиатдор талаб мекунад» [6, с. 433].

Муҳаққиқон баҳсбарангез будани лоиҳаи мазкурро бо чунн сабабҳо маънидод менамоянд:

«1) Номумкинии мафҳуми кӯмаки равонӣ ва намудҳои он, инчунин субъектҳо ва объектҳои ин кӯмак;

2) Набудани меъёрҳо ва стандартҳои возеҳ барои тахассус ва сертификатсияи шахсони расонидани кӯмаки равонӣ;

3) Поймолшавии эҳтимолии ҳуқуқ ба махфият ва сирри тиббӣ ҳангоми расонидани кӯмаки равонӣ, инчунин уҳдадории равоншиносон барои ҳамкорӣ бо мақомоти тафтишотӣ;

4) Набудани кафолатҳои дастгирии давлатӣ ва маблағгузорӣ барои кӯмаки равонӣ, инчунин ҳифзи иҷтимоии онҳое, ки кӯмаки равонӣ мерасонанд ва мегиранд;

5) Дахолати эҳтимолии давлат ба фаъолияти касбии равоншиносон ва вайрон кардани мустақилият ва истиқлолияти онҳо» [6, с. 433].

Ба андешаи мо, агар лоиҳаи қонун дуруст таҳия гардад, метавонад сабабҳои ишорашударо бартараф намуда, яке аз санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ дар бахши саломатии равонӣ ва расонидани кӯмаки равонӣ гардад.

Бояд зикр намуд, ки новобаста аз қабул нашудани қонуни алоҳида дар Русия, дар самти танзими ҳуқуқии саломатии равонӣ баъзе кушишҳо анҷом дода

шудаанд. Давлат аҳаммияти нигоҳ доштани сатҳи зарурии саломатии равониро дар байни шаҳрвандон эътироф намуда, дар лоиҳаи Қонуни федералӣ «Дар бораи тағйирот ба Кодекси меҳнати Федератсияи Русия» [17] масъалаҳои зеринро муқаррар намудааст: арзёбии равонӣ барои шахсоне, ки дар соҳаҳои маориф, тарбия ва рушди ноболиғон, фароғат ва истироҳати онҳо, нигоҳубини тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ, инчунин варзиши ҷавонон, фарҳанг ва санъат бо иштироки ноболиғон машғуланд. Дар ин маврид К.И. Коробко қайд намудааст, ки «мувофиқи лоиҳаи Қонуни федералии дар боло зикршуда, мақомоти иҷроияи федералии ваколатдор аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Русия тартиби ташкил ва амалисозии фаъолиятҳои марбут ба муоинаи равонӣ, аз ҷумла мундариҷаи он, муҳлатҳои гузаронидани он, усулҳо ва шаклҳои гузаронидани он, шакли хулоса дар бораи натиҷаҳои гузаронидани он, тартиби баррасӣ ва баҳс кардани натиҷаҳои муоинаи равонӣ, талаботе, ки ба шахсони дар гузаронидани муоинаи равонӣ иштирокдошта, инчунин тартиби интихоби ташкилотҳое, ки муоинаи равониро анҷом медиҳанд ва талабот ба онҳо, тасдиқ карда мешавад» [11, с. 27]. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи тиббӣ дар самтҳои гуногун, аз ҷумла бастани никоҳ ҷорӣ шудааст, вале масъалаи ҷорӣ намудани муоинаи психологӣ, тартиби баргузорӣ, макони гузаронидан ва дигар талаботҳои он мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор нагирифтааст.

Қадами дигари танзими ҳуқуқии кӯмаки равонӣ дар Федератсияи Русия ин аст, ки аз сабаби набудани меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ дар сатҳи федералӣ барои танзими масъалаҳо дар соҳаи кӯмаки равонӣ, субъектҳои алоҳидаи Федератсияи Русия санадҳои ҳуқуқии худро қабул кардаанд. Масалан, дар Маскав Қонуни шаҳри Маскав «Дар бораи кӯмаки равонӣ ба аҳолӣ дар шаҳри Маскав» аз 7 октябри соли 2009, № 43 [12] қабул карда шудааст, ки муносибатҳоро дар соҳаи расонидани кӯмаки равонӣ ба аҳолӣ дар Маскав танзим мекунад. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ мафҳумҳо ва принсипҳои асосии расонидани кӯмаки равонӣ, намудҳои кӯмаки равонӣ ва шаклҳои пешниҳоди онҳо, масъалаҳои муайян кардани сифати кӯмаки равонии пешниҳодшударо муқаррар мекунад ва мақоми ҳуқуқии гирандаи кӯмаки равонӣ, инчунин онҳоеро, ки кӯмаки равонӣ мерасонанд, муайян менамояд.

Қадами муҳимми дигар ин аст, ки мувофиқи Қонуни федералӣ «Дар бораи маориф дар Федератсияи Русия», Консепсияи рушди хадамоти равоншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ [10] тасдиқ карда шудааст. Дар татбиқи ин консепсия, аксари донишгоҳҳо воҳидҳои сохториро таъсис доданд, ки ёрии ройгони равониро пешниҳод мекунанд, аммо танҳо ба донишҷӯён ва кормандон. Муҳаққиқон А.В. Сидорова ва С.В. Макушева қайд мекунанд, ки «бо назардошти фазои равонии кунунӣ дар ҷомеаи Русия ва талаботи афзояндаи ҷомеа ба хизматрасонии психологӣ, мувофиқи қонуне, ки ёрии равониро танзим мекунад, аз ҷумла клиникаҳои равоншиносӣ ва марказҳои ғайриҳукуматии расонидани ёрии ройгони равониро ба расмият даровардан мувофиқ аст» [19, с. 27]. Андешаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад, зеро ягона механизми таъмини оммавии ҳуқуқ ба саломатии равонӣ ва дастрасӣ ба кӯмаки равонӣ ин ташкили шумораи зиёди клиникаҳои хизматрасонии равонӣ, бахусус дар минтақаҳо мебошад.

Бо назардошти таҳлили андешаҳои боло таҳия ва қабули қонуни алоҳидаро дар самти саломатии равонӣ ва расонидани кӯмаки равонӣ саривақтӣ мешуморем. Маҳз дар натиҷаи қабули чунин қонун метавон мушкилоти дар ин самт

ҷойдоштаро ҳал намуд. Мавҷуд набудани чунин қонуни алоҳида ва танзими ҳуқуқии соҳа метавонад мушкилот ва хатарҳоро барои равоншиносон ва муштариёни онҳо ба миён оварад, ба монанди расонидани кӯмаки равонии ноқобил, пастсифат ё зараровар аз ҷониби равоншинос ва ғайра. Ин оқибати манифиро бо чунин мисол шарҳ додан мумкин аст: шахсе бо равоншинос дар асоси тавсияи дӯсташ ё таблиғоти онлайн машварат кард. Муштарӣ натавонист, ки маълумот, тахассус ва иҷозатномаи равоншиносро расман тасдиқ намояд, бинобар ин, танҳо ба ӯ бовар кард. Пас аз мубодилаи мушкилоти худ, муштарӣ интизор буд, ки кӯмаки касбӣ гирад, аммо ба ҷои ин маслиҳати зараровар гирифт, ки ҳолати ӯро бадтар намуд. Ё «мутахассис» метавонад табобатҳои ҷодугарӣ ё қалбакии илмиро пешниҳод намояд, ки ягон асоснокии илмӣ надоранд ва метавонанд барои саломатии муштарӣ зараровар бошанд. Дар сурати мазкур муштарӣ чӣ тавр метавонад муайян кунад, ки ба мутахассиси касбӣ муроҷиат кардааст? Чи гуна метавонад муайян кунад, ки усулҳои истифодашудаи равоншинос асоснокanд, расмианд ва зараровар намебошанд? Ин мисол нишон медиҳад, ки чӣ гуна набудани огоҳии ҳуқуқӣ ва ҳимояи равоншиносон ва муштариён аз хидматҳои равонии ноқобил, пастсифат ё зараровар метавонад барои ҳарду ҷониб оқибатҳои ҷиддӣ ба бор оварад.

Мушкилии дигар, ки ба танзими ҳуқуқӣ ниёз дорад ин набудани феҳристи ягонаи равоншиносон аст, ки имкон медиҳад то таҳсилот, тахассус, иҷозатнома ва номгӯйи мутахассисони касбии дорои иҷозати расмӣ доштаро тасдиқ намояд. Оид ба ин масъала дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки «набудани феҳристи ягонаи равоншиносон, ки имкон медиҳад таҳсилот, тахассус ва иҷозатномаи мувофиқи онҳоро тасдиқ кунанд, яке аз мушкилот дар бахши нигоҳубини равонӣ мебошад. Ин боиси пайдоиши мутахассисони ноқобил ва бевиҷдон мегардад, ки метавонанд ба муштариёни худ зарар расонанд ё аз эътимоди онҳо сӯиистифода кунанд» [6, с. 431]. Барои ҳифзи одамон аз чунин ҳодисаҳо, зарур аст, ки феҳристи ягонаи равоншиносонро таъсис диҳем, ки танҳо он мутахассисонеро дар бар мегирад, ки таҳсилот, тахассус ва иҷозатномаи мувофиқ барои расонидани кӯмаки равонӣ доранд. Ҳамчунин зарур аст, ки усулҳои равоншиносонро тасдиқ кунем, сифат ва бехатарии онҳоро назорат намоем.

Бояд ёдовар шуд, ки ғайр аз мушкилиҳои зикршуда, ҳамзамон системаи ягонаи мониторинг ва арзёбии сифати нигоҳубини равонӣ барои муайян кардани самаранокии кӯмакҳои равонӣ, муайян ва бартараф кардани камбудиҳо ва хатогиҳо дар кори равоншиносон таҳия нашудааст. Инчунин «набудани системаи ягонаи сертификатсия ва аккредитатсия барои равоншиносон низ яке аз мушкилоти ин соҳа ба ҳисоб рафта, ба талаботи муосири илмӣ ва амалӣ ҷавобгӯ будани салоҳиятҳои касбии онҳоро кафолат медиҳад. Баъзе муаллифон бар он ақидаанд, ки қабул кардани қарор «Дар бораи тасдиқи шартҳо ва тартиби сертификатсияи касбии равоншиносони ҳама категорияҳо, ки ба шаҳрвандон кӯмаки равонӣ мерасонанд», мувофиқи мақсад хоҳад буд» [9, с. 23-26]. Барои муайян намудани ин норавшаниҳо ва ҳалли мушкилоти ишорагардида қабули қонуни алоҳида зарур мебошад.

Қабули қонуни миллӣ дар бораи кӯмаки равонӣ як қадами муҳим дар роҳи ҳалли ин масъалаҳо ва баланд бардоштани мақом ва эътибори касби равоншиносӣ хоҳад буд. Чунин қонун мафҳумҳо ва таърифҳои асосиро дар соҳаи кӯмаки равонӣ, инчунин намудҳо, шаклҳо ва усулҳои пешниҳоди онро муайян

мекунад. Он инчунин ҳуқуқ ва масъулиятҳои равоншиносон ва муштариён, инчунин меъёрҳо ва стандартҳои рафтори ахлоқӣ ва касбии равоншиносонро муқаррар мекунад. Ғайр аз ин, он талаботро барои таҳсил, тахассус ва иҷозатномадиҳии равоншиносон, инчунин системаи омӯзиш, таҳсилоти давомдор ва такмили ихтисоси равоншиносон танзим менамояд. Ҷанбаи дигари муҳим танзими системаи назорат ва арзёбии сифати кӯмаки равонӣ, инчунин системаи махфият ва ҳифзи маълумоти шахсии муштариён хоҳад буд. Ниҳоят, он механизмҳои назорат ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонун, инчунин усулҳои ҳалли низоъҳо ва баҳсҳоро байни равоншиносон ва муштариён фароҳам меорад.

Бояд зикр намуд, ки масъалаи нигоҳ доштани махфияти маълумоти муштариён барои бехатарии эмотсионалии онҳо низ хеле муҳим мебошад. Аз ин рӯ, набудани системаи ягонаи махфият ва ҳифзи маълумоти шахсии муштариён низ яке аз мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад, ки аз паҳн ё истифодаи нодурусти маълумот дар бораи ҳаёти шахсӣ, саломатӣ ё мушкилоти муштариён метавонад пешгирӣ намояд. Боя ҳеҷ кас ҳуқуқ надошта бошад, ки бе ризоияти шахси дигар дар бораи хислатҳои шахсӣ, мизоҷ ва қобилияту шуурнокии ӯ маълумот паҳн намояд. Дар баробари ин, «сирри психологӣ» мафҳуме ҳаст, ки бояд дар чаҳорчубаи қонунгузорӣ ҳудуди он муайян ва зери ҳифзи ҳуқуқӣ қарор дода шавад.

Дар ин бахш яке аз масъалаҳои дигар ин дахлнопазирии равонӣ мебошад, ки метавонад ҳифзи саломатии равонии шахсро таъмин намояд. Аммо, то кунун дар сатҳи қонунгузорӣ ҳудуди дахлнопазирии ҷисмонӣ ва равонӣ муайян карда нашудааст. Тавре маълум аст, дахлнопазирии ҷисмонии шахс ин ҳуқуқи ҷудонашаванда ба ҳаёт ва шаъну шарафи инсон; озодӣ ва амнияти шахсӣ; манъи шиканҷа, муносибати бераҳмона, муомила, ё ҷазои ғайриинсонӣ, таҳқиркунандаи шаъну шараф; мамануъияти бе розигии ӯ, ба шахс гузарондани таҷрибаҳои тиббӣ, ё илмӣ; манъи ғайриқонунӣ дастгир кардан, ё ба ҳабс гирифтан; ҳуқуқ ба ҷуброни зарар дар ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳо фаҳмида мешавад, ки дар меъёрҳои санадҳои асосии байналмилалӣ ва конститутсияҳои давлатҳо ифода ёфтааст. Пас, дахлнопазирии равонӣ чиро ифода мекунад? Баъзе муаллифон [8, с. 57] мафҳуми «дахлнопазирии равонӣ»-ро истифода бурда, онро ҳамчун иҷрои озодонаи амалҳо мувофиқи шуур ва иродаи худ муайян мекунанд. Мазмуни ҳуқуқ ба дахлнопазирии равонӣ ҳуқуқи озодона анҷом додани амалҳоро мувофиқи шуур ва иродаи худ, инчунин талаби риояи кардани ҳуқуқҳояшро аз дигар субъектҳо дар бар мегирад. Дахлнопазирии равонии шахс қобилияти озодона қабул кардани қарор, фикр кардан, мувофиқи шуур ва иродаи худ амал кардан, мутобиқ шудан ба ҷомеа, риояи меъёрҳо ва қоидаҳои ҷорӣ бо назардошти хусусиятҳои шахсӣ ва дарки муҳити зист маҳсуб меёбад. Ба андешаи мо, мавриди озмоишҳои психологӣ қарор додани шахс, барои муайян кардани саломатии равонии ӯ (дараҷаи девонагӣ) шахси солимро маҷбуран ба табобати равонӣ фаро гирифтан, бе ризоияти шахс санҷиши ӯ бо тестҳои гуногуни психологӣ, берун аз қобилиятнокии шахс талабот гузоштан ба ӯ, дидаю дониста зери фишори психологӣ қарор додани шахс, дидаю дониста иваз намудани раванди фикронии шахс бе ризоияти ӯ, туҳмати девонагӣ задан ба шахс, нарасонидани ёрии равонӣ ба шахс аз ҷониби равондармон ва монанди инҳоро номбар кардан мумкин аст, ки дахлнопазирии равонӣ ва тамомияти равонии шахсро ифода мекунанд ва ба ҳифзи махсуси

ҳуқуққӣ ниёз доранд. Бинобар ин, дахлнопазирии равонӣ низ бояд дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

Таҳлили анҷомпазируфта оид ба вазъи кунунии қонунгузорӣ дар бораи расонидани кӯмаки равонӣ ба аҳолӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи кӯмаки равонӣ таърифҳои зарурии ҳуқуқӣ, аз ҷумла таърифи худи мафҳуми «кӯмаки равонӣ», «саломатии равонӣ» ва нишон додани доираи субъектҳое, ки метавонанд кӯмаки равонӣ пешниҳод намоянд ва ё гиранд, мавҷуд нестанд. Ин камбудиҳо дар қонунгузорӣ зарурати қабули қонуни махсуси миллиро дар бораи кӯмаки равонӣ ба аҳолиро нишон медиҳанд, ки таъмини хизматрасонии иҷтимоиро дар ин соҳа ба низом медарорад ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии гирандагони кӯмаки равониро тавассути муқаррар кардани талаботи возеҳ барои шахсоне, ки метавонанд чунин кӯмак расонанд, ҳифз менамояд.

Яке аз масъалаҳои калидӣ дар бозори хизматрасонии равонӣ ин масъалаи дастрасӣ ба кӯмаки равонӣ мебошад. Дастрасӣ бояд аз ду ҷанба баррасӣ шавад: молиявӣ ва ҷуғрофӣ. Тавре дар сарчашмаҳо қайд мегардад, «ҷанбаи ҷуғрофӣ тавассути платформаҳои онлайн ва алоқаи телефонӣ бомуваффақият ҳал карда мешавад. Дастрасии молиявӣ хеле мураккабтар аст. Қобили зикр аст, ки айни замон 94% хизматрасонии равонӣ пулакӣ ва танҳо 6% ройгон пешниҳод карда мешаванд. Вақте ки сухан дар бораи арзиши сеансҳо меравад, камтар аз як сеяк (31%) онро дастрас мешуморанд. Набудани танзими систематикӣ ва махсуси давлатии кӯмаки равонӣ ба аҳолӣ низ ба ин таъсири манфӣ мерасонад» [20]. Дар ин хусус зикр намудан ба маврид аст, ки дар кишвари мо ҳар ду ҷанбаи зикршуда маҳдуд ва дастнорас мебошанд. Зеро марказҳои хизматрасонии равонӣ, ки баҳри ҳифзи саломатии равонӣ ва таъмини кӯмаки равонӣ нигаронида мешаванд, хеле камшумор ва дастнорасанд. Барои зиёд намудани кӯмакрасонии ройгони равонӣ дар кишвар ҳануз сухан кардан душвор аст, зеро шакли ғайриройгони он ҳануз ба қадри кофӣ паҳн нагардидааст.

Яке аз мушкилоти дигар дар бахши расонидани кӯмаки равонӣ ин танзимоти нодурусти фикррونии аҳолӣ мебошад [1, с. 45; 2, с. 28]. Дар ин хусус муҳаққиқон ба маврид зикр намудаанд, ки хусусияти мушаххаси муоширати байни муштарӣ ва психолог, хусусияти иттилооте, ки дар давоми ин раванд ифшо мешавад ва нигарониҳо дар бораи ифшои он ва фитнаю ғайбатҳои минбаъда одамонро аз ҷустуҷӯи кӯмаки равонӣ дар кор ё мактаб бозмедоранд [19, с. 24]. Барои ҳалли ин масъала баргузор намудани чорабиниҳои мухталифи илмию оммавиро оид ба нақши равоншиносӣ дар ҳалли мушкилоти аҳолӣ самаранок меҳисобем. Дар минтақаҳо ва маҳалҳо бояд ҳарчӣ бештар чунин чорабиниҳо баргузор карда шаванд, то фикррونии аҳолӣ нисбат ба кӯмаки равонӣ ва касби равоншинос танзимоти мусбиро касб намояд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилу баррасии масъалаи ҳуқуқ ба саломатии равонӣ ва дастрасӣ ба кӯмаки равонӣ хулосаю тавсияҳои зеринро манзур намудан мумкин аст:

1. Дар ҳар як ташкилоту муассисаи ҷумҳурӣ воҳиди кории «психологи муассиса» ташкил карда шавад. Корманди мазкур метавонад, дар фароҳамоварии фазои мусоиди корӣ, иттифоқии коллектив, ҳангоми қабул ба кор ва ё таъин шудан ба вазифаи муайян, мувофиқати хусусиятҳои психологии ӯро ба вазифаи мазкур муайян мекунад, ба кормандоне, ки мушкилоти психологӣ доранд

машварати психологӣ мерасонад, дар ҳолатҳои бухронӣ ва давраҳои вазнини муассиса рӯҳияи кормандонро нигоҳ медорад ва ғайра.

2. Дар шаҳру ноҳия ва маҳалҳо, ҳамзамон аксари корхонаю муассисаҳое, ки бунгоҳи тиббӣ доранд, дар баробари он марказҳои хизматрасонии равонӣ ташкил карда шаванд.

3. Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонӣ ва фаъолияти равоншиносон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шавад.

4. Стратегияи дарозмуддати ташаккули соҳаи равоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шуда, дар заминаи он барномаю нақша-чорабиниҳо тасдиқ ва барои иҷроиши оммавию ҳатмӣ паҳн карда шаванд.

**Муқарриз: Азимзода Ф.А. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт**

1.Бобохонов Ф.А. Қувваи фикр ва сухан: воситаи психологии таълимию тарбиявӣ ва таҳлилию амалӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / Ф.А. Бобохонов. – Душанбе: Ашуриён, 2025. – 400 с.

2.Бобохонов Ф.А. Таъсири қувваи фикр ва сухан дар фаъолияти кормандони муассисаҳо [Матн] / Ф.А. Бобохонов. – Душанбе: Ашуриён, 2024. – 208 с.

3.Бобохонов Ф.А. Танзими ҳуқуқии масъалаҳои психологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Бобохонов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – № 2(99). – С. 26-31.

4.Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А. – Душанбе: ҶДММ Ашуриён, 2024. – 216 с.

5.Васильева Т.В. Психологическое здоровье личности сегодня [Текст] / Т.В. Васильева // Психологическое здоровье субъектов педагогического процесса. Сборник материалов всероссийской научно-практической конференции. – Орехово-Зуево: МГОГИ, 2009. – С. 3-5.

6.Гармаш П.А. Современное состояние нормативно-правового регулирования в сфере психологии: проблемы и пути их решения [Текст] / П. А. Гармаш // Естественные и гуманитарные науки в современном мире: материалы VI Международной научно-практической конференции, посвященная 115-летию Лакина Г.Ф., Орёл, 15–17 мая 2023 года. – Орёл: Орловский государственный университет им. И.С. Тургенева, 2023. – С. 430-434.

7.Голиченков А.К., Белицкая А.В., Барабанщикова В.В., Вайпан В.А., Давидян Г.М., Зинченко Ю.П., Молотников А.Е., Тимофеева Л.Н., Шойгу Ю.С. Современное состояние правового регулирования психологической помощи [Текст] / Национальный психологический журнал. – 2018. – №1(29). – С. 141–150.

8.Гражданское право. Часть первая: учебник [Текст] / отв. Ред. Мозолин В.П., Масляев А.И. – М.: Юристъ, 2003. – 719 с.

9.Дашко М.Н., Арчибасова Л.А., Зубцова Е.Н., Бережкова Н.Ф. Административно-правовое регули рование оказания психологической помощи гражданам // Административное право и процесс. – 2011. – № 8. – С.23-26.

10.Концепции развития психологических служб в образовательных организациях высшего образования от 29.08.2022, № ВФ/1-Кн. [Захираи

электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://minobrnauki.gov.ru/upload/iblock/516/xdfty8026hfpsj25wku83syp6akmxdr9.pdf (санаи муроҷиат: 11.06.2025).

11.Коробко К.И. Правовое регулирование оказания психологических услуг в Российской Федерации: современное состояние и перспективы совершенствования [Текст] / К.И. Коробко // Вестник Государство и право. – 2020. – № 27. – С.25-29.

12.О психологической помощи населению в городе Москве: закон г. Москвы от 07.10.2009, №43 // Вестник Мэра и Правительства Москвы. – 2009. – № 60.

13.О психологических услугах: закон Туркменистана от 08.06.2019. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:http://continent-online.com (санаи муроҷиат: 11.06.2025).

14.Об оказании психологической помощи: закон Республики Беларусь от 01.07.2010, №15Э-З. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://continent-online.com (санаи муроҷиат: 11.06.2025).

15.Об утверждении Инструкции о порядке и условиях применения методов и методик оказания психологической помощи: постановление Министерства здравоохранения Республики Беларусь и Министерства образования Республики Беларусь от 30.07.2012 № 115/89. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://continent-online.com (санаи муроҷиат: 11.06.2025).

16.Практическая психология образования [Текст] / под ред. И.В. Дубровиной. – СПб.: Сфера, 2004. – 592 с.

17.Проект Федерального закона «О внесении изменений в Трудовой кодекс Российской Федерации» (подготовлен Минпросвещения России, ID проекта 01/05/10-19/00096335). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.consultant.ru (санаи муроҷиат: 11.06.2025).

18.Проект Федерального закона «О психологической помощи населению в Российской Федерации». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.consultant.ru (дата обращения: 27.12.2025).

19.Сидорова А.В., Макушева С.В. Правовое регулирование бесплатной психологической помощи: анализ и перспективы развития [Текст] / А.В. Садирова, С.В. Макушева // Юридический вестник Самарского университета Juridical Journal of Samara University. – 2024. – Т. 10, № 4. – С. 22-27.

20.Сколько россиян обращались к психологам за последний год? Исследование [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://iom.anketolog.ru/2022/03/30/pomosh-psihologa-2022 (дата обращения: 03.07.2025).

21.Шойгу Ю.С. К вопросу о нормативно-правовом регулировании психологической практики [Текст] / Ю.С. Шойгу // Прикладная юридическая психология. – 2017. – №1. – С.15-23.

22.Шувалов, А.В. Психологическое здоровье человека [Текст] / А.В. Шувалов // Вестник ПСТГУ. – 2009. – Вып. 4 (15). – С. 87-101.

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ САЛОМАТИИ РАВОНӢ ВА ҲУҚУҚИ ДАСТРАСӢ БА КӮМАКИ РАВОНӢ

Дар мақола масъалаи танзими ҳуқуқии саломатии равонӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба кӯмаки равонӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирфтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷиро ба инобат

гирифта, мушкилиҳои ҷойдоштаро дар самти танзими ҳуқуқ ба саломатии равонӣ ва дастрасӣ ба кӯмаки равонӣ муайян намудааст. Таҳқиқоти муаллиф нишон медиҳад, ки дар аксари кишварҳои хориҷӣ ба масъалаи танзими ҳуқуқии солимии равонӣ ва дастрасӣ ба ёрии равонӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардаанд. Аммо, дар баъзе кишварҳои дигар, аз ҷумла Тоҷикистон, ин масъала ҳанӯз ба таври кофӣ ҳал нашудааст. Таҳлили муқаррароти Конститутсия, Кодекси тандурустӣ, Кодекси ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои миллӣ нишон медиҳад, ки давлат, дар ҳоле ки тамоми кӯшишҳои худро ба танзим ва ҳифзи ҳуқуқии саломатии ҷисмонӣ равона мекунад, ба танзим ва ҳифзи солимии равонӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба ёрии равонӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир накардааст. Ин вазъият боис шудааст, ки аксари масъалаҳо дар ин соҳа ҳалношуда боқӣ монанд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, кӯмаки равонӣ, мушкилот, дурнамои рушд, саломатии равонӣ, танзими ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО ЗДОРОВЬЯ И ПРАВО НА ДОСТУП К ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ПОМОЩИ

В статье анализируется и обсуждается вопрос правового регулирования психологического здоровья и права на доступ к психологической помощи. При изучении данной проблемы автор учитывал мнения отечественных и зарубежных ученых и выявил существующие проблемы в области регулирования права на психологическое здоровье и доступа к психологической помощи. Исследование автора показывает, что в большинстве зарубежных стран вопросу правового регулирования психологического здоровья и доступа к психологической помощи уделяется большое внимание. Однако в некоторых других странах, включая Таджикистан, этот вопрос до сих пор не решен должным образом. Анализ положений Конституции, Кодекса здравоохранения, Уголовного кодекса и других национальных законов показывает, что государство, направляя все свои усилия на правовое регулирование и защиту физического здоровья, не уделяет серьезного внимания регулированию и защите психологического здоровья и праву на доступ к психологической помощи. Эта ситуация привела к тому, что большинство вопросов в этой области остаются нерешенными.

**Ключевые слова:** права, психологическая помощь, проблемы, перспективы развития, психологическое здоровье, правовое регулирование, законодательство.

## LEGAL REGULATION OF PSYCHOLOGICAL HEALTH AND THE RIGHT TO ACCESS PSYCHOLOGICAL CARE

This article analyzes and discusses the legal regulation of psychological health and the right to access psychological care. In examining this issue, the author considered the opinions of domestic and international scholars and identified existing problems in regulating the right to psychological health and access to psychological care. The author's research shows that in most foreign countries, the issue of legal regulation of psychological health and access to psychological care is given considerable attention. However, in some other countries, including Tajikistan, this issue has not yet been adequately addressed. An analysis of the provisions of the Constitution, the Health Code, the Criminal Code, and other national laws reveals that the state, while focusing all its efforts on legal regulation and protection of physical health, does not pay serious attention to the regulation and protection of psychological health and the right to access psychological care. This situation has led to the majority of issues in this area remaining unresolved.

**Keywords:** rights, psychological assistance, problems, development prospects, psychological health, legal regulation, legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Аламшозода Фаридун Аламшо** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 999333160. E-mail: farodil_ff@mail.ru

**Сведения об автор: Аламшозода Фаридун Аламшо** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доцент кафедры права и государственного управления, кандидат юридических наук. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 999333160. E-mail: farodil_ff@mail.ru

**Information about author: Alamshozoda Faridun Alamsho** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, associate professor of the department of law and public administration, candidate of legal sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 999333160. E-mail: farodil_ff@mail.ru

**ТДУ: 343.61**

# ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТИИ ШАХС ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ШАРҚИ ДУР

**Муқимӣ С.Д.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳлили муқоисавӣ ҳуқуқии қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Афзоиши чунин таваҷҷуҳ, яъне таваҷҷуҳ ба масъалаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама ба мавзӯи торафт суръат гирифтани раванди ҳамгироии ҶТ бо ҷомеаи байналмилалӣ ва ҳамчунин зарурати мутобиқсозии қонунгузории ҷиноятии миллӣ бо меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ вобаста мебошад [1, с. 57–58]. Мутаассифона, мутахассисони соҳаи криминалистикаи ватанӣ, тавре, ки одатан ба мушоҳида мерасад, ба мавзӯи таҳқиқоти таҷрибаи хориҷӣ доир ба мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолиятҳои иқтисодӣ бештар таваҷҷуҳ нишон медиҳанд ва дар ин миён самтҳои на камтар муҳиму асосии дигар ё фаромӯш мегарданд ва ё нодида гирифта мешаванд. Ба ин маънӣ, С.В. Познишев ин гуна изҳори назар менамоянд: “Саломатӣ барои ҳар як инсон волотарин ва пурарзиштарин неъматест, ки болотар ва муҳимтар аз он барои инсон дар зиндагӣ чизи дигаре вуҷуд надорад” [2, с. 27]. Аз ин ҷост, ки он, яъне саломатӣ, дар ҳар як ҷомеа ва давлати мутамаддини дунё аз лиҳози ҳуқуқиву ҷиноятӣ мавриди муҳофизату пуштибонӣ қарор мегирад.

Бояд таъкид шавад дар чаҳорчӯби таҳқиқоти илмие, ки мо анҷом медиҳем чунин имкон вуҷуд надорад, ки пажӯҳишу таҳқиқоти мукаммал ва ҳаматарафа дар робита ба ҷиноятҳо ба мукобили саломатии инсон бар асоси қонунгузориҳои кишварҳои хориҷа гузаронида шавад. Бинобари ин, дар ин қисмат мо дар мисоли қонунгузориҳои бархе давлатҳои хориҷӣ мавзӯи расонидани зарари дорои

дараҷаи вазнинии миёна ба саломатии инсонро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор медиҳем.

Мо чунин меҳисобем замони он фаро расидааст, ки меъёрҳои арзёбии ҷиноятҳои вобаста ба расонидани зарарҳои мухталифи вазнин ба саломатӣ бояд аз нав бознигарӣ гарданд. Дар ин замина, барои мо ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои Аврупо метавонад омӯзанда ва муфид бошад. Дар миёни давлатҳои аврупоӣ, маъмулан, кишварҳое вуҷуд доранд, ки ба таври суннатӣ ва анъанавӣ бо қонунгузории ҷиноятии пешрафтаи худ фарқ мекунанд. Германия, Австрия, Швейтсария, Белгия ва Фаронса ба гурӯҳи чунин давлатҳо дохил мегарданд. Ба ин далел ҳам дар таҳқиқоти мо ин мавзӯъ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Кишварҳои Аврупо бо надоштани бархурди ягона нисбат ба мавзӯъи конструксияи системаи ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ аз ҳам тафовут доранд. Вале мо талош мекунем, ки ибтидои ягонаву воҳидеро, ки он миёни қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аврупоӣ ва қонунгузориҳои давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика тафовути ҷиддӣ эҷод мекунад, ҷудо созем.

Вобаста ба аломатҳое, ки асоси таркибҳои мушаххаси ҷиноятиро ташкил медиҳанд, кишварҳои дар боло зикршударо метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд;

1) кишварҳое,ки ба амалу кирдори аҳамияти афзалиятнок медиҳанд (ҶФГ, Австрия, Швейтсария);

2) кишварҳое, ки ба оқибатҳои сӯиқасд авлавият медиҳанд ва пайомадҳои он афзалиятнок мешуморанд (Фаронса, Белгия).

1. Аз нигоҳи мо ва таҳқиқоти мавриди назар қонунгузориҳои ҷиноятии кишварҳои гурӯҳи аввал ҷолибтар ба назар мерасанд. Зимни муқаррар намудани ҳолати манъ будани расонидани зарар ба саломатӣ (ҷароҳатҳои ҷисмонӣ), қонунгузори ғарбӣ дар тафовут аз қонунгузори русӣ на оқибатҳои ҷиноӣ, балки амалу рафторро дар авлавият қарор медиҳад.

Меъёрҳои вобаста ба дахолатнопазирии ҷисмонӣ дар боби 17 КҶ ҶФГ – “Амалҳои қобили пайгард (муҷозотшаванда) ба муқобили дахолатнопазирии ҷисмонӣ” муқаррар гардидаанд. Боби мазкур аз 9 модда иборат мебошад. Чаҳор унсури асосие, ки дар ин боб омадаанд, таваҷҷуҳи бештари моро ҷалб менамоянд: “Ҷароҳати ҷисмонӣ” (моддаи 223), “Ҷароҳати ҷисмонӣ”, ки боиси марг мегардад.

Кодекси ҷиноятии Германия, амалан барои ҳамаи навъҳои ҷароҳатҳои ҷисмонӣ новобаста аз он, ки онҳо дар кадом ҳолат расонида мешаванд, ҷавобгарӣ муқаррар менамояд. Дар зимн, дар тафовут аз қонунгузории ватанӣ, ҳолати расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ аз рӯи қоидаи умумӣ барои таркибҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои неъматҳои дигари ҳуқуқӣ аломати муайякунанда ба ҳисоб намеравад [3, с. 381].

Дар тафовут аз доктринаи миллӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми муайян намудани мамнӯъияти ҳуқуқӣ ҷиноӣ на оқибатҳои кирдор, балки амалу кирдор ва тарзи расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ дар авалият қарор мегиранд. Ин дар таркиби асосии боби 17 - моддаи 223, ки дар он оқибат умуман вуҷуд надорад, инъикос ёфтааст: “ Касе,ки ба шахси дигар осеб ва ё ба саломатии вай зарар мерасонад, бо маҳрум гардидан аз озодӣ ба муддати то 5 сол муҷозот мешавад” [4, с. 382].

Дар партави масъалаи муқаррарсозии робитаи сабабият миёни амал ва оқибатҳои он, баҳсбарангез будани асоснокии ҷудосозии зарар ба зарарҳои дорои дараҷаи вазнинии мухталиф, муайянсозии самти қасди ҷинояткор ва ба ин монанд

дараҷаи вазнинии он қарори қонунгузори олмонӣ дар ин замина зоҳиран мантиқӣ ба назар мерасад. Ва аз нигоҳи мо низ бояд мавриди таваҷҷуҳи қонунгузори ватанӣ қарор бигирад.

Моддаи 224 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Германия масъалаҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани ҷароҳатҳои хавфноки ҷисмониро танзиму ба тартиб медарорад. Тарзу наҳваи анҷоми сӯиқасд аломати ҷудосози ҷароҳати хавфноки ҷисмонӣ аз ҷароҳатҳои ҷисмонии одӣ ба ҳисоб меравад. Мушаххасан, дар ҳамин унсуру таркиб нақши кирдор нисбат ба оқибати амал равшантар зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, моддаи 224 панҷ равишеро дарбар мегирад, ки расонидани ҷароҳатҳои ҷисмониро ҷароҳатҳои хавфнок тавсиф менамоянд:

1) тавассути заҳр ва ё дигар моддаҳои барои саломатии инсон хатарнок
2) тавассути силоҳ ва ё дигар воситаи хавфнок
3) бо роҳи ҳуҷуми аҳдшиканона
4) тавассути муолиҷаи барои саломатӣ хавфнок.

Сарфи назар аз он, ки формулировкаи равишҳои зикршудаи расонидани осебҳои ҷисмонӣ ҷанбаи мушаххаси абстрактӣ дорад, аммо мо ба ин бовар ҳастем, ки қонунгузори олмонӣ муваффақона доираи шароитҳоеро, ки хатари иҷтимоии амалро афзоиш медиҳанд, муайян намудааст.

Зимни тавсифи меъёрҳои муайянкунандаи ҷавобгарӣ барои сӯиқасд ба саломатӣ, дараҷаи баланди техникаи ҳуқуқӣ ва ҳамоҳанг будани низомҳои меъёрии ба муҳофизат аз сӯиқасдҳои ғаразнок равонакардашуда (дахолатнопазирии ҷисмонӣ) лозим ба таъкид аст. Махсусан дар ин робита, шакли таҳрири муваффақонаи моддаи 224 бояд зикр гардад. Мо муътақидем, ки меъёри вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои истифодаи равишҳои нисбатан хавфноки расонидани зарар новобаста ба оқибатҳои воқеъии фаворасида, бояд дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия инъикоси худро ёбад.

Дар мавриди норасоӣ ва камбудиҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Германия метавон ба набудани аломати аз даст додани нопурра ва пурраи қобилияти кории касбӣ, ки он барои қонунгузории кишварҳои дигари Аврупо хос аст, ишора намуд.

Аз рӯи матн, кодекси ҷиноятии Австрия ба кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Германия қаробат дорад. Шояд ин натиҷаи наздикӣ ва қаробати фарҳангии ин ду кишвар ва муносибатҳои анъанавии деринаи дӯстонаи онҳо дар бахшҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ бошад. Таркибҳои ҷиноятии мавриди алоқаи мо дар қисмати 1 бо номи “Ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ равонашуда” [5, с. 188-189] инъикос ёфтаанд.

Дар унвони моддаҳо, қонунгузори австриягӣ истилоҳи “осеби ҷисмонӣ” – ро ба кор мебарад, аммо дар диспозитсияи моддаҳо ҳамчунин аз мафҳуми “зарар ба саломатӣ” истифода менамояд. Чаҳор навъи осебҳои ҷисмонӣ муайян шудааст: 1) моддаи 83 Осеби ҷисмонӣ; 2) моддаи 84. Осеби вазнини ҷисмонӣ; 3) моддаи 85. Осеби ҷисмонӣ бо оқибатҳои вазнини давомдор; 4) моддаи 86. Осеби ҷисмонии дорои натиҷаи марговар. Дар ин ҷо шабоҳату наздикии мушоҳидашаванда бо Кодекси Ҷумҳурии Федеративии Германия ошкору айён аст.

Қонунгузории ҷиноятии Швейтсария ҳам чун Кодекси ҷиноятии Германия аз усули авлавияти амалу кирдор ҳатто фаротар меравад. Вале бо вуҷуди ин, дар он ба таври хеле зиёд таъсири мактаби ҳуқуқи ҷиноятии олмонӣ мушоҳида

мешавад. Дар унвони моддаҳо ҳамон тавре, ки дар бештари кишварҳои ғарбӣ ба мушоҳида мерасад, қонунгузори швейтсариягӣ истилоҳи "осеби ҷисмонӣ"– ро ба кор мебарад. Дар баробари ин, дар диспозитсияҳо аз истилоҳи "саломатӣ" истифода мешавад ва ин гоҳе боиси ин фикри хандаовар мегардад, ки чӣ тавр имкон дорад ба саломатӣ ва он ҳам ба саломатии рӯҳии шахс осеби ҷисмонӣ расонида шавад? [6, с. 165].

Дар Кодекси ҷиноятии Швейтсария дараҷабандии мизони вазнинии осеб вуҷуд надорад. Ду навъи осебҳои барқасдонаи ҷисмонӣ таъкид мешавад: моддаи 112 – "Осеби вазнини ҷисмонӣ", моддаи 123 – "Осеби ҷисмонии одӣ".

Бинобар махсусияти қонунгузории формулировкаи истифодашуда, мо лозим медонем моддаи 112 КҶ Швейтсарияро ба таври пурра ин ҷо биоварем:

"Шахсе, ки барқасдона ба шахси дигар осеби барои саломатии вай хавфнок мерасонад, касе, ки амдан бадани инсонро маъюб месозад, ба узв ё қисме аз узви муҳимми бадан осеб ворид месозад, ё боиси ихтилол дар кори он мегардад, инсонро ба муддати тӯлонӣ корношоям, нотавон, рӯҳан бемор ва ба муддати тӯлонӣ сурати инсонро бадшакл месозад месозад. Шахсе, ки барқасдона ба шахси дигар ё вазъи ҷисмониву рӯҳии он осеби ҷисмонӣ мерасонад, ба муддати то даҳ сол ба иҷрои корҳои вазнин ва ё аз шаш моҳ то панҷ сол ба зиндон маҳкум мегардад" [6, с. 164-165].

Хусусияти манфии Кодекси ҷиноятии Швейтсария дар он зоҳир меёбад, ки моддаи 122 он дорои номгӯи аломатҳои осеби вазнини ҷисмонӣ намебошад. Моддаи 123 осеби одии ҷисмониро тавассути аломати манфӣ муайян месозад: "Шахсе, ки бо ҳар васила ба таври ғаразнок ба шахси дигар ё саломатии вай зарари ҷисмонӣ мерасонад"... Вале формулировкаи мазкур дар муайясозии амалу кирдор номушаххасӣ ба миён меорад.

Ба таври умум бояд қайд намоем, ки Кодекси ҷиноятии Швейтсария дар муқоиса бо кодексҳои ҷиноятии Германия ва Австрия, ки зикрашон дар боло рафт, дорои нуқсу камбудиҳои муайян аст.

2. Намояндаи дигари нисбатан намоён дар миёни кишварҳои гурӯҳи дуюм Фаронса – ватани хонаводаи ҳуқуқи континенталӣ мебошад. Дар кодекси ҷиноятии ин кишвар ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сӯиқасд ба саломатии шахс дар боби 2 китоби II Кодекси ҷиноятии Фаронса "Дар бораи сӯиқасд ба дахолатнопазирии ҷисмонӣ ва рӯҳии шахс" танзим гардидааст. Меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сӯиқасди ғаразнок, дар қисми 2 бо номи "Дар бораи амалҳои хушунатомез" пешбинӣ шудаанд. Дараҷабандии онҳо ба мизони вазнинии оқибатҳои фаворасида, вуҷуд ва ё вуҷуд надоштани ҳолатҳои вазнинкунанда, тарзи содир гардидани ҷиноят вобастагӣ дорад. Дар кодекси ҷиноятии Фаронса дар муқоиса бо кодексҳои ҷиноятии кишварҳои гурӯҳи аввал таъсири аломатҳои тавсифкунандаи амал нисбатан камтар дида мешавад. Ин аломатҳо алаккай ташкилдиҳандаи таркибу унсури ҷиноят ба ҳисоб намеравand, зеро нақши онҳо ба паёмад аломатҳо вогузор шудааст. Дар кодекси ҷиноятии Фаронса мафҳуми "Амалҳои хушунатомез" истифода шудааст. Аз рӯи вазнинии оқибатҳои фаворасида,

Кодекси ҷиноятии Фаронса амалҳои хушунатомези зеринро ҷудо менамояд:

1) марг бе қасди расонидани он (моддаи 222 -7);

2) маъюбӣ ва ё бемории музмин (моддаи 222-9);

3) пурра аз даст додани қобилияти корӣ ба муддати беш аз 8 рӯз (моддаи 222-11);

4) аз даст додани қобилияти корӣ ба муддати камтар ва ё баробар ба 8 рӯз ва ё боиси аз даст надодани қобилияти корӣ (моддаи 222- 13) [7, с. 178-196].

Сарфи назар аз вуҷуд доштани тафовут аз нигоҳи истилоҳ ва мазмуну муҳтавои аломату пайомадҳо наметавон нодида гирифт, ки Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия ва Кодекси ҷиноятии Фаронса дар бархурд нисбат ба конструксияи системаи ҷиноятҳо алайҳи саломатии шахс айнияти консептуалӣ доранд. Ба монанди Кодекси ҷиноятии ФР, қонуни ҷиноятии Фаронса низ бо дар авлавият қарор додани аломату пайомадҳо таваҷҷуҳи нокофӣ ба аломатҳои кирдор нишон медиҳад.

Аз нуқтаи назари мо истифодаи аломат – аз даст додани қобилияти пурраи корӣ барои муддати кутоҳ ба сифати ташкилдиҳандаи таркиб асоснок нест. Дурустар он хоҳад буд, ки нақши ташкилдиҳандаи таркиби аломатро аз даст додани нопурра ва пурраи қобилияти умумии корӣ ташкил диҳад.

Таркибу унсурҳои муайянсоз дар моддаҳои ҷудогона, ки таркиби асосии ҷиноятро дарбар мегиранд, пешбинӣ шудаанд. Бояд эътироф намуд, ки Кодекси ҷиноятии Фаронса дорои низоми ҳамоҳанги аломатҳои муайянкунандаи таркиби ҷиноят мебошад. Мо рӯи ин мавзӯъ ба таври муфассал таваққуф намекунем ва тамаркузи худро ба рӯи гурӯҳҳои асосии онҳо қарор медиҳем. Зеро амалан, ҳамаи онҳо дар шакли каме тағйирёфта дар боби 16 Кодекси ҷиноятии Русия омадаанд. Вобаста ба ҳолатҳои вазнинкунандае, ки асоси аломатҳои муайянкунандаи ҷиноятро ташкил медиҳанд, метавон онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд: 1) содир намудани амал нисбат ба гурӯҳи муайяни зарардидагон – бандҳои 1, 5 моддаи 222–8, 222–10, 22– 13; 2) содир гардидани амал тавассути субъекти махсус – бандҳои 6, 7 моддаи 222–8, 222–10, 222 –12, 222– 13; 3) амале, ки дар ҳамдастӣ содир мегардад – банди 8 моддаи 222– 8, 222–10, 222 –12, 222–13; 4) содир намудани амалҳои хушунатомез бо ғарази пешакӣ– банди 9 моддаи 222– 8, 222 – 10, 222–12, 222 – 13; 5) амале, ки бо таҳдид ва истифодаи силоҳ содир мегардад– банди 10 моддаи 222– 8, 222 –10, 222–12, 222 – 13. кории умумӣ нисбат дода шавад. Дар қонунгузории Фаронса таваҷҷуҳи махсус ба кирдору амалҳои хушунатомезе дода мешавад, ки нисбат ба шахси ноболиғи то 15 сола содир мегарданд. Дар тамоми таркибҳои зикршуда ҳолатҳои мазкур ҳамчун аломатҳои муайянкунандаи ҷиноят,ки боиси вазнинтар шудани ҷазо мегарданд, баромад мекунанд. Аз нигоҳи таҳқиқу омӯзиш кодекси ҷиноятии Белгия низ ҷолибу мароқовар ба назар мерасад [8, с. 148]. Таркиб ва унсурҳои мавриди назари мо дар қисми II Кодекси ҷиноятии Белгия таҳни унвони “Дар бораи кушторҳои мушаххаснашаванда ва барқасдона расонидани зарар ба саломатӣ” муқаррар гардидаанд.

Моддаи 398 барои расонидани ҷароҳат, латтукӯб ва расонидани зарба ҷавобгарӣ муайян намудааст: “Шахсе, ки амдан ба шахси дигар ҷароҳат мерасонад ба сифати ҷазо ба муддати аз 8 рӯз то 6 моҳ маҳкум ба зиндон мешавад ва ё аз 20 то 100 франк ҷаримаи нақдӣ мешавад ва ё бо яке аз ин ҷазоҳо муҷозот мегардад”. Таркиби ҷинояти номбурда таркибест,ки мушобеҳи (аналоги) он дар қисми 1 моддаи 115 Кодекси ҷиноятии ФР пешбинӣ шудааст, яъне расонидани зарари сабук ба саломатӣ бидуни латма задан ба саломатӣ. Истифода шудани мафҳуми “барқасдона расонидани ҷароҳат ва зарба ба шахс аз нигоҳи мо набояд

дуруст бошад. Аввалан, мафҳумҳои “ҷароҳат” ва “зарба дорои мазмуну муҳтавои гуногун мебошанд. Ҷароҳат – ин натиҷа ва оқибати амалу кирдор аст дар ҳоле, ки зарба тарзи содиршавии сӯиқасд ба ҳисоб меравад (сабаб).Тавре, ки маълум аст, сабаб аз натиҷа пештар воқеъ мегардад. Аз ин хотир, ин ду категория, набояд бо тартиби як категория, балки бо чунин тартиб мавриди истифода қарор бигиранд. Дувуман, таҳлили системавии моддаҳои дигари фасли II Кодекси ҷиноятии Белгия нишон медиҳад, ки ин мафҳумҳо барои нишон додани оқибатҳои ибтидоӣ, ки баъд аз онҳо метавонанд оқибатҳои дигари вазнинтар фаро расанд, ба кор бурла мешаванд. Мафҳуми “зарба” шарҳи тавсифии амалест, ки он дар амали шахси қасдкунанда зоҳир меёбад. Бинобар ин, истифода шудани он бо чунин мақсадҳо бояд нодуруст шуморида шавад.

Моддаи 399 барои зарба ва расонидани ҷароҳате, ки боиси беморӣ ва ё корношоямии касбии шахс мегардад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд. Барои чунин сӯиқасд, қонунгузории Белгия ҷазо дар шакли маҳкумият ба муддати аз ду моҳ то ду соли зиндон ва ҷаримаи нақдӣ ба миқдори аз панҷоҳ то 200 франк муқаррар менамояд. Қонунгузори Белгия хеле хуб ва ба таври муваффақ аломати маҳз аз даст додани қобилияти кории касбиро истифода мекунад. Таҳлили системавии моддаҳои бахши II Кодекси ҷиноятии Белгия нишондиҳандаи он аст, ки дар мавриди мазкур сухан дар бораи аз даст додани начандон зиёди қобилияти кории касбӣ меравад. Бояд эътироф намуд, ки қобилияти кории касбӣ дар муқоиса бо қобилияти кории умумӣ категорияи нисбатан дақиқ ба ҳисоб меравад ва аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво метавонад мушаххастар мизони хатари иҷтимоии сӯиқасдро баён созад. Аз сӯи дигар, нуқсу камбудии он вуҷуд надоштани ишора ба дараҷаи аз даст додани қобилияти кории касбӣ мебошад, ки ин метавонад дар сурати аз даст додани қисмати ночизи қобилияти кории касбӣ боиси истифода шудани ҷазои беасоси вазнину сахт гардад. Моддаи 401 Кодекси ҷиноятии Белгия барои марге, ки аз рӯи беэҳтиётӣ дар натиҷаи расонидани ҷароҳат ва осеб ба шахси зарардида фаро мерасад, таркиби муайянкунандаи ҷавобгарӣ муқаррар намудааст. Барои чунин кирдор ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати аз панҷ то даҳ ва аз даҳ то 15 соли зиндон пешбинӣ мешавад агар сӯиқасд бо нияти аз қабл тарҳрезишуда содир шуда бошад. Бо натиҷагирӣ аз таҳлили мухтасари қонунгузории ҷиноятии кишварҳои Аврупо метавон таъкид намуд, ки аз рӯи техникаи ҳуқуқӣ, истидлоли илмӣ ва муҳтавои ҳуқуқӣ тиббӣ, қонунгузории ҷиноятии миллӣ дар робита ба ҷиноятҳои вобаста ба расонидани зарар ба саломатӣ ҳаддиақалл аз қонунгузории кишварҳои нисбатан пешрафтаи Аврупо ҳеҷ камӣ надорад.

Дар айни замон, бояд эътироф намуд, ки қонунгузори Русия метавонад дар заминаҳои мухталиф аз таҷрибаи ҳамтоёни ғарбӣ баъзе нукоту матолиби ҷолибро омӯзад. Дар навбати аввал, ин ба афзоиши таъсири тарзу равиши расонидани зарар ба саломатӣ ҳангоми муайянсозии амали содиршуда алоқаманд мебошад. Ҳоло замони он фаро расидааст, ки бояд аз арзёбӣ ва муайянкунии кирдор аз рӯи пайомадҳои фаророасида даст кашид. Методи таъйин намудани ҷазо фақат бар асоси таҳлили оқибатҳои сӯиқасд бо консепсияи гунаҳкорсозии субъективӣ, ки дар моддаи 5 Кодекси ҷиноятии ФР баён шудааст, ҳамхонӣ ва мувофиқат надорад. Аз нигоҳи мо қарори қонунгузори Германия дар мавриди дар чаҳорчӯби моддаи ҷудогона муқаррар намудани методҳои анҷоми сӯиқасд ва таъйини ҷазои сахттар бе дарназар гирифтани пайомадҳои кирдор муваффақ ва баҷост. Чунин

меҳисобем, ки таҷрибаи мазкур метавонад дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия ба таври ҳуқуқӣ инъикоси худро ёбад. Ҳамчунин дар ин робита ишора ба навъи қасди ҷинояткор,ки он аз қабл ё тасодуфан метавонад ташаккул ёбад, аз аҳамият холӣ нест. Нишондиҳандаи мазкур метавонад ҳам шохиси хатари иҷтимоии шахсияти ҷинояткор ва ҳам дар маҷмӯъ дараҷаи хавфнокии иҷтимоии амали мавриди назарро инъикос намояд.

**Муқарриз: Зокирзода З.Х. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адатиёт:**

1.Шарипов Т.Ш., Сафарзода, А.И. Камолов, З.А., Холиқзода, Ш.Л., Зокирзода, З.Х., Зиёбоева, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2020. – С. 57–58.

2.Познышев СВ. Очерк основных начал науки уголовного права. Особенная часть: Преступления против личности. –М: Юриздат НКЮ, 1938. – С. 27.

3.Жалинский А.Э. Современное немецкое уголовное право. М.: ТК Велби; Проспект, 2004. С. 381.

4.Уголовный кодекс Федеративной Республики Германия. СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. С. 382.

5.Уголовный кодекс Австрии. СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. С. 188-189.

6.Уголовный кодекс Швейцарии. СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002.

7.Уголовный кодекс Франции. СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. С. 178-196.

8.Уголовный кодекс Бельгии. СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. С. 148.

## ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТИИ ШАХС ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ШАРҚИ ДУР

Мақолаи мазкур вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бораи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои шарқи дур меравад. Дар мақолаи мазкур муаллиф фикру ақидаҳои олимони ватани ва хориҷиро мавриди барраси қарор додааст. Аз нигоҳи мо қарори қонунгузори Германия дар мавриди дар чаҳорчӯби моддаи ҷудогона муқаррар намудани методҳои анҷоми сӯиқасд ва таъйини ҷазои сахттар бе дарназар гирифтани пайомадҳои кирдор муваффақ ва баҷост. Чунин меҳисобем, ки таҷрибаи мазкур метавонад дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия ба таври ҳуқуқӣ инъикоси худро ёбад. Ҳамчунин дар ин робита ишора ба навъи қасди ҷинояткор,ки он аз қабл ё тасодуфан метавонад ташаккул ёбад, аз аҳамият холӣ нест.

**Калидвожаҳо:** ҷиноят, зарар, саломатӣ, хатар, қонунгузории ҷиноятӣ, ҷазо, ҷавобгарӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, системаи ҷиноятҳо, осеби ҷисмонӣ, суиқасд, ҷароҳат, зарба, ҷазо.

## УМЫШЛЕННОЕ ПРИЧИНЕНИЕ ВРЕДА ЗДОРОВЬЮ ЧЕЛОВЕКА СРЕДНЕЙ ТЯЖЕСТИ В СООТВЕТСТВИИ С УГОЛОВНЫМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ ШТАТОВ ДАЛЬНЕГО ВОСТОКА

Данная статья посвящена уголовной ответственности за умышленное причинение вреда здоровью человека средней тяжести в уголовном законодательстве стран Дальнего Востока. В статье автор рассмотрел взгляды отечественных и зарубежных ученых. На наш взгляд, решение немецкого законодательства об установлении способов совершения деяния, представляющего собой умышленное преступление, и о назначении более

сурового наказания без учета последствий деяния является успешным и оправданным. Мы считаем, что этот опыт может быть юридически отражен в Уголовном кодексе Российской Федерации. Также в этой связи важно указать на виды преступного умысла, который может сформироваться заранее или случайно.

**Ключевые слова:** преступление, вред, здоровье, опасность, уголовное законодательство, наказание, ответственность, уголовное право, уголовная система, телесные повреждения, покушение, травма, удар, наказание.

**INTENTIONALLY CAUSING MEDIUM HARM TO A PERSON'S HEALTH IN THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE FAR EASTERN STATES**

This article examines criminal liability for intentional moderate bodily harm in the criminal legislation of Far Eastern countries. The author examines the views of domestic and international scholars. In our view, the German legal approach to establishing the means by which an act constitutes an intentional crime is committed and imposing a more severe punishment without regard to the consequences of the act is successful and justified. We believe this approach can be legally reflected in the Criminal Code of the Russian Federation. In this regard, it is also important to highlight the types of criminal intent, which can be formed in advance or accidentally.

**Key words:** crime, harm, health, danger, criminal legislation, punishment, responsibility, criminal law, criminal system, bodily injury, attempt, injury, blow, punishment.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Муқими Сафарбек Давлтбек** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 931-90-30-90. E-mail: safarbek.91mukimov@gmail.com

**Информация об авторе: Мукими Сафарбек Давлатбек** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Е. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 931-90-30-90. Электронная почта: safarbek.91mukimov@gmail.com

**Information about author:** Mukimi Safarbek Davltbek – Tajik pedagogical institute in Rasht district, candidate of legal sciences, associate professor, head of the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm city, E. Muhiddin street 63.Phone:(+992) 931-90-30-90.E-mail:safarbek.91mukimov@gmail.com

ТДУ: 347.63

# НАҚШИ ҲУҚУҚӢ КӮДАК ДАР МЕҲВАРИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

**Ахмедов Н.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар заминаи ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардидани соли 2024 ҳамчун "Соли маърифати ҳуқуқӣ" масъалаҳои ҳуқуқӣ дар сатҳҳои гуногун мавриди таҳлил, баррасӣ ва ташвиқу тарғиб қарор гирифтаанд. Дар ин робита ҳуқуқи кӯдак низ яке аз масъалаҳои меҳварӣ ба шумор меравад, зеро доираи ҳуқуқҳои кӯдакон вобаста ба соҳа аз доираи ҳуқуқи шахсони болиғ фарқ менамояд.

Тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули дарки ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шаҳрвандон дар назди давлат ва ҷомеа мебошад. Таркиби он мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асноди дигари меъёрии ҳуқуқии кишвар чунин муайян гардидааст: ҳуқуқи зиндагӣ, ҳуқуқи таҳсил ва таълиму тарбия, ҳуқуқи пуштибонии ҷамъият, ҳуқуқи гирифтани иттилоот дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ҳуқуқи озодии сухан, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва райъпурсӣ, интихоб шудан ва интихоб кардан, ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва истифода аз дастовардҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи иштирок дар идораи давлат, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра. Вазифаи тарбияи ҳуқуқӣ донистани ҳуқуқ ва вазифаҳои муқарраршуда ва риояи онҳо мебошад [1].

Ҳуқуқи кӯдак ҳам як навъе аз ҳуқуқи инсон аст, ки нисбат ба кӯдакон истифода мешавад: ҷудо гардидани ҳуқуқи кӯдак ба гурӯҳи алоҳида ба он алоқаманд мебошад, ки аз як тараф кӯдакон (мувофиқи қонунгузории тамоми давлатҳо) дорои тамоми ҳуқуқҳои шахсони болиғ нестанд, аз тарафи дигар, кӯдакон бояд ба ҳуқуқҳои махсус дастрас бошанд, ки бо синну соли онҳо ва вазъияташон дар оила алоқаманд мебошад. Ҳоло санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва миллии махсус, ки ҳуқуқи кӯдакро муайян мекунанд, кор карда шудаанд ва истифода мешаванд [2, с.525].

Аслан ҳуқуқи кӯдак, ки пайдоиши он ба муқаррар гардидани воқеияти падарӣ ва модарӣ асос ёфта, доираи муайяни ҳуқуқро дар бар мегирад ба ду гуруҳи асосӣ: ҳуқуқи молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ тасниф мегарданд, танҳо бо қонунгузории оилавӣ танзим нагардида, ҳамчунин бо Кодекси мадании ҶТ, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак низ ба танзим дароварда мешавад. Дар ин маврид Г.В. Богданова ба он андешааст, ки маҷмуи ҳуқуқи кӯдак на танҳо ҳуқуқи бо Кодекси оила пешбинигардида , балки ҳуқуқи бо Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак муайянгардидаро низ дар бар мегирад [3, с.30].

Маврид ба зикр аст, ки тарбия аслан аз овони кӯдакӣ оғоз меёбад. Оила ва волидайн дар ин раванд нақши асосӣ доранд. Минбаъд тарбияро дар якҷоягӣ бо ҷомеа дар умум ба даст мегиранд. Инчунин оила ва ҳаёти оилавӣ барои ҳар як инсон мазмуни махсус дорад. Мо дар оила ба камол расида тарбия меёбем.

Дар ҷамъияти мо оила ва муносибатҳои дар он вуҷуддошта аҳамияти калон дорад. Мувофиқи муқаррароти моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад". Мақсади асосии давлат нигоҳ доштани оилаи солим, ғамхорӣ намудан нисбати он мебошад. Бо ҳамин

назардошт дар ташкили давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ таълим ва тарбия додани фарзандон ва ба воя расонидани онҳо яке аз вазифаҳои асосии оила ба ҳисоб меравад. Барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзанд падару модар бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд. Чунки барои тарбия ва таъмини фарзандон онҳо масъулияти баробар доранд.

Яке аз сабабҳои мустаҳкам гаштани оила ин донистани талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси ин талаботҳо ҳисси маданияти ҳуқуқӣ, инкишоф додани шуурнокӣ дар ҷамъият, ҳурмату эҳтиром дар оила, иззату эътирофи каолонсолону хурди оила ба ҳисоб меравад. Аз бисёр ҷиҳат устувории оила ҷавононро бо роҳи рост, тайёрӣ дидан ба ҳаёти поки оиндаи худ водор сохта, дар натиҷаи надонистан ва ҳанӯз тайёр набудани онҳо сабаби коста шудани оиладорӣ ва ба вайроншавии оила оварда мерасонад. Вайроншавии оила, ҷудо шудани падару модар ва носозии онҳо дар оила ба тақдири кӯдакон вазниниҳо меорад. Пароканда шудани оила боиси пайдо шудани мушкилиҳо гашта, ба кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад, бехонаву беҷой мемонанд ва ятимону бепарасторон рӯз то рӯз зиёд мешаванд, ки ин пояи ҷамъиятиро аз ҷиҳати ахлоқӣ коста мегардонад. Инчунин ҷудошавии падару модар оиларо корношоям, муҳтоҷи дигарон, бепарастор ва ба ҷиноят даст задани фарзандонро сабаб мекунад. Барои ҳамин волидайнро зарур аст, ки муносибатҳои оилавиро ҳамаҷониба ҳифз намоянд. Саҳми оила дар тараққиёти ҷамъият ва таълиму тарбияи фарзандон бисёр бузург аст. Аз ин рӯ, барои тарбия кардани фарзандон бояд саҳми арзанда гузошт. Чунки фарзанд дар оила ба камол расида, тарбия ва феълу рафтори худро дар ҳамон ҷо аз худ мекунад.

Кӯдак бояд дар оилаи солими падару модараш якҷоя бо онҳо зиндагӣ кунад ва тарбия гирад. Дар оила кӯдак аз ҷиҳати ҷисмонӣ пурқувват ва рӯҳан инкишоф меёбад. Барои ҳамин ҳам таъсир ва дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти оилавӣ манъ аст. Агар ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак дар оила халалдор гардад, он гоҳ таъсир ва дахолат ба ӯ имконпазир мегардад. Кодекси оила барои бартараф ва пешгирӣ кардани монеаҳо дар тарбияи кӯдак андешидани баъзе чораҳо ба монанди маҳрум кардан аз ҳуқуқи падариву модарӣ, маҳдуд намудани ҳуқуқи падару модариро пешбинӣ намудааст. Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” дар мавриди бемасъулиятӣ дар таълиму тарбияи кӯдак ҷавобгариро ба Кодекси ҳуқуқвайрокунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола мекунад. Яъне, тибқи моддаи 90-и кодекси мазкур барои аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон, омӯзгор ё дигар корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ, инчунин шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, иҷро накардани уҳдадориҳои парасторӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон, истифода ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбати онҳо ҳангоми набудани аломати ҷиноят, огоҳӣ дода мешавад ё ба андозаи аз се то ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад. Агар дар ҳаракатҳои зикргардида аломати ҷиноят ҷой дошта бошад пас, бо моддаи 174-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба таълиму тарбияи ноболиғ аз ҷониби падару модар ё шахси дигар, ки ин уҳдадорӣ ба зиммааш қонунан гузошта шудааст, инчунин аз ҷониби омӯзгор ё дигар корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ, агар ин кирдор бо муносибати бераҳмона нисбат бо ноболиғ алоқаманд бошад, бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё

маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад. Мавриди зикр аст, ки дар доираи табақаҳои осебпазир ва ба ҳимоя эҳтиёҷманди ҷомеаи шаҳрвандӣ кӯдакон дар ҷойи аввал меистанд. Кӯдакон то давраи ба балоғат расидан ба волидайн, ҷомеа ва давлат эҳтиёҷ доранд. Аз ин лиҳоз, дар ҳар ҷомеаи мутамаддин ва ҳуқуқбунёд кӯдак ба сифати субъекти махсуси ҳуқуқ баромад намуда, ҳуқуқҳои кафолатнок дорад.

Бо ҳамин назардошт вогузории масъулияти таълим ва тарбияи кӯдак ба зиммаи падару модар ва шахсони ивазкунандаи онҳо ҳуқуқ намедиҳад, ки онҳо нисбат ба кӯдак муносибати беэҳтиромона дошта, дағалонарафтор намоянд. Ҳамзамон онҳо ҳуқуқ надоранд бо мақсади таълим ва тарбияи кӯдак ӯро мавриди латукӯб қарор диҳанд. Зеро тарбияи дурусти кӯдак эҳтироми шаъни инсонии кӯдакро аз ҷониби падару модар ва дигар аъзои оила дар назар дорад[4, с.262].

Аз инрӯ кӯдак ба ғамхории падару модар ҳуқуқ дошта, оила бояд шароити мӯътадил барои зиндагӣ ва тарбияи он муҳаё намояд. Падару модар якҷоя кӯдакро бояд аз ҷиҳати моддӣ ҳаматарафа таъмин намоянд, таҳсили ӯро ташкил кунанд, бо китобҳо ва маводи дарсӣ таъмин намуда, ба нигоҳ доштани саломатии кӯдак эътибор диҳанд, дар мавриди зарурӣ бо ёрии тиббӣ, доруворӣ ва ғайра таъмин намоянд. Падару модар нисбати фарзандон бояд баробар муносибат намоянд. Дар навбати худ аз рӯи одобу рафтор кӯдак бояд падару модари худро ҳурмату эҳтиром намояд.

Барои ташаккули бомуваффақияти шахсияти кӯдак ӯ бояд дар муҳити меҳру муҳаббат, дар оила миёни ашхоси наздик ва меҳрубон ба воя расад. Вазифаи калонсолон, кӯмак ба кӯдак дар омодагӣ ба ҳаёти мустақил, аъзои комилҳуқуқи ҷомеа гардидан, барои ташаккули муқаррарии ҷисмонӣ ва ақлонии кӯдак шароити мусоид ташкил кардан аст[5, с.190].

Бояд ёдрас намуд, ки дар Кодекси оила боби алоҳида оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ҷудо шудааст, ки он дар қонунгузории шуравӣ мавҷуд набуд ва ҳадафи асосиии онро иҷрои ухдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва таъмини ҳимояи дахлдори ҳуқуқи кӯдак ташкил медиҳад.

Ба андешаи Явич Л.С. зери мафҳуми уҳдадорӣ чораи ҳатмии рафтори шахс фаҳмида мешавад[6, с.173]. Ба мазмуни дигар бошад, уҳдадорӣ ҳамчун рафтори ҳатмӣ дар доираи муносибатҳои муайяни ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи муайяни субъективӣ мутобиқат менамояд, ки таъиноти онро фароҳам овардани имконияти мусоид оид ба амалӣ намудани ҳуқуқ аз ҷониби шахси ваколатдор ташкил медиҳад [7, с.237].

Бо ҳамин мазмун, зери уҳдадории падару модар оид ба таълим ва тарбияи кӯдак уҳдадории падару модар натанҳо дар назди кӯдак, ҳамчунин уҳдадории падару модар дар назди давлат низ фаҳмида мешавад. Аз ҷониби давлат ин зарурати таъмини таълим ва тарбияи кӯдак ба он асоснок карда мешавад, ки “насли ҷавон моҳиятан насли нав ба шумор рафта соҳибони ҳақиқии ояндаанд ва аз насли калонсол ҷиҳатҳои хуби тарбияро ҳамчун мерос гирифтаанд” [8, с.294]. Вобаста бо ҳамин падару модар ҳуқуқ надоранд ба уҳдадории фарзандони ноболиғи худ ҳангоми амали намудани таълим ва тарбияи кӯдак даъво намоянд. Аз ин хотир дар хусуси мавҷудияти ягон хел муносибатҳои ҳуқуқӣ сухан рондан ғайриимкон мегардад. Ҳамзамон дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак бо дарназардошти ташаккули рӯҳӣ ва равонии кӯдак, ҳолати беҳуқуқӣ ва

осебпазирии онҳо танҳо ҳуқуқи кӯдакон пешбинӣ гардидааст у халос[3, с.40]. Бо ҳамин мақсад, тамоми уҳдадориҳое, ки фарзандон дар назди падар ва модар, хешу табори наздики худ то расидан ба синни балоғат доранд, ин уҳдадории ахлоқӣ ба шумор меравад[9, с.237].

Дар моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» омадааст, ки падару модар дар тарбияи кӯдак уҳдадориҳои зеринро доранд: ба кӯдак тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд; пас аз таваллуд кӯдакро аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд; барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак шароит муҳайё намоянд; кӯдакро ба зиндагии мустақилона омода намоянд; кӯдакро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, волоияти қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтиром ба шахсияти худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ ва халқҳои дигар, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ тарбия намоянд;

«Оид ба рушди маърифати ахлоқӣ, эстетикӣ, санитарӣ ва экологии кӯдак чораандешӣ карда, асосҳои гигиенаи шахсӣ, фарҳанги шаҳрнишинӣ ва муоширатро ба ӯ омӯзонанд; кӯдакро дар руҳияи сарфаю сариштакорӣ ва муносибати эҳтиёткорона нисбат ба молу мулк ва арзишҳои дигар тарбия намоянд; дар раванди тарбия нисбат ба кӯдак зӯроварӣ, аз ҷумла ҷазои ҷисмониро истифода набаранд; шаъну шарафи кӯдакро эҳтиром намоянд ва ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзананда нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд; новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва руҳии кӯдакон, нисбат ба онҳо муносибати баробар дошта бошанд»[10], - омадааст дар идомаи ин моддаи қонун.

Бо ҳамин назардошт моддаи мазкур таъкид гардидааст, ки дар сурати хабардор шудан аз ҳолати кӯдаке, ки дар тарбияи дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дорад, бо онҳо ҳамкорӣ намоянд; ба марказҳои дилхушӣ рафтани кӯдакро манъ намоянд; гаштугузори кӯдаки то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд; аз соати 18:00 то соати 08:00 ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ рафтани кӯдаки худро иҷозат надиҳанд; бе ҳамроҳии шахси болиғ гаштугузор кардани кӯдаки то шонздаҳсоларо дар ҷойҳои хатарнок манъ намоянд.

Ҳамзамон падару модарон уҳдадоранд, ки кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромии ҷомеа, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯча, хиёбон, майдон, ҷойҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳ, манзили истиқоматӣ, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати харобкоронаи кӯдакро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд; ба кӯдак ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву бурандаро, ба истисноии асбобу ашёи таълимӣ, манъ намоянд, инчунин ба гирифта гаштани онҳо роҳ надиҳанд.

Дар таҳрири нав қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» миёни ҷомеа назарҳои гуногунро ба бор овард. Сабабу навгониҳо дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз инҳо иборат аст:

– қонуни мазкур таълиму тарбияи кӯдакро дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ

танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст. Он ҳамчун санади муҳими меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти таълиму тарбияи кӯдак ба ҳисоб рафта, барои амалисозии уҳдадориҳои омӯзгор, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудаанд, мусоидат менамояд. Президенти мамлакат аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ истифода намуда, зарур донистанд, ки номи қонунро ба матни он мувофиқ намоянд. Бояд гуфт, ки калимаҳои "падару модар" аз он хориҷ шуда, калимаи «фарзанд» ба «кӯдак» иваз карда шуд;

- аз таҳлили муқаррароти қонуни қаблӣ бармеомад, ки дар он на танҳо масъулияти падару модар, балки масъулият, яъне уҳдадории фарзандони болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъминоти падару модар (боби 3, моддаи 10), инчунин уҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд (боби 4, моддаҳои 11-13) муқаррар гардида буд. Ин ҳолатҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки номи қонун ба пуррагӣ муносибатҳои дар он дарҷгардидаро фаро намегирифт. Бо дарназардошти масъалаҳои мазкур зарурати таҷдиди назар намудани номи қонун дар пайвастагӣ бо васеъ намудани мавзуи танзим ва субъектҳои он ба миён омад. Дар робита бо ин, номи қонун ба мавзуи танзими он мутобиқ гардонда шуда, мавзуи танзим ва субъектҳои он васеъ карда шуд;

- ба таври мушаххас, дақиқ ва возеҳ пешбинӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои се ниҳоди муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷтимоӣ — оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа. Тағйиру иловаҳо ба сохтори қонуни мазкур дар тарҳи нав аз як тараф мазмуни қонунро мукаммал намуда, аз тарафи дигар, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои се ниҳоди муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷтимоӣ — оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро, ки дар раванди таълим ва тарбияи кӯдак нақши калидӣ доранд, муқаррар намуд;

- муайян намудани масъулияти падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда, бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак;

-минбаъд барои вайронкунии тартиботи ҷамъиятӣ, даст задани кӯдак ба амалҳои норавою ношоиста ва дигар корҳои номатлуб на фақат волидайн, балки масъулони муассисаҳои таҳсилотӣ ва ҷомеа (мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ) ҷавобгар ҳисобида мешаванд;

- ба таври васею фарогир ва содаву оммафаҳм танзим намудани муносибатҳо оид ба таълиму тарбияи кӯдак бо дарназардошти таҷрибаи дар ин самт андӯхташуда ва ҷавобгӯ ба талаботи замон, дар раванди таълиму тарбияи кӯдак, насли ояндасозу солими кишвар якҷоя дар доираи қонуни мазкур тадбирандешӣ ва муносибати ҷиддӣ намудан;

- мукаммалу мушаххас намудани салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ ҷиҳати идоракунии давлатӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорат, ҳамкории мақомоти давлатӣ, ҷомеаи кишвар ва татбиқи мушаххаси меъёрҳои қонуни мазкур;

-дар асоси муқаррароти моддаи 7 мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, инҳо ба ҳисоб меравaнд: 1) мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак; 2) мақомоти дигаре, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд. Ҳамоҳангсозии

фаъолияти мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, аз ҷониби Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак анҷом дода мешавад;

- мутобиқ намудани истилоҳот ва мазмуни қонуни мазкур ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба талаботи нави Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тасдиқ гардидааст;

- таҳкими фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, яъне кори дастаҷамъона ва фарогир будани таълиму тарбияи кӯдак ба ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ;

- бахшидани тавқият ба корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, пеш аз ҳама таваҷҷуҳ ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак, инчунин танзими муносибатҳои нав бобати андешидани чораҳои пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт.

Ҳамзамон иброз намуд, ки қонунгузории мамлакат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ вуҷуд доранд, ки ҷанбаҳои алоҳидаи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ва баъзе аз масъалаҳои таълим ва тарбияи онҳоро ба танзим медароранд. Аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015 бевосита асосҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва кафолатҳои давлатии амалишавии онҳоро муқаррар менамояд. Ҳамчунин, баъзе масъалаҳои марбут ба амалишавии ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, ба таълиму тарбия фаро гирифтани онҳо ва ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисаҳои таълимӣ дар ин самт дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф пешбинӣ гардидааст.

Аммо, афзалияти муҳимми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар таносуб ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр дар он мебошад, ки масъулияти бевоситаи падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда, мақомоти давлатӣ, муассисаи таълимӣ, комиссияҳои ҷамъиятӣ ва амсоли ин субъектҳоро ҷиҳати таъмини амалинамоии ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак, ҷоннок намудани раванди таълиму тарбияи кӯдак ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии кӯдаконро пешбинӣ менамояд. Ин ҳолатҳо, дар умум бозгӯйи он ҳастанд, ки қонуни баррасишаванда мавзуъ, субъект ва роҳу василаҳои махсуси танзим дошта, такрори мавзуи қонунҳои болозикр намебошад.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 55 КО ҶТ кӯдак ҳуқуқ дорад дар оила зиндагӣ кунад, тарбия гирад ва ба ғамхории падару модар, таъмини манфиатҳояш, рушду такомули ҳамаҷониба ва эҳтироми шаъни инсонии худ манфиатдор бошад. Ҳангоми набудани падару модар ё аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кардани онҳо, ҳуқуқи кӯдак барои тарбия дар оила мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузориии оилавӣ аз тарафи мақомоти васоят ва парасторӣ таъмин карда мешавад.

Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳуҷҷати байналмилалии аввалин ва асосӣ мебошад, ки хусусияти ҳатмӣ дошта, ба доираи васеи ҳуқуқи кӯдак бахшида шудааст. Ҳуҷҷати мазкур аз 54 модда иборат буда, ҳуқуқи кӯдаконро бо рушди комили имкониятҳо дар шароити озод, гуруснагӣ ва танқисӣ, зулматӣ ва дигар шакли суистифода фароҳам меорад. Дар тамоми амалҳо нисбати кӯдак, сарфи назар аз он, ки онҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ё хусусии машғул ба

масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ, суд, мақомоти маъмурӣ ё қонунгузорӣ андешида мешаванд, ба таъмини ҳарчи хубтари манфиатҳои кӯдак таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа зоҳир карда мешавад. Давлатҳои аъзо ба кӯдаке, ки қодир аст ақидаҳои шахсии худро баён карда тавонад, ҳуқуқи изҳор намудани ин ақидаҳоро аз рӯи тамоми масъалаҳои ба кӯдак дахлдошта таъмин менамоянд, зимнан ба ақидаҳои кӯдак мутобиқи синну сол ва камолоти кӯдак аҳаммияти зарурӣ зоҳир карда мешавад. Тибқи Конвенсия қисми ҷудонопазири таҳсилотро тарбия ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, яке аз вазифаҳои тарбияи оилавии Конвенсия талаб менамояд, ки тамоми саъю кӯшишро ба он равона намоянд, ки эътирофи принсипҳои умумӣ ва масъулияти баробари ҳар ду волидайнро барои тарбия ва инкишофи кӯдак таъмин намоянд. Волидайн ё дар ҳолатҳои дахлдор сарпарастони қонунӣ барои тарбия ва инкишофи кӯдак масъулияти асосиро бар дӯш доранд. Манфиатҳои аввалиндараҷаи кӯдак матлаби асосии ғамхории онҳо мебошад.

Воқеан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд, ки онро пеша кардааст, аз шаҳрвандони мо маърифати баланди ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқӣ талаб карда мешавад. Ин аз тарафи шаҳрвандон масъулияти баландро талаб менамояд, ки дар ин роҳ нақши онҳо ниҳоят муҳим аст. Дар ҳақиқат, омӯзиши ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва бархурдор будан аз онҳо боис мегардад, ки шахс аз ҳуқуқу озодиҳои худ ва дигарон ба таври дахлдор дифоъ кунад, нисбати қадру қимат ва шаъну шарафи дигарон эҳтиром гузорад, дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ ба камол расад. Гузашта аз ин, шахсе, ки аз донишҳои ҳуқуқӣ бархурдор аст, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат фаъолона иштирок менамояд, дар тақдири имрузу ояндаи кишварамон саҳм мегузорад.

Барои мустаҳкам гаштани оила ин донистани талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси ин талаботҳо ҳисси маданияти ҳуқуқӣ, инкишоф додани шуурнокӣ дар ҷамъият, ҳурмату эҳтиром дар оила, иззату эътирофи каолонсолон аввалиндараҷаанд.

Вайроншавии оила, ҷудо шудани падару модар ва носозии онҳо дар оила ба тақдири кӯдакон вазниниҳо меорад. Пароканда шудани оила боиси пайдо шудани мушкилиҳо гашта, ба кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад, бехонаву беҷой мемонанд ва ятимону бепарасторон рӯз то рӯз зиёд мешаванд, ки ин пояи ҷамъиятиро аз ҷиҳати ахлоқӣ коста мегардонад. Ҳамзамон ҷудошавии падару модар оиларо корношоям, муҳтоҷи дигарон, бепарастор ва ба ҷиноят даст задани фарзандонро сабаб мекунад. Барои ҳамин волидайнро зарур аст, ки муносибатҳои оилавиро ҳамаҷониба ҳифз намоянд. Саҳми оила дар тараққиёти ҷамъият ва таълиму тарбияи фарзандон бисёр бузург аст. Аз ин рӯ, барои тарбия кардани фарзандон бояд саҳми арзанда гузошт. Чунки фарзанд дар оила ба камол расида, тарбия ва феълу рафтори худро дар ҳамон ҷо аз худ мекунад.

Ҳамзамон ҳар як кӯдак ба кӯдакии хушбахт ҳуқуқи қонунӣ дорад ва ин ҳуқуқ барои ҳамаи кӯдакон якхел аст. Бояд ба фарзанди худ нишон диҳед, ки чӣ қадар волидон ӯро дӯст медоранд, муҳимтар аз он гуфтан лозим аст, ки на ҳама кӯдакон хушбахтона зиндагӣ мекунанд. Ҳадафи асосии Рӯзи кӯдакон ин - ҷалби диққати ҷомеа ва мардуми оддӣ ба мушкилоти воқеии кӯдакон мебошад. Ин ғоя бевосита дар номи ид мавҷуд аст. Аз ин рӯ, фикр кардан муҳим аст, ки кӯдакон аз чӣ муҳофизат карда шаванд.

Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ таҷрибаи истисмори меҳнати кӯдакон ҳамчун меҳнати арзон ва ҳатто ғуломии кӯдакон ҳифз шудааст.

Ҳар як кӯдак ба кӯдакӣ, вақти бепарво ва хушбахтӣ ҳақ дорад. Ва он танҳо ба калонсолон вобаста аст, ки он чӣ гуна хоҳад буд. Баъд аз ҳама, ҳамаи кӯдакон осебпазир ва муҳофизанд. Дар рӯзи кӯдакон ман он қадар мехоҳам, ки ҳама, бидуни истисно, кӯдакон муҳаббат, эҳтиёҷ ва муҳофизатро эҳсос кунанд. Ва барои он, ки мо ҳеҷ гоҳ ба бетафовутӣ, бераҳмӣ, барвақт ба воя расидан ва ҷараёни иттилооти нолозим дучор нашавем.

Таҳкиму таъмини саодату хушбахтии оила як шеваи бархӯрди инсонгароёна ва яке аз рукнҳои асосии низоми давлатдорӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷониби роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт барои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати рушди ҳаёти кӯдакон ва дар муҳити оила камол ёфтану таълиму тарбияи дуруст гирифтани онҳо тамоми шароити созгор фароҳам оварда шудааст. Таъмини ҳаёти кӯдакон дар шароити оила муҳимтраин василаи рушди онҳо ба ҳисоб рафта, аз ҷониби дигар омили судманди таҳкими оила низ дониста мешавад. Таъмини зиндагии арзанда, таълиму тарбия дуруст, риоя санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати риоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон вазифаи мақомоти давлатӣ, волидону омӯзгорон, умуман, ҳар як шаҳрванд аст. Барои ояндаи дурахшони кӯдакон бояд бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонгароёна талош намоем

**Муқарриз: Ализода И.И. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Консепсияи милллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3.03.2006 №94.
2. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Маҳмудов М.А. - Душанбе: “ЭР-граф», 2009.
3. Богданова Г.В. Права и обязанности родителей и детей. – М., 2003.
4. Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “ЭР – граф”, 2015.
5. Диноршоев А.М.., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2010.
6. Явич Л.С. Общая теория права. – Л.: Издательство ЛГУ, 1976. – С. 173.
7. Матузов Н.И. Личность. Права. Демократия. Теоретические проблемы субъективного права. – Саратов: Издательство Саратовского университета, 1972.
8. Белинский В.Г. О воспитании детей вообще ио детской книге. // Анатология педагогической мысли России первой половины XIX в. – М.: Педагогика, 1987.
9. Нечаева А.М. Семейное право. Курс лекций. – М.: Юристь, 1998.
10. Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” (8 майи с.2024,№1304)

## НАҚШИ ҲУҚУҚӢ КӮДАК ДАР МЕҲВАРИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Ҳуқуқу озодиҳои кӯдак дар меҳвари сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, барои эҷоду танзим, риояву ҳифз ва таҳкими қонунгузории самти кӯдакон тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон аз ҷумлаи вазифаҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлатҳои муосир ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳайси як

давлати ҳуқуқбунёд ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ, уҳдадориҳои зиёде дар самти ҳимоя ва дастгирии ҳуқуқҳои кӯдакон ба зимма гирифтааст.

Бо ҳамин назардошт дар мақолаи мазкур муаллиф ба он назар аст, ки маҳз тарбияи дурусти кӯдак эҳтироми шаъни инсонии кӯдакро аз ҷониби падару модар ва дигар аъзои оила ба миён меорад. Ҳангоми тарбия падару модар набояд ба иззати нафси кӯдак расанд. Эҳтиром намудани шаъни инсонии кӯдак дар оила меъёри ҳал намудани баҳсҳо вобаста ба тарбияи кӯдак мебошад. Барои ҳамин ҳам дар оила падару модар нисбати кӯдак ҳуқуқи ба таври мунтазам рафтори дағалона, муомилаи дурушт карданро надоранд. Мавҷуд будани чунин рафтори падару модар нисбати кӯдак шаҳодати халалдор гардидани тарбияи кӯдак шуда, барои татбиқи чораҳо нисбат ба падару модар асос мегардад.

**Калидвожаҳо:** қонунгузорӣ, оила, таълим, тарбия, тарбияи ҳуқуқӣ, ахлоқ, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, муошират, ғамхорӣ, озодӣ, дахлнопазирӣ, уҳдадорӣ, парасторӣ.

## РОЛЬ РЕБЕНКА В ОСНОВЕ ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

Права и свободы ребенка лежат в основе политики Правительства Республики Таджикистан, и принимаются необходимые меры для создания, регулирования, соблюдения, защиты и укрепления законодательства о детях. Поэтому защита прав и интересов детей является одной из главных задач социальной политики современных государств. Республика Таджикистан, как государство, основанное на верховенстве права и являющееся полноправным членом международного сообщества, также взяла на себя множество обязательств в области защиты и поддержки прав детей.

Исходя из этого, автор данной статьи считает, что именно правильное воспитание ребенка формирует уважение к его человеческому достоинству со стороны родителей и других членов семьи. Воспитывая ребенка, родители не должны подрывать его самооценку. Уважение к человеческому достоинству ребенка в семье является критерием разрешения споров, связанных с воспитанием ребенка. Именно поэтому в семье родители не имеют права систематически вести себя грубо и жестоко обращаться с ребенком. Наличие такого поведения родителей по отношению к ребенку является свидетельством нарушения воспитания ребенка и служит основанием для принятия мер против родителей.

**Ключевые слова:** законодательство, семья, образование, воспитание, правовое воспитание, нравственность, защита прав детей, общение, забота, свобода, неприкосновенность, ответственность, опека.

## THE ROLE OF THE CHILD IN THE AXIS OF EDUCATION AND UPBRINGING

The rights and freedoms of the child are at the core of the policy of the Government of the Republic of Tajikistan, and necessary measures are being taken to create, regulate, observe, protect and strengthen legislation on children. Therefore, protecting the rights and interests of children is one of the main tasks of the social policy of modern states. The Republic of Tajikistan, as a state based on the rule of law and a full member of the international community, has also undertaken many obligations in the field of protecting and supporting the rights of children.

With this in mind, the author of this article believes that it is precisely the proper upbringing of a child that creates respect for the child's human dignity on the part of parents and other family members. When raising a child, parents should not undermine

the child's self-esteem. Respect for the child's human dignity in the family is the criterion for resolving disputes related to raising a child. That is why in the family, parents do not have the right to systematically behave rudely and treat the child harshly. The presence of such behavior by parents towards the child is evidence of a violation of the child's upbringing and serves as a basis for taking measures against the parents.

**Keywords:** legislation, family, education, upbringing, legal education, morality, protection of children's rights, communication, care, freedom, inviolability, responsibility, guardianship.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ахмедов Нураҳмад Сафарович – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин 63. Телефон (+992) 937600556. E-mail: nurakhmad.akhmedov.62@bk.ru

**Информация об авторе:** Ахмедов Нурахмад Сафарович – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Э. Мухиддина, 63. Телефон: (+992) 937600556. E-mail: nurakhmad.akhmedov.62@bk.ru

**Information about the author:** Akhmedov Nurakhmad Safarovich – Tajik pedagogical institute in Rasht district, senior lecturer of the Department of Law and Public Administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm city, E. Muhiddin 63. Phone (+992) 937600556. E-mail: nurakhmad.akhmedov.62@bk.ru

**ТДУ: 347/364.442**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НИЗОЪҲОИ ОИЛАВӢ

**Давлатзода Н.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Низоъҳои оилавӣ ин маҷмуи бархӯрдҳое фаҳмида мешаванд, ки дар байни ҳамсарон ва дигар аъзоёни оила ба вуҷуд меоянд. Набудани одобу эҳтиром байни зану шавҳар воситаи муҳимми сар задани низоъ мегардад. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ пеш аз ҳама тавассути меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои байналмилалӣ эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт амалӣ карда мешавад. Заминаи асосии ба вуҷуд омадани низоъҳои оилавиро пеш аз ҳама муносибатҳои шахсӣ ва молумулкии байни ҳамсарон, волидайн, фарзандон ва дигар хешовандони наздик ташкил медиҳад. Агар дар оила эҳтироми тарафайн, муҳаббат ба якдигар, ҳамфикрӣ, ҳукумфармо набошад, пойдории оила ғайриимкон аст.

Ҳар як оила ба худ хусусиятҳои муайян дорад. Маҷмуи муносибатҳое, ки дар байни аъзоёни оила ба амал меоянд якранг набуда, аз сатҳи маънавиёти ҳар як аъзои он вобаста аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оила зери ҳимояи давлат қарор дорад. Аз ҷониби давлат пайваста нисбат ба оила ва рушду такомули он ғамхорӣ зоҳир мегардад. Дар ниҳоди фарзандон густариш додани арзишҳои маънавӣ,

ахлоқӣ, худогоҳию хештаншиносӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ, башардӯстию адолатпарварӣ вазифаи оила ба ҳисоб рафта, дар мустаҳкамии мафкураи ҷавонон ва танзими ҳуқуқии низоъҳои оилавӣ замина мегузорад.

Яке аз мушкилоте, ки имрӯз ҷомеаи моро ба ташвиш овардааст, ин ҷудошавии оилаҳои ҷавон мебошад. Ин раванд ба инкишофи минбаъдаи оила, ҷамъият ва давлат хатари ҷиддиро ба бор меорад. Замони он расидааст, ки роҳҳои пешгирии ин пошхӯриро ба ҷомеа, алалхусус ба ҷавонон фаҳмонида аз ин бадбахтӣ ҷомеаро наҷот бояд дод. Мо мардуми сарбаланди тоҷик ба ин имкон намедиҳем, ки зиндагонии фарзандону наздиконамон пароканда гардад, зеро онҳо порае аз ҷисми мо мебошанд. Фаромӯш набояд кард, ки барои бардавомии оила тарбият намудани фарзанд дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, падару модар ва оила дар мадди аввал меистад [3, с. 141-142].

Масъалаи танзими ҳуқуқии низоъҳои оилавӣ дар шароити имрӯз яке аз масъалаҳои мубрам днониста шуда, масъулияти баландро аз ҳар як фард талаб мекунад. Давлат баҳри пойдорӣ ва устувории оилаҳо тамоми имконият ва шароитҳоро муҳайё намудааст. Новобаста аз ин ҳама имконияту шароитҳо ёфт мешаванд оилаҳое, ки дар ҳалли муносибатҳои оилавӣ ба рафтори дағалона, суханҳои таҳқиромез ва ҳатто баъзе ба лату куби ҳамсару фарзандон даст мезананд. Дар натиҷаи чунин рафтори ношоиста оилаҳо пароканда ва фарзандон аз таълиму тарбия дур мемонанд.

Вайрон кардани оила ин вайрон шудани инсонро ҳамчун инсон ва мутаносибан вайрон гардидани фарҳанг ва тамаддунро ифода мекунад [14, с. 293-294]. Яке аз роҳҳои таъмини пойдории оила, ин масъулиятпазирии мутақобилаи ҳамсарон аст. Ҳар як марду зан бояд донанд, ки бо қабули зиндагии муштарак, масъулиятҳое бар уҳдаи онҳо қарор мегирад, ки пеш аз ташкили оила чунин масъулият надошт. Ин масъулиятҳо бо таваҷҷуҳ ба ихтиёрот, тавоноиҳо ва шароити хосси ҳар як зану мард вобаста аст. Масъулиятҳо гуфта ин - таъмини шароити арзандаи зиндагӣ, мудирияти хонавода, ҳамсардорӣ, тарбияи фарзандон, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва мисоли инҳо фаҳмида мешавад.

Табиист, ки инсон ҳам арзишҳои ахлоқӣ ва инсониро дар муҳити оила меомӯзад. Ба андешаи Ф. Шарифзода «Мо сифатҳои одамият, одамдӯстӣ, поквиҷдонӣ, ростгӯӣ, хоксорӣ, ҳалимӣ, оштинопазирӣ нисбат ба беадолатиро аввалан дар хона меомӯзем» [13, с. 240]. Оила ҷои муқадассест, ки дар он ҳар як фард ба дунё меояд, тарбия меёбад ва ба камол мерасад [1 с. 116]. Дар тарбияи дурусти фарзанд ва пойдории оила масъулияти аввал ба души волидайн аст. Фарзанд мисли ниҳоле мебошад, ки боғбон ба он об диҳад нашъунамо ёфта мева медиҳад, ки аз хӯрданаш дигарон лаззат мебаранд ва агар об надиҳад зуд аз байн меравад. Фарзанд низ дар оила ҳамчунин аст. Яъне фарзандро дар хурдӣ тарбия накунем дар пирӣ аз он чӣ умед кунем [3, с. 143]? Зиндагӣ бидуни муҳаббат, тарбияи фарзандон маъни надорад ва аксари инсонҳо аз зиндагии бемуҳаббат мегурезанд. Гузашт ва чашмпӯшии зану шавҳар аз лағзишҳо ва корҳои нописанди ҳамдигарӣ дар муҳити хонавода, аз амнияти фаровоне бархӯрдор аст ва бетаваҷҷӯҳӣ ба он фазои самимият ва осоиши ҳоким бар хонаводаро ба муҳити изтироб, бадбинӣ, асабоният ва айбҷӯии пайвастаи ҳар яке аз аъзои оила оварда мерасонад.

Мо бояд ҳамеша босабру таҳаммул бошем, ҳамдигарро дастгирӣ кунем, ба ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоат ғамхорӣ намоем, Ватанамонро сидқан дӯст дорем, фарзандонамонро дар ҳамин рӯҳия тарбия кунем [9].

Оилаи муосир дар асоси тағйироте, ки дар ҷомеаи навин ба вуҷуд меояд, инкишоф меёбад. Баланд шудани дараҷаи моддиву мадании ҳаёти халқ, рушди ҷомеа, беҳтаршавии шароитҳои истиқоматию маишӣ, фарҳангӣ, васеъ паҳншудани воситаҳои коммуникатсионӣ, ҳамзамон пешравии илм ва дар ин асос дастовардҳои техника ва технологияҳои замони нав натанҳо барои некуаҳволии оила таъсир мерасонад, балки боиси инкишофи ҳамачонибаи насли наврас мегардад [11, с. 99]; [12, с. 125-134]. Новобаста аз гуфтаҳои дар боло овардашуда, дар ҷомеа ёфт мешаванд шахсоне, ки дар муносибатҳои оилавӣ бо сабабҳои гуногун: беаҳаммиятӣ, худбоварӣ, бетаҷрибагӣ, бесабрӣ, камсаводӣ ва дигар омилҳо роҳи ҳалли мушкилотро дар зиндагӣ бо суханони дағалона ё бо низоъ оғозу анҷом медиҳанд. Чунин муносибатҳо дуру дароз идома наёфта, оқибатҳои нохӯшро ба бор оварда, ба парокандашавии оилаҳо оварда мерасонад. Таъсири чунин муносибатҳои бешуурона ба таълиму тарбия кӯдакон таъсири манфӣ расонида, дар онҳо ҳисси бадабинӣ, зулм кардан, дурӯғ гуфтан, хиёнат кардан ва дар умум ҳисси нобовару ноумед шудан аз волидайн ва дигар аъзоёни ҷомеаро ба вуҷуд меорад.

Низоъҳои оилавӣ дар ҳаёти ҷомеа хусусияти шахсӣ дошта, дар низоми қонунгузории давлатҳои хориҷӣ низ гуногун танзим шудаанд. Масалан, дар Кодекси оилаи Федератсияи Россия моддаи 17 масъалаи талоқ баррасӣ шудааст, ки дар он низоъи байни ҳамсарон доир ба ҷудо шудан аз ақди никоҳ, моддаи 19 кодекси мазкур бошад бекор кардани ақди никоҳ дар САҲШ ва моддаи 21 ҳамин кодекс бошад, тартиби бекор намудани ақди никоҳ ҳангоми мавҷуд будани фарзандон, молу мулк аз ҷониби суд муқаррар шудааст [10].

Дар қонунгузории Олмон ва Англия низ аксари низоъҳои оилавӣ бо роҳи судӣ ҳал карда мешаванд. Масалан, тибқи муқаррароти Кодекси оилаи Олмон суд барои ба созиш омадан ва бартараф кардани ихтилофҳои ҳамсарон як сол муҳлат муқаррар мекунад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила ва муносибатҳои оилавӣ, никоҳ, бастани никоҳ, баробарҳуқуқии марду зан дар муносибатҳои оилавӣ диққати махсус дода шуда, ҳамсаронро ба эҳтироми якдигар дар ҳамаи муносибатҳои оилавӣ уҳдадор кардааст. Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд [5].

Хархашаю муноқиша, ҳамдигарнофаҳмӣ, баҳсу мунозираҳо нафақат ба оилаи ҷавон, балки ба оилаҳои собиқадор низ хос аст. Ҳар як оила, новобаста аз солимӣ ё номустаҳкамӣ душвориҳоро дар худ ҳис мекунанд. Онҳо ба ҳаёти ҳамсарон халал мерасонанд, вале ҳатман ҳисси ноқаноатмандӣ аз никоҳро ба вуҷуд намеоранд. Масалан, дар дохили хона ба зан ва кӯдакони хурдсол ё волидайни пир нигоҳ накарда, сигор кашидани шавҳар, қобилияти хуби хӯрокпазӣ надоштани зан ва монанди инҳо то андозае ба сар задани низоъҳои оилавӣ оварда мерасонанд. Ногувортар он ҳолат аст, ки байни зану мард ноқаноатмандӣ, нобоварӣ ба вуҷуд меояд. Ин ҳиссиёт аз лаҳзаи ба вуҷуд омаданаш рӯз то рӯз шидад гирифта, ба сард гардидани муносибатҳо оварда мерасонад [2].

Дар ҳар давру замон, инсон ба тарбия ниёз дорад. Ва инсоне тарбия карда метавонад, ки худ тарбия гирифта бошад. Инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурияти боз ҳам ҷиддӣ назорат намудан аз болои тамоми аъзоёни оиларо ба вуҷуд овардааст. Ҷомеаи имрӯз, аз мо инро тақозо менамояд. Сараввал

ба фарзанд номи нек гузошта ба ӯ муносибати одилона карда, одоби салом додан, эҳтироми худ ва дигар аъзои ҷомеаро омӯзем. Муносибат бо атрофиён дар ҳоле хуб буда метавонад, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқӣ риоя карда шаванд. Ҳар фарде, ки дар муносибатҳои оиладорӣ ворид мегардад, пеш аз ҳама, эҳтироми худ ва ҳамсарашро дошта бошад. Ва маҳз, пойдевори асосии оиларо ин эҳтироми якдигарии ҳамсарон ва дигар аъзоёни оила ташкил медиҳад [3, с. 143]. Ба ин маъно, ки дар муқобили айбҳо ва костаҳои якдигар ё рафтори нохушоянди аъзоёни оила бархӯрди тунд ва хашин надошта бошем ва бо самимият ва дӯстӣ бо якдигар рафтор бояд кард.

Заминаи инкишофи меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқӣ дар инсон, аз хондани китоб бо риояи вақти муқарраршуда ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо бояд иброз намуд, ки кам оилаҳое ёфт мешаванд, ки дар амал, ин қоидаҳоро пайваста иҷро мекунанд. Чи гунае, ки ба ҳамагон маълум аст, бунёд ва бардавомии оила вобастагӣ дорад ба шахсоне, ки бевосита дар оила роҳбар мебошанд. Агар ин гуруҳи шахсон аз мутолиаи китобу маҷалаҳои даврӣ дур монда бошанд, пас дар мушкилоти пешомада дар оила тасмими дуруст гирифта наметавонанд. Аз ин хотир, бузургони мо чунин иброз намудаанд, ки китоб дӯсти аз ҳама наздик ва безарари инсон мебошад.

Имрӯз, ҳар як фарди ҷомеаро зарур аст, ки барои бунёди оилаи солим пайваста талош намуда, дар таълиму тарбияи фарзандон ва тайёр намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона чораҷӯӣ намоянд. Падару модаре, ки дар фикриояндаи фарзандон мебошанд, ҳарчи бештар кӯшиш менамоянд, то дар таълим ва тарбияи онҳо муваффақ шаванд. Барои ба ин комёбӣ ноил шудан мушкили зиёде нест, аввал фарзандро ба хондан дар як вақти муайян ҷалб намуда, ӯро ҳавасманд намоем. Аз рафти таълим ӯ натиҷагирӣ карда, амалу кирдорашро пайваста назорат мебояд намуд, то шароити хуб барои фаъолияти вай фароҳам орем. Дар ин сурат фарзанд дигар худро танҳо ҳис намекунад. Ҳамзамон дарк менамояд, ки таҳти назорат қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳарчи бештар кӯшиш менамояд, ки ба боварии падару модар сазовор гардад [3, с. 143-144].

Ба фарзанд меҳрубонӣ намудани волидайн беҳтар аст. Ба суханҳои фарзанд гӯш дода, мақсадашро дарк намудан мумкин аст. Бароящ ҷавоби хуб бояд дод, на таҳқир ва сухане, ки боиси ранҷиш, пайдоиши хусумату бадбинии ӯ гардад. Пасон, имтиёз барои ҳарчи бештар аз худ намудани муҳтавои хониши китобро дар миён бояд гузошт ва бо ин роҳ, ҳар соҳибақл метавон садди роҳи беҳудагардӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, пешгирӣ аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои хушунатомез, як қатор ҷиноятҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии фарзандаш хатар эҷод мекунад гирад. Яъне, ҳастии ӯро ҳамчун инсони бохирад, хайрхоҳ ва адолаткор ҳифз мебояд намуд [3, с. 144].

Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад [7].

Падару модар бо ахлоқ ва рафтори дуруст бояд намунаи амалӣ барои фарзанд бошанд. Волидон ҳарду дар тарбияи фарзанд нақш доранд, аммо чун дар даврони кӯдакӣ вобастагии фарзанд ба модар бештар аст, нақши модар дар тарбияти фарзанд, таъсири бештаре дорад. Зеро, ёди фарзандон ва хушбахтиву камолоти онҳо ҳамеша дар зеҳну замири модарон аст.

Падару модар дар тамоми тасмимҳое, ки нисбати фарзанд мегиранд бояд дурандеш бошанд. Ҳар амале, ки иҷро мекунанд ва ҳар тасмиме, ки мегиранд дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчунин ба инобат гирифтани манфиати ҳамаи аъзои оила бошад. Мутаасифона имрӯз аксарияти оилаҳо ин меъёрро риоя намекунанд ва сабабгори низоъ ё худ мунокишаҳои оилавӣ мегарданд.

Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд [8].

Мақсади зиндагӣ низ ҳамин аст. Барои иҷрои ин вазифаи муқаддас хиради болои инсонӣ бояд дошт. Соҳиби хиради воло шахсе мебошад, ки рафиқи наздик ва чизи дӯстдоштааш китоб аст. Падару модар ва омӯзгорон масъули асосӣ ба иҷрои ин вазифаи муқаддас мебошанд.

Коре бояд намуд, ки аз натиҷаи он худамон, наздиконамон ва дигар атрофиён хушҳол бошанд. Инро бояд дар амал татбиқ намуд. Бо сухан не, бо тарбияи дурустамон, бо амалҳои солеҳамон нишон диҳем, ки дарвоқеъ мо оилаи хуб ҳастем ва фарзанди хуб ба воя расондем. Мазмуни зиндагиро эҳтироми якдигарии аъзои оила ташкил медиҳад. Шахсоне, ки чунин фарзандро ба камол мерасонанд аз он ифтихор мекунанд. Барои оилаи мустаҳкам доштан аз сидқи дил меҳнат ва фарзандонро тарбия бояд намуд. Ба фарзанд аз меҳнати ҳалоли худ нон диҳем. Дар ин асос мо метавонем аз фарзанди худ умед намоем. Зеро, ҳеҷ гоҳ хӯрандаи луқмаи ҳалол ба диҳандааш хиёнат намекунад [3, с. 144].

Ҳамзистии якҷояи падару модар дар инкишофи ақливу ҷисмии фарзанд таъсири мусбат мегузорад. Маҳз, бепарвогии ҳамсарон, надоштани донишҳои зарурӣ дар самти бунёди оила, сабаб мешавад, ки оилаҳои ҷавон пош хӯрда, боиси вайрон гардидани вазъи ҳуқуқу озодиҳои фарзандон мегардад. Дар ин сурат фарзандон аз меҳру навозишҳои падар ё модар маҳрум мемонанд ва ин раванд ба фаъолияти минбаъдаи онҳо таъсири манфӣ мегузорад. Фарзанд дар оила ба воя мерасад, таълиму тарбия мегирад ва аз навозишҳои гарми онҳо баҳра мебарад. Аммо чи суд, ки баъзе аз волидайни мо имрӯз пеш аз пошхӯрии оила вазъи ҳуқуқии фарзандони худро ба инобат намегиранд. Дар ин ҷо ки гунаҳгор аст, падару модар ё фарзанд? Албатта волидайн гунаҳгор аст [3, с. 144].

Зӯроварӣ дар оила яке аз сабабҳои дигари пароканда шудани оила ба ҳисоб рафта, аксарияти оилаҳо аз ин вазъ ҷудо мешаванд ва қисми ками онҳо ба мақомоти давлатӣ шикоят меоранд.

Тибқи талаботи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” аз 19 марти соли 2013 зӯроварӣ дар оила - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад [6].

Дар ин замина мо ҷавонон бояд талош намоем, ки бо занони худ меҳрубон бошем, бо суханони нек ба онҳо муоширaт намоем, муносибатҳои оилавиро бо маслиҳат ва розигии якдигар ҳал намуда, дар таълиму тарбияи фарзандон бетараф набошем. Дуруштгӯӣ, бадзабонӣ ва тундӣ инсонро водор ба аксуламал нишондиҳӣ мекунад. Агар фазои хонавода ва ҳолу мақол хориҷ аз ҳудуд бошад,

занро дилгир мекунад ва руҳияи ӯро номутаодил намуда, дар натиҷа фазои зиндагиро ба талхию сардӣ мекашонад ва дар муқобил риояти хушзабонӣ ва рафтори хуш, аз ин мушкилот мекоҳад.

Субъектони асосие, ки зӯроварӣ нисбати онҳо бештар мушоҳида мегардад ин занон, ноболиғон, маъюбон ва пиронсолон мебошанд. Дидаю дониста аз заифию камқувватии онҳо ба манфиати хеш истифода мекунанд. Аз он бехабаранд, ки рӯзе худашон ба ин ҳол гирифтор мешаванд. Дар он рӯз суд хурдан аз амали хеш ҳеҷ фоида надорад.

Азияту озурдагӣ ва ранҷишҳои кашидаи ҳамсарон оҳиста-оҳиста байни зану шавҳар, волидайну фарзандон фосилаҳоро зиёд мекунанд. Ҷамъ гардидани онҳо маводи таркандае мегардад, ки сар задани онҳо оиларо хароб месозад. Хуб аст инсон бадиҳоро ба дил нагирад. Агар инсон кинагир бошад, ӯро на ахлоқ, слоҳ карда метавонад на ҳуқуқ ва на инсони дигар. Ин хосагии низоъҳои оилавиро бояд ба назар гирифт, зеро маҷбуриятро нисбати ҳамсарон низоъкунанда истифода бурдан номумкин аст [2, с. 198-199].

Аз ин хотир, ба занону кӯдакон, маъюбону пиронсолон муносибати хуб бояд намуд. Онҳо низ мисли мо инсон мебошанд. Ва қадри инсонро танҳо инсон медонад. Бо вуҷуди фаъолияти шабонарӯзаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ёфт мешавад шахсоне, ки аз ҷоҳилию нодонӣ ва идора карда натавонистани худ даст ба зулму истисмор, лату кӯб, қатлу таҷовус ба номуси занҳо мезананд.

Яке аз сабабҳои дигари пош хурдани оила ин мудохила намудани шахсони наздик мебошад. Ба ин категорияи шахсон (падару модар, хусуру хушдоман, холаву тағо, бародару хоҳар ва дигар аъзоёни оила) дохил мешаванд. Оё ин гуруҳи шахсон дигар касбу коре надоранд, ки пайваста дар пайи озору бадбинӣ ва пошхӯрии оила мебошанд. Ба фикри худашон кори дуруст менамоянд. Ба ҷойи ба ҳам овардани тарафҳо онҳоро ба ҳам зид намуда, сабаби ҷудошавии ҳаёти осоиштаи ду навҷавон, аниқтараш наздикони хеш мегарданд.

Пас чаро мо сади роҳи ин гуна шахсон нашавем. Агар нашавем пас худамон гунаҳгорем. Имконияти ба ҳаёти шахсӣ ва оилавиамон ворид шуданро мо худ ба онҳо додем. Оё зиндагӣ чунин аст, ки шахси дигар мустақилияти моро соҳиб шавад. Аммо, чизи дигаре дар ин ҷо нуҳуфтааст, ки ин ҳам бошад, надоштани идеяи мустақили никоҳшавандагон дар масъалаҳои оилавӣ, паст будани маърифатнокӣ ва воқиф набудан аз ҳуқуқҳои худ мебошад.

Сабабҳои дигари пароканда шудани оилаҳо, ин никоҳ бо хешовандони наздик ва аз муоинаи тиббӣ нагузаштани никоҳшавандагон мебошад. Дар ҷомеа кам нестанд оилаҳое, ки аз рӯи нодонӣ ё дидаю дониста ба никоҳи хешовандони наздик иҷозат медиҳанд. Бо ин амалашон ҳаёти фарзанди худро зери хатар қарор медиҳанд ва ҳангоми пош хӯрдани оила худро гунаҳгор намеҳисобанд. Ва ҳеҷ намуди ҷавобгарӣ дар ҳаққи ин шахсон татбиқ намегардад. Ин ҳолатро бояд пешгирӣ намуд. Субъекти асосии ба ин бадбахтӣ мубтало гардидани фарзандону наздиконамон ин категорияи шахсон мебошанд. Онҳо идеяи худро ба дӯши ин ду навҷавон бор намуда, худро шахси хирадману оқил мепиндоранд. Ё ба истило: “Дар хона ки калон. Сухани ман як аст. Дигар аз фикрам намегардам. Хоҳ ё нохоҳ тӯй барпо мегардад. Ман қарорамро баровардам.”

- Оё ин амал дуруст аст?
- Не албатта.

Аммо, чи илоҷ, ки ин ду навҷавон дар шоҳроҳи зиндагӣ қадамҳои нахуст мегӯзоранд, ин ҳам бошад маҷбуран. Маълум аст, ки кори маҷбурӣ натиҷаи хуб

намедиҳад. Дар натиҷа, пас аз як сол ё ду соли оиладорӣ бо сабабҳои таваллуди фарзанди маъюб аксари ин оилаҳо пош мехӯранд. Дар натиҷа, аз ҳама бештар ин ду навҷавон зарар мебинанд, на хешовандони наздикашон. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ба волидайн, шахсони онҳоро ивазкунанда ва дигар хешовандони наздик (бобо ё бибӣ, бародарону хоҳарон, тағою амак ва холаю амма), ки ба чунин никоҳҳо иҷозат медиҳанд, ва ё шароит муҳайё менамоянд, ҷавобгариро сангинтар бояд намуд, то ибрати дигарон гардад.

Тибқи муқаррароти моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ақди никоҳ байни хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ, байни бародарону хоҳарони айнӣ ва ӯгай, байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар, байни тағо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян, байни шахсоне, ки аз як зан шир макидаанд) манъ аст. Инчунин, байни шахсоне, ки аз муоинаи тиббии ҳатмӣ нагузаштаанд, байни фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон, байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории рӯҳӣ ё сустақлиаш ғайри қобили амал эътироф кардааст, байни шахсоне, ки суд қобилияти амали яке аз онҳоро бо сабаби суиистеъмол намудан аз машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё дигар моддаҳои мадҳушкунанда маҳдуд намудааст [10]. Дар ин замина бояд қайд намуд, ки дар баъзе мавридҳо яке аз тарафҳои никоҳшаванда муқарраротӣ моддаи мазкурро дидаю дониста ба эътибор нагирифта, тарафи дигарро бо роҳи фиреб ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ба муносибатҳои оилавӣ розӣ мекунад. Чунин муносибатҳои оилавии бо роҳи фиреб бунёдшуда, заминаи хуб надошта, ба муноқишаҳои пай дар пайи ҳамсарон ва парокандашавии оила оварда мерасонад.

Дуруст аст, ки инсон дар ҳама маврид новобаста ба сину сол ва мақоми ишғолнамудааш ниёз ба насиҳат дорад. Насиҳати фардеро гӯш ва амалӣ намуд, ки ӯ худ ислоҳкор бошад. Мувофиқ будани гуфтор бо амал ба шунаванда таъсирбахш мебошад. Фарде, ки худ амали солеҳ надорад чи гуна дигаронро насиҳат менамояд. На ҳамаи наздиконамон ба мо дӯст ва душман мебошанд. Ин ҷо сухан дар хусуси ахлоқ, дониш, тафаккур ва рафтори наздиконамон меравад. Пас, насиҳати наздиконамонро гӯш дода, мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ амал намудан беҳтар аст.

Оре, хуб мешуд, ҷавонони мо низ дар муносибатҳои оилавӣ мушкилоте, ки ба сарашон меояд шахсан худашон таҳлил намуда, аз калонсолон маслиҳат пурсида, пасон ба қароре оянд. Ҷудо шудан аз зану фарзандон кори хуб нест, аммо онҳоро тарбият кардан ва ҳамзистии якҷоя беҳтарин амали солеҳ мебошад. Чаро ҳамсар ва фарзандони худро бесаробон монем. Оё, сабр кардан дар мушкилот хуб аст ё ҷудоӣ? Худ қазоват кунед, ки кадоме аз ин амалҳо натиҷаи мусбӣ медиҳад, кадом манфӣ. Гуноҳи шахсро нодида бовар кардан мушкил аст, аммо шунидаатро таҳлил ва санҷиш намудан ҳатмист. Дар урфият гуфтаанд: Шунидан кай бувад монанди дидан.

Бояд қайд намуд, ки аксари муноқишаҳои оилавӣ, танбеҳу сарзаниш дар байни ҳамаи аъзои оила ба вуҷуд омада, ин ҳолат боиси авҷ гирифтани низоъи оилавӣ мегардад. Бо дарназардошти чунин ҳолатҳо хуб мешуд, ин бархӯрдҳо танҳо дар муҳити ҳамсарон ҳалли хешро ёбад. Зеро, дар ҳузури аъзоёни оила сарзаниш ва дигр суханҳои таҳқиромез ва пасткунандаи шаъну шарафи ҳамсарон ё аъзои оилаи онҳо боиси хусумату бадбинии тарафайн, тарбияи нодурусти фарзандон ё ба парокандашавии оилаҳо оварда мерасонад. Танзими ҳуқуии низоъҳои оилавӣ ҳамеша ба манфиати оила, пойдориву мустаҳкамии он мусоида намуда, дар

тарбияи фарзандон ва бунёди ҷомеъаи солиму созанда замина мегузорад. Ҳама намуди низоъҳо роҳи ҳалли хешро доранд. Дар низоъҳои оилавӣ бошад, роҳи ҳалли маъмул ин пеш аз ҳама дар самимият, дӯст доштан ва эҳтироми ҳамсарон ва дигар аъзоёни оила ифода меёбад.

**Муқарриз: Аламшозода Ф.А. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**


1. Аҳророва Г.У. Расму оинҳои миллӣ ва роҳҳои равонии пешгирии парокандашавии оилаҳои ҷавон // Ташаккули илми равоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи умумиҷаҳонии равоншиносон (22-юми ноябри соли 2023) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобохонов Ф.А. – Душанбе, 2023. – 376с.

2. Ашуров М.Қ. Низоъшиносии ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе. «Сино» – 2011. – 446с.

3. Давлатов, Н.М. Сабабҳои пошхӯрии оилаҳои ҷавон ва роҳҳои ҳуқуқии пешгирии онҳо / Н.М. Давлатов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. No. 2(18) – С. 141-149.

4. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (Санаи муроҷиат: 11.02.2026).

5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (Санаи муроҷиат: 01.02.2026).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” аз 19 марти соли 2013 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (Санаи муроҷиат: 02.02.2026).

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.01. 2015.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.12. 2019.

9.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021.

10. Семейый кодекс Российской Федерации принят 29 декабрия 1995 г. [Электронный ресурс]. Режим доступа:http://pravo.gov.ru/ (Дата обращения: 14.02.2026).

11. Х. Раҳимзода. Ш. Ёрмаҳммадзода, Л. Назарова. Н. Амонов. Маърифати оиладорӣ. – Душанбе, Маориф, 2015. – 192с.

12. Худойдодзода Ф. Б., Одинаев Б. А., Тағдиров А. У. Таъмини суботи сиёсӣ дар рушди фаъолияти босамари бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2021. № 4, – С. 125-134.

13. Шарифзода Ф. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим. – Душанбе, 2020. – 484с.

14. Шимин Н.Д. Метельская К.С. О ценности современной! семьи // Новые идеи в философии / Н.Д. Шимин [Текст]. – Пермь, 2007. – Выт 16. – С. 293- 294.

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НИЗОЪҲОИ ОИЛАВӢ

Масъалаи танзими ҳуқуқии низоъҳои оилавӣ дар шароити имрӯз яке аз масъалаҳои мубрам дониста шуда, масъулияти баландро аз ҳар як фард талаб мекунад. Давлат баҳри пойдорӣ ва устувории оилаҳо тамоми имконият ва шароитҳоро муҳайё намудааст. Новобаста аз ин ҳама имконияту шароитҳо ёфт мешаванд оилаҳое, ки дар ҳалли муносибатҳои оилавӣ ба рафтори дағалона, суханҳои таҳқиромез ва ҳатто баъзе ба лату куби ҳамсару фарзандон даст мезананд. Дар натиҷаи чунин рафтори ношоиста оилаҳо пароканда ва фарзандон аз таълиму тарбия дур мемонанд. Танзими ҳуқуии низоъҳои оилавӣ ҳамеша ба манфиати оила, пойдориву мустаҳкамии он мусоида намуда, дар тарбияи фарзандон ва бунёди ҷомеъаи солиму созанда замина мегузорад. Ҳама намуди низоъҳо роҳи ҳалли хешро доранд. Дар низоъҳои оилавӣ бошад, роҳи ҳалли маъмул ин пеш аз ҳама дар самимият, дӯст доштан ва эҳтироми ҳамсарон ва дигар аъзоёни оила ифода меёбад.

**Калидвожаҳо:** низоъ, танзими ҳуқуқӣ, низоъҳои оилавӣ, ҳамсарон, фарзандон, таълим, тарбия, оила, ҳуқуқ, давлат.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ СЕМЕЙНЫХ КОНФЛИКТОВ

В современных условиях вопрос правового регулирования семейных конфликтов считается одной из актуальных проблем и требует высокой ответственности от каждого человека. Государство создало все возможности и условия для обеспечения прочности и стабильности семей. Несмотря на это, встречаются семьи, которые при решении семейных отношений прибегают к грубому поведению, оскорбительным словам и даже к избиению супругов и детей. В результате таких недостойных поступков семья распадается, а дети лишаются полноценного воспитания и образования. Правовое регулирование семейных конфликтов всегда направлено на защиту интересов семьи, её прочности и стабильности, а также способствует воспитанию детей и формированию здорового и созидательного общества. Любой конфликт имеет своё решение. В семейных конфликтах главным способом их разрешения прежде всего являются искренность, любовь и взаимное уважение супругов и других членов семьи.

**Ключевые слова:** конфликт, правовое регулирование, семейные конфликты, супруги, дети, обучение, воспитание, семья, право, государство.

## LEGAL REGULATION OF FAMILY CONFLICTS

The issue of legal regulation of family disputes in modern conditions is considered one of the pressing problems and requires a high level of responsibility from every individual. The state has created all necessary opportunities and conditions to ensure the stability and strength of families. Despite these opportunities, there are families where, in resolving domestic issues, rude behavior, insulting words, and even physical violence against spouses and children are allowed. As a result of such improper actions, families break apart and children are deprived of proper education and upbringing. The legal regulation of family disputes always serves the interests of the family, contributing to its stability and strength, as well as to the upbringing of children and the formation of a healthy and constructive society. Every conflict has its solution. In family disputes, the primary means of resolution are sincerity, love, and mutual respect between spouses and other family members.

**Key words:** conflict, legal regulation, family conflicts, spouses, children, education, upbringing, family, low, state.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатзода Насимҷон Маҳмадҷон** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири шуъбаи магистратура. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 933-888-844. E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru

**Сведения об автор: Давлатзода Насимджон Махмадджон** – Таджикский педагогического института в Раштском районе, заведующий отдела магистратуры. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 933-888-844. E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru

**Information about author: Davlatzoda Nasimjon Mahmadjon** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, head of the masters department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin – 63. Phone: (+992) 933-888-844. E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru

**ТДУ: 347.51**

# ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ: АЗ ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МАВҶУДА ТО ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ

**Шодизода Н.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Масъалаи такмил додани қонунгузории ҷумҳурӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ баҳри боз ҳам дар сатҳи беҳтар танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷиноят ва ҷазо равона гардида, яке аз вазифаҳои муҳимми ҳар як давлати соҳибистиқлол мебошад. Дар давлати ҳуқуқбунёд бо рушди муносибатҳои иҷтимоӣ зарурати такмили қонунгузорӣ ба миён меояд, ки татбиқи ин вазифа соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро низ фаро мегирад. Тавре Т.Ш. Шарипов қайд менамояд барои фаъолияти эътиноии мақомоти давлатӣ дар муқобили болоравии нишондодҳои ҷиноятгорӣ дар кишвар самараи дилхоҳ диҳад он бояд устувору бардавом буда, саривақт такмил дода шавад. Такмили саривақтӣ ва илман асоснокёфтаи қонунгузории ҷиноятӣ дар марҳалаи ҳозира яке аз қисмҳои таркибии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии давлат мебошад [14, с. 113].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар ҶТ такмили қонунгузории ҷиноятӣ бо суръат идома дошта, дар ин раванд ҳам олимони соҳаи ҳуқуқ ва ҳам намояндагони мақомотҳои давлатӣ, алалхусус мақомоти қонунгузор фаъолона саҳмгузорӣ карда истодаанд. Таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ исбот намудааст, ки мутаассифона мо аксаран ба қонунгузории кишварҳои хориҷӣ бештар такя менамоем. Ҳол он ки мо аз нигоҳи базаи илмӣ чунин олимони соҳибтаҷрибаеро дорем, ки меъёрҳои санадҳои ҳуқуқиро мустақилона, мувофиқ ба фарҳангу таҷрибаи миллӣ эҷод намоянд. Дар ин хусус олимони ватанӣ дуруст қайд намудаанд, ки дар ҶТ шуруъ аз соли 1991 то соли 2023 зиёда аз 60 рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ ҳимоя гардидаанд ва мо бояд ин иқтидори бузурги илмиро истифода бурда, сирф модели миллии КҶ ҶТ худро омода созем [3, с. 260].

Ҳақ ба ҷониби Т.Ш. Шарипов мебошад, ки чунин қайд намудааст: «дар давоми муҳлати зикршуда ҳамзамон ноқисиҳои КҶ ҶТ амалкунанда ошкор карда шуд ва ин табиист, чунки ҳамагуна қонун ҳатто қонуни мукаммалтарин, агарчӣ дар лаҳзаи қабул шуданаш ба ноқисиҳо мувоҷеҳ нашуда бошад ҳам, вале минбаъд метавонад ба он рӯ ба рӯ шавад» [14, с. 113]. Ба андешаи У.А. Азиззода, «ҷараёни такмили қонунгузории ҷиноятӣ табиӣ буда, минбаъд низ он давом мекунад, зеро амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ноқисиҳо ва норасоиҳои онро ошкор месозад. Худи ҷараёни инкишофи ҷомеа, хусусан тағйир ёфтани сохтори ҷинояткорӣ дар ҷаҳон аз мақомоти қонунгузор эътинои оҷилиро дар самти муқовимат ба чунин як зуҳуроти номатлуб талаб менамояд» [1, с. 299-300]. Бинобар ин, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ин як раванди маъмулӣ ва табиӣ буда, аз пешрафти ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

Муҳаққиқони ватанӣ андешаҳои олимони соҳаи ҳуқуқшиносиро асос гирифта, бо далелҳои асоснок нишон додаанд, ки қонунгузории ҷиноятӣ ба такмилу таҳрири бештар ниёз дорад ва таҳияи лоиҳаи он дар шакли таҳрири нав амри зарурӣ мебошад. Таҳқиқоти муаллифон нишон медиҳад, ки ворид кардани тағйиру иловаҳои зиёд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намекунад, баръакс, чунин амал эътибори меъёрҳои онро коста гардонида, дарки мазмуну моҳияти онҳоро мушкилу мураккаб мегардонад [6, с. 238].

И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов, Т.М. Ғайратов дар хусуси такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла такмили лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ таҳқиқоти васеъ бурда, як қатор хулоса ва тавсияҳои судмандро пешниҳод намудаанд, ки дар мукаммал гардонидани Кодекси ҷиноятии қабулшаванда ва умуман қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, ҷиҳати пеш наомадани зиддият бо қабули Кодекси нави ҷиноятӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КИҶҶ ва КМҶ ба модели КҶ Олмон ва Фаронса таваҷҷуҳ намудан беҳтар аст; ҳар як ислоҳоти қонунгузорӣ бе назардошти муқаррароти муқарраршудаи доктринаи ҳуқуқӣ ногузир боиси носозгории он мегардад. Дар муқоиса бо Қисми махсуси КҶ ҶТ, меъёрҳои Қисми умумии КҶ ҶТ ба тағйиру иловаҳо камтар дучор мешаванд. Аммо ҳама гуна камбудиҳо, ихтилофҳо ва носаҳеҳиҳо дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ хусусияти системавиро гирифтаанд ва дар амалияи татбиқи ҳуқуқ боиси мушкилоти зиёд мегарданд; ба гурӯҳи корӣ ворид намудани доираи васеи олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва монанди инҳо [3, с. 261]. Ба андешаи мо, пеш аз қабули лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ беҳтар аст, ки эродҳои олимон дар ин бахш мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор дода шаванд. Зеро самаранокии такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар бартараф кардани нуқсонҳои он ва татбиқи дурусти он ифода меёбад.

Самаранокии татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз шаклҳо, усулҳо ва тарзу воситаҳои мухталиф иборат буда, он на танҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар доираи таҳқиқоти илмӣ низ муайян карда мешаванд. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ имконият фароҳам меорад, ки вазифаҳои дар назди сиёсати мазкур гузошташуда амалӣ гардида, ба натиҷаҳои судманд бурда расонад [15, с. 129].

Такмили қонунгузории ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, тағйир додани ҳаҷм, хусусият ва сохтори меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ, ба низом даровардани онҳоро дар назар дорад. Ин ҷараён бояд низомнок бошад, хусусияти мураккаб, алоқаи табиии ҳамаи самтҳо ва шаклҳои зуҳуротро дошта бошад. Зарурати такмил додани қонунгузорӣ вобастагии табииро аз талаботи амалия ифода мекунад [11, с. 54].

Мавриди зикр аст, ки такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ тағйироти қатъии муайяншударо ҳам дар меъёрҳои алоҳидаи он ва ҳам маҷмуи онҳоро дар назар дорад. Афзалияти ин равандро моҳият ва вазифаҳои иҷтимоии онҳо ифода менамояд. Онҳоро равандҳои мушахаси таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ, маънавии ҷамъият, зиддиятҳо ва принсипҳои он муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, танзими муносибатҳои ҷиноятӣ танҳо бо қабули Кодекси ҷиноятӣ самаранокии онро нишон намедиҳад. Барои ин, санади қабулгардида бояд пайваста мавриди такмилдиҳӣ қарор дода шавад, то ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамқадам бошад. Бо ин мақсад, ҶТ санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул намуд, ки дар миёни онҳо Консепсияи сиёсати қонуни ҷиноятии ҶТ ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Маълум аст, ки санадҳои мазкур дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ нақши калон гузоштаанд.

Оид ба такмили қонунгузории соҳавӣ дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ муҳақққони зиёди ватанӣ андешаронӣ ва масъалагузорӣ кардаанд. Аз ҷумла, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки такмили қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба самаранокии татбиқи ҷавобгарии маданӣ мусоидат мекунад [12, с. 101; 13, с. 135]. Дар ин хусус бисёре аз муҳаққиқони ватанӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, хулосаю тавсияҳои судманди илмиро, ки ба такмили қонунгузории маданӣ боис мегарданд, изҳор доштаанд. Аз ҷумла, Ф.А. Аламшозода масъалаи ҳифзи саломатӣ ва туҳмату таҳқирро таҳқиқ намуда, барои такмили қонунгузории ҷиноятию маданӣ хулосаҳои боарзиши илмӣ пешниҳод намудааст [2, с. 112]. Дар хусуси криминализатсия ва декриминализатсияи туҳмату таҳқир муҳаққиқи ватанӣ З.Х. Зокирзода низ изҳори назар карда, хулосаҳои илман асоснок манзур кардааст, ки баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти туҳмат ва таҳқир мусоидат менамоянд [4, с. 15-25; 5, с. 207-214]. Умуман, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар қонунгузории миллии амалкунанда дар бахши ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳануз масъалаҳои зиёди ҳалталаб ҷой доранд, ки таҳқиқоти алоҳидаро талаб мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки дар самти муқовимат бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда дар баробари қонунгузории ҷиноятӣ нақши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қонунигардонии (барасмиятдаровардани) даромадҳое, ки бо роҳи ҷинояткорона ба даст оварда шудаанд ва сармоягузории терроризм» аз 26 марти соли 2011 ниҳоят калон аст. Аммо таҳлили ин Қонун нишон медиҳад, ки он бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат дошта, механизми таъмини амалишавии он пурра муқаррар карда нашудааст.

Аввалан, номутобиқатии мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ки дар сархати 2 м. 1-и Қонун «Дар бораи қонунигардонии (барасмиятдаровардани) даромадҳое, ки бо роҳи ҷинояткорона ба даст оварда шудаанд ва сармоягузории терроризм» бо м. 262 КҶ ҶТ. Ин ҳолат ба духурагии фаҳмиши як меъёр оварда мерасонад ва дар таҷриба мушкилиҳои зиёдро ба миён меоварад.

Дуюм, нодуруст ифода ёфтани мафҳуми даромадҳои бо роҳи чиноят ба дастовардашуда. Мутобиқи сархати 1 м. 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷинояткорона бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» - даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда – маблағҳои пулӣ ё дигар

молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок қабл аз қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо ба даст оварда шудаанд [8]. Аммо мутобиқи қ. 1 м. 17 КҶ ҶТ ҷиноят ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки ҳамин Кодекси ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст [7]. Вале дар мафҳуми даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда танҳо як аломати ҷиноят - ба ҷамъият хавфнокии он зикр шуда, дигар аломатҳои он зиддиҳуқуқӣ, гунаҳкорона ва таҳти татбиқи ҷазо манъ гаштани он зикр нашудаст. Барои бартараф намудани ин саҳви ҳуқуқӣ зарур аст, ки сархати 1 м. 1-и Қонун «Дар бораи қонунигардонии (барасмиятдаровардани) оид ба даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноятчорона ба даст оварда шудаанд ва сармоягузории терроризм» дар таҳрир зайл ифода карда шавад: «-даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда – маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани ҷинояти қабл аз қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо ба даст оварда шудаанд».

Сеюм, маблағҳои мушахаси пулие, ки дар м. 6-и Қонун истифода карда шудаанд, бояд аз руи нишондиханда барои ҳисобҳо муқаррар карда шаванд. Чунки мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» аз 5 январи соли 2008, ҳисоб кардани ин ё он бузургии арзишӣ (ҳадди поёнӣ ё болоӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқарар карда мешавад.

Чорум, дар қ. 7 эзоҳ ба м. 262 КҶ ҶТ меъёри мурофиавӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва дигар молу мулке, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, бо тартиби пешбининамудаи м. 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд. Ин ҳолат ба вайрон кардани низоми қонунгузории ҷиноятӣ, ки он қонунгузории моддӣ мебошад, оварда мерасонад. Моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ механизми далели шайъӣ эътироф намудани маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулкро муқаррар намуда, ба фоидаи давлат ё дигар соҳибмулкон гузаронидани онҳоро низ пешбинӣ кардааст. Ҳамин тавар, иловатан пешбинӣ намудани он дар қонунгузории ҷиноятӣ зарурат надорад.

Мавриди зикр аст, ки дар шароити муосир терроризм яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Паҳн гардидани ғояҳои ифротӣ, истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ ва ҷалби шаҳрвандон ба фаъолияти террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки мубориза бар зидди чунин зуҳурот танҳо бо усулҳои анъанавӣ самарабахш буда наметавонад. Аз ин рӯ, давлатҳо пайваста қонунгузории худро дар самти муқовимат ба терроризм такмил медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт сиёсати фаъолро амалӣ намуда, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намудааст. Аз ҷумла, қонуни махсус дар бораи муқовимат ба терроризм заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандонро дар ин самт муайян менамояд. Бо вуҷуди ин, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдо шудани шаклҳои нави таҳдид ва таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки баъзе меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ба такмил ниёз доранд. Аз ҳамин сабаб, масъалаи мукаммалгардонии қонунгузорӣ барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди терроризм ва пешгирии паҳншавии идеологияи экстремистӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Яке аз мушкилоти муҳим дар мубориза бо терроризм радикализатсияи шахсони алоҳида, махсусан ҷавонон мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати воситаҳои иттилоотӣ ғояҳои ифротӣ метавонанд бо суръати

баланд паҳн шаванд. Гурӯҳҳои террористӣ аксар вақт аз мушкилоти иҷтимоӣ, норасоии иттилооти дуруст ва сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии баъзе қишрҳои ҷомеа истифода бурда, шахсонро ба фаъолияти ғайриқонунӣ ҷалб менамоянд. Дар чунин шароит пешгирии радикализм яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории амалкунанда мафҳуми радикализм мустақиман муайян карда нашудааст. Набудани чунин мафҳум метавонад дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ баъзе мушкилот ба вуҷуд орад, зеро барои татбиқи чораҳои пешгирикунанда пеш аз ҳама муайян намудани мафҳум ва моҳияти ин падида муҳим мебошад. Аз ин рӯ, ворид намудани мафҳуми радикализим ба қонун имкон медиҳад, ки раванди ташаккули ғояҳои ифротӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дуруст муайян гардида, чораҳои пешгирии он самараноктар амалӣ карда шаванд.

Таҷрибаи бисёр давлатҳо нишон медиҳад, ки мубориза бар зидди терроризм танҳо бо усулҳои ҷазодиҳӣ маҳдуд шуда наметавонад. Чораҳои пешгирӣ, аз ҷумла корҳои фаҳмондадиҳӣ, барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши муҳим доранд. Хусусан ҷавонон ба таъсири идеологияи ифротӣ бештар осебпазир мебошанд. Бинобар ин, татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ барои пешгирии радикализм аҳаммияти махсус дорад. Ин гуна барномаҳо метавонанд ба ташаккули ҷаҳонбинии солим, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва таҳкими ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат намоянд.

Аз ин рӯ, муқаррар намудани чунин чораҳо дар қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои дахлдор дар самти пешгирии терроризм муттаҳид ва ҳамоҳанг карда шавад.

Дар даҳсолаҳои охир фазои иттилоотӣ ба яке аз воситаҳои асосии паҳншавии идеологияи террористӣ табдил ёфтааст. Гурӯҳҳои ифротӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳо ва дигар воситаҳои рақамӣ барои таблиғ, ҷалби тарафдорон ва ҳамоҳангсозии фаъолияти худ истифода мебаранд. Паҳн гардидани чунин иттилоот метавонад ба амнияти ҷомеа таъсири манфӣ расонад ва ба ташаккули ақидаҳои ифротӣ дар байни баъзе шаҳрвандон мусоидат намояд. Бинобар ин, масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти интернетӣ дар самти пешгирии терроризм аҳаммияти муҳим пайдо мекунад.

Ворид намудани меъёрҳое, ки ба мақомоти ваколатдор имконият медиҳанд дастрасӣ ба захираҳои интернетии тарғибкунандаи терроризмро маҳдуд намоянд, метавонад як воситаи муҳими ҳифзи амнияти иттилоотии давлат гардад. Ҳамзамон, чунин чораҳо бояд бо риояи талаботи қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон амалӣ карда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки рушди технологияҳои муосир имкониятҳои навро барои пешгирӣ ва ошкор намудани амалҳои террористӣ фароҳам меорад. Системаҳои назорати видеоӣ, мониторинги рақамӣ ва дигар воситаҳои техникӣ метавонанд ба таъмини амнияти объектҳои муҳимми давлатӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ мусоидат намоянд. Дар бисёр кишварҳо истифодаи чунин технологияҳо қисми муҳимми сиёсати амниятӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо имкон медиҳанд, ки таҳдидҳо сари вақт муайян гардида, чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Аз ин рӯ, ворид намудани меъёрҳои дахлдор ба қонунгузорӣ метавонад заминаи ҳуқуқиро барои истифодаи васеи технологияҳои муосир дар самти муқовимат ба терроризм фароҳам оварад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати зиддитеррористӣ барқарорсозии иҷтимоии шахсоне мебошад, ки аз фаъолияти террористӣ зарар дидаанд ё аз чунин фаъолият даст кашидаанд. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки барномаҳои реабилитатсионӣ ва мутобиқсозии иҷтимоӣ метавонанд ба пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ мусоидат намоянд. Ин гуна барномаҳо одатан машваратҳои равонӣ, дастгирии иҷтимоӣ, омӯзиши касбӣ ва дигар чораҳоро дар бар мегиранд. Мақсади асосии онҳо баргардонидани шахс ба ҳаёти муқаррарии ҷомеа ва пешгирии таъсири минбаъдаи идеологияи ифротӣ мебошад. Аз ин рӯ, муқаррар намудани чунин механизмҳо дар қонунгузорӣ метавонад ба таҳкими сиёсати давлатӣ дар самти барқарорсозии иҷтимоӣ ва ҳифзи амнияти ҷомеа мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм ворид намудани як қатор бандҳо ва қисмҳо дар моддаҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо терроризм» [10] ва Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» [9] зарур мебошад. Аз ҷумла муайян намудани мафҳуми радикализм, таҳкими чораҳои пешгирии иҷтимоӣ, танзими ҳуқуқии фазои иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани барномаҳои реабилитатсионӣ метавонанд ба такмили заминаи ҳуқуқии муқовимат ба терроризм ва экстремизм мусоидат намоянд.

Амалӣ намудани чунин тадбирҳо имкон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар ин самт боз ҳам самаранок гардида, амнияти ҷомеа ва давлат ҳифз карда шавад. Ҳамзамон, такмили доимии қонунгузорӣ бояд бо назардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ идома дода шавад.

Зимни баррасии масъалаи проблемаҳои такмили қонунгузории ҶТ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ чунин хулосаҳоро ироа менамоем:

1. Такмили қонунгузории ҷиноятӣ оқибатҳои зиёди мусбӣ дошта, ба пешбурди демократия дар соҳаи ҳуқуқ ва давлат мусоидат мекунад; амнияти шахс, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин, ҷомеа ва давлатро аз таҳдидҳои марбут ба ҷинояткорӣ таъмин хоҳад кард; муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ ва манфиатҳои давлатро дар дохил ва хориҷ муҳофизат хоҳад кард; ба кам кардани сатҳи шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад; заминаи оптималӣ ва одилонаи низоъе, ки дар натиҷаи ҷиноят ба вуҷуд омадааст, кӯмак карда метавонад. Бояд зикр намуд, ки лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ дорои паҳлуҳои мусбӣ ва манфӣ мебошад. Зеро аз як тараф бисёре аз меъёрҳо, мазмун ва сохтори он мувофиқ ба талаботи замони муосир нав карда шудаанд. Аммо, аз тарафи дигар баъзе меъёрҳои он ҳанӯз ба такмилдиҳӣ ниёз доранд. Агар лоиҳаи мазкур қабул карда шавад, он гоҳ зарурат пеш меояд, ки чунин кодекси амалкунанда ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки пеш аз қабул гардиданаш хуб мавриди омӯзишу такмилдиҳӣ қарор гирифта, сонияи ҳамчун як санади мукаммал қабул карда шавад.

2. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тағйиру иловаҳои зиёд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ аз як тараф тавонад мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, баръакс эътибори меъёрҳои онро коста гардонида, мазмуну моҳияти онҳоро мураккаб менамоянд. Зеро аз як тараф аз қабули он солҳои зиёд гузашта, меъёрҳои он кӯҳна гардидаанд ва аз тарафи дигар дар натиҷаи тағйиру иловаҳои зиёд

меъёрҳои он ҷозибаи худро гум кардаанд. Бо ин назардошт зарурати қабули Кодекси нави ҷиноятӣ пеш омадааст.

3. Дар асоси таҳлили меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба терроризм» (2021) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (2020) метавон пешниҳод намуд, ки барои такмили қонунгузорӣ тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

**- ба м. 1 (Мафҳумҳои асосӣ)** банди нави **15)** илова карда шавад: «радикализатсия – раванди ташаккули ақидаҳо ва эътиқодҳое мебошад, ки шахсро ба дастгирӣ, сафедкунӣ ё иштирок дар фаъолияти экстремистӣ ё террористӣ водор месозанд»;

**- ба қ. 2 м. 6 (Пешгирӣ намудани фаъолияти террористӣ)** банди нави **5)** илова карда шавад: «татбиқи барномаҳои давлатии пешгирии радикализатсия, махсусан дар байни ҷавонон, тавассути муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ»;

**- ба қ. 1 м. 9** (Мақсадҳои муқовимати иттилоотию таблиғотӣ ба терроризм ва уҳдадории мақомоти давлатӣ дар амалигардонии он) банди нави **6)** илова карда шавад: «пешгирии паҳншавии идеологияи терроризм дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои фазои рақамӣ»;

**- ба қ. 2 м. 12 (Роҳ надодан ба истифодаи шабакаҳои алоқа барои амалигардонии фаъолияти террористӣ)** илова карда шавад: «мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ дастрасӣ ба захираҳои интернетиро, ки терроризмро тарғиб мекунанд ё барои ҷалби шахсон ба фаъолияти террористӣ истифода мешаванд, маҳдуд намоянд»;

**- ба қ. 1 м. 15** (Уҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ташкилотҳои дигар ва шахсони воқеӣ дар ҳимояи объектҳои таҳдиди террористӣ) банди нав илова карда шавад: «истифодаи технологияҳои муосири амниятӣ, аз ҷумла системаҳои назорати видеоӣ, системаҳои огоҳии бармаҳал ва дигар технологияҳои иттилоотӣ барои пешгирии таҳдидҳои террористӣ»;

**- ба қ. 4 м. 35 (Барқарорсозии иҷтимоии шахсони воқеӣ, ки дар натиҷаи амали террористӣ зарар дидаанд)** қисми нав илова карда шавад: «барқарорсозии иҷтимоӣ метавонад барномаҳои реабилитатсионӣ ва мутобиқсозии иҷтимоиро барои шахсоне, ки аз фаъолияти террористӣ даст кашидаанд ва ба ҳаёти муътадили ҷомеа баргаштан мехоҳанд, дар бар гирад»;

**- ба қ. 1 м. 5 (Принсипҳои муқовимат ба экстремизм)** банди нав илова карда шавад: «бартарияти чораҳои пешгирикунанда ва маърифатӣ дар муқовимат ба паҳншавии идеологияи экстремистӣ»;

**- ба қ. 2 м. 8 (Пешгирии фаъолияти экстремистӣ)** банди нав илова карда шавад: «татбиқи барномаҳои давлатии пешгирии радикализатсия, махсусан дар байни ҷавонон, тавассути муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ»;

**- м. 21(1) (Ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ)** илова карда шавад: «мақомоти давлатӣ метавонанд бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои таълимӣ ва воситаҳои ахбори омма барои гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ ва пешгирии паҳншавии идеологияи экстремистӣ ҳамкорӣ намоянд».

**Муқарриз: Аламшозода Ф.А. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1.Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография [Текст] / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 368 с.

2.Бобохонов, Ф. А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ: Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А. / Ф. А. Бобохонов. – Душанбе : ҶДММ Ашуриён, 2024. – 216 с.

3.Бобоҷонзода, И.Ҳ., Қудратов, Н.А., Ғайратов, Т.М. Баъзе масъалаҳои такмили қисми умумии лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов, Т.М. Ғайратов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №2/2 (47). – С. 254-262.

4.Зокирзода, З. Х. Криминализация и декриминализация клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан / З. Х. Зокирзода, Ф. А. Бобохонов // Правовая позиция. – 2021. – № 9(21). – С. 15-25.

5.Зокирзода, З. Х. Некоторые вопросы криминализации и декриминализации клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан / З. Х. Зокирзода, Ф. А. Бобохонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 3. – С. 207-214.

6.Зокирзода, З. Х. Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ / З. Х. Зокирзода, Н. М. Шодизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 11. – P. 232-239. – С. 238.

7.Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998. [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби дохилшавӣ: URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 20.11.2020).

8.Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷинояткорона бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 25.03.2011 № 684. [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон. Тартиби дохилшавӣ: URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 20.01.2020).

9.Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 02.01.2020, №1655 [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон. Тартиби дохилшавӣ: URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 16.03.2026).

10.Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо терроризм» аз 23.12.2021, №1808 [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби дохилшавӣ: URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 16.03.2026).

11.Рубченко, А.Н. О совершенствовании уголовного законодательства, предусматривающего ответственность за злостное уклонение от уплаты средств на содержание детей или нетрудоспособных родителей [Текст] / А.Н. Рубченко // Вестник Челябинского государственного университета. – 2011. – №35 (250). – С. 54-57.

12.Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ / З. Х. Зокирзода, Ф. А. Бобохонов, Н. М. Давлатов [et al.]. – Ашуриён. – Душанбе: Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, 2022. – 256 с.

13.Ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ / Ф. А. Азимов, И. И. Алиев, Ф. А. Бобохонов [et al.]. – Ашуриён. – Душанбе: Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, 2024. – 288 с.

14.Шарипов, Т.Ш. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – № 3. – С.110-122.

15.Шодизода, Н. М. Такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н. М. Шодизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – No. 4. – P. 128-142.

## ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ: АЗ ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МАВҶУДА ТО ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Дар мақола масъалаҳои мубрами ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф вазъи мавҷудаи танзими ҳуқуқиро таҳлил намуда, норасоиҳои қонунгузории амалкунандаро дар ин самт ошкор намуда, ҷиҳати мукаммалгардонии онҳо хулосаҳо тавсияҳои илман асоснок манзур кардааст. Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи ҷавобгарӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шуда, диққати асосӣ ба ҷустуҷӯи роҳҳои нави такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ ва волоияти қонун нигаронида шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тағйиру иловаҳои зиёд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ аз як тараф тавонад мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, баръакс эътибори меъёрҳои онро коста гардонида, мазмуну моҳияти онҳоро мураккаб менамоянд. Зеро аз як тараф аз қабули он солҳои зиёд гузашта, меъёрҳои он кӯҳна гардидаанд ва аз тарафи дигар дар натиҷаи тағйиру иловаҳои зиёд меъёрҳои он ҷозибаи худро гум кардаанд. Бо ин назардошт зарурати қабули Кодекси нави ҷиноятӣ пеш омадааст.

**Калидвожаҳо:** ҷавобгарии ҳуқуқӣ, такмил, таҳлил, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии маданӣ, тағйиру иловаҳо, қонунгузорӣ.

## ЮРИДИЧЕСКАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ: ОТ АНАЛИЗА ТЕКУЩЕЙ СИТУАЦИИ ДО СОВЕРШЕНСТВУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

В статье рассматриваются актуальные вопросы правовой ответственности в современных условиях. Автор анализирует текущее состояние правового регулирования, выявляет недостатки действующего законодательства в этой области и дает научно обоснованные рекомендации по их совершенствованию. В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты применения ответственности в законодательстве Республики Таджикистан, с акцентом на поиск новых путей совершенствования правовой базы в целях обеспечения социальной справедливости и верховенства права. Исследование показывает, что многочисленные поправки и дополнения к уголовному законодательству, с одной стороны, могут способствовать совершенствованию правовой базы, с другой стороны, наоборот, снижают актуальность его норм и усложняют их содержание и сущность. Это связано с тем, что, с одной стороны, с момента принятия закона прошло много лет, и его нормы устарели, а с другой стороны, в результате многочисленных поправок и дополнений, его нормы утратили свою

привлекательность. В связи с этим возникла необходимость принятия нового Уголовного кодекса.

**Ключевые слова:** юридическая ответственность, совершенствование, анализ, уголовная ответственность, гражданская ответственность, поправки, законодательство.

## LEGAL RESPONSIBILITY: FROM ANALYSIS OF THE CURRENT SITUATION TO IMPROVEMENT OF LEGISLATION

This article examines current issues of legal liability in the modern context. The author analyzes the current state of legal regulation, identifies shortcomings in current legislation in this area, and provides evidence-based recommendations for improvement. The article examines the theoretical and practical aspects of the application of liability in the legislation of the Republic of Tajikistan, with an emphasis on finding new ways to improve the legal framework to ensure social justice and the rule of law. The study shows that numerous amendments and additions to criminal legislation, while on the one hand, may contribute to improving the legal framework, on the other, they reduce the relevance of its provisions and complicate their content and essence. This is due to the fact that, on the one hand, many years have passed since the law's adoption, making its provisions outdated. On the other hand, as a result of numerous amendments and additions, its provisions have lost their appeal. Therefore, the need arose for the adoption of a new Criminal Code.

**Key words:** legal liability, improvement, analysis, criminal liability, civil liability, amendments, legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, факултети таърих ва ҳуқуқ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988479647. E-mail: shodizoda9595@mail.ru

**Сведения об автор: Шодизода Наджибулло Махмадризо** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, факультет истории и права, старший преподаватель кафедры права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988479647. E-mail: shodizoda9595@mail.ru

**Information about author: Shodizoda Najibullo Mahmadrizo** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, Faculty of History and Law, Senior Lecturer of the Department of Law and Public Administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Street. Phone: (+992) 988479647. E-mail: shodizoda9595@mail.ru

ТДУ: 341.6,

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БАҲСҲОИ МАРЗӢ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН АЗ НИГОҲИ ТАЪРИХ

**Муқимӣ С.Д.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Таърихи марзбандии ҳудуди Тоҷикистон бо Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар замони шӯравӣ Ғояи татбиқи тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, таъсиси ҷумҳуриҳои миллии шӯравӣ ва вилоятҳои мухтор дар Осиёи Миёна аз доираи роҳбарияти олии Иттиҳоди Шӯравӣ сарчашма гирифта, яке аз амалҳои муҳимми таърихӣ ба ҳисоб меравад. Масъулияти иҷрои тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ба зиммаи Кумитаи марказии ҳудудии Бюрои Осиёи Миёнаи Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Россия оид ба тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна гузошта шуд. Дар назди Бюрои Осиёи Миёна инчунин комиссияи техникӣ таъсис дода шуда буд, ки бояд ба таври фаврӣ ва дар кӯтоҳтарин муҳлат раванди 47 масъалаи пурпечутоб ва баҳсбарангезро оид ба тақсимоти ҳудудии Осиёи Миёна ва таъсиси ҷумҳуриҳои нави миллӣ-давлатӣ ба анҷом расонад [1,6,10].

Вобаста ба ин, дар таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории шӯравии халқи тоҷик метавон чаҳор марҳиларо ҷудо намуд: марҳилаи аввал ба таври хронологӣ давраеро аз оғози инқилоби Октябр, таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон (30.04.1918 – 27.10.1924), Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (8.10.1920), Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Хоразм (феврали соли 1920) ва таъсиси ИҶШС (1922) то тақсимоти миллӣҳудудӣ дар Осиёи Миёна (солҳои 1917-1924) – ро фаро мегирад. Марҳилаи дуюм, бо таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (14 октябри соли 1924 – 16 октябри соли 1929) дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон, бо мавқеи назарногири иқтисодӣ ва баъзан тақдири фоҷиабори он алоқаманд буда, то таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Марҳилаи сеюм, бо таъсиси ҶШС Тоҷикистон (16 – уми октябри соли 1929), ки 5 декабри соли 1929 ба ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ шомил гардид, оғоз шуда, то қабули “Эъломияи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи дувоздаҳуми Шӯрои олӣ аз 24 августи соли 1990” [1, с. 3-4] идома намудааст. Марҳилаи чаҳорум аз касби истиқлолияти сиёсӣ дар таърихи 9 сентябри соли 1991 оғоз гардида, то ҳол идома дорад. Бояд ёдовар шуд, ки дар ҳар марҳила хислат, шакл ва нақши сарҳади давлатии ҷумҳурӣ тағйир меёфт ва ниҳоят сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсояи пасошӯравӣ дар ҳамин шакле, ки ҳоло мавҷуд аст, ташаккул ёфт. Бинобар ин омӯзиши раванди марзбандии сарҳадҳои Тоҷикистон бо Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар замони шӯравӣ имконияти дарки мушкилиҳои сарҳадӣ ва ҳудудиро миёни давлатҳо дар замони муосир ба вуҷуд меорад. Таърихи ташаккули сарҳади Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба замони шӯравӣ рост омада, ғояи татбиқ намудани тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ аз роҳбарияти Ҳокимияти Шӯравӣ сарчашма гирифт ва “зарурати татбиқи ин чорабинии муҳимми таърихӣ дар эътирофи ҳуқуқии ҳар як миллат ба худмуайянкунӣ ва таъсиси давлатҳои миллии мустақил инъикос мегардид” [1]. Аз тарафи дигар, роҳбарияти шӯравӣ “вобаста ба баромадҳои ҷудоихоҳонаи пантуркистон ва майли таъсиси “Туркистони бузург” [2] дар асоси ғояҳои

пантуркистӣ ва панисломистӣ хавф бурда, ташкили давлатҳои миллиро дар Осиёи Миёна дастгирӣ намуд. Вале дар раванди татбиқи тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ба камбудӣ ва саҳлангориҳои зиёд ва воқеӣ роҳ дода шуд, ки дар аксари мавриди бар хилофи сарҳадҳои қавмӣ, табиӣ ва таърихан ташаккулёфтаи ин минтақа равона гардида, барои худмуайянкунии тоҷикони ноҳияҳо, шаҳрҳо ва минтақаҳои бузурги алоҳида монеагӣ намуда, дар натиҷа, ба ҳайати давлатдории миллии худ дохил нагардиданд. Бинобар ин дар давраҳои минбаъда мушкилиҳои сарҳадӣ ва баҳсҳои ҳудудӣ аз худ дарак доданд. Раванди тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ва таъсиси ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз тарафи Бюрои кумитаи марказии Осиёи Миёна (моҳи майи соли 1922) роҳбарӣ карда мешуд. Дар ибтидо, Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Хоразм аз моҳи октябри соли 1923 ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Хоразм (ҶШСХ) ва Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро аз 19 сентябри соли 1924 ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Бухоро (ҶШСБ) табдил дода шуданд ва мақомотҳои ҳизбии Осиёи Миёна тақсимоти миллӣ-ҳудудиро зарурӣ ва саривақтӣ эътироф намуданд [5, с.7-16]. Бояд қайд намуд, ки халқи тоҷик дар ҳайати ҶМШС Туркистон, ҶШС Бухоро ва ҶШС Хоразм тақсим гардида, ба таври пароканда дар се ҷумҳурии иттифоқӣ зиндагӣ менамуд. Аз ин рӯ, худмуайянкунии миллии халқи тоҷик ба вуҷуд наомад. Бар акси ҳол, дар муқоиса бо давраи пеш аз инқилобӣ манфиатҳои миллии он дар бештари мавридҳо нодида гирифта шуданд.

Тағйиротҳои инқилобӣ ва баъдан чорабиниҳои сотсиалистии Ҳокимияти Шӯравӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар минтақаҳои сукунати аҳолии тоҷик хеле заиф пеш бурда мешуданд. Сипас ба таври амалӣ ба ҳалли тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна дар ибтидои соли 1924 оғоз намуданд. 25 феврали соли 1924 ҷаласаи васеи Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Бухоро масъаларо “Оид ба тақсимоти Осиёи Миёнаи шӯравӣ ба як қатор ҷумҳуриҳо дар асоси нишонаҳои миллӣ” баррасӣ намуд. Сипас 10 марти соли 1924 изҳорот доир ба масъалаи мазкур дар шакли анҷомёфта аз ҷониби мақомоти маъмурии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Бухоро тасдиқ карда шуд. Дар онҳо таъсиси танҳо ду ҷумҳурии иттифоқӣ – ӯзбекӣ ва туркменӣ дар назар гирифта мешуд. Дар муносибат ба халқи тоҷик дар изҳоротҳо гуфта мешуд, ки “халқи тоҷик аз ҳисоби Мастчоҳ, Қаротегин ва Ғарм вилояти мухтори Тоҷикистонро дар ҳайати Ӯзбекистон таъсис дода шавад” 2 6 – уми сентябри соли 1924 сарҳади вилояти мухтори Тоҷикистон дар шакли ниҳоӣ дар ҷаласаи комиссияи ҳудудӣ ва 7 сентябр дар Бюрои Осиёи Миёнагии Кумитаи марказӣ тасдиқ карда шуд. Таъсиси танҳо вилояти мухтор талаботи халқи тоҷикро умуман қонеъ карда наметавонист ва аксари ҳудудҳои тоҷикнишин берун аз ҳудуди Тоҷикистон қарор гирифтанд. Аз ин рӯ, аз тарафи Кумитаи иҷроияи марказии Бухорои Шарқӣ пешниҳод карда шуд, ки масъалаҳои ниҳоят муҳим ва зарурии зерин мавриди баррасӣ қарор дода шаванд:

1. Минтақаи ягонаи ҷуғрофӣ ва шумораи умумии аҳолии Тоҷикистон пурра ба ҳамон шартҳои ташкили ҷумҳурии мустақили иттифоқӣ дар ҳайати ИҶШС матобиқат менамоянд;

2. Масъалаи пайвастани Хуҷанд, Уротеппа, Конибодом, Исфара, Сух, Риштона, Уч-Қурғон ва инчунин дигар минтақаҳо ва ноҳияҳои сукунати аҳолии тоҷик ба ҳудуди Тоҷикистон дида шавад;

3. Имконияти озоду баробари худмуайянкунии комил ба халқи тоҷик ба ҳамон шарту шароитҳое (таъсиси комиссияи тоҷикӣ), ки ба Ӯзбекистон ва

Туркманистон пешниҳод шудааст, бе ягон вобастагӣ аз дигар кишвар дода шавад. Баъди ҳамаи муҳокимaрониҳо ба ҳайати Тоҷикистон ба ғайр аз Бухорои Шарқӣ, инчунин минтақаҳои кӯҳии водии Зарафшон дар якҷоягӣ бо Панҷакент ва Уротеппа (ҳозира Истаравшан), бо якчанд ноҳияҳои ба онҳо муттаалиқ шомил карда шуданд [2, с. 8-11].

Чунончӣ, дар ибтидо Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва округи Хуҷанд дар алоҳидагӣ тайи солҳои 1924-1929 дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон буда, дар раванди марзбандии сарҳадҳо ва пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ дар водии Фарғона манфиати тоҷикон аксаран сарфи назар мегардид. Чунончӣ, дар натиҷаи тақсимоти миллӣ – ҳудудӣ дар солҳои 1924 – 1927 ва махсусан дар асоси қарори ҷаласаи тақсимоти Осиёи Миёна аз 17 марти соли 1925, аз ҳудуди Қирғизистон ба фоидаи Тоҷикистон бояд тақрибан 37,2 ҳазор гектар замин мегузашт. Асосан ин ба заминҳои қисмати Ворух дахл дошта, бо ин роҳ Ворух бояд бевосита ба қаламрави ноҳияи Исфараи Тоҷикистон пайваст мегардид [9, 12, 15].

Дар соли 1949 муайянсозии сарҳади ҶШС Тоҷикистон ва ҶШС Қирғизистон аз нав амалӣ карда шуд ва дар асоси он бояд ба фоидаи Тоҷикистон зиёда аз 50 ҳазор гектар замин ва ба фоидаи Қирғизистон 4,5 ҳазор гектар замин мегузашт [2]. Аммо ба супоришҳои пайваста нигоҳ накарда, комиссияҳои таъсисдодаи байниҷумҳуриявии ҳар ду кишвар ва мақомотҳои идоракунандаи замин дар давраи аз соли 1949 то соли 1985 масъалаи мазкурро танзим карда натавонистанд. Бо ин тартиб, дар натиҷаи тақимоти миллӣ – ҳудудӣ аз як тараф, сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон дар шакли марзҳои маъмурӣ муайян гардид ва аз тарафи дигар, мушкилиҳои зиёди сарҳадӣ ва ҳудудиро миёни кишварҳо ба миён овард. Мушкилиҳои сарҳадӣ дар давраи пасошӯравӣ бештар авҷ гирифта, дар замони соҳибистиқлолии давлатҳо масъалаи марзгузорӣ ва аломатгузории сарҳади давлатӣ дар маркази муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Қирғизистон қарор доранд [13, 17].

Мушкилот ва дурнамои ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ин инкишофи муносибатҳо бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар меҳвари сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, бо дарназардошти манфиатҳои сиёсиву амниятӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва башардӯстонаи халқҳои минтақа барои идомаи муносибатаҳо бо кишварҳои ҳамсоя дар манфиатдорӣ мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули робитаҳои манфиатбори мутақобила бо кишварҳои ҳаммарз, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Қирғизистон манфиатдор мебошад, ки ба алоқаҳои таърихан инкишофёфтаи минтақавӣ мутобиқ мегардонад. Пеш аз ҳама ба сифати мушкилии асосии муносибатҳои байнидавлатӣ масъалаҳои ҳудудӣ-марзӣ баромад менамоянд. Сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон аз қаторкӯҳҳои пушти Олой оғоз гардида, тавассути қаторкӯҳҳои Олой, Зарафшон, Туркистон ва сипас то водии Фарғона дар нуқтаи васли сарҳадҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон тӯл мекашад. Маълумотҳо оид ба дарозии хати сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дастрас гардида, аз якдигар ба куллӣ тафовут доранд. Мувофиқи маълумоти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарозии сарҳади Тоҷикистону Қирғизистон – 987 км2 – ро ташкил менамояд [14, 18, 3, 6]

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон 14 январи соли 1993 барқарор гаштаанд.

Муколамаи сиёсии байни ду кишвар густариш меёбад ва ҷиҳати равнақи бештари он асосҳои зерин лозим - Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ, Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба, Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба делимитатсия ва демаркатсияи Сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон ва Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ фаолият доранд.

Машваратҳои сиёсӣ байни роҳбарият ва воҳидҳои сохтории вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар мунтазам баргузор мегарданд. Ҷонибҳо Барномаи ҳамкории вазоратҳои корҳои хориҷиро барои солҳои 2021-2022 ба имзо расониданд. Пояи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистон беш аз 100 санадро дарбар мегирад.

Санадҳои асосие, ки самтҳои аслии ҳамкориро ба танзим медароранд ва дар он приниспҳои асосии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистон муайян шудаанд, Аҳднома оид ба муносибатҳои асосии байнидавлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз 12 июли соли 1996 ва Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муносибатҳои некӯҳамсоягӣ ва ҳамшарикӣ аз 26 майи соли 2004 мебошанд [19, 20].

Дар ҳоли ҳозир раванди баррасии масъалаҳои сарҳадӣ байни ду кишвар, аз ҷумла масъалаҳои таъйини ҳудуд ва аломатгузории сарҳади давлатӣ идома дорад, ки ҳалли он ба таҳкими муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон такони тоза хоҳад бахшид.

Дар соли 2018 Қирғизистон дар баробари 190 кишвари узви СММ қатъномаи Созмони Милали Муттаҳидро, ки бо ташаббуси Тоҷикистон зери унвони "Конфронси СММ оид ба бознигарии миёнамуддати фарогири ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, 2018-2028”, пешниҳод шуда буд, дастгирӣ кард.

Тоҷикистон лоиҳаи қатъномаро таҳти унвони “Табиат марзро намешиносад: ҳамкории фаромарзӣ - омили калидии ҳифз ва истифодаи устувори гуногунии зистӣ", ки бо ташаббуси ҷониби Қирғизистон дар ҷаласаи 75-уми Маҷмаи Умумии СММ қабул гардид, ҷонибдорӣ намудааст.

Қобили зикр аст, ки бино ба даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 28-29 июни 2021 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, дар рафти он як қатор санадҳо ба имзо расонида шудаанд.

Тоҷикистон бар он аст, ки принсипҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворими Тоҷикистону Қирғизистон, ки дар асоси он мардумони тоҷику қирғиз аз қадимулайём мезистанд ва меофариданд, минбаъд низ ба рушди пайвастаи тамоми муносибатҳои дуҷониба мусоидат хоҳанд кард.

Мувофиқи Созишномаи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз соли 2004 дар Сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон 5 гузаргоҳи сарҳадӣ амал менамоянд. Аз он ҷумла, “Гулистон” дар ноҳияи Исфара, “Маданият” дар ноҳияи Ҷаббор Расулов ва “Овчӣ-Қалъача” дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, “Қизил-Арт” дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва “Қарамиқ” дар ноҳияи Ҷиргатол.

Соли 2000 нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии се кишвар - Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой тавассути ба имзо расонидани Созишномаи сеҷониба байни кишварҳои номбурда муайян гардид [17, 19, 20].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар даврони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ дар ҳайати як давлати бузург қарор доштанд ва ин ду кишварро сарҳадҳои маъмурӣ ҷудо менамуданд. Пас аз пош хӯрдани ИҶШС ва соҳиби истиқлолияти давлатӣ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, зарурати муайян намудани хати Сарҳади давлатӣ (делимитатсия) бо ин кишвар ба вуҷуд омад. Бо ин мақсад, соли 2000 аз ҷониби ду кишвар Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи Сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон ташкил гардид.

Музокироти дуҷониба вобаста ба делимитатсияи Сарҳади давлатии ду кишвар аз соли 2002 оғоз гардида, дар давраи охири соли 2013 зиёда аз 500 км хати Сарҳади давлатӣ делимитатсия карда шудааст [19, 20].

**Муқарриз: Зокирзода З.Х. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1.Масов, Р.М. История тапорного разделения [Текст] / Р.М. Масов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – С. 4-5.

2.Мирзоев, Н. Асосҳои дипломатия [Матн] / Н. Мирзоев, А. Шарипов. – Душанбе: 2015. – С. 85.

3.Мамадазимов, А. Политическая история таджикского народа [Текст] / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 2000. – С. 268.

4.Назаров, С. А. Из истории деятельности Средазбюро ЦК ВКП (б) (1922–1924 гг.) [Текст] / С. А. Назаров. – Ташкент: 1965. - С. 94. 50

5.Пурратар нигаред: Якубовская, С. И. Развитие СССР как союзного государства. 1922-1936 гг. [Текст] / С. И. Якубовская. - М.: 1972.

6.Масов, Р.М. История тапорного разделения [Текст] / Р.М. Масов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – С. 31. 51

7.Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – С. 337.

8.Масов, Р.М. История тапорного разделения [Текст] / Р.М. Масов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – С. 70-71.

9.Мамадазимов, А. Политическая история таджикского народа [Текст] / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 2000. – С. 272. 53

10.Имомов, А. Административно-территориальное уствойство Таджикистана [Текст] / А. Имомов. – Душанбе: Офсет Империя, 2013. – С. 58.

11.История отечественного государства и права - Часть 2 [Текст] / Под ред. О.И. Чистякова. – М.: 2005. – 258 с. 54

12.Дубовицкий, В.В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) [Текст] / В.В. Дубовицкий // История таджикского народа: Т. 6. – Душанбе: 1998-2011. – С. 637. 57

13.Дубовицкий, В.В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) [Текст] / В.В. Дубовицкий // История таджикского народа: Т. 6. – Душанбе: 1998-2011. – С. 637. 60

14.Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/151/sarhadi-davlatii-jumhurii-tojikiston-bo-jumhurii-qirgiziston (санаи муроҷиат: 04.02.2020).
15.Саидов, З. Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2017 гг.): Учебное пособие [Текст] / З. Ш. Саидов. – Душанбе: Контраст, 2017. – С. 3. 148
16.Голунов, С.В. Российско-казахстанская граница: Проблемы безопастности и международного сотрудничества: монография [Текст] / С.В. Голунов. – Волгоград: Изд-во ВогГУ, 2005. – С. 82.
17.Расулиён, Қ. Тоҷикистон [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С. 3.
18.Муносибатҳои Тоҷикистон бо Қирғизистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/ru/main/view/141/otnosheniya-tadzhikistana-s-kyrgyzstanom (санаи муроҷиат: 04.02.2020).
19.Назаров, Т. Дипломатияи муосири тоҷик [Матн] / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 127. 151
20.Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1 [Матн] / Зери назари Ҳ. Зарифӣ // Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 64. 153

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БАҲСҲОИ МАРЗӢ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН АЗ НИГОҲИ ТАЪРИХ ВА МУОСИР

Дар мақола масъалаи танзими ҳуқуқии баҳсҳои марзӣ байни Тоҷикистон ва Қирғизистон аз нигоҳи таърих ва муосир баррасӣ шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон бар он аст, ки принсипҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворechи Тоҷикистону Қирғизистон, ки дар асоси он мардумони тоҷику қирғиз аз қадимулайём мезистанд ва меофариданд, минбаъд низ ба рушди пайвастаи тамоми муносибатҳои дуҷониба мусоидат хоҳанд кард.

Вохӯриҳои Комиссияи байниҳукуматии номбурда бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдори ду кишвар ва коршиносони соҳавӣ соле 3-4 маротиба баргузор гардида, масъалаҳои марбут ба делимитатсия ва демаркатсияи Сарҳади давлатӣ муҳокима мегарданд. Бино бар ҳамин мо гуфта метавонем, ки дар замони шурави танҳо марзҳои ками ба дасти мо расидаҳам пурра ҳали худро наёфта, чунон, ки дар боло зикр намудем, комисияе, ки дар замони баъд аз соҳиб истиқлол гардидан ташкил шудааст кори худро пурра ба анҷом нарасонида имрӯзҳо мушкилотҳои пешомада бешак ин масъалаҳои ҳал ношуда сабаб бошанд.

**Калидвожаҳо:** бюро, миллӣ-давлатӣ, миллӣ-ҳудудӣ, халқӣ, хронологӣ, шӯрои олӣ, делимитатсия, демаркатсияи.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПОГРАНИЧНЫХ СПОРОВ МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И КЫРГЫЗСТАНОМ С ИСТОРИЧЕСКОЙ И СОВРЕМЕННОЙ ТОЧКИ ЗРЕНИЯ.

В статье рассматривается вопрос правового регулирования пограничных споров между Таджикистаном и Кыргызстаном с исторической и современной точек зрения. Анализ показывает, что Таджикистан считает, что принципы дружбы и добрососедства между Таджикистаном и Кыргызстаном, на которых таджикский и кыргызский народы жили и творили с незапамятных времен, будут и впредь способствовать непрерывному развитию всех двусторонних отношений.

Заседания межправительственной комиссии с участием представителей профильных министерств и ведомств двух стран и отраслевых экспертов проводятся 3-4 раза в год для обсуждения вопросов, связанных с делимитацией и демаркацией Государственной границы. Таким образом, можно сказать, что в советское время было достигнуто лишь несколько границ, которые не были полностью решены, и, как упоминалось выше, комиссия, сформированная после обретения независимости, еще не завершила свою работу. несомненно, быть причиной этих нерешенных вопросов.

**Ключевые слова:** бюро, национально-государственное, национально-территориальное, народное, хронологическое, верховный совет, делимитация, размежевание.

## LEGAL REGULATION OF BORDER DISPUTES BETWEEN TAJIKISTAN AND KYRGYZSTAN FROM A HISTORICAL AND MODERN PERSPECTIVE

This article examines the legal regulation of border disputes between Tajikistan and Kyrgyzstan from a historical and contemporary perspective. The analysis demonstrates that Tajikistan believes that the principles of friendship and good-neighborliness between Tajikistan and Kyrgyzstan, by which the Tajik and Kyrgyz peoples have lived and worked since time immemorial, will continue to facilitate the continued development of all bilateral relations.

Zasedaniya мezhpravitel'stvennoy komissii s uchastiyem predstaviteley profil'nykh ministerstv i vedomstv dvukh stran i otraslevykh ekspertov provodyatsya 3-4 raza v god dlya obsuzhdeniya voprosov, svyazannykh s delimitatsiyey i demarkatsiyey Gosudarstvennoy granitsy. Takim obrazom, mozhno skazat', chto v sovetskoye vremya bylo dostignuto lish' neskol'ko granits, kotoryye ne byli polnost'yu resheny, i, kak upominalos' vyshe, komissiya, sformirovannaya posle obreteniya nezavisimosti, yeshche ne zavershila svoyu rabotu. nesomnenno, byt' prichinoy etikh nereshennykh voprosov.

**Keywords:** bureau, national-state, national-territorial, people's, chronological, supreme council, delimitation, division.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Муқими Сафарбек Давлтбек** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 931-90-30-90. E-mail: safarbek.91mukimov@gmail.com

**Информация об авторе: Мукими Сафарбек Давлатбек** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Е. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 931-90-30-90. Электронная почта: safarbek.91mukimov@gmail.com

**Information about author:** Mukimi Safarbek Davltbek – Tajik pedagogical institute in Rasht district, candidate of legal sciences, associate professor, head of the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm city, E. Muhiddin street 63.Phone:(+992) 931-90-30-90.E-mail:safarbek.91mukimov@gmail.com

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

ТДУ: 930.85

# ВАЗЪИ МАОРИФИ НОҲИЯИ ТОҶИКОБОДИ МИНТАҚАИ РАШТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (1991-2025)

**Наврӯзов Ғ.Л., Раҳимов А.Х.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Замони муосир замони дастовардҳои бузурги илмӣ-техникӣ ва кашфиёти навини хиради инсонист ва роҳ ба сӯйи онҳо ба танзими кори мактабу маориф ва сиёсати дурусти давлату ҳукумат дар ин самт вобастагӣ дорад. Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар таъкид намуда: “Илму маориф аз самтҳои хеле муҳимми сиёсати давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ба беҳдошти заминаи таълим вобаста мебошад. Замони мо замони дастовардҳои бузурги илмиву техникӣ ва кашфиёти нав ба нави ақлонӣ мебошад, ки роҳ ба сӯйи онҳо танҳо ба воситаи мактабу маориф ва низоми дурусти таълим ибтидо мегирад” [11, с. 29].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат, бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дурахшандагон” ва бо мақсади танзими қабули шаҳрвандони кишвар барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамолики хориҷӣ “Маркази барномаҳои байналмилалӣ” таъсис дода шуд.

Ҳамзамон барои тамоми зинаҳои таҳсилот низ қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки заминаи мактабу маорифро аз лиҳози ҳуқуқӣ, мустаҳкам ва рушди ояндаи онро тақвият медиҳанд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои пешрафтаи хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ вусъат ёфта, дар ин самт миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои он садҳо созишномаву тафоҳумҳои ҳамкорӣ ба тасвиб расиданд. Дар заминаи ин созишҳо тайёр кардани кадрҳои болаёқат, мутахассисони баландихтисос дар хориҷи кишвар ба роҳ монда шуд [7, с. 117-118].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бунёди мактабҳои замонавӣ низ ба маротиб афзоиш ёфта, давоми солҳои 1992-2010 дар миқёси ҷумҳурӣ зиёда аз 2000 адад мактаб сохта ба истифода дода шуданд. Шумораи литсейҳои президентӣ ва мактаб-интернатҳо, ки бо мақсади дастгирии қишри камбизоати аҳолӣ ва дарёфту тарбияи наврасону ҷавонони болаёқату соҳибистеъдод таъсис ёфтаанд ба маротиб зиёд гардида, қариб дар ҳама шаҳру навоҳии водии Рашт фаъолият доранд [9, с. 3-4].

Бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат анқариб дар ҳама навоҳии водии Рашт мактаб-интернатҳо барои ятимону бепарасторон таъсис дода шуда, таъминоти онҳо пурра аз ҳисоби давлат мебошад. Сабаби таъсиси чунин муассисаҳо дар он буд, ки дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ шумораи ятимону бепарасторон дар минтақа хеле зиёд гардид [10, с. 18].

Мусоидат ба чопи китоб, таъмини синфхонаҳо бо маводи техникию аёнӣ, технологияи муосири компютерӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо, пардохти саривақтии маош, бо имтиёзҳои нав таъмин кардани омӯзгорону устодон тариқи имкониятҳои мақомоти маҳаллӣ, ба хусус ҷудо кардани замин ва дигар масъалаҳои вобаста ба рушди мактабу маориф ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ Махсудов А.М., доир ба мосили мазкур чунин ишора намудааст: “ Бо мақсади ҷалби ҳарчи бештари духтарони маҳаллӣ аз манотиқи кӯҳистон дар донишгоҳу донишкадаҳо квотаҳои президентӣ ҷудо гардида, ин амал самараҳои нек овард. Ҳавасмандии донишҷӯёни макотиби олӣ ва хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо таъсиси стипендияи Президентӣ омили муҳимми болоравии сатҳи донишу малакаи онҳо гардид [5, с. 92].

Тайи солҳои 1997–2015 ба 20 адад муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 16009 нафар донишҷӯ, аз ин миқдор 9554 духтар ва 6476 писар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи суҳбат (бе имтиҳон) қабул гардиданд. Дар ин муддат зиёда аз 8349 нафар духтарону писарон (5923 нафар духтар ва 2426 нафар писар) тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро хатм намуда, тибқи роҳхат ба ҷойи истиқомати худ барои кору фаъолият фиристонида шуданд” [5, с. 93].

Аз ноҳияи Рашт давоми солҳои 1997- 2011 398 нафар тариқи Квотаи президентӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд, ки аз ин шумора 256 нафарашро духтарон ташкил медиҳанд [3, с.1-2; 4, с.1; 6, с.2].

Аз ноҳияи Тоҷикобод бошад, аз соли 1997 то 2020 зиёда аз 368 нафар хонандагони ноҳияи Тоҷикобод тариқи Квотаи президентӣ ба муассисаҳои миёна ва олии кишвар дохил шуданд, ки қисмати зиёдашро духтарон ташкил медиҳанд. Аз ин шумораи зиёдашон баъди хатми олии кишвар дар соҳаи маориф фаъолият доранд [6, с. 3].

Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд бо созмонҳои байналмилалӣ ҳамасола дар кишвар шумораи муайяни мактабҳо таъмир ва ё аз нав сохта мешаванд. Бинобар ба навиштаи муаррих Абдуфаттоҳ Шарифзода: “Аз ҳисоби қарзҳои Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё сохтмон, таъмир ва барқарорсозии мактабҳо, биноҳои шуъбаҳои маориф дар ноҳияҳои Восеъ, Ёвони вилояти Хатлон, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд ва ноҳияҳои Файзобод, Роғун, Нуробод, Рашт ва ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ таъмиру таҷдид шуданд” [8, с. 420].

Аз ҳисоби қарзҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки рушди Осиё, Хазинаи байналмилалии ОПЕК, маблағҳои буҷаи давлатӣ аз 153 номгӯй китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ (таҳсилашон бо забони тоҷикӣ) 97 номгӯй китоб бо теъдоди 8 млн 237 ҳазор нусха бо маблағи 26 млн. 351 ҳазору 430 сомонӣ нашр гардидаанд.

Дар азнавсозӣ ва сохтмони биноҳои муассисаҳои таълимӣ нақши соҳибкорону ашхоси саховатпешаи водии Рашт назаррас аст. Ҳамасола аз ҷониби ашхоси ҷудогонаи саховатпеша мактабу муассисаҳои таълимӣ бунёд карда мешавад.

Таҷрибаи давлатҳои рушдкарда ва муваффақ нишон медиҳад, ки барои тарбияи кадрҳои баландихтисос таҳсилоти миёнаи умумӣ нокифоя аст. Дар ин

раванд таҳсилоти томактабӣ нақши калидӣ дорад. Мутаассифона, баъди пош хӯрдани ИҶШС ва вазъи мураккаби сиёсии мамлакат кори муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ хело заиф гашта, ҳатто онҳо майл ба камшавӣ овmarданд, ки навоҳии водии Рашт низ аз ин раванд истисно нест. Баъди фароҳам омадани шароити осоишта барои ҷоннок кардани кори томактабӣ баъзе корҳо анҷом дода шуданд, аммо вазъ ҳамоно нигаронкунанда боқӣ мондааст [5, с. 93].

Мутобиқи маълумоти расмии оморӣ дар солҳои 2018-2020 дар ноҳияи Тоҷикобод шумораи умумии кӯдакони томактабӣ 7600 нафарро ташкил медиҳад, вале фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ҳамагӣ 1,0 фоиз мебошад, ки ин хеле ташвишовар аст. Дар ноҳия 1 боғчаи бачагона бо фарогирии умумии 60 нафар кӯдак (дар се гурӯҳ) ва 15 маркази инкишофи барвақтии кӯдакҳо бо фарогирии 227 нафар кӯдакони шашсола фаъолият мекунад. Боғчаи бачагонаи “Парасту”-и ноҳияи Тоҷикобод пас аз гузаронидани таъмири капиталӣ имконияти фарогирии боз 50 нафар кӯдаконро пайдо мекунад. Ҳамзамон сохтмони боғчаи бачагона дар маркази ноҳия бо дастгирии молиявии сафорати ИМА дар соли равон пешбинӣ шудааст [5, с. 94].

Бинобар ба гузориши оморӣ дар ноҳияи Тоҷикобод соли 2021 шумораи кӯдакони томактабӣ 7600 нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора танҳо 1,0 фоизаш ба муассисаҳои томактабӣ ҷалб шудаанд, ки ташвишовар аст. Дар ноҳия ҳамагӣ як боғчаи бачагона бо фарогирии 60 нафар кӯдак ва 15 маркази инкишофи барвақтии кӯдакони шашсола фаъолият мекунанд. Дар Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия таъмири асосии боғчаи “Парасту”-и ноҳия пешбинӣ шудааст, ки метавонад барои фарогирии 50 нафар кӯдак имконият фароҳам ояд [1, с. 34-37].

Мутобиқи барномаи рушди ноҳияи Тоҷикобод солҳои 2021-2025 дар ноҳия 1 боғчаи бачагона бо фарогирии умумии 60 нафар кӯдак (дар се гурӯҳ) ва 15 маркази инкишофи барвақтии кӯдакон бо фарогирии 227 нафар кӯдакони шашсола фаъолият мекунад, ки ин дастрасии онҳоро таъмин карда наметавонад. Шумораи кӯдакони синни томактабӣ 7600 нафар ташкил дода, 1 фоизи онҳо ба муассисаи томактабӣ фарогир мебошанд ва боқимонда 99,0 фоизи онҳо дастрасӣ надоранд. Барои фарогирӣ ва дастрасии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ аз таъмири капиталӣ баровардани муассисаи мавҷуда, бунёди кудакистонҳои нав дар панҷ соли минбаъда бо назардошти талаботҳои маъюбон дар ноҳия ба миён омадааст. Фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ бояд аз 5 то 10 фоиз зиёд шавад (барои ин ҳамасола бояд 760 ҷой ба истифода дода шавад) [1, с. 34-37].

Дар навбати худ, ҳарчанд интихоби таълимгоҳҳои томактабӣ маҳдуд бошад ҳам, ин маҳдудият барои кӯдакони маъюб боз ҳам сахттар аст, зеро таълимгоҳҳои томактабии мавҷуда ба талаботҳои маъюбон қариб ҷавобгӯй намебошанд.

Дар ҳудуди ноҳияи Тоҷикобод мувофиқи маълумотҳои оморӣ солҳои 2018-2020 20 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 13 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва 10 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ фаъолият менамоянд. Дар ин муассисаҳои таълимии ноҳия таҳсил асосан бо як забон, забони давлатӣ сурат мегирад.

***Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*** **[1, с.34-37].**

| Синфҳо | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 |
|---|---|---|---|

| | **Ҳамагӣ** | Писар | Духтар | % духтар | **Ҳамагӣ** | Писар | Духтар | % духтар | **Ҳамагӣ** | Писар | Духтар | %духтар |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I-IV | **3409** | 1781 | 1628 | 47,75 | **3588** | 1908 | 1680 | 46,82 | **3840** | 2016 | 1824 | 47,50 |
| V-IX | **4147** | 2233 | 1914 | 46,15 | **4186** | 2227 | 1959 | 46,79 | **3957** | 2075 | 1882 | 47,56 |
| X-XI | **1076** | 657 | 419 | 38,94 | **1099** | 708 | 391 | 35,57 | **1210** | 768 | 442 | 36,52 |
| Ҳамагӣ: | **8632** | 4671 | 3961 | 45,88 | **8864** | 4837 | 4030 | 45,46 | **9007** | 4859 | 4148 | 46,05 |

Маълумоти расмӣ нишон медиҳанд, ки шумораи хонандагон сол то сол зиёд шуда истодааст.

Ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия бо биноҳои таълимӣ таъмин буда, эҳтиёҷ ба таъмири ҷорӣ ва сохтмони синфхонаҳои иловагиро доранд. Биноҳои мактабҳои миёнаи №3, 37, 27, 14 ва 31 дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Биноҳои 25 мактаби миёнаи ноҳия таъмирталаб мебошанд.

Дар соли хониши 2016-2017 шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 601 нафарро ташкил намуд, аз ҷумла 73 занҳо (12,1%). Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бинобар сабаби кам будани маоши омӯзгорон шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ зиёд шуда, теъдоди омӯзгорон, махсусан мардҳо дар миқёси ноҳия кам шудааст [1, с. 37].

Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия афзоиши теъдоди омӯзгорони дорои маълумоти олӣ ба назар мерасад.

**Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)** [1, с. 38].

| **Нишондиҳандаҳо** | **С.2014-2015** | **С.2015-2016** | **С.2016-2017** |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 505 | 539 | 601 |
| аз ҷумла, занон | 56 | 67 | 73 |
| Олӣ | 275 | 293 | 360 |
| аз ҷумла, занон | 24 | 28 | 31 |
| Олии нопурра | 32 | 54 | 50 |
| аз ҷумла, занон | 1 | 5 | 6 |
| Миёнаи касбӣ | 101 | 115 | 109 |
| аз ҷумла, занон | 11 | 13 | 15 |
| Миёнаи умумӣ | 97 | 77 | 82 |
| аз ҷумла, занон | 20 | 21 | 21 |

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ ва барномаҳои рушди ба нақшагирифтаи ноҳияи Тоҷикобод солҳои 2021-2025 дар ноҳия 43 муассисаи таълимӣ (аз ин 20 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 14 массисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва 9 массисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ барои 8622 ҷойи нишаст бо шумораи хонандагон 10539 нафар) фаъолият мекунанд [2, с. 34].

Рушди ғизои мактабӣ, ки расонидани кумак ба табақаи осепазири аҳолӣ равон шудааст, намуди асосии фаъолияти Барномаи умумиҷаҳонии озуқаи СММ дар ҷумҳурӣ мебошад. Бинобар муҳимияти он, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ соли 2013 ба аъзогии Ҷунбиши беҳсозии ғизо (SUN) ҳамроҳ гардид. Ба хотири муҳимияти масъалаи ғизои солим дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030"

таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат яке аз ҳадафҳои асосӣ интихоб гардид.

Зеро норасоии ғизо натанҳо гурусна будан, балки аз меъёр кам будани нишондиҳандаи қадкашӣ, вазн, норасоии микроэлементҳои зарурӣ дар мисоли оҳан ва йод дар таркиби хун, ба кӯдакон додани шири сунъӣ ва дар ин раванд кам гардидани нишондиҳандаҳои бо шири модар таъмин гардидан, масоили оби тоза, риояи талаботи санитарию эпидемиологӣ ва дигарҳоро, ки дар оянда ба инкишофи пурраю солими аҳолӣ марбутанд дар бар мегирад. Аз ин хотир, беҳсозии сатҳи сифати ғизо ва бехатарии он яке аз самтҳои афзалиятноки рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани имконият барои ба миён овардани сармояи инсонӣ мебошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки тақрибан 40 фоизи бемориҳои кӯдакони синну соли мактабӣ дар натиҷаи ғизои нодуруст, ки сабабҳои он асосан ташкили камсамарӣ ғизои мактабӣ, камғизоӣ, дар оилаҳо набудани шароит барои тарзи ҳаёти солим ва риоя накардани меъёрҳои гигенӣ мегарданд, ба вуҷуд меояд. Ҳамчунин тибқи таҳқиқоти солҳои 2009-2017 дар бораи сатҳи ғизогирии аҳолӣ дар Тоҷикистон гузарондашуда аз сабаби истеъмоли нодурусти ғизо 40 дарсади занону кӯдакон аз камхунӣ азият мекашанд [5, с. 94].

Ба вуҷуди ин, гарчанде ноҳия солҳои охир дар самти истеҳсоли маҳсулоти озуқа ба пешрафти назаррас ноил шуда бошад ҳам, вале сатҳи пасти истеҳсоли зироатҳои асосии кишоварзӣ, ки дар таъмини ғизои солим нақши калидӣ мебозанд, аз ҷумла норасоии истеъмолӣ маҳсулотҳои асосӣ (гӯшт ва дигар маҳсулотҳои серғизо) дар ноҳия ба назар мерасад. Ба мисли дигар минтақаҳои кишвар кӯдакони ноҳияи Тоҷикобод низ бар асари дастрасии маҳдуд ба оби тоза ва беҳдошт, нокифоя ба хӯроки серғизо бештар осебпазир мебошанд.Тибқи маълумоти таҳлилили дар соли 2018 дар ҷумҳурӣ гузаронидашуда қадпасти дар байни кӯдакони синни то 5 сола 21 фоиз, мушкилии камвазни дар байни 2 фоизи кӯдакон ба назар мерасад, ки чунин ҳолат дар ноҳия Тоҷикобод низ мушоҳида мешавад [5, с. 94].

Бо мақсади беҳсозии ғизо якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи йодноккунии намак”, “Дар бораи ҳимояи ғизодиҳии табиии кӯдакон”, “Дар бораи ғанигардонии маҳсулти хӯроквор” ва Консепсияи беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Стратегия оид ба ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2024”, “Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2027” таҳия ва қабул гардидаанд, ки дар амалишавии ғизои солим, бахусус ғизои мактабӣ (таъмини хӯроки гарм) нақши муҳим мебозанд.

Рушди низоми ғизои мактабӣ дар ҷумҳурӣ барои фаъолнокии фарогирии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, беҳтаргардонии хонандагон, коҳиш додани бемориҳои музмин мусоидат намуда, барои вусъатёбии тарзи ҳаёти солим замина фароҳам месозад. Барномаи ғизои мактабӣ (ҒМ) дар 52 шаҳру ноҳиҳои кишвар (2000 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ) бо фарогирии 440 ҳазор хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба роҳ монда шудааст, ки аз ҷониби БОҶ СММ ва саҳми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва Ассотсиятсияи волидайну омӯзгорон (АВО) дар қисми таҳвили меваю сабзавот, гӯшт, тухм ва қисман пардохти хароҷот барои сӯзишворӣ, маоши ошпазҳо ва нонпазӣ амалӣ мегардад.

Аз ҷумла, Барномаи ҒМ дар ноҳияи Тоҷикобод аз соли 1999 инҷониб мавриди татбиқ қарор дорад [2, с. 34].

Аз рӯи маълумоти расмии БОҶ СММ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Тоҷикобод, Барномаи ҒМ дар соли хониши 2020-2021 беш аз 5216 баҳрабар (аз ҷумла, 2254 нафар духтарону занон) фаро гирифт. Хароҷоти воқеӣ дар соли хониши 2020-2021 зиёда аз 1,1 млн. долл. ИМА, аз ҷумла саҳми БОҶ 800 ҳазор доллар, маақомоти маҳаллӣ 111,9 ҳазор долл. ва АВО 140,4 ҳазор долл.ИМА-ро ташкил медиҳад [2, с. 41].

Барои таъмин намудани ташакул ва рушди низоми ғизои мактабӣ ҳалли маҷмӯи вазифаҳо оид ба беҳтарсозии инфросохтори истеҳсолию маҳсулбарорӣ, бахши хусусӣ, васеъкунонии дастрасӣ ба захираҳои замин, инкишофи низоми обёрӣ, гармидиҳӣ ва обтаъмикуниро дар панҷ соли минбаъда тақозо мекунанд. Ҳамчунин идома додани татбиқи чорабиниҳо дар самтҳои муайян намудани тартиби маблағгузорӣ ва сармоягузории Барномаи ғизои мактабӣ аз сарчашмаҳои давлатӣ ва хусусӣ, таҷдиди блокҳои ғизо ва ошхонаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таъмини мутобиқат ба меъёрҳои санитарию беҳдоштӣ, ҳамкории мутақобила байни бахши кишоварзӣ ва ғизои мактабӣ дар солҳои минбаъда арзёбӣ мегардад.

Дигар мушкили, ки дар муассаҳои таҳсилоти умумии ноҳия ба назар мерасад, надоштани ошпазҳои соҳибхтисос ва набудани лоиҳаҳои инавотсионӣ (ташкил намудани парвариши занбури асал, истифодаи самараноки заминҳои корами дар тавозуни мактабҳо буда, дар заминаи таҷҳизотҳои муассисаҳои таълимӣ ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ғизои матабӣ ва дигарҳо) назди дар самти худтаъминкунии ғизои мактабӣ бо назардошти иқтидорҳои мавҷудаи муассисаҳои таълимоти умумии ноҳия мебошад [2, с. 44].

Барои устувортар намудани Барномаи ғизои мактабӣ бояд ташаббусҳои гуногуни пилотӣ, аз он ҷумла таъмиру таҷдид ошхонаҳои мактабӣ, ба роҳ мондани лоиҳаҳои инноватсионии микрогрантӣ, ҷалби бештари АВО, ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва ғайраҳо тарҳрезӣ ва бо миконияҳои мавҷуда амалӣ карда шаванд.

**Муқарриз: Мудабирзода З.Б. – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси таърих, муаллими калони ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1.Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2018-2020. Тоҷикобод, 2017.- 55 с.

2.Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2021-2025. Тоҷикобод, 2021.- 40 с.

3.Вохӯрии раис бо духтарон //Оинаи Рашт. 2015. апрел.

4.Духтарони соҳибмаълумот //Оинаи Рашт. 2011. №8. август.

5.Махсудов А.М. Таърихи водии Рашт дар даврони истиқлолият (1991-2021). Душанбе; 2025-196 с.

6.Маориф пояи давлатдорист: ҳисоботи мудири маорифи ноҳия //Оинаи Рашт. 2012. №25. август.

7.Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2008 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008.-178 с.

8.Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2011 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 460 с.

9.Номвар Қурбон, Саҳми Пешвои миллат дар рушди илму маориф // Илм ва ҳаёт. № 4 (148). Душанбе, 2019.-С.3-6.

10.Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2020 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

11.Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат. Душанбе 2009.

## ВАЗЪИ МАОРИФИ НОҲИЯИ ТОҶИКОБОДИ МИНТАҚАИ РАШТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (1991-2025)

Маориф яке аз соҳаҳои муҳимест, ки дар пешбурди ҷомеа ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ накши асосӣ мебозад. Зеро таъминоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор аст. Барои таъмини маълумоти босифат пеш аз ҳама пурра барқарорсозии инфраструктураи мактабӣ, идома додани сохтмони муассисаҳои нави таълимию томактабӣ ва бунёди синфҳои иловагӣ, ба таълим фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд, ҷалби ҷомеа-волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо, - инкишоф додани мактабҳои хусусӣ ва гимназияҳои замонавии дастрас барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа шарти асосӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур муаллифон доир ба вазъ ва ҳалоати соҳаи маорифи ноҳияи Тоҷикободи минтақаи Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумотҳои оморӣ, барномаҳои рушди ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ноҳиявӣ тҳқиқот анҷом додаанд.

**Калидвожаҳо:** маориф, муассисаҳои томактабӣ, синфхонаҳо, барномаи озуқаворин ҷаҳонӣ, компютеркунонӣ, барномаҳои рушд, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

## ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ СТАТУС В ТАДЖИКОБОДСКОМ РАЙОНЕ РАШТИЙСКОЙ ОБЛАСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ (1991-2025)

Образование является одним из важных секторов, играющих ключевую роль в продвижении общества к достижению политических, социальных и экономических целей. Ведь обеспечение качественного образования является важным фактором устойчивого развития. Для обеспечения качественного образования, прежде всего, необходимы: полное восстановление школьной инфраструктуры, продолжение строительства новых учебных и дошкольных учреждений и создание дополнительных классов, включение в образование детей с ограниченными возможностями, вовлечение общества – родителей, учителей, учащихся и представителей государственных и общественных организаций – в управление школами, организация качественного образования и обеспечение его эффективного функционирования, развитие современных частных школ и гимназий, доступных для всех слоев общества. В данной статье авторы провели исследование состояния и положения сектора образования в Тоджикободском районе Раштской области Республики Таджикистан на основе статистических данных, республиканских, региональных и районных программ развития.

**Ключевые слова:** образование, дошкольные учреждения, классы, Всемирная продовольственная программа, компьютеризация, программы развития, учреждения среднего образования.

## HE EDUCATIONAL STATUS IN THE TAJIKOBOD DISTRICT OF THE RASHTI ZONE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING INDEPENDENCE (1991-2025)

Education is a key sector in advancing society toward achieving political, social, and economic goals. Providing quality education is a crucial factor in sustainable development. Ensuring quality education requires, first and foremost, the complete restoration of school infrastructure, continued construction of new educational and preschool institutions and the creation of additional classes, the inclusion of children with disabilities in education, the involvement of society—parents, teachers, students, and representatives of state and public organizations—in school management, the organization of quality education and its effective operation, and the development of modern private schools and gymnasiums accessible to all segments of society. In this article, the authors conducted a study of the current state and status of the education sector in the Tojikobod district of the Rasht region of the Republic of Tajikistan based on statistical data and national, regional, and district development programs.

**Key words:** Education, preschool institutions, classes, World Food Programme, computerization, development programs, secondary education institutions.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Наврӯзов Ғолибшоҳ Лоиқович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин– 63. Телефон: (+992) 554-62-00-33

**Раҳимов Абдувалӣ Худоидодович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 935-33-02-55

**Сведения об авторах: Наврузов Голибшох Лойкович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории и методики преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Е. Мухиддина- 63. Телефон: (+992) 554-62-00-33

**Рахимов Абдували Худоидодович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, студент 2-го курса магистратуры по истории. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Е. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 935-33-02-55

**About the authors: Navruzov Golibshoh Loykovich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht region, candidate of historical sciences, associate professor of the department of history and teaching methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin street - 63. Phone: (+992) 554-62-00-33

**Rakhimov Abduvali Khudoidodovich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht region, 2nd year student of the Master's program in history. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin street - 63. Phone: (+992) 935-33-02-55

ТДУ: 930.85

# ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ НУРОБОДИ ВОДИИ РАШТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ (1991-2025)

**Шарифова М.Қ., Баргзода С.Р.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар ҷумҳурӣ баъди ба дастовардани Истиқлолияти давлатӣ ва оғози ноорромию тазодҳои ҷамъиятӣ қишрҳои ҷомеаро рӯ ба танназул оварда буд. Пеш аз ҳама вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат низ рӯ ба харобӣ оварда, бештари корхонаҳои кишвар пурра ва баъзе дигари онҳо камтар рӯ ба нестӣ расида буданд.

Яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ин ғайридавлатӣ ва хусусигардонии корхонаҳои саноатии мамлакат буд. Ҳадафи асосии ин сиёсат даст кашидан аз корхонаҳои зиёновар ва аз ҳолати буҳронӣ баровардани саноати мамлакат унвон шуда ин раванд хоси танҳо Тоҷикистон набуда, анқариб ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ чунин сиёсатро пеш гирифта буданд [6, с. 34].

Ҳамин тариқ, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Нурободи водии Рашт низ иртибот ба ҷумҳурӣ буда, монеа ва равандҳои манфӣ ва мусби- ро фарогир буд.

Бинобар ба навиштаи профессор Н.Б. Ҳотамов "дар ибтидои солҳои 90-ум дар ҷумҳурӣ 102 268 объектҳои давлатӣ мавҷуд буданд, ки аз рӯйи нақша бояд 70 375-тои он хусусӣ гардонида шуда, 2893-тои он моликияти давлатӣ боқӣ мемонд. 1519 объекти боқимонда танҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар навъи моликият табдил дода мешуданд. Маблағи умумии объектҳои номбурда зиёда аз 50 млрд. доллари амрикоиро ташкил медод" [10, с. 19].

Дар таърихи хусусигардонии мамлакат соли 2001 соли хотимавӣ буд, зеро "Стратегияи миёнамуҳлати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1998-2001" хотима ёфт. Маҳз дар ҳамин сол дар музояда ва тендерҳо 417 иншоот (объект), аз ҷумла 342 объекти хурд 72 объекти миёна ва калон фурӯхта шуданд [9, с. 96].

Ҳамин тавр, рафти хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ дар ҷумҳурӣ ва дар манотиқи ҷудогонаи он талаби замон ва мувофиқ ба иқтисоди бозаргонӣ буд, аммо дар ҷумҳурии мо он дар шароит ва вазъияте гузаронида шуд, ки вазъи сиёсии мамлакат номусоид буд. Аз ин вазъ истифода намуда, баъзе мансабдорони давлатӣ ва ашхоси ҷудогона ба ҷойи хусусигардонӣ ба ғасби моликияти давлатӣ даст заданд ва ё бо роҳу васоити дигар онро ба манфиати шахсиашон ҳал намуданд. Ба назари муаллиф, агар ин раванд каме баъдтар, бо беҳтар шудани вазъи сиёсии мамлакат гузаронида мешуд, шояд паёмадҳои он ин қадар зиёновар намешуд. Аз тарафи дигар, маблағи ба дастомада метавонист дар эҳёи объектҳои бузург ва аҳаммияти стратегӣ дошта истифода шавад.

Дар тамоми навоҳии минтақаи Рашт бо мақсади хусусигардонии моликияти давлативу ҷамъиятӣ кумитаҳои амвол таъсис дода шуд. Дар минтақаи Рашт, ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ амалиётҳои ҷангӣ сурат гирифтанд, саноати бе ин ҳам начандон инкишофёфтаи минтақа пурра хароб гардид ва ё дар рафти хусусигардонӣ қисме ғасб, қисми дигар аз кор боз монданд.

Бинобар ин Ҳукумати мамлакат баъди муътадил гардидани вазъи сиёсии минтақа барои барқарорсозии саноат баъзе чораҳо андешид [6, с.34].

Аз сабаби ночиз будани маҳсулоти истеҳсолии корхонаҳои навоҳии водии Рашт дар маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот доир ба ин минтақа оварда намешаванд.

Дар ноҳияи Нуробод чун дигар навоҳии водии Рашт саноат дар ҳолати ногувор қарор дорад. Ба ҳисоби соли 2017 чор корхонаи саноатии истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ, хишти пухта дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият доранд. Инчунин дар ноҳия 8 осиёб, 6 ҷувози равғанкашӣ, 11 неругоҳи хурди барқии обӣ низ мавҷуд аст [6, с. 34]. Дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи зиёдро истеҳсоли хишти пухта ташкил медиҳад.

Соли 2017 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои ҷорӣ 3,3 млн. сомониро ташкил дода, ин рақам дар солҳои 2020-2021 1 баробар бештар гардид [8, с. 34; 4, с. 1-2].

Дар чаҳорчӯбаи Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Нуробод барои соли 2018-2020 5 корхонаи хурди истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, қаннодӣ, паррандапарварӣ (барои парвариши 5000 сар) ва хишти пӯхта (бо иқтидори 800,0 ҳазор дона хишт дар як сол) сохта шуд, ки дар онҳо зиёда аз 150 ҷойи кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуд. Бешак ба фаъолият оғоз намудани ин корхонаҳо ба болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мусоидат намуд [1, с. 17-18].

Чун дигар навоҳии кӯҳистони водии Рашт дар раванди ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ, соҳибкории хурду миёна омили асосии пешбарандаи инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Барои таъмин намудани аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ, болоравии даромаднокии аҳолӣ, зиёдшавии даромади буҷети маҳаллӣ ва афзун намудани бозори истеъмолӣ муносибатҳои нави иқтисодӣ ташаккул меёбанд.

Соҳибкории хурду миёна дар ноҳия бештар дар бахшҳои тиҷорати хурд (фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, либосворӣ, асбобу анҷоми рӯзгор, доруворӣ, сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти кишоварзӣ), тайёр ва пешниҳод намудани ғизои ҷамъиятӣ (ошхона), пешниҳоди хизмат- расониҳои маишӣ (сартарошхона, таъмири пойафзол, дӯхти либос, оҳангарӣ, таъмири автомобилҳо ва ҷиҳози барқӣ), хизматрасониҳои бонкӣ (ташкилотҳои қарздиҳии хурд), алоқа (марказҳои дилерӣ, хизмат- расонии интернетӣ), саққаббозӣ ва ғайраҳо ба роҳ монда шуда, вале дар бахши саноат қариб ба чашм намерасад [5, с. 1-7].

Соли 2017 бахши соҳибкорӣ ҳамагӣ 4,8 фоиз дар ғанӣ гардидани қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳисса гузоштааст. Чунин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки гарчанде шумораи субъектҳои соҳибкорӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале мутаассифона рушди соҳибкории хурду миёна аз нигоҳи иқтисодӣ дар ноҳия чандон фаъол нест.

Дар доираи захираҳои ноҳия имконияти бунёди корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, ки маҳсулоти тайёр тавлид мекунанд мавҷуд аст. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар раванди татбиқи Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия шароити мусоид барои ташкили сехҳои консервакунонии мева, коркарди гӯшту шир ва пӯсту пашм фароҳам оварда мешавад [7].

Таҳлили вазъи саноати водии Рашт собит мекунад, ки агарчанде дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар навоҳии минтақа корхонаҳои зиёди хурди саноатӣ

бунёд шудаанд, аммо талаботи рӯзафзуни аҳолиро қонеъ карда наметавонанд.Аз тарафи дигар, таҳлили раванди амали- шавии барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии навоҳии Рашт нишон медиҳад, ки онҳо дар сатҳи пешбинишуда татбиқ намешаванд.

Сабаби инкишофи саноат, соҳибкории хурду миёна ва тиҷорат дар навоҳии водии Рашт ба мавқеи ҷойгиршавии он низ вобаста аст. Ин ҳам бошад дар масофаи дур ҷойгир будани навоҳии минтақа аз маркази ҷумҳурӣ, нарасидани ашёи хом, душвории роҳҳо, маҳдуд будани бозори дохила мебошад. Бо вуҷуди ин, нақши соҳибкории хурду миёна дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти хӯрока, маводи сохтмонӣ ва саноатӣ хеле калон аст. Зиёда аз 50% таъминоти бозори дохилӣ бар дӯши соҳибкорон мебошад [6, с. 45].

Аз ин рӯ, стратегияи навбатии Ҳукумати ҷумҳурӣ – саноати- кунонии босуръат самти афзалиятнок бояд ба афзоиши нақши саноат дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна равона карда шавад. Дар ин самт эҳё намудани корхонаҳои хурди коркарди мева ва сабзавот дар минтақа мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Зимни ин бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти ширӣ ва коркарди пӯсту пашм низ зарур мебошад. Зеро шароити ҷойгиршавии минтақа барои инкишофи бахши чорводорӣ мутобиқ буда, дорои чарогоҳҳои васеъ мебошад.

Дар ноҳияи Нуробод 4 корхонаи саноатии истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ, хишти пухта дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият мекунад. Инчунин дар ноҳия 8 осёб, 6 ҷувози равғанкашӣ, 11 неругоҳи хурди барқии обӣ низ мавҷуд аст. Дар сохтори ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи зиёдро истеҳсоли хишти пухта ташкил медиҳад. Соли 2017 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати бо нархҳои ҷорӣ 3,3 млн. сомониро ташкил дод [1, с. 20].

Дар соли 2019-2020 бунёди 5 корхонаи хурди истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, қанодӣ, парандапарварӣ (барои парвариши 5000 сар) ва хишти пухта (бо иқтидори 800,0 ҳазор дона хишт дар як сол) пешбинӣ шудааст, ки дар онҳо зиёда аз 150 ҷойи кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода мешавад. Ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳо ба болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мусоидат мекунад [1, с. 34].

Дар раванди ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ, соҳибкории хурду миёна муҳаррики асосии пешбарандаи инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, барои таъмин намудани аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ, болоравии даромаднокии аҳолӣ, зиёдшавии даромади буҷети маҳаллӣ ва афзун намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

Соли 2017 бахши соҳибкорӣ ҳамагӣ 4,8 фоиз дар ташаккули қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳисса гузоштааст. Аён аст, ки ҳиссаи бахши соҳибкорӣ дар ташаккули даромади буҷет назаррас намебошад. Чунин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки гарчанде шумораи субъектҳои соҳибкорӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале мутаассифона рушди соҳибкории хурду миёна аз нигоҳи иқтисодӣ дар ноҳия фаъол намебошад [1, с. 34].

Дар инкишофи соҳибкорони хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар ноҳия филиали бонкҳои Бонки давлатии амонатгузорӣ “Амонатбонк”, “Ориёнбонк” ва ташкилоти хурди қарз-диҳии “Файзи Сурхоб” фаъолият доранд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳраку деҳот бонкҳо ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат медиҳанд. Барои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби бахшу шӯъбаҳои бонкҳо дар давоми соли 2017 ба маблағи

2,8 млн. сомонӣ пешниҳод гардидааст, ки ин 21,7 фоиз нисбат ба соли 2016 зиёд мебошад.

Дар соли 2021-2025 бунёди 5 корхонаи хурди истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, қанодӣ, парандапарварӣ (барои парвариши 28 000 сар) ва хишти пухта (бо иқтидори 800,0 ҳазор дона хишт дар як сол) пешбинӣ шудааст, ки дар онҳо зиёда аз 150 ҷойи кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода мешавад. Ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳо ба болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мусоидат мекунад [2, с. 30].

Соли 2020 бахши соҳибкорӣ ҳамагӣ 14,3 фоиз дар ташаккули қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳисса гузоштааст. Аён аст, ки ҳиссаи бахши соҳибкорӣ дар ташаккули даромади буҷет назаррас намебошад. Чунин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки гарчанде шумораи субъектҳои соҳибкорӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале мутаассифона рушди соҳибкории хурду миёна аз нигоҳи иқтисодӣ дар ноҳия фаъол намебошад [2, с. 31].

Дар доираи захираҳои ноҳия имконияти таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, ки маҳсулоти тайёр тавлид мекунанд, мавҷуд аст. Тасмим гирифта шудааст, ки дар раванди татбиқи Барномаи рушди ноҳия шароити мусоид барои ташкили сехҳои консервакунонии мева, коркарди гӯшту шир ва пӯсту пашм фароҳам оварда мешавад.

Дар инкишофи соҳибкорони хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар ноҳия як адад филиали Бонки давлатии амонатгузорӣ “Амонатбонк”, ва инчунин марказҳои хизматрасонии ҶСК “Ориёнбонк” 2-адад, ҶСП “Аввалин Бонки Молиявии Хурд” ва ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”фаъолият доранд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳраку деҳот бонкҳо ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат медиҳанд. Барои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби бахшу шӯъбаҳои бонкҳо дар давоми соли 2020 ба 144 нафар соҳибкор ба маблағи 1 миллиону 985 800 сомонӣ пешниҳод гардидааст, ки ин 151,4 фоиз нисбат ба соли 2019 зиёд мебошад.

Соҳаи кишоварзӣ муҳимтарин бахши афзалиятноки иқтисодиёт ва манбаи асосии таъмини аҳоли бо маҳсулоти озуқаворӣ ва бо шуғл фаро гирифтани аҳолии ноҳия мебошад.

Кишоварзӣ дар пешбурди иқтисодиёти ноҳия нақши муҳим дошта, рушду нумӯи минбаъдаи он ба ин соҳа марбут аст. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бештар ба парвариши ғалладонагӣ (аз ҷумла гандум, нахуд, ҷав), картошкапарварӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ, зироатҳои техникӣ (моҳсар, зағер), чорводорӣ ва занбури асалпарварӣ шуғл доранд.

Аҳолии ноҳия қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши картошка, мевагӣ, маҳсулоти чорводорӣ (гӯшт, шир ва фрӯши чорво) ва асал ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ ин хоҷагиҳои давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хонаводаҳо мебошанд. Дар сохтори истеҳсоли ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои даватӣ 0,5 фоиз, хоҷагиҳои деҳқонӣ 32,5 фоиз ва хоҷагиҳои хонагӣ 67,0 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия 913 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, 29 хоҷагии калони деҳқонӣ, 13 хоҷагии ҷамъиятӣ (ёрирасон) ва 9302 хоҷагии хонагӣ фаъолият мекунад.

Дар тавозуни хоҷагиҳои ҷамъиятӣ (аз ҳисоби “Агролизинг”) 6 трактор, 2 ядакҳои таракторӣ, 13 испори тракторӣ ва 2 култиватори тракторӣ мавҷуд аст, ки ҳамаи онҳо коршоям мебошанд. Инчунин, дар хоҷагиҳои аҳолӣ 120 трактор, 54 ядаки тракторӣ, 66 испори тракторӣ мавҷуд аст, ки аз ин 54,2 фоиз ((71 адад) трактор, 55,6 фоиз (30 адад) ядаки таракторӣ ва 60,6 фоиз (40 адад) испори

тракторӣ коршоям  ва боқимонда корношоям мебошанд. Ба ҳар як таракторӣ коршоям 39,8 га замини корам рост меояд [6, с.43].

Барои беҳтар намудани хизматрасонӣ хоҷагиҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироат дар давоми се соли оянда таъмин намудани хочагиҳои кишоварзӣ бо техники муосир афзалияти аввалия ба ҳисоб меравад.

Майдони умумии ҳамаи заминҳои дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ (ба ҳолати 1 январи соли 2018)  73 фоиз ё 67667 гектар (аз ҷумла замини обӣ 1841 га) майдони умумии замини ноҳияро ташкил медиҳад (92797 га ва аз ин обӣ 2827 га), ки аз ин 3062 га замини корам (1513 га обӣ), 447 га дарахтони бисёрсола (328 га), 828 га замини алафзор, 828 га алафзор ва 63330 га чарогоҳ ташкил медиҳад. Инчунин дар сохтори майдони умумӣ 889 гектар замини хоҷагиҳои ёрирасон (122 га обӣ), 2727 гектар замини наздиҳавлигӣ (864 га обӣ), 1801 га чангалу бешазор ва боқимонда дигар заминҳо мебошад. Аз майдони умумии заминҳои кишоварзӣ 3062 гекарро замини хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳад. Ба як нафар аз заминҳои корам 0,04 га ва обӣ 0,02 га обӣ рост меояд [1, с.24].

Дар натиҷаи бастани маҷрои оби дарёи Вахш зиёда аз 17 ҳазор гектар замини ҳудуди ноҳияи Нуробод, аз ҷумла 1345 га замини обёришаванда, 156 га боғ, 4782 га чарогоҳ ва 371 га замини наздиҳавлигӣ, 36 хоҷагии деҳқонӣ, 9 хоҷагии инфиродӣ 62 км роҳҳо (аз ин  3 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 59 км роҳи маҳаллӣ) ва қисман ҷамоатҳои Комсомолод (9 деҳа), Ҳакимӣ (9 деҳа) зери обанбор мемонанд.

Соли 2018 бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 4568 га замин кишти зироатҳо гузаронида шуд, ки аз ин 1849 га ғалладонагиҳо ва лубиё, 866 га картошка, 200 га сабзавот, 174 га зироати техникӣ ва 1479 га зироатҳои хӯроки чорворо ташкил дод. Дар сохтори кишти зироатҳо майдони бештарро ғалладонагиҳо ва картошка ташкил медиҳад [1, с. 39].

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хочагидорӣ дар давоми панҷ соли охир беш аз 2 баробар, аз ҷумла соҳаи растанипарварӣ 2,3 маротиба ва чорводорӣ 2,1 маротиба зиёд шудааст. Аз рӯи нишондиҳандаҳои дурнамо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар се соли оянда 13,0 фоиз, картошка  7,0 фоиз, сабзавот 20 фоиз ва ғалладонагӣ 32 фоиз афзоиш мeёбад.

Соҳаи сабзавоткорӣ дар ноҳия баъд аз соҳаи картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои афзалятнок ба шумор рафта, дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҷмӯии маҳсулоти кишоварзӣ накши муҳимро мебозад. Дар се  соли охир ҳосили гирифташудаи сабзавотҳо аз ҳисоби афзоиши ҳосилноки ба маротиба афзуд. Сабзавоткорони ноҳия асосан ба  истеҳсоли пиёз, бодиринг, помидор машғул мебошанд. Қисми асосии маҳсулоти истеҳсолшудаи сабзавот ба ноҳияҳои хамсоя ва минтақаҳои дигари Тоҷикистон содирот мешаванд.

Мушкилотҳои асосии соҳаи растанипарварӣ, паст шудани даромаднокӣ аз ҳисоби баланд шудани арзиши нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ, заҳрхимикатҳо, баланд будани ҳаққи хизмати обрасонии хоҷагии давлатии об, номукаммалии системаи андозбандии заминҳои бо насос обёришаванда ва хоҷагиҳои навташкили деҳқонии инфиродӣ, фарсудагии  техникаи кишоварзӣ, амалан ҷорӣ нашудани киштгардон; номукаммал будани танзими пардохти музди меҳнат дар сатҳи хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аз кор рафтани мутахассисони соҳибтаҷриба, дастрасӣ надоштан ба карзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат, махсусан барои харидани тухмии хушсифат, сӯзишворӣ,  нуриҳои минералӣ, қисмҳои эхтиётӣ, набудани корхонаҳои замонавии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, гаронарзиш будани техникаҳои кишоварзӣ ва баланд будани фоизҳои хизматрасониҳои ташкилотҳои лизингӣ, набудани системаи ягонаи мубориза кимиёвӣ дар сатҳи

води Рашт бар задди ҳашаротҳои зараррасон, фарсуда гардидани системаи ирригатсионӣ ва эрозияи заминҳо ба шумор мераванд [6, с. 34].

Обу ҳавои мусоиди ноҳия барои парвариши дарахтони мевадиҳанда, хусусан нок ва себ мусоид мебошад. Майдони умумии боғҳои мевадиҳанда 447 гектарро ташкил дод. Таҳлилдҳо нишон медиҳанд, ки сол то сол ҳосилнокии майдонҳои боғҳои ноҳия кам шуда истодааст. Сабаби асосии коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулотҳои зикршуда, пеш аз ҳама номусоидии боду ҳаво мебошад. Ҳосили дарахтони мевадиҳанда аз шароити иқлим ва таъминот бо оби полезӣ вобастагӣ дорад. Умуман, дар ноҳия 14 га боғи нав бунёд шудааст, ки аз ин 4 га боғи интесивӣ мебошад. Дар давоми соли 2019-2020 боз бунёди 15 га боғ пешбинӣ шудааст [1, с. 41].

Мушкилотҳои асосии соҳаи мазкур бо роҳи мутамарказонида ташкил накардани коркарди агрохимиявии боғҳо бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасон, норасоии техникаи махсус (коркарди кимёвии боғҳо) ва набудани корхонахои коркарди мева, бад будани ҳолати мелиоративии боғҳо ба шумор меравад.

Дар шароити ноҳияи Нуробод масъалаи об, яке аз масъалаҳои асосии ҳалталаб мебошад. Бо оби полези таъмин намудан ва беҳтар гардонидани ҳолати заминҳои кишоварзӣ яке аз мушкилотҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад.

Барқароросозии каналҳои мелиоративии бо дарозии 6 км дар деҳоти ҷамоати деҳоти И.Ҳалимов (Яхак-Юст) барои беҳтар намудани обёри заминҳо зиёда аз 85 га замин.

Давом додани сохтмони канали «Зуманак» дар ҷамоати деҳоти И. Ҳалимов (Яхак-Юст) барои беҳтар намудани обёри заминҳои мелиоративи зиёда аз 200 га. (15 км). Дар ноҳия зиёда 720 га замини обӣ тавассути насосҳои обкаш обёрӣ карда мешаванд, ки ҳоло аз сабаби корношоям шудани пойгоҳои обкашӣ беш аз 400 га замин дар мавсими обёрӣ ба обӣ полезӣ дастрасии пурра надоранд.

Таъмири асосии пойгоҳҳои обкашӣ афзалияти аввалия барои хоҷагиҳои кишоварзӣ дар давоми солҳои 2019-2020 мебошад. Маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар ноҳия 12,0 фоизи ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзиро ташкил менамояд. Баъд аз тақсим гардидани хоҷагиҳои калони кишоварзӣ ба хоҷагиҳои хурди инфиродӣ, даромаднокии истеҳсолоти маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, асосан аз ҳисоби хоҷагиҳои аҳолӣ мебошад [6, с. 34].

Дар ноҳия бо дарназардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 30289 сар чорвои калон, 93905 сар бузу гӯсфанд ва 93395 сар паранда мавҷуд аст, ки онҳо пурра ба хоҷагиҳои аҳолӣ мансуб мебошад.

Дар ноҳия ҳамагӣ 6 нуқтаи бордоркунӣ ташкил гардидааст. Дар ноҳия идораи бойторӣ, ташхисгоҳи бойторӣ ва як дорухонаи байторӣ фаъолият мекунад. Чорводорони ноҳия барои нигаҳдории моли майда дар фасли зимистон ҷойи муайян надоранд. Нуқтаҳои қабули пӯст ва пашми ҳайвонот дар ноҳия мавҷуд нест.

Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳия барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои маҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал ва истеҳсоли он зиёд карда шавад. Дар ноҳия ба рушди соҳа диққати ҷиддӣ дода мешавад. Истеҳсоли асал аз 36,0 тоннаи соли 2010 ба 117,0 тонна дар соли 2017 расонида шудааст. Тибқи нақша соли 2019-2020 шумораи оилаи занбури асал ба 10700 оила расонида мешавад [1, с. 34].

Мушкилотҳои асосии соҳаи мазкур, набудани мутахасисони баландихтисос, системаи тайёр намудани занбӯрпарварон, норасоии оилаҳои занбӯрони хушзот, таҷҳизоти замонавӣ ва маводу дастурҳои таълимӣ мебошад.

Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводориро бе пешниҳоди хизматрасонии босифати байторӣ (бахусус ҳангоми пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда) тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои қарасон (эмкор), яшур, кирмҳои дарунӣ, брутселлёз, энтеротоксимия ва варами шуши моли майда ба мушоҳида мерасад. Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд (сӯхтанӣ – 100 %, вабои сумдард 12 %, гули моли майда 10 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-40%).

Дигар мушкилот ин дар хоҷагиҳои ноҳия набудани нуқтаи безараргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯи чорво, бахусус, барои чорвои гирифтори касалиҳои сироятӣ) мебошад. Бунёди нуқтаҳои безараргардони ва муҷаҳҳаз гардонидани клиникаҳои байторӣ (аз ҷумла, дар сатҳи ҷамоатҳо) бо техникаю технологияҳои муосир афзалияти аввала барои соҳа мебошад.

Масъалаи муҳимтарин ин ҳифзи ҳудуди ноҳия аз воридшавии ангезаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот (аз ҷумла парранда, ҳайвоноти мӯинадор, занбӯри асал, моҳӣ, роҳҳои чорвогузар ва ғайра) мебошад.

Дар баробари мушкилоти номбаршуда нарасидани мутахассисони баландихтисос дар ноҳия низ ба назар мерасад, ки ин ба пешбурди соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳо дар соҳаи кишоварзӣ соли 2016 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли маҳсулот, аз ҷумла ғалла ба 2662 тонна, картошка 13357 тонна, сабзавот 3695 тонна, меваҷот 3333 тонна, гӯшт 2257 тонна, шир 5810 тонна, тухм 3628 ҳазор дона, пашм 51 тонна, асал 121 тонна расонида шудааст, ки дар қиёс ба соли 1992 истеҳсоли ғалла 2,2 маротиба, картошка 3,7 маротиба, сабзавот 1,5 маротиба, меваҷот 2,8 маротиба, гӯшт 2,6 маротиба, шир 2,8 фоиз ва пашм 2,4 маротиба афзоиш ёфтааст [2, с. 26].

Соли 2016 дар ноҳия 132,4 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки 17,0 фоиз ё 19,1 млн. сомонӣ дар муқоиса ба соли 2013 зиёд шудааст.

Дар натиҷаи барқарорсозии канали “50-солагии Тоҷикистон” дар Ҷамоати деҳоти “Хумдон” ва ба фаъолият шурӯъ намудани пойгоҳи обкашии Пандовчӣ зиёда аз 35 га замини киштшаванда обёрӣ карда шуд. Инчунин, дар майдони 73,5 га боғҳои нави мевадиҳанда бунёд карда шуда, 25 га боғи кӯҳна барқарор карда шуд. Дар давоми солҳои 2018-2020 иловатан 80 га боғи кӯҳна аз нав барқарор карда мешавад [1, с. 19].

Майдони умумии ҳамаи заминҳои дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ қарордошта (ба ҳолати 1 январи соли 2020) 73 фоиз ё 67669 гектар (аз ҷумла замини обӣ 2827 га) майдони умумии замини ноҳияро ташкил медиҳад (92797 га ва аз ин обӣ 2827 га), ки аз ин 3062 га замини корам (1513 га обӣ), 470 га дарахтони бисёрсола, 829 га замини алафзор ва 63308 га чарогоҳ ташкил медиҳад. Инчунин, дар сохтори майдони умумӣ 889 гектар замини хоҷагиҳои ёрирасон (122 га обӣ), 2727 гектар замини наздиҳавлигӣ (864 га обӣ), 1801 га ҷангалу бешазор ва боқимонда дигар заминҳо мебошад. Аз майдони умумии заминҳои кишоварзӣ 3062 гекарро замини хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳад [1, с. 44].

Соли 2019 бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 4678 га замин кишти зироатҳо гузаронида шуд, ки аз ин 1860,24 га ғалладонагиҳо ва лубиё, 996 га картошка, 359,94 га сабзавот, 275,689 га зироати техникӣ ва 1191,51

га зироатҳои хӯроки чорворо ташкил дод. Дар сохтори кишти зироатҳо майдони бештарро ғалладонагиҳо ва картошка ташкил медиҳад [1, с. 44].

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар давоми панҷ соли охир беш аз 2,5 баробар, аз ҷумла соҳаи растанипарварӣ 2,8 маротиба ва чорводорӣ 2,3 маротиба зиёд шудааст. Аз рӯи нишондиҳандаҳои дурнамо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар панҷ соли оянда 16,5 фоиз, картошка 5,5 фоиз, сабзавот 7 фоиз ва ғалладонагӣ 4 фоиз афзоиш меёбад.

Дар соли 2020 дар ноҳия 15 га боғи нав бунёд шудааст. Дар давоми солҳои 2021-2025 боз бунёди 10 га боғ пешбинӣ шудааст [1, с. 44].

Мушкилотҳои асосии соҳаи мазкур бо роҳи мутамарказонида ташкил накардани коркарди агрохимиявии боғҳо бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасон, норасоии техникаи махсус (коркарди кимёвии боғҳо) ва набудани корхонаҳои коркарди мева, бад будани ҳолати мелиоративии боғҳо ба шумор меравад.

Дар ноҳия ба рушди соҳаи занбури асалпарварӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Истеҳсоли асал аз 117,0 тоннаи соли 2017 ба 131 тонна дар соли 2020 расонида шудааст. Тибқи нақша солҳои 2019-2020 шумораи оилаи занбӯри асал ба 12 533 оила расонида шуд. Зиёд намудани истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия аст [1, с. 44].

Масъалаи муҳимтарин ин ҳифзи ҳудуди ноҳия аз воридшавии ангезаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот (аз ҷумла парранда, ҳайвоноти мӯинадор, занбӯри асал, моҳӣ, роҳҳои чорвогузар ва ғайра) мебошад.

Дар баробари мушкилоти номбаршуда нарасидани мутахассисони баландихтисос дар ноҳия низ ба назар мерасад, ки ин ба пешбурди соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**


1. Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2018-2020. Нуробод, 2017.- 48 с.
2. Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2021-2025. Нуробод, 2021.-45 с.
3. Дӯстзода Ҳ.Т. Рафъи камбудӣ – асоси ноилшавӣ ба дастовард //Нури Нуробод. 2016. №13-14. июл. -С.1-2.
4. Дастовардҳо назаррасанд //Нури Нуробод. 2016. №9. май.-С.1-2
5. Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи Сангвор, даъвати панҷум //Мавҷи Хингоб. – 2018. – № 10. -С.1-7.
6. Махсудов А.М. Таърихи водии Рашт дар даврони истиқлолият (1991-2021). Душанбе; 2025-196 с.
7. Нуробод ноҳияе дар масири рушд [манбаи электронӣ]. jumhuriyat.tj (санаи муроҷиат: 16.10.2025).
8. Рӯшанов С. Аз файзи истиқлол //Нури Нуробод. 2016. №13-14. июл.-С.7.
9. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмӯаи оморӣ.–Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2017.-96 с.
10. Хотамов Н.Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006) / Н. Б. Хотамов. – Душанбе; 2008.- С.19.

## ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ НУРОБОДИ ВОДИИ РАШТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ (1991-2025)

Ноҳияи Нуробод минтақаи Рашт яке аз ноҳияҳои самти аграрӣ-саноатии кишвар ба шумор меравад. Дар раванди соҳибистиқлолии мамлакат ноҳияи Нуробод дар тамоми самтҳо аз ҷумла самти иҷтимоӣ иқтисодӣ пешравиҳои назаррасро ноил гардид. Пеш аз ҳама, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва бавуҷудомадани низоми нави заминдорӣ, бештари заминҳои ноҳияи Нуробод ба сокинони маҳалӣ ҳамчун заминҳои назди ҳавлигӣ ва бештари дигари онҳо заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дастаҷамъиро ташкил намуданд. Чун дигар навоҳии кӯҳистони водии Рашт дар раванди ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ, соҳибкории хурду миёна омили асосии пешбарандаи инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Барои таъмин намудани аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ, болоравии даромаднокии аҳолӣ, зиёдшавии даромади буҷети маҳаллӣ ва афзун намудани бозори истеъмолӣ муносибатҳои нави иқтисодӣ ташаккул меёбанд. Дар мақолаи мазкур муаллифон доир ба вазъ, дурнамо ва мушкилотҳои самти иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Нурободи водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотӣ назаррасеро анҷом додаанд.

**Калидвожаҳо:** Водии Рашт, Нуробод, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, кишоварзӣ, саноатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, чорводорӣ, занбури асалпарварӣ.

## СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СИТУАЦИЯ НУРОБОДСКОГО РАЙОНА РАШТСКОЙ ДОЛИНЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ (1991-2025)

Нурободский район Раштской области является одним из аграрно-промышленных районов страны. В процессе обретения независимости Нурободский район добился значительного прогресса во всех областях, включая социально-экономическую. Во-первых, после распада Советского Союза и появления новой системы землевладения большая часть земель Нурободского района была передана местным жителям в качестве приусадебных участков, а большая их часть была преобразована в крестьянские и колхозные земли. Как и в других горных районах Раштской долины, в процессе внедрения новых экономических связей основной движущей силой развития экономических секторов считается малый и средний бизнес. Формируются новые экономические связи, призванные обеспечить население постоянными рабочими местами, повысить доходы населения, увеличить поступления в местный бюджет и расширить потребительский рынок. В данной статье авторы провели значимое исследование ситуации, перспектив и проблем социально-экономического направления Нурободского района Раштской долины Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Долина Рашт, Нурободь, социальный, экономический, сельскохозяйственный, промышленный, фермы, животноводство, пчеловодство.

## SOCIO-ECONOMIC SITUATION OF THE NUROBOD DISTRICT OF THE RASHT VALLEY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING INDEPENDENCE (1991-2025)

The Nurobod district of the Rasht region is one of the country's agro-industrial regions. Since gaining independence, the Nurobod district has achieved significant progress in all areas, including socio-economic development. First, after the collapse of the Soviet Union and the emergence of a new land tenure system, most of the land in the Nurobod district was transferred to local residents as household plots, and much of this

land was converted into peasant and collective farm lands. As in other mountainous regions of the Rasht Valley, small and medium-sized businesses are considered the main driving force behind the development of economic sectors in the process of introducing new economic ties. New economic ties are being formed to provide permanent jobs, increase incomes, boost local budget revenues, and expand the consumer market. In this article, the authors conducted a significant study of the situation, prospects, and socioeconomic challenges of the Nurobod district of the Rasht Valley, Republic of Tajikistan.

**Key words:** Rasht Valley, Nurobod, social, economic, agricultural, industrial, farms, livestock farming, beekeeping.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифова Макнуна Қарчибековна –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини ректор оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин– 63. Телефон: (+992) 905-18-00-33

**Баргзода Сафаралӣ Раҳмиддин –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 014-41-31-31

**Сведения об авторах: Шарифова Макнуна Карчибековна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель ректора по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина - 63. Телефон: (+992) 905-18-00-33.

**Баргзода Сафарали Рахмиддин** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистр 2-го курса по истории. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, улица Е. Мухиддина -63. Телефон: (+992) 014-41-31-31

**About the authors: Sharifova Maknuna Karchibekovna** – Tajik pedagogical institute in the Rasht district, deputy rector for educational work, candidate of historical sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin - 63. Phone: (+992) 905-18-00-33.

**Bargzoda Safarali Rakhmiddin** – Tajik pedagogical institute in the Rasht district, 2nd year master's degree in history. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin street - 63. Phone: (+992) 014-41-31-31

**ТДУ: 930.85**

# РУШДУ НУМУИ МАКТАБУ МАОРИФИ МИНТАҚАИ РАШТ ДАР СОЛҲОИ 1956-1991

**Махсудов А.М., Мудабирзода З.Б.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар даврони шуравӣ ҶШС Тоҷикистон чунин тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ дошт: 1 вилояти мухтор, 3 вилоят, 8 ноҳия ва 5 шаҳри тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе, Норак, Орҷоникидзеобод, Роғун, Турсунзода. Вилояти Ғарм яке аз чор вилояти аввали ҷумҳурӣ буд, ки ҳанӯз 27 октябри соли 1939 бо Указии Президиуми Шурои Олии ИҶШС ба ҷойи округи Ғарм таъсис дода шуда, то соли 1955 арзи вуҷуд кардааст [6, с. 61]. Маркази вилоят дар ибтидо шаҳрчаи Ғарм ва аз соли 1949 қишлоқи Шулмак, ки дар соли 1950 ба шаҳрчаи Навобод табдили ном

карда буд, маҳсуб меёфт. Дар лаҳзаи таъсисёбӣ вилояти Ғарм бо вилоятҳои Кӯлоб, Ленинобод ва Сталинобод дар ғарб, бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шарқ, вилояти Оши ҶШС Қирғизистон дар шимол ва дар ҷануб бо Афғонистон ҳамсарҳад буд. Бо Указӣ Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 24 августи соли 1955 вилоят барҳам дода шуда, навоҳии он мустақиман ба тобеияти мақомоти марказии ҷумҳурӣ дода шуданд [7, с. 191-192].

Минтақаи Рашт дар замони шуравӣ ҳудуди навоҳии Ғарм, Ҷиргатол, Қалъаи Лаби Об, Қалъаи Хумб, Комсомолобод, Оби Гарм, Сангвор, Тавилдарра, Ҳоит, Шулмакро, ки имрӯз мутаносибан ба ноҳияҳои Рашт, Лахш, Нуробод, Тоҷикобод ва Сангвор мувофиқ меояд, фаро мегирифт. Ҳудуди ин ноҳияҳо ва номгузории онҳо дар даврони шуравӣ дар натиҷаи барҳам додан, муттаҳид сохтан, тақсим кардани ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ тағйир ёфта меистоданд. Чунончи, ноҳияи Ғарм ҳанӯз моҳи декабри соли 1929 бо таъсис ёфтани ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфта, як қисмате аз округи Ғармро ташкил медод. Аз 27 октябри соли 1939 то соли 1955 ноҳияи Ғарм ба ҳайати вилояти Ғарм дохил мешуд. Баъд аз барҳам хӯрдани вилояти Ғарм дар соли 1955 ноҳияи Ғарм мақоми ноҳияи тобеъи ҷумҳуриро гирифт.

28 апрели соли 2001 бо Қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 190 ба ин ноҳия номи таърихии он – Рашт баргардонида шуд.

Ноҳияи Ҷиргатол, ки имрӯз Лахш ном дорад, ҳанӯз 10 марти соли 1931 дар ҳайати ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфта буд. Аз 27 октябри соли 1939 то соли 1955 ноҳияи Ҷиргатол ба ҳайати вилояти Ғарм дохил мешуд. Баъд аз барҳам хӯрдани вилояти Ғарм дар соли 1955 ноҳияи мазкур мақоми ноҳияи тобеъи ҷумҳуриро гирифт.

3 марти соли 2016 бо фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 29 ва Қарори Шурои Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 204 ноҳияи Ҷиргатол ба ноҳияи Лахш табдили ном кард.

Ноҳияи Комсомолобод, ки имрӯз Нуробод ном гирифтааст, сараввал ҳамчун ноҳияи Дарбанд 19 январи соли 1936 дар ҳайати ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфта, дарҳол ба ноҳияи Комсомолобод табдили ном кард. Ноҳияи мазкур солҳои 1938—1939 ба ҳайати округи Ғарм ва солҳои 1939—1955 ба ҳайати вилояти Ғарм дохил мешуд. 28 сентябри соли 1955 ба ноҳияи Комсомолбод қисми ҳудуди ноҳияи Тавилдарaро, ки барҳам хӯрда буд ва 4 марти соли 1959 қисми ҳудуди ноҳияи барҳамхӯрдаи Оби Гармро ҳамроҳ карданд.

Дар соли 1991 ба ноҳия номи таърихиаш – Дарбанд баргардонида шуда, 26 феврали соли 1991 дар қисматҳои шарқии ноҳия ноҳияи Тавилдара таъсис дода шуд.

7 апрели соли 2003 бо Қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 390 ноҳия номи Нурободро гирифт.

Ноҳияи Қалъаи Лаби Об, ки имрӯз Тоҷикобод номгузорӣ шудааст, маркази маъмурии он 2 марти соли 1964 аз совети қишлоқи Калъаи Лаби Оби ноҳияи Ҷиргатол ба қишлоқи Тоҷикобод кӯчонида шуд.

Ноҳияи Тавилдарра, ки имрӯз Сангвор ном дорад, ҳанӯз соли 1931 дар ҳайати ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфта буд. Солҳои 1938-1939 ба ҳайати округи Ғарм ва аз 27 октябри соли 1939 то соли 1955 ноҳияи Тавилдарра ба ҳайати вилояти Ғарм дохил мешуд. Баъд аз барҳам хӯрдани вилояти Ғарм дар соли 1955 ноҳияи мазкур барҳам дода шуда, ҳудуди он ба ҳайати ноҳияҳои Қалъаи Хумб ва Комсомолобод дохил карда шуд.

26 феврали соли 1991 бо қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ноҳияи Тавилдара аз нав барқарор карда шуд.

2 феврали соли 2016 бо фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 29 ва Қарори Шурои Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 204 аз 3 марти соли 2016 ноҳияи Тавилдара ба ноҳияи Сангвор табдили ном кард. Бояд қайд кард, ки бо ҳамин ном солҳои 1936-1952 ноҳия арзи вуҷуд мекард, ки ҳудуди он қисми ноҳияи имрӯзаро фаро мегирифт.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мо рушди фарҳанг, аз ҷумла низоми мактабу маорифро дар ҳудуди минтақаи Рашт дар бар мегирад, ки новобаста аз тағйирёбии мақоми маъмурии он фазои ягонаи иқтисодию ҷуғрофӣ дошта, дар даврони шуравӣ навоҳии Ғарм, Ҷиргатол, Қалъаи Лаби Об, Қалъаи Хумб, Комсомолобод, Оби Гарм, Сангвор, Тавилдарра, Ҳоит, Шулмакро дар бар мегирад.

Мухтасар оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаи мазкур ҳаминро бояд қайд кард, ки дар тамоми давраи шуравӣ, бахусус дар нимаи дуюми асри гузашта, шуруъ аз солҳои баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон, ба таври ҳамеша суръати афзоиши демографӣ аз суръати рушди иқтисодӣ афзунтар будааст. Барои минтақаи Рашт низ ба мисли тамоми ҷумҳурӣ, суръати баланди афзоиши аҳолӣ, ҳаракати пасти ҳудудӣ ва иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ, бартарии аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳрҳо хос буд. Саноатикунонии босуръати минтақа ва азхудкунии заминҳои корам тавассути механизатсияи колхозу совхозҳо ба раванди шаҳрнишин шудани аҳолӣ мусоидат менамуд. Иншооти азими саноатию комплекси агросаноатии минтақа на танҳо бо қувваи аҳолии маҳаллӣ, балки инчунин бо кумаки мутахассисоне, ки аз дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба ин ҷо омада, дар шаҳрҳо маскун мешуданд, бунёд мегардид. Аммо, чуноне ки С. Олимова ва М. Олимов қайд кардаанд, аҳолии маҳаллӣ нисбат ба онҳо ба саноатикунонии сартосарӣ ва модернизатсияи минтақа таваҷҷуҳи каме зоҳир намуда, барои ба шаҳрҳо сокин шудан намешитобиданд [5, с. 9]. Камҳаракатии муҳоҷиратии тоҷикон ба таҷаммӯи аз ҳад зиёди аҳолӣ ва инкишофи бекории пинҳонӣ дар деҳот оварда расонид. Ин ҳолат тадриҷан ба бӯҳрони системавӣ мунҷар гардид, ки оҳиста-оҳиста ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирифт. Буҳрони бавуҷудомада дар асари модернизатсияи нопурра ва ба ниҳоятнарасида, норасоии захираҳои сармоягузорӣ амиқтар мегардид.

Дар давраи мавриди баррасӣ, ба мисли тағйирёбии воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии минтақаи Рашт, низоми мактабу маориф низ дар асари дигаргуниҳои замона пайваста дар такомулу тағйирёбӣ буд. Ҳуқуқи дастрасии шаҳрвандон ба таҳсилоти ройгон дар даврони шуравӣ тавассути Конститутсияи Иттиҳоди Шуравӣ ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон кафолат дода мешуд. Масъалаи мактабу маориф ва рушду нумӯи минбаъдаи он дар анҷуманҳои ҳизби коммунистӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи давлат қарор дошт. Қарорҳои анҷуманҳои ҳизби роҳбарикунандаи ҳамонвақта – ҳизби коммунистӣ дар сатҳи умумииттифоқ ва ҷумҳурӣ барои тарбияи насли наврас ва ҷавонони Тоҷикистон таъсири судманд мерасониданд.

Дар асоси қарорҳои анҷумани XX ҲКИШ 24 декабри соли 1958 Шурои Олии ИҶШС «Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва дар бораи минбаъд инкишоф додани низоми маорифи халқ дар ИҶШС» қонун қабул кард. Мувофиқи ин қонун дар мамлакат таҳсилоти умумии ҳатмии ҳаштсола муқаррар гардид. Дар натиҷаиислоҳоти мактабҳои таълимоти умумӣ дар ИҶШС низоми

нави маориф ҷорӣ шуд (4+4+3). Мӯҳлати таҳсил дар мактабҳои ибтидоӣ 4 сол, дар мактабҳои миёнаи нопурра 4 сол, дар мактабҳои миёна 3 сол муайян гардид [4, с. 4]. Низоми нави таҳсил бояд хонандагонро бо донишҳои нави замонавӣ мусаллаҳ ва алоқаи мактабро ба ҳаёт мустаҳкам намуда, мактаббачагонро ба рафти истеҳсолот ошно месохт. Мақомоти соҳаи маориф барои аз нав такмилдиҳию мустаҳкамкунии шабакаи мактабҳо ва ҷобаҷогузории қадрҳои омӯзгорӣ бисёр корҳоро ба анҷом расонид. Дар натиҷаи кори амалии кормандони соҳаи маорифи халқ соли таҳсили 1962-1963 тамоми мактабҳои ҳафтсола дар мамлакат ба мактабҳои ҳаштсола табдил дода шуда, алоқаи мактаб ба ҳаёт ва меҳнат хеле пурзӯр гашт.

Анҷумани XXI ҲКИШ (1959) дар қарорҳои худ бори дигар бозсозии мактабро дар самти мустаҳкамкунии алоқаи он ба ҳаёт, меҳнат ва инкишофи таълими политехникиро таъқид намуд. Ҳуҷҷатҳои анҷуман самтҳои асосии вазифаҳои рушду нумӯи соҳаи маорифо дар ИҶШС дар солҳои 1956 ва 1965 муайян намуд.

Масъалаҳои марбути соҳаи маориф дар анҷумани XIII Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (феврали 1960) мавриди муҳокима қарор гирифт. Анҷуман қарор кард, ки сохтмони мактабҳоро вусъат дода, таълими ду ё себастагии бачагонро то соли 1960 барҳам ва то оғози соли таҳсили 1963-1964 ба як баст гузаштани мактабҳоро анҷом диҳанд. Дар асоси қарорҳои анҷумаии XIII Ҳизби коммунисти Тоҷикистон сохтмони мактабҳо дар ҷумҳурӣ авҷ гирифта, аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва колхозҳо то саршавии соли таҳсили 1960-1961 19,2 ҳазор ҷои нишасти хонандагон сохта шуд. Бо ташаббуси ташкилотҳои ҷамъиятӣ қариб 800 биноҳо барои 200 ҳазор нафар хонанда ба ихтиёри мактабҳо супорида шуд. Бо вуҷуди ин, қонун дар бораи таълими умумии ҳаштсола ва сохтмони мактабҳо хеле суст иҷро мегардид. Ин масъала Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Кумитаи марказии ҲКИШ-ро низ ба ташвиш оварда буд. Аз ин рӯ, масъалаи маорифи халқи Тоҷикистон мавриди муҳокимаи Кумитаи марказии ҲКИШ қарор гирифт. Дар қарори худ Кумитаи марказии ҲКИШ аз 6 феврали соли 1962 «Дар бораи роҳбарии ғайриқаноатбахши Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ба кори маорифи халқ»ба камбудиҳову масъалаҳои мушаххаси маорифи халқ диққати ташкилоти ҳизбии ҷумҳуриро ҷалб намуд. 23 феврали соли 1962 пленуми Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон қарори мазкурро муҳокима карда, қайд намуд, ки қонун дар бораи ҷорӣ намудани таълими ҳатмии умумӣ дар ҷумҳурӣ тибқи талабот иҷро намегардад. Ҳанӯз ҳам дар бисёр мактабҳои ноҳияҳои ҷумҳурӣ, махсусан деҳот, ба мактаб ҷалб намудани бачагон хеле кам ва мактабро тарк намудани онҳо хеле зиёд аст. Корҳои сохтмони мактабҳо ҳам хеле суст ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷа қариб 40 % хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳанӯз ҳам дар 2-3 смена дарс мехонанд. Пленум аз мақомоти ҳизбию соҳаи маориф талаб намуд, ки дар мӯҳлати кӯтоҳ кори сохтмони мактабҳои ҳаштсоларо дар ноҳияҳо васеъ намуда, пояи моддию техникии онҳоро мустаҳкам карда, дар муддати як ё ду сол сесменагӣ ва дар солҳои наздик дусменагии мактабҳоро барҳам диҳанд.

Соли таҳсили 1965-1966 дар ҷумҳурӣ 2518 мактаб вуҷуд дошт, ки ин нисбат ба соли таҳсили 1956-1957 29 мактаб кам аст. Бояд қайд намуд, ки кам шудани миқдори мактабҳо пеш аз ҳама аз ҳисоби табдил додани мактабҳои ҳаштсола ба миёна ба вуҷуд омад. Дар ин давра муассисаҳои томактабӣ ва миқдори

тарбиягирандагон низ афзуданд. Соли 1964 дар ҷумҳурӣ 414 муассисаи томактабӣ вуҷуд дошт, ки 43620 нафар тарбиягирандагонро фаро мегирифтанд.

Дар ин давра Ҳукумати Тоҷикистон барои таъсиси мактаб-интернатҳо корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Ташкил ёфтани мактаб-интернатҳо ин талаботи замон буд, зеро ки баъди ҷанг бисёр бачагон бепарастор монда, даромади баъзе оилаҳои серфарзанд хеле кам буд. Аз ин рӯ, зарурат ба кушодани мактаб-интернатҳо пайдо шуда буд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, анҷумани XX ҲКИШ (1956) барои ташкил кардани мактаб-интернатҳо қарор қабул намуд. Ҳукумати Тоҷикистон дар партави иҷрон ин қарор соли таҳсили 1956-1957 дар ҷумҳурӣ 2 мактаб-интернат (Шаҳринав ва Ӯротеппа)-ро ташкил намуд, ки дар онҳо 827 нафар хонанда тарбия мегирифтанд.

Дар давраи аз соли 1956 то 1961 миқдори онҳо аз 2 то ба 31 расонида шуд. Соли таҳсили 1965-1966 дар ҷумҳурӣ 34 мактаб-интернат (13-то дар деҳот, аз ҷумла дар минтақаи Рашт) вуҷуд дошт, ки дар онҳо 12844 хонанда, аз ҷумла 2775 нафар духтар таҳсил мекард.

Бояд қайд намуд, ки мактаб-интернатҳо дар байни аҳолии ҷумҳурӣ хеле машҳур гашта буданд. Дар онҳо таълиму тарбияи бачагон нисбат ба мактабҳои оддӣ хело хуб ба роҳ монда шуда буд. Дар мактаб-интернатҳо муаллимони баландихтисос кор мекарданд. Аксарияти интернатҳо бо таҷҳизоти ҳозиразамон муҷаҳҳаз шуда, биноҳои ҳозиразамон доштанд. Умуман, дар онҳо ҳамаи шароите, ки барои ташаккулу инкишофи ҳаматарафаи маишию мадании кӯдакон заруранд, муҳаё шуда буд.

Дар кори таълиму тарбия дар мактаб-интернатҳо усул ва равишҳои гуногуни пешқадами таълим истифода бурда мешуд. Хонандагон дониш, малакаю маҳорати заруриро аз бар намуда, онҳоро дар амал мустақилона ба кор мебурданд. Дар мактаб-интернатҳо таълиму тарбия бо меҳнати ҷамъиятӣ ва бо фаъолияти гуногуни меҳнатии хонандагон пайваста ба роҳ монда шуда буд.

Дар аксарияти мактаб-интернатҳои ҷумҳурӣ таълими хонандагон нисбат ба мактабҳои муқаррарӣ беҳтар буд, мувофиқи ҷамъбасти соли таҳсили 1968-1969 дарсазхудкунии хонандагон 95,8 %-ро ташкил медод.

Дар нақшаи нави таълимӣ миқдори соатҳои дарсии забони модарӣ ва русӣ зиёд гардида, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҷорӣ шуд. Дар давоми ин солҳо бисёр китобҳои нави дарсии доимӣ ва васоити таълимӣ-методӣ аз тарафи олимони тоҷик таҳия гардид.

Бо тақозои замон дар ин солҳо дар мундариҷаи таълиму тарбия тағйирот низ дохил шуданд. Дар рафти таълими фанҳо ба паҳлӯҳои фардии иикишофи хонандагон аҳамияти бештар медоданд. Муаллимон ба корҳои эҷодию мустақилонаи хонандагон диққат дода, аз воситаҳои техникӣ (радио, сабти забт, кино, слайд) истифода мебурданд.

Дар асоси қонуни қабулкардаи Шӯрои Олии ИҶШС аз 24 декабри соли 1958 «Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва дар бораи минбаъд инкишоф додани низоми маорифи халқ дар ИҶШС» роҳҳои нави амалӣ гаштани тарбияи меҳнатию политехнкӣ дар мактаби шӯравӣ нишон дода шуд [4, с. 4]. Мактабҳои ҷумҳурӣ онро мавриди иҷро қарор дода, дар таълими политехникӣ ва дар кори алоқаманд намудани таълим ба меҳнати истеҳсолии мактаббачагон корҳои зиёдеро анҷом дода, ба муваффақиятҳои бузург ноил гардиданд. Дар асоси ин қарор соатҳои дарси меҳнат зиёд шуд, таҷрибаи истеҳсолии хонандагои ҷорӣ

гардид, бригадаҳои истеҳсолӣ ва устохонаҳои гуногуни истеҳсолӣ ташкил ёфт. Масалан, соли таҳсили 1962-1963 машғулиятҳои амалии хонандагони мактабҳои миёна дар 147 корхонаи саноатӣ, 193 колхозу совхозҳо, 65 корхонаю муассисаҳо гузаронида шуданд. 279 мактаб бо таълими истеҳсолӣ (94 мактаби шаҳр ва 185 мактаби кишлоқ) фаро гирифта шуда буд. Таълимоти истеҳсолии мактаббачагони синфҳои IX-XI аз рӯи зиёда аз 80 ихтисос, аз он ҷумла, аз рӯи 22 ихтисоси хоҷагии кишлоқ гузаронида мешуд. Вобаста ба ин 5243 нафар бо ихтисоси саноатӣ, 1004 нафар бо ихтисоси нақлиёт ва алоқа 14367 нафар бо ихтисоси хоҷагии халқ ва 819 нафар бо ихтисоси бинокорӣ таълим мегирифтанд. Таълими истеҳсолии худро хонандагони мактабҳои шаҳр дар корхонаю устохонаҳои таълимию истеҳсолӣ, мактаббачагони деҳот бошанд, дар колхозу совхозҳо ба воситаи бригадаҳои истеҳсолии талабагон мегузарониданд.

Соли 1964 дар ҷумҳурӣ 84 бригадаи истеҳсолии хонандагон вуҷуд дошт, ки 8578 нафар мактаббачагонро фаро гирифта буд. Бояд қайд кард, ки ташкил намудани таълими политехникӣ ва меҳнатӣ дар болоравии шуурнокии хонандагон таъсири мусбат расонид. Мактаббачагон дар ҳалли бисёр масъалаҳо, махсусан дар ташкили меҳнат ва дар иҷрои дигар корҳои истеҳсолӣ мустақилияти комил нишон медоданд. Бисёр хонандагон ҳанӯз дар вақти дар мактаби миёна таҳсил карданашон ихтисоси ояндаи худро муайян мекарданд. Умуман, ҷорӣ намудани таълими меҳнатию политехникӣ дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонони ҷумҳурӣ аҳамияти калони тарбиявию ахлоқӣ ва меҳнатӣ дошт.

Ягонагии раванди таълим ва тарбияи хонандагон тавассути нақшаю барномаҳои намунавии аз тарафи Академияи фанҳои педагогии Иттиҳоди Шуравӣ ва дар сатҳи ҷумҳурӣ тавассути мақомоти зертобеи он бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ таъмин карда мешуд. Ҳанӯз аз ибтидои нимаи дуюми асри гузашта сар карда, бо назардошти дарёфт кардани сатҳи пешрафти илмию техникии дигар мамолики дунё, масъалаи пайваста такомул додани низоми мактабу маориф дар сатҳи умумииттифоқ, ҷумҳуриҳо ва минтақаҳои он мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии роҳбарият қарор гирифта буд. Бо ҳамин мақсад аз ибтидои солҳои 70-уми асри XX таҳсилоти умумии миёна татбиқ карда мешуд.

Бо вуҷуди ин, низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ якчанд бор тағйир ёфта, сараввал аз 11-солаи таълими истеҳсолӣ ба 10-сола бо чунин тартиб: таҳсилоти ибтидоӣ 4 сол; миёнаи нопурра 4 сол ва таҳсилоти миёна 2 сол, дар маҷмуъ 10 сол, тағйир дода шуд [1].

Минбаъд дар доираи чорабиниҳои ҳизбию ҳукуматӣ раванди тарбия мавриди муносибати комплексии мақомоти сатҳи гуногун қарор гирифт, ки бо назардошти сарфи назар аз гуногунрангии қишрҳои ҷомеа, ягонагии тарбияи меҳнатию ахлоқӣ ва ғоявӣ-сиёсии онҳо таъмин карда мешуд.

Умуман, дар ҳудуди минтақаи Рашт гузариш ба низоми таҳсили миёнаи умумӣ то охири солҳои 70-ум тӯл кашидааст. Мувофиқи вазифаҳои Нақшаи панҷсолаи X барои солҳои 1975-1980 бояд тамоми хонандагони таҳсилоти миёнаи нопурраро, яъне синфи 8-ро хатмкарда, бояд бо идомаи таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи пурра фарогир мешуданд.

Чунончи, мувофиқи қарори Президиуми ШО Тоҷикистони шуравӣ аз моҳи декабри соли 1976 [2, с. 1] вазоратҳои соҳавӣ ва идораҳои дахлдор, алалхусус Вазорати маорифи халқиТоҷикистон баҳри боз ҳам баландтар бардоштани сатҳи таҳсилоти ҷавононе, ки дар муассисаҳои сохтмонӣ, роҳсозӣ, нақлиётӣ ва амсоли

он фаъолият мекунанд, муваззаф гардиданд, ки дар натиҷа ҳалли вазифаи татбиқ кардани таҳсилоти миёнаи умумӣ дар байни коргарҷавонон то андозае имконпазир гардид.

Дар умум, масъалаи таълиму тарбия, мактабу маориф, дастрасии шаҳрвандон ба таҳсилот дар олитарин санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, яъне Конститутсияи Иттиҳоди Шуравӣ аз моҳи октябри соли 1977 ва Конститутсияи Тоҷикистон аз моҳи апрели соли 1978 дарҷ гардида буданд. Ин асноди олӣ ҳуқуқи дастрасии бемамониати ҳар як шаҳрванди шуравиро ба таҳсилот ва ширкати фаъолонаи онҳоро дар ҳаёти ҷомеа кафолат медоданд.

Аз як тараф, барои боз ҳам хубтар идора намудани раванди фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, бахусус дар сатҳи миёнаи махсус ва олии касбӣ дар Тоҷикистони шуравӣ соли 1978 ниҳоди алоҳида – Вазорати мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус таъсис дода шуд. Ҳамзамон, ҷиҳати афзун намудани шавқу рағбати муаллимон, бахусус дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ, пайваста боло бурдани маҳорату ихтисоси педагогии онҳо, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна равандаи аттестатсияи доимӣ ба роҳ монда шуд, ки натиҷаи онҳо бо озмуни “Муаллими калон”, “Муаллими методист” ҷамъбаст гардида, барандагони ин озмунҳо ба унвонҳои ҳамном сазовор дониста мешуданд. Қуллаи баланди ин ҳавасмандсозӣ сазовор гардидан ба номи пурифтихори “Муаллими халқии Иттиҳоди Шуравӣ” дониста мешуд, ки бо санади махсус аз 30 декабри соли 1977 мавриди иҷро қарор гирифта буд [8, с. 4]. Баъди интишор ва мавриди амал қарор гирифтани ин санади муҳим дар минтақаи Рашт шумораи хеле чашмраси муаллимон баҳри баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи насли наврас хизматҳои шоистае анҷом дода, ба ин унвони ифтихорӣ соҳиб гардиданд.

Низоми ҳавасмандсозӣ бар замми ин, бо пайваста баланд бардоштани сатҳи маоши муаллимон ба роҳ монда мешуд, ки дар натиҷаи он, муаллими мактаб, новобаста аз шаҳрӣ ё деҳотӣ будани он, бо як маоши хуб таъмин гардида, тамоми саъю кӯшишихудро маҳз ба кори таълиму тарбия равона мекард.

Дар солҳои 80-уми асри XX ҷиҳати таъмини ҳалли масоили марбутаи замон аз ҷониби ҳизбу ҳукумати шуравӣ ислоҳоти макотиби таҳсили миёнаи умумӣ ва касбӣ ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла, дар ибтидои соли 1984 бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи мутахассисон ва муҳокимаи умумӣ дар сатҳи умумииттифоқ ҳуҷҷати “Самтҳои асосии ислоҳоти макотиби таҳсилоти умумӣ ва касбӣ” ба таври лоиҳа дар васоити ахбори омма мунташир карда шуд. Дар муҳокимаи ин санади меъёран муҳим, аз ҷумла коллективи муаллимони мактабҳои минтақаи Рашт низ фаъолона ширкат варзида, муқаррароти онро дар ҷаласаҳои худ, дар байни муаллимони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳи касбию техникӣ, дар ҷаласаҳои волидайн, дар нашрияҳои ҷумҳурӣ ба таври васеъ муҳокима намуданд. Дар сатҳи умумииттифоқӣ оид ба ин масъала зиёда аз 6 500 ҷаласа доир гардида, бештар аз 8 ҳазор нафар мутахассис ва муаллимони кордида таклифу пешниҳодоти худро оид ба боз ҳам муассиртар кардан ва ба мақсад мувофиқтар кардани нақшаи ислоҳот изҳор доштанд. Ҷамъбасти ин муҳокима ва музокираҳо дар қарори Кумитаи марказии ҳизби коммунист дар моҳи апрели соли 1984 дар шакли “Дар бораи самтҳои асосии ислоҳоти макотиби таҳсилоти умумӣ ва касбӣ” ба тавсиб расид [3, с. 6]. Тибқи санади қабулгардида раванди таълим ва тарбия ба зинаи сифатан ҷадид боло бардошта шуд ва тарбияи меҳнатӣ-истеҳсолӣ куллан тағйир дода шуд. “Самтҳо” умдатан аз 8 қисми ҷудогона тартиб ёфта, ҳар кадоми он ба

як самти муҳими беҳтар кардани низоми мактабу маориф нигаронида шуда буд. Тибқи муқаррароти "Самтҳо" низоми мактабу маориф ба таври зерин тағйир дода шуд: таҳсилоти ибтидоӣ 4 сол (синфҳои 1-4); таҳсилоти нопурраи миёна 5 сол (синфҳои 5-9); таҳсилоти миёнаи умумӣ 2 сол (синҳои 10-11) ва таҳсилоти касбӣ.

Ҳамин тариқ, муддати хониш дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ 2 сол пешбинӣ гардида, синни қабул ба мактаб то ба 6-солагӣ поён фароварда шуд. Ин навовариҳо аллакай аз соли хониши 1986-87 дар амалия ҷорӣ карда шуданд. Таҳсилоти ибтидоӣ аз 3 сол ба 4 сол дарозтар карда шуд.

**Муқарриз: Наврӯзов Ғ.Л. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**


1. Қарори КМ ҲКИШ ва Шӯрои вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ «Дар бораи тағйир додани муҳлати таҳсил дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумии политехникӣ, меҳнатӣ ва таълимӣ-истеҳсолӣ». Моҳи августи с. 1964.
2. Қарори Президиуми ШО ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани маълумоти умумии ҷавонон дар корхона ва муассисаҳои вазоратҳоисохтмон, саноатимаҳаллӣ, нақлиёт, роҳсозииҶШС Тоҷикистон».- Душанбе, моҳи декабри соли 1976
3. Қарори Пленуми апрелии КМ ҲКИШ «Дар бораи самтҳои асосии ислоҳоти макотиби таҳсилоти умумӣ ва касбӣ" аз моҳи апрели соли 1984.
4. Қарори анҷумани XX ШО ҲКИШ, «Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва дар бораи минбаъд инкишоф додани низоми маорифи халқ дар ИҶШС» аз 24.12.1958.
5. Олимова С., Олимов М. Таджикистан на пороге перемен. / С.Олимова., М. Олимов. - М., 1999.
6. Сборник законов СССР и указов Президиума Верховного Совета СССР. 1936г.-июль 1956г./ под ред. к.ю.н. Мандельштам Ю.И. – М.: Госиздат юридической литературы, 1956.-61 [электронный ресурс]https://ru.wikisource.org/wiki/%D0(Санаи муроҷиат 23.01.2026).
7. Таджикская ССР: административно-территориальное деление. 1978г.- Душанбе: Ирфон, 1978.
8. Фармони Президиуми ШО Иттиҳоди Шӯравӣ «Дар бораи муқаррар намудани номи фахрии «Муаллими халқии Иттиҳоди Шӯравӣ» аз 30.12.1977.


## РУШДУ НУМУИ МАКТАБУ МАОРИФИ МИНТАҚАИ РАШТ ДАР СОЛҲОИ 1956-1991

Мақола ба мавзуи рушду нумуи мактабу маорифи минтақаи Рашт дар солҳои 1956-1991 бахшида шуда, дорои таҳлили амиқи таърихнигори мебошад. Муаллиф дар асоси санадҳои муътамади таърихи тамоми навгониҳои ин давраро ба пурраги иникос намудааст. Дар ин солҳо барои дар амал татбиқ намудани ягонагии равиши таълиму тарбия, ба ҳаёт наздик намудани мактаб ва дар нақшаю барномаҳои мактабӣ инъикос намудани талаботи пешрафти илму техника кормандони соҳаи маорифи халқ дар якҷоягӣ бо коллективи васеи омӯзгорон доир ба таҳияи нақшаҳои нави таълимӣ ва барномаҳои мактабҳои таҳсилоти умумӣ корҳои зиёдеро анҷом доданд. Нақшаю барномаҳои нави таълимӣ тартиб дода шуд. Дар давоми солҳои 1959-1963 тамоми мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ аз рӯи нақша ва барномаи нави таълимӣ машғулият мегузарониданд. Дар

барномаҳои нав ба таълими амалии хонандагон диққати махсус дода мешуд. Ин имконият дод, ки хонандагон ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ бештар тайёр шаванд.

**Калидвожаҳо:** мактаб, маориф, барномаи таълимӣ, Рашт, таҳсилот, навгонӣ, шакли таҳсил, шуравӣ, таҳсилоти миёна, таҳсилоти умумӣ.

## РАЗВИТИЕ ШКОЛ И ОБРАЗОВАНИЯ В РАШТСКОЙ ОБЛАСТИ В 1956-1991 ГОДАХ

Статья посвящена развитию школ и образования в Раштской области в 1956-1991 годах и содержит глубокий историографический анализ. Автор, опираясь на достоверные исторические документы, в полной мере отражает все нововведения этого периода. В эти годы, с целью реализации единства подхода к воспитанию и обучению, приближения школы к жизни и отражения требований научно-технического прогресса в школьных планах и программах, работники общественного образования совместно с широким кругом учителей проделали большую работу по разработке новых учебных планов и программ для общеобразовательных школ. Были разработаны новые учебные планы и программы. В период 1959-1963 годов все общеобразовательные школы республики обучались по новому плану и программе. В новых программах особое внимание уделялось практической подготовке учащихся. Это позволило лучше подготовить учащихся к полезному общественному труду.

**Ключевые слова:** школа, образование, учебный план, Рашт, образование, инновации, форма образования, советский, среднее образование, общее образование.

## THE DEVELOPMENT OF SCHOOLS AND EDUCATION IN THE RASHT REGION FROM 1956 TO 1991

This article is devoted to the development of schools and education in the Rasht Region from 1956 to 1991 and provides an in-depth historiographical analysis. Drawing on reliable historical documents, the author fully reflects all the innovations of this period. During these years, with the aim of achieving a unified approach to education and training, bringing school closer to life, and reflecting the requirements of scientific and technological progress in school plans and programs, public education workers, together with a wide range of teachers, undertook extensive work to develop new curricula and programs for comprehensive schools. New curricula and programs were developed. From 1959 to 1963, all comprehensive schools in the republic were taught according to the new curriculum and program. The new programs placed particular emphasis on practical training for students. This allowed for better preparation of students for useful social work.

**Key words:** school, education, curriculum, Rasht, education, innovation, form of education, Soviet, secondary education, general education.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Махсудов Аслиддин Муҳабатович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисосӣ таърих, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Ғарм, к.Э. Муҳиддин-63.Телефон 985022982.

**Мудабирзода Зафарҷон Бадридин** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисосӣ таърих, муаллими

калони кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Ғарм, к.Э. Муҳиддин-63.Телефон 931-80-26-46

**Сведения об авторах: Махсудов Аслиддин Мухабатович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доктор философии (PhD) по истории, доцент кафедры истории и методики преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Мухиддина, 63. Телефон: 985022982.

**Мудабирзода Зафарджон Бадридин** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доктор философии (PhD) по истории, старший преподаватель кафедры истории и методики преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Мухиддина, 63. Телефон: 931-80-26-46

**About the author: Asliddin Mukhabatovich Makhsudov –** Tajik pedagogical institute in the Rasht district, doctor of philosophy (PhD) in history, associate professor of the department of history and teaching methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, Mukhiddin street, 63. Telephone: 985022982.

**Mudabirzoda Zafarjon Badridin** – Tajik pedagogical institute in the Rasht district, doctor of philosophy (PhD) in history, senior lecturer in the department of history and teaching methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, Mukhiddin street, 63. Phone: 931-80-26-46

**ТДУ: 930.85.130.2**

## ҶАҲОНБИНИИ МИФОЛОГИИ ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОН ДАР ПАРТАВИ ТАҲҚИҚОТИ Н.А. КИСЛЯКОВ

**Ақназаров Ҳ.М., Абдулов С.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷиистон дар ноҳияи Рашт**

Таҳқиқи анъанаҳо ва боварҳои бостонии тоҷикони кӯҳистон яке аз самтҳои муҳими этнография ва диншиносии Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар миёни муҳаққиқоне, ки дар ин замина саҳми арзанда гузоштаанд, номи этнограф ва шарқшиноси барҷаста Николай Андреевич Кисляков (1901–1973) ҷойгоҳи вижа дорад. Осори ӯ, махсусан мақолаи “Материалы по древним верованиям горных таджиков”, ки дар силсилаи илмии “Страны и народы Востока” (нашри Маскав, 1989) ба табъ расидааст, то имрӯз ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии омӯзиши ҷаҳонбинии мифологӣ ва низоми эътиқодии тоҷикони кӯҳистон арзёбӣ мегардад [15].

Мақсади ин мақола таҳлили муфассали анъанаҳои тоҷикони кӯҳистон дар партави таҳқиқоти Кисляков, баррасии низоми боварҳои анимистӣ ва баъзан сеҳргарӣ, тавзеҳи образҳои асосии мифологӣ ва муайян кардани хусусияти синкретизми динӣ дар муҳити кӯҳистонӣ мебошад. Ҳамчунин, кӯшиш шудааст, ки мавқеи ин боварҳо дар сохтори иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи суннатӣ нишон дода шавад.

Фаъолияти илмии Н. Кисляков дар давраи ташаккули этнографияи шӯравӣ сурат гирифтааст, ки таваҷҷуҳи хос ба омӯзиши фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ дошт. Таҳқиқоти саҳроии ӯ дар Бадахшон, Қаротегин, Дарвоз, водии Хингоу ва дигар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон анҷом ёфта, бар асоси мушоҳидаҳои мустақим, мусоҳиба бо сокинони маҳаллӣ ва ҷамъоварии маводи фолклорӣ бунёд шудааст. Н. Кисляков дар асараш тоҷикони кӯҳистон гуфта, ишора ба минтақаҳои

Қаротегин (Рашт), Дарвоз, Ванҷ, Язгулом, қисман Ҳисор ва кӯҳистони Зарафшон, Шуғнон, Рӯшон, Бартанг, Вахон, Ишкошим, Язгулом мекунад. Олим баъзан номи маҳалҳоро намеорад, чун анъана дар чанд ҷо якхела аст, вале дар мисолҳо ӯ минтақаҳоро дақиқ ном мебарад.

Методологияи Кисляков бар таҳлили муқоисавӣ, сабти дақиқи ривоятҳо ва баррасии контексти иҷтимоии боварҳо асос ёфтааст. Ӯ кӯшиш кардааст, ки унсурҳои “аслӣ”-и пешазисломиро аз қабатҳои баъдии исломӣ ҷудо намояд, гарчанде худ эътироф мекунад, ки ин ҷудосозӣ ҳамеша имконпазир нест.

Яке аз масъалаҳои меҳварии таҳқиқоти Кисляков - падидаи “синкретизм” мебошад. Вожаи сикретизм - омезиши унсурҳои гуногуни динӣ, фарҳангӣ ё фикрӣ дар як низом мебошад [16]. Бо паҳншавии Ислом дар минтақаҳои кӯҳистон, боварҳои бостонӣ аз байн нарафта, балки бо мазмуни исломӣ омехта шудаанд. Масалан, ҷойҳои муқаддаси марбут ба рӯҳҳо баъдан ба мазорҳои авлиё табдил ёфтаанд. Дар ин замина, нақши шахсиятҳое чун Носир Хусрав дар ташаккули муҳити мазҳабии Бадахшон қобили зикр аст [4, с. 143].

Н.Кисляков бовар дорад, ки пояи асосии боварҳои тоҷикони кӯҳистонро анимизм ташкил медиҳад. Анимизм - бовар ба доштани рӯҳ дар инсон, ҳайвонот, ашёи беҷон ва падидаҳои табиат мебошад. Дар муҳити кӯҳистон кӯҳҳо, чашмасорон, дарахтон ва ҳатто сангҳо дорои “ҷон” ва “қувва” шумурда мешуданд [15, с. 89].

Ин ҷаҳонбинӣ бо шароити ҷуғрофии кӯҳистон алоқаманд аст: муҳити сахт, табиати пурқувват ва вобастагии инсон аз унсурҳои табиӣ боиси ташаккули эҳтиром ва ҳатто тарс нисбат ба табиат гардидааст.

Н.Кисляков менависад, ки “магия дар зиндагии ҳаррӯзаи кӯҳистон нақши муҳим дошт. Он ҳам ҷанбаи муҳофизатӣ (ҳимоя аз рӯҳҳои бад, чашми бад, беморӣ) ва ҳам ҷанбаи таъсиргузор (ба даст овардани ҳосили фаровон, афзоиши чорво) дошт”.

Маросимҳои вобаста ба таваллуд, издивоҷ ва марг бо амалҳои сеҳргарой ҳамроҳ буданд. Масалан, барои ҳифзи навзод аз рӯҳҳои бад тумор (амулет) истифода мешуданд, дари хона баста нигоҳ дошта мешуд ва оташдон ҳамчун маркази муқаддас ҳифз мегардид [7, с. 54]. Ин намуди оташдон дар деҳаҳои Навдӣ ва Шулмак низ мавҷуд буданд [2, с. 163].

Алмастӣ (албастӣ) яке аз образҳои марказии мифология мебошад. Ӯ ҳамчун рӯҳи бад, ки ба занони зоянда ва навзодон зарар мерасонад, тасвир мешавад. Алмастӣ одатан ба шакли зани ваҳшатнок бо мӯйҳои дароз ва синаҳои овезон зоҳир мегардад. М. С. Андреев ба ин образ замимаи махсусе дар боби “Дар бораи таваллуд” аз монографияи худ оид ба Хуф бахшидааст. Ӯ паҳншавии васеи тасаввурот дар бораи ин рӯҳро дар миёни бисёр халқҳо, асосан турկзабонҳо, қайд мекунад. Дар байни тоҷикони кӯҳистон низ алмастӣ (дар Андреев - аламастӣ) душмани асосии зани таваллудкунанда ва кӯдаки навзод ба шумор меравад [1, с. 158]. Дар баъзе минтақаҳо алмастӣ бо об ва осиёбҳои кӯҳна алоқаманд аст. Ин хусусият эҳтимол ба решаҳои бостонии марбут ба парастиши унсури об ишора мекунад [15, с. 57].

Аҷина яке аз образҳои серпаҳлутарин мебошад, ӯ метавонад ба шаклҳои гуногун - кӯдак, ҳайвон, соя ё бод - падид ояд. Дар баъзе мавридҳо аҷина ҳамчун рӯҳи хонагӣ, ки дар анбор ё назди оташдон зиндагӣ мекунад, тасвир мешавад. Этимод ба аҷина дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар Помир, васеъ

паҳн шудааст. Баъди марг ҷасадро танҳо намегузоштанд, зеро бовар доштанд, ки агар ҷасад танҳо монад, аҷина ё дигар рӯҳҳо метавонанд ба он наздик шаванд (Рӯшон) [7, с. 95]. Аҷинаро аксаран ҳамчун мавҷуди ноаён тасаввур мекунанд. Одам одатан ӯро намебинад, балки танҳо ҳузурашро эҳсос мекунад: садо мешунавад, чизе ҳаракат мекунад, ё шахс ногаҳон тарс, беморӣ ё беҳолӣ ҳис мекунад. Дар баъзе тасаввурот аҷина метавонад ба сурати инсон, ҳайвон (аксаран саг, гурба, буз), ё ҳатто ба шакли гирдбод ва бод зоҳир шавад. Ба ақидаи мардум, он махсусан шабона фаъол мешавад, агар шахс шаб ба ҷойи "нопок" равад, метавонад ба аҷина бархӯрад. Аз ин рӯ, бисёр корҳои мамнӯъшуда (табуҳо) маҳз ба рафтори шабона вобаста буданд, ба монанди шаб об напошидан, шаб хокистар напартофтан, шаб кӯдакро танҳо нагузоштан, шаб ба щамояи шир надодан ва ғайра. Аҷина метавонад ба инсон зарари ҷисмонӣ ва рӯҳӣ расонад, ба монанди бемории ногаҳонӣ, девонагӣ, гум шудани роҳ, тарси шадид, хобҳои даҳшатнок. Дар бисёр ҳолатҳо бемориҳое, ки сабаби хуруҷашонро намедонистанд, ба "задани аҷина" нисбат дода мешуданд. Барои табобат одамон ба фолбинҳо, табибони халқӣ ё рӯҳониён муроҷиат мекарданд, ки бо хондани дуо, дам кардан ва маросимҳои махсус аҷинаро меронданд. Н.Кисляков менависад, ки "Воситаҳои муҳофизат аз он бисёранд, вале аз ҳама маъмултаринашон инҳо буданд: оташ (шамъ, гулхан), саг (аҷина аз саг метарсад), оҳан (корд, мех), намак, дуо ва оятҳои Қуръон. Ин ҳам як далели омехта шудани эътиқодҳои бостонӣ бо унсурҳои исломӣ медонад [15, с. 64]. Тибқи таҳқиқи М. С. Андреев дар водии Хуф низ чунин одатҳо барои ҳифзи худ аз аҷина вуҷуд доштааст [1, с. 186].

Образи дев бештар хусусияти афсонавӣ дорад. Деви сафед ва деви сиёҳ дар баъзе минтақаҳо фарқ карда мешаванд. Дев метавонад ҳам бад ва ҳам нисбатан нек бошад. Дев аксаран ҳамчун мавҷуди азим, пурқувват ва зишт тасвир мешавад, ки дар кӯҳҳо ва харобаҳо зиндагӣ мекунад. Ӯ метавонад ба инсон ҳамла кунад, вале бо зиракӣ ё ҳилла мағлуб мешавад. Дар Бадахшон баъзе ҷойҳо ҳамчун макони девҳо дар тасаввуроти мардум маҳфуз мондаанд. Дар баъзе ҷойҳо девро ҳамчун посбон муаррифӣ мекунанд, масалан, "дев хадорҷбон", яъне дев осиёбон аст [4, с. 145].

Париро аксаран ба сурати зани ниҳоят зебо тасаввур мекунанд, бо чеҳраи равшан, мӯйҳои дароз, либоси сафед ё сабз (Зарафшон, Дарвоз). Баъзан ӯро бо пойҳои ғайриоддӣ тасвир мекунанд (масалан, пойи парранда ё буз), ки нишонаи ғайриинсонӣ будани ӯст. Дар баъзе ривоятҳо парӣ соя надорад ё дар оина инъикос намеёбад. Ҷойҳои зисти парӣ одатан чунинанд: чашмаҳо ва рӯдҳо, марғзорҳо, боғҳо, кӯҳистон ва ҷойҳои сабзу обод (Вахон). Парӣ метавонад ҳам муҳофиз ва ҳам хатар бошад (Рӯшон). Парӣ бештар рӯзона ё шомгоҳон зоҳир мешавад, бар хилофи аҷина, ки шабонатар аст. Ӯ метавонад ба инсон наздик шавад, бо ӯ суҳбат кунад, суруд хонад ё рақс кунад. Ӯ метавонад ба шикорчиён ёрӣ расонад ё онҳоро ба кӯҳҳо барад. Париҳо соҳиби нахчир (бузҳои кӯҳӣ) шумурда мешуданд. Дар Бадахшон ақидае вуҷуд дошт, ки бо одами парҳезкор парӣ кӯмак мерасонад [5, с. 59].

Яке аз паҳншудатарин боварҳо - эътиқод ба чашми бад мебошад. Ба ақидаи мардум, баъзе одамон метавонанд бо нигоҳ ё таъриф беихтиёр зарар расонанд, мисол кӯдак бемор мешавад, чорво мемирад, шир кам мешавад, одам беҳол мегардад. Бештар аз ҳама аз чашми бад кӯдакони хурдсол, занони ҷавон, арӯсон, чорвои сершир ва аспҳои зебо метарсиданд. Аз ин рӯ, кӯдакро кам таъриф

мекарданд, ё пас аз таъриф ҳатман мегуфтанд: “Машаллоҳ”, “Ба чашми бад нарасад”. Барои муҳофизат аз чашми бад чунин воситаҳо истифода мешуданд: ришта ё марҷони кабуд, донаи испанд (ҳазориспанд), намак, корд ё мех дар остона, дуо ва дам кардан. Дар бисёр минтақаҳо испандро сӯзонда, бо дудаш кӯдак ё чорворо давр мезаданд. Ҳатто ба ҳосили замин чашм нарасад гуфта, дар болои гандуми хирмангоҳ хор мемонданд [3, с. 128].

Войд / вуйд – асосан дар Бартанг, Рӯшон, Шуғнон вуҷуд дорад ва дар Қаротегин қариб, ки нест. Ин образ дорои хусусиятҳои дугона аст: аз як тараф зебоӣ ва кумак, аз ҷониби дигар ҳасад ва интиқом. Бо вуҷуди аҳамияти бузурги таҳқиқоти Николай Андреевич Кисляков, баъзе маълумоти овардаи ӯ ниёз ба дақиқсозӣ ва муқоиса бо маълумоти саҳроии нав доранд. Аз ҷумла, дар тавсифи образи войд (вуйд), муҳаққиқ ба хусусияти дугонаи ин образ ишора намуда, онро мавҷуде мешуморад, ки метавонад ҳам хусусияти мусбат (кӯмак, ҳимоя) ва ҳам хусусияти манфӣ (зарар, интиқом) дошта бошад. Аммо маълумоти саҳроии муосир ва шаҳодати пиронсолони маҳаллӣ дар минтақаи Бартанг нишон медиҳанд, ки образи войд дар тасаввуроти мардум хусусияти комилан манфӣ дорад. Тибқи маълумоти сокинони маҳаллӣ ва ривоятҳои шифоҳӣ, войд ҳамчун мавҷуди зараровар, хатарнок ва душмани инсон тасаввур мешавад, ки метавонад ба одамон тарс, беморӣ ё гумроҳӣ оварад. Дар ин тасаввурот войд ҳеҷ гоҳ ҳамчун мавҷуди муҳофизаткунанда ё хайрхоҳ баррасӣ намешавад.

Ба ақидаи мардум, *вуйд* метавонад ба одам ҳамла кунад, вале бештар аз инсон дурӣ меҷӯяд. Вай баъзан чорворо медуздад ё одамонро тарс медиҳад. Дар айни замон, дар баъзе ривоятҳо вуйд ҳамчун муҳофизи табиат зоҳир мешавад: касеро, ки ҷангал ё кӯҳро вайрон мекунад, ҷазо медиҳад. Эҳтимол меравад, ки симои *вуйд* бо тасаввуроти қадимаи инсон дар бораи “одами ваҳшӣ” ё рӯҳи кӯҳ пайваст бошад. Ӯ менависад, ки “баъзе муҳаққиқон дар *вуйд* нишонаҳои боқимондаи эътиқодҳои хеле бостониро мебинанд”. Дар Бадахшон баъзе ҷойҳо *вуйд/вайд* ҳамчун рӯҳи хонагӣ маъруф аст, барои ӯ нон ва ғизо мегузоштанд ва метавонад баракат оварад, аммо дар сурати беэҳтиромӣ интиқом гирад. Дар баъзе минтақаҳо вайд ҳамчун бузургҷуссаи марбут ба бод ва фазо тасвир мешавад, ки эҳтимол бо боварҳои қадимаи эронӣ иртибот дорад [15, с. 102].

Нахчир яке аз ҳайвоноти муқаддас ба шумор мерафт. Шохҳои он дар мазорҳо ва деворҳои хона насб мешуданд. Тибқи таҳлили Кисляков, ин эҳтимол бо тотемизми бостонӣ иртибот дорад. И.И.Зарубин ҳам дар собиқ деҳаи Ирхт ба қайд гирифтааст, ки дар сутуни хонаҳояшон нақши бузи кӯҳиро (Нахчир) тасвир мекарданд [6, с. 93]. Онро муқаддас пиндошта хӯрдани гӯшти он гӯё “40 рӯз одамро аз гуноҳҳо пок” мекардаст. Ин ақида дар Бартанг низ вуҷуд дорад, ки онро И.И.Зарубин ба қайд гирифтааст [6, с. 94]. Ба қавли А.Андреев “Бо паҳншавии ислом, нақши нахчир ба авлиё нисбат дода шуд, аммо унсури бостонӣ ҳифз гардид” [1, с. 117].

Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ислом дар ин минтақаҳо на бо роҳи комилан аз байн бурдани эътиқодҳои қадимӣ, балки бо роҳи мутобиқсозӣ ва исломигардонии онҳо паҳн шудааст. Дар натиҷа, шакли зоҳирӣ исломӣ шуд, аммо баъзе моҳияти бостонӣ нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷомеаи кӯҳистон бовар ба одамони дорои “чашми бад” густарда буд. Баъзе шахсон ҳамчун соҳиби нерӯи зараровар шинохта мешуданд. Барои муҳофизат тумор, дуо ва маросимҳои махсус истифода мешуданд. Боварҳои

мифологӣ на танҳо унсури фарҳангӣ, балки механизми танзими иҷтимоӣ низ буданд. Онҳо рафтори инсонро танзим мекарданд, меъёрҳои ахлоқиро таҳким мебахшиданд ва тартиботи ҷамъиятиро ҳифз менамуданд. Масалан, образи парӣ, ки аз мард талаб мекунад ба занаш хиёнат накунад ё покизагиро риоя кунад, метавонад ҳамчун механизми рамзии назорати ахлоқӣ баррасӣ шавад [15, с. 92].

Таҳқиқоти Николай Андреевич Кисляков нишон медиҳад, ки анъанаҳои тоҷикони кӯҳистон низоми мураккаб ва бисёрқабатаи эътиқодӣ доранд. Дар ин низом анимизм, магия ва ислом ба таври синкретикӣ омехта шудаанд. Образҳои мифологӣ чун алмастӣ, аҷина, пари, дев ва дигарон на танҳо қисмати фолклор, балки инъикоси муносибати инсон ба табиат, ҷомеа ва олами ноаён мебошанд. Масалан, “эҳтироми оҳан ва муқаддас пиндоштани оҳангархона низ дар Бадахшон ва Қаротегин” ба табиат вобастагии зич дошт [4, с. 143].

Осори Кисляков барои фаҳмиши таърихи фарҳангии тоҷикон ва таҳаввули ҷаҳонбинии онҳо аҳамияти бузург дорад. Таҳлили муосири ин мавод метавонад заминаи таҳқиқоти байнисоҳавӣ - этнологӣ, антропологӣ, диншиносӣ ва фолклорӣ - гардад.

Ҳамин тавр, анъанаҳои тоҷикони кӯҳистон на танҳо мероси гузашта, балки бахше аз ҳувияти фарҳангии имрӯзаро ташкил медиҳанд ва омӯзиши онҳо барои дарки амиқи равандҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти муҳим дорад.

**Муқарриз: Шарипова М.Қ. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дарьи). – Выпуск. I. Сталинабад: АН Таджикской ССР, 1953. 247 С.

2. Ақназаров, Ҳ. М. Баъзе аз анъанаҳои мардумӣ вобаста ба сохтмони манзил дар Қаротегин ва Бадахшон / Ҳ. М. Ақназаров, А. С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2024. – No. 1(17). – P. 160-167. – EDN SNQDGB.

3. Ақназаров, Ҳ. М. Анъанаҳои хоси кишоварзӣ дар Қаротегин ва Бадахшон (охири асри XIX ва аввали асри XX) / Ҳ. М. Ақназаров, Ҷ. М. Саймуҳиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – No. 1. – P. 126-132. – EDN PBDDMU.

4. Ақназаров, Ҳ. М. Оҳангарӣ ва эҳтироми мардум нисбати он дар Қаротегин ва Бадахшон (охири асри X1X аввали асри XX) / Ҳ. М. Ақназаров, Ҷ. М. Саймуҳиддинов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. – No. 2(2). – P. 141-154. – EDN ASJXHI.

5. Ақназаров, Ҳ. М. Маълумотҳои таърихӣ ва этнографии собиқ деҳаи Сарез / Ҳ. М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – No. 4. – P. 58-63. – EDN AXDYNK.

6. Ақназаров, Ҳ. М. Инъикоси этнографияи болооби Бартанг дар таҳқиқоти И.И.Зарубин / Ҳ. М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – No. 10. – P. 91-96. – EDN GFHOHV.

7. Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. По материалам конца XIX - начала XX века. М., Л., 1959.

8. Кисляков Н.А. Таджики (соавт.) // Народы Средней Азии и Казахстана. М., 1962. Т. 1;

9. Кисляков Н.А. Проблемы семьи и брака в работах советских этнографов // СЭ. 1967. № 5. С. 92-104;

11. Кисляков Н.А. Очерки по истории семьи и брака у народов Средней Азии и Казахстана. Л., 1969;

12. Кисляков Н.А. Наследование и раздел имущества у народов Средней Азии и Казахстана (XIX - начало XX в.). Л., 1977.

13. Кисляков Н.А. “Материалы по истории таджиков и Таджикистана”. Госиздат при СНК Таджикиской ССР. – Сталинабад, 1945.

14. Кисляков Н.А. Очерки по истории Каратегина. К истории Таджикистана. Сталинабад-1941.

15. Кисляков Н.А. “Материалы по древним верованиям горных таджиков”. Страны и народы востока. Главного редакции восточной литературы. – Москва, 1989.

16. Манбаи электронӣ: https://руни.рф. Энсиклопедия. /Синкретизм. (санаи муроҷиат: 17.02.2026).

## ҶАҲОНБИНИИ МИФОЛОГИИ ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОН ДАР ПАРТАВИ ТАҲҚИҚОТИ Н.А. КИСЛЯКОВ

Мақолаи мазкур ба таҳлили ҷаҳони бинии мифологии тоҷикони кӯҳистон дар партави таҳқиқоти этнограф ва шарқшиноси шӯҳратёри Николай Андреевич Кисляков (1901–1973) равона шудааст. Муаллиф ба баррасии низоми эътиқодии анимистӣ ва ҷанбаҳои магия, синкретизми динӣ, образҳои асосии мифологӣ (алмастӣ, аҷина, пари, дев, вуйд ва нахчир) ва нақши онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи кӯҳистон тамаркуз кардааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки анъанаҳои мифологӣ на танҳо унсури фарҳангӣ, балки механизми танзими иҷтимоӣ буда, муносибати инсонро бо табиат, ҷомеа ва олами ноаён инъикос менамоянд. Осори Кисляков дарки таърихи фарҳангии тоҷикон ва таҳаввули ҷаҳонбинии онҳо, ҳамчунин таҳқиқоти байнисоҳавӣ дар этнология, диншиносӣ ва фолклорро барои олимон фароҳам меорад.

**Калидвожаҳо:** ҷаҳони бинии мифологӣ, тоҷикони кӯҳистон, Кисляков, анимизм, магия, синкретизм, алмастӣ, аҷина, пари, дев, нахчир.

## МИФОЛОГИЧЕСКОЕ МИРОВОЗЗРЕНИЕ ГОРНЫХ ТАДЖИКОВ В СВЕТЕ ИССЛЕДОВАНИЙ Н.А. КИСЛЯКОВА

Данная статья посвящена анализу мифологического мировоззрения горных таджиков в свете исследований известного этнографа и востоковеда Николая Андреевича Кислякова (1901–1973). Автор рассматривает систему анимистических верований, элементы магии, религиозный синкретизм, ключевые мифологические образы (алмасти, аджина, пари, дев, вуйд и нахчир) и их роль в социальной и культурной жизни горных сообществ. Исследование показывает, что мифологические традиции не только являются культурным наследием, но и механизмом регулирования социальной жизни, отражая отношение человека к природе, обществу и потустороннему миру. Работы Кислякова имеют большое значение для понимания культурной истории таджиков и развития междисциплинарных исследований в этнологии, религиоведении и фольклористике.

**Ключевые слова:** мифологическое мировоззрение, горные таджики, Кисляков, анимизм, магия, синкретизм, алмасти, аджина, пари, дев, нахчир.

**THE MYTHOLOGICAL WORLDVIEW OF MOUNTAIN TAJIKS IN THE LIGHT OF N.A. KISLYAKOV'S RESEARCH**

This article is devoted to the analysis of the mythological worldview of mountain Tajiks in light of the research of the prominent ethnographer and orientalist Nikolay Andreevich Kislyakov (1901–1973). The author examines the system of animistic beliefs, aspects of magic, religious syncretism, key mythological figures (almast, ajina, pari, dev, vuyd, and nakhchir), and their role in the social and cultural life of mountain communities. The study demonstrates that mythological traditions are not only a cultural heritage but also a mechanism for regulating social behavior, reflecting human relationships with nature, society, and the unseen world. Kislyakov's works provide significant insight into the cultural history of the Tajiks and form a foundation for interdisciplinary studies in ethnology, religious studies, and folklore.

**Keywords:** mythological worldview, mountain Tajiks, Kislyakov, animism, magic, syncretism, almast, ajina, pari, dev, nakhchir.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Аҳназаров Ҳамзалӣ Муборакқадамович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи ҷомеашиносӣ. Суроға: 734025 шаҳри Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, кӯчаи Э. Муҳиддинов, 63. Телефон: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Абдулов Сайёд Маҳмадёрович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 939201325. E-mail: abdulov.sayod@mail.ru.

**Сведение об авторах: Акназаров Хамзали Мубараккадамович** –Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры социологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Абдулов Сайёд Махмадерович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры истории и методики преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 939201325. E-mail: abdulov.sayod@mail.ru

**Information about the author: Aqnazarov Hamzali Mubarakqadamovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, senior lecturer of the department of sociology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Abdulov Sayod Mahmadyorovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant professor, department of history and teaching methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Street. Phone: (+992) 939201325. E-mail: abdulov.sayod@mail.ru

**ТДУ: 930.85.008**

# ТАЪМИНИ БАЗАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИ ВА НИЗОМИ МАКТАБУ МАОРИФИ МИНТАҚАИ РАШТ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX

**Мудабирзода З.Б.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар баробари такомули ташкили раванди таълиму тарбия ба мазмуну муҳтавои он низ диққати ҷиддӣ дода мешуд ва баҳри хубтару муассиртар кардани методҳои таълим дар мактабҳо чораҳо андешида мешуданд. Чунончи, дар охири даврони шуравӣ дар минтақаи Рашт сатҳи таъминоти мактабҳо бо воситаҳои техникӣ ва аёнӣ хеле беҳтар гардида буд, ки ин дар навбати худ, ба афзоиши шавқу рағбати муаллимон ба истифодаи техникаи ёрирасони таълимӣ, таълими барномавӣ ва таваҷҷуҳ ба методҳои проблемавии таълиму тарбия боис гардид. Дар маҷмуъ, дар низоми мактабу маорифи минтақа дар он солҳо як рӯҳияи сабқати солим ва баҳрагирӣ аз таҷрибаҳои пешрафтаи ҳамдигарӣ ҳукмфармо буд.

Аз 8 банди умдаи ислоҳот, се банди он (3,4,7) махсусан ба беҳтар кардани раванди таълим ва тарбияи насли наврас, тарбияи меҳнатӣ, тарзи касбинтихобкунӣ, таҳкими заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ бахшида шуда буданд. Ҳамзамон, зина ба зина зиёд кардани шумораи хонандагон, аз ҷумла дар синфҳои аз 1 то 9 – то ба 30 ва 10-11 то ба 25 нафар ба роҳ монда шуд. Азбаски минтақаи Кӯлоб минтақаи агросаноатӣ маҳсуб мешуд, барои таҳкими заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии минтақа аз имконияту иқтидорҳои тамоми муассисаҳо ва корхонаҳо, совхозҳо ва колхозҳо ба таври васеъ истифода бурда мешуд.

Бандҳои панҷум, шашум ва ҳаштуми ислоҳот вобаста ба давраи нави тараққиёти ҷомеа боло бурдани сатҳи тарбияи наврасон дар оила ва ҷамъиятвазифагузорӣ карда, муассисаҳои ҳизбӣ, шӯравӣ, пионерию комсомолӣ, коллективи корхонаҳо ва муассисаҳои таҳсилотӣ, инчунин шаҳрвандони шӯравӣ дар сатҳи оилаҳо муваззаф гардиданд, ки диққатро ба ин самт махсусан пурзӯр намоянд. Ҳамзамон барои баланд бардоштани мақоми муаллим дар ҷомеа аз тарафи ҳукумат чораҳои муассир андешида шуда, масоили омода намудани кадрҳои соҳибтахассус дар ин соҳа, таъмини маишию маънавӣ ва фароғатии муаллимон мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор мегирифтанд.

Ҳамасола санаи якуми сентябр ҳамчун ҷашни сартосарии «Рӯзи дониш» қайд карда мешуд. Умуман, иҷрои муқаррароти ислоҳоти «Самтҳо» дар давоми 1984-1990 ба нақша гирифта шуда буд. Ҷиҳати назарраси ислоҳот дар он буд, киаз ҳар як шаҳру минтақа ва вилояти кишвар тақозо мешуд, ки нақшаи дар амал татбиқ намудани ислоҳотро вобаста ба шароити мавҷуда ва хусусиятҳои маҳал созгор намуда, танҳо баъди ин, ба иҷроиши бандҳои «Самтҳо» оид ба ислоҳоти мактабу маориф камар банданд.

Дар ин миёна, мақомоти соҳаи маорифи минтақа дар баробари дигар зертобеони ҳукумати ҷумҳуриҳои иттифоқӣ барои иҷрои шаш қарори пайдарпай қабулгардидаи КМ ҳизби коммунист, Шӯрои вазирони Иттиҳоди шӯравӣ ва Кумитаи марказии Иттифоқҳои касабаи умумиттифоқ оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти соҳаи мактабу маориф, ки дар зарфи камтар аз як моҳ (аз 29.04.1984 то 23.05.1984) ба тасвиб расида буданд, муваззаф гардиданд [1, с. 5].

Қарори якум «Дар бораи такмили минбаъдаи таҳсилоти миёнаи умумии ҷавонон ва беҳтарсозии шароити фаъолияти макотиби таҳсилоти умумӣ» аз 29.04.1984 мустақиман кулли кумитаҳои ҳизбиро дар сатҳи ҷумҳуриҳои шӯравӣ, мухториятҳо, шӯроҳои вакилони шаҳру вилоятҳо, тамоми кормандони ҳизбӣ, шӯравӣ, хоҷагӣ, идораҳои маориф, ҳайатҳои омӯзгорони макотиб ва амсоли онро муваззаф мекард, ки ҷиҳати дар амалия татбиқ намудани ислоҳоти мактабу маориф мушаххасан тадбирҳо андешанд ва зина ба зина дар иҷрои он саъю кӯшиш намоянд.

Мақомоти маорифи минтақа дар асоси дастуроти мақомоти болоӣ, аз ҷумла нақшаи нави таълимии Вазорати маорифи халқи Тоҷикистон барои соли хониши 1986-1987 нақшаи навитаълимӣ мураттаб сохта, теъдоди соатҳои дарсиро барои ҳар як синф таҷдиди назар кард. Чунончи, дар синфи 1 – 20, 2-20, 3 ва 4 – 24,5 то 8 – 30, 9 то 11 (12) – 31 соат дар як ҳафта соатҳои таълимӣ муқаррар карда шуданд.Дарсҳои факултативӣ бошанд, дар доираи аз ду (синфи 7-9) то 4 (10-11) соат дар 1 ҳафта пешбинӣ гардиданд. Мувофиқи дастури мустақими мақомоти болоӣ, дар тамоми макотиби миллии ҷумҳуриҳо бояд дар доираи синфҳои аз 2 то 11 дар як ҳафта на камтар 2 то 3 соат дарси омӯзиши забони русӣ тахсис дода мешуд. Соатҳои тарбияи меҳнатӣ мувофиқи низоми нав чунин ба нақша гирифта шуда буданд: синфи 2 то 4 – 1, 5 то 7 – 2, 8 то 9- 3, 10-11 – 4 соат дар як ҳафта. Ҳамзамон, дар синфи 5 то 7 барои таҷрибаи истеҳсолӣ – 10, синфҳои 8 то 9 – 16, 10 ва 11 – 20 рӯз дар як сол ҷудо мегардид.

Мақомоти маорифи минтақа муваззаф гардиданд, ки дар солҳои 1986 то 1990 ба мактабҳои минтақа кӯдаконро аз синни шашсолагӣ қабул кунанд. Бар замми ин, бояд заминаҳои моддӣ-техникии макотиби таҳсилоти умумӣ то ба ҷавобгӯ будан ба муқаррароти ислоҳот ба ифоқа оварда мешуданд ва теъдоди хонандагон низ чуноне ки дар боло зикраш рафт, танзим мегардид.

Қарори дуюме, ки мақомот ва муассисаҳои соҳаи мактабу маорифи минтақаи Рашт дар баробари дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба иҷрои он сафарбар гардиданд, 4 майи соли 1984 қабул гардид [1, с. 5]. Дар ин қарор сухан дар бораи хубтар ба роҳ мондани тарбияи меҳнатӣ дар рӯҳияи одами шӯравӣ, ба як низоми муайян даровардани раванди касбинтихобкунии хонандагони макотиби таҳсилоти миёна, зиёд кардани соатҳои таълимӣ барои тарбияи меҳнатӣ дар мактабҳо, мураттабсозии феҳристи касбҳои тавсияшаванда мерафт.

Панҷ рӯз пас аз ин, қарори навбатӣ ба тасвиб расид (11.05.1984), ки барои рушди минбаъдаи низоми таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва баландтар бардоштани мақоми он дар омода намудани кадрҳои соҳибтахассус нигаронида шуда буд. Мувофиқи он, дар мадди аввал масоили рушди минбаъдаи мактабу маориф, беҳтарсозии нишондодҳои сифатии ин низом, бахусус дар омода намудани кадрҳои тахассусноки коргарӣ дар макотиби касбӣ-техникӣ гузошта шуданд.

Дар идомаи қарорҳои зикршуда, 15 май қарори чорум қабул карда шуд. Ин қарор умдатан ҷиҳати беҳтарсозии омодагии касбии кадрҳои худи низоми маориф, бахусус дар макотиби касбӣ-техникӣ, боз ҳам хубтар кардани шароити корӣ ва зиндагонии кадрҳои педагогӣ, аз ҷумла зина ба зина зиёд кардани маоши муаллимон, идрорпулии донишҷӯён, баланд бардоштани сатҳи маишату фароғати онҳо нигаронида шуда буд.

Масоили таҳсилоти томактабӣ, бунёди кӯдакистонҳои замонавӣ, татбиқи барномаҳои ислоҳот дар амалия дар ин самт, омода намудани кӯдакон ба таҳсил,

зиёд кардани музди меҳнати кормандони боғча-кӯдакистонҳо, беҳтарсозии омодагии касбии педагогон дар ин зинаи таҳсилот, андешидани чораҳои санитарии лозима ва амсоли он мавзӯи қарори панҷуме гардид, ки аз тарафи мақомоти зикршуда санаи 19 майи ҳамон сол қабул карда шуд.

Қарори охирон аз ин силсилақарорҳо ба ҳавасмандии бештари кадрҳои педагогии соҳаи маорифи халқ боис гардид, зеро он бевосита ба баланд кардани музди меҳнати онҳо бахшида шуда буд. Ин қарор 23 майи ҳамон сол қабул карда шуд. Мувофиқи он,музди маоши кулли кормандони муассисаҳои таълимӣ баланд бардошта шуд.

Ҳамин тариқ, оид ба ҳар як қароре, ки дар боло зикраш рафт, чӣ дар сатҳи ШО Тоҷикистон ва чӣ дар сатҳи мақомоти соҳаи маорифи минтақаи Рашт барномаҳо ва нақша-чорабиниҳои амалӣ қабул гардида, мустақиман мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Чунончи ҷаласаи ШО Тоҷикистони шӯравӣ дар соли 1984 оид ба амалисозии барномаи ислоҳоти қабулгардидаи макотиби таҳсилоти умумӣ ва касбӣ-техникӣ чораҳои дахлдор андешид.

Ислоҳоти мактабҳои таҳсилоти умумии миёна ва бозсозӣ ба низоми тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ ва ҷиҳатҳои моддию маишии онҳо таъсири мусбат расонид. Қарори Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шӯрои вазирони ИҶШС аз 15 майи соли 1984 роҳҳои беҳтар тайёр намудани кадрҳои омӯзгориро дар мамлакат нишон дод. Мувофиқи он ба ҷиҳатҳои тайёрии педагогию психологӣ ва касбии муаллимони оянда диққати махсус дода, муҳлати таҳсилро дар факултаҳои забони русӣ ва адабиёт, забони модарӣ ва адабиёт, таърих, математика, физика як сол зиёд намуд.

Соли 1985, баъди ба сари қудрат омадани М.С. Горбачев ва иқдоми гуногуни ислоҳотаз ҷониби ӯ, масоили иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии ҳаёти ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо қарори Пленуми апрелӣ бозсозии ҳаёти сотсиалистӣ пеш гирифта шуд. Дар пайи он, қарорҳои ҳаммазмуни ШО ҶШС Тоҷикистон қабул гардиданд, ки бевосита ба соҳаи маорифи халқ дахл доштанд. Аз ҷумлаи тағйироти ба амаломада қабули қонун дар бораи таҳсилоти умумии ҳатмӣ буд, ки тибқи он, хонандагон дар макотиби таҳсилоти миёнаи пурра ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ комилан бо таҳсилоти миёна фаро гирифтамешуданд.

Баъди эълон шудани бозсозӣ (апрели 1985) дар мамлакат доир ба баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон, аз он ҷумла муаллимон якчанд қарорҳои дахлдор, аз ҷумла қарори Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шӯрои вазирони ИҶШС «Дар бораи чораҳои беҳтар намудани тайёрӣ ва истифодабарии қарорҳои илмию педагогӣ» (марти 1987), қарори Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шӯрои вазирони ИҶШС «Дар бораи чораҳои ба таври куллӣ беҳтар намудани сифати тайёрӣ ва истифода бурдани мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ дар ҳоҷагии халқ» (марти 1987) қабул шуд. Гарчанде ин қарорҳо аз рӯи мазмуну мундариҷаашон дуруст буданд, вале бо захираҳои зарурии молиявӣ ва моддию техникӣ таъмин карда нашуда буданд ва дар онҳо мувофиқати ба амал омадаи дараҷаи тараққиёти соҳаи маориф дар ҷумҳуриҳо ба эътибор гирифта нашуда буд, ки он боиси иҷро нашудани онҳо гардид.

Дар нақшаи нави таълимӣ фанҳои нав «Шиносонидани бачагон ба муҳити атроф» (дар синфҳои I-II), «Асосҳои истеҳсолот», «Интихоби касб» (дар синфи VIII-X), «Ахлоқ ва психологияи ҳаёти оилавӣ» (дар синфҳои IX-X), «Асосҳои

информатика ва техникаи ҳисоббарорӣ» (дар синфҳои IX-X) ҷорӣ шуд. Барномаи нав аз санҷиши Академияи фанҳои педагогӣ, институтҳои таҳқиқоти илмӣ, муаллимон ва кормандони соҳаи маориф гузашт. Бояд қайд кард, ки нақшаю барномаҳо аз камбудиҳо низ холӣ набуданд. Онҳо, пеш аз ҳама, хусусиятҳои миллии халқҳои Иттиҳоди шӯравиро таҷассум карда натавонист. Дар асоси ин камбудӣ ва бо назардошти қарорҳои пленуми февралии соли 1988 ҲКИШ ва марти соли 1988 Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, анҷумани умумииттифоқии коркунони маорифи халқ (1988), тавсияҳои Кумитаи ИҶШС доир ба маорифи халқ (1989), лоиҳаҳои Консепсияи маълумоти умумии миёнаи ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон (июли 1989) ба муҳокимаи умум гузошта шуд. Баъди муҳокимаи Консепсияи маълумоти умумии миёна бо назардошти пешниҳодоти аҳли ҷамъият, муаллимон ва кормандони соҳаи маориф Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти илмҳои педагогии Тоҷикистон бо ҳамкории методистону олимон ва муаллимони пешқадам нақшаю барномаҳои нави таълимиро таҳия намуданд, ки дар асоси онҳо китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимию методии нав таълиф гардиданд

Раванди бозсозии низоми мактабу маориф дар Тоҷикистони шӯравӣ яке аз масоили доғи анҷумани XX ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ гардид, ки соли 1986 баргузор шуд. Мувофиқи натиҷагирии асноди ин анҷуман, ислоҳоти макотиби таҳсилоти умумию касбӣ ба таври бояду шояд дар Тоҷикистон ба роҳ монда нашуда буд. Бинобар ин, ташкилотҳои ҳизбии ҷумҳурӣ, шӯроҳо, иттифоқҳои касаба ва комсомол, ҳайатҳои педагогии муассисаҳои таълимӣ ва бахусус, мақомоти маориф дар сатҳи минтақаҳо мувазzаф гардиданд, ки дар самти ба роҳ мондани ислоҳоти пешгирифташуда дар макотиби таҳсилоти миёна чораҳои фаврӣ андешанд.

Ҳамин масъала ба муҳокимаи пленуми февралии КМ Ҳизби коммунист ва пленуми мартии ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ дар соли 1988 бароварда шуд. Чунончи ҳуҷҷатҳои пленуми февралии ҲКИШ гувоҳӣ медиҳанд, ки раванди ислоҳоти мактабу маориф, махсусан баъди пеш гирифтани бозсозӣ, дар сатҳи умумииттифоқғайриқаноатбахш дониста шуд. Аз ҷумла, таҷрибаи иҷборан пурра намудани шумораи талабагони синфҳои 10 омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ аз ҳисобихонандагони синфҳои 9, ки дар бисёр ҷойҳо амалӣ мегардид, аз тарафи пленум шадидан маҳкум карда шуд.

Ҳамин тавр, пленуми мартии ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ муассисаҳо ва идораҳои дахлдори соҳаи маорифи халқро мувазzаф намуд, ки барои ҷавобгӯ будан ба муқаррароти ислоҳот нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои ҷадид, китобҳои нави дарсӣ ва дастурамалу васоити тозаро мураттаб сохта, дастрасии онҳоро ба макотиби ҷумҳуриҷиддан назорат кунанд.

Тағйироти пас аз пленум ба амаломада, чунончи зиёдшавии зинаҳои таҳсилот ва дигаргуниҳои дар рафти таълим ва тарбия бавуҷудомада, назаррас буданд.

Дар соли хониши 1989/90 дар минтақаи Рашт 325 мактаби таҳсилоти умумӣ фаъолият мекард, ки дар онҳо 167,5 ҳазор хонанда бо таҳсил фаро гирифта шуда буд [5, с. 94]. Ҳол он ки ҳамин нишондиҳанда, яъне шумораи мактабҳои умумӣ дар соли хониши 1987/88, яъне ду сол қабл аз ин дар вилоят 287 ададро ташкил медод [3, с. 201]. Аз ин ҷо тамоюли рушди теъдоди макотиби таҳсилоти умумӣ дар минтақаи Рашт баръало ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки дар соли хониши 1987/88 аз рӯи барномаи нави мактаби ёздаҳсола умуман дар ҷумҳурӣ 44,3 ҳазор хонандаи синфи як қабул карда шуд, ки азин шумора 42,3 ҳазор нафар дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва 2,0 ҳазор нафар дар муассисаҳои томактабӣ бо таҳсил фаро гирифта шуда буданд [3, с. 193]. Шумораи кӯдакони шашсола, ки аз рӯи барномаи синфи 1 дар минтақаи Кӯлоб бо таҳсил фаро гирифта шуданд, дар соли хониши 1986/87 – 4,3 ҳазор ва дар соли хониши 1987/88 – аллакай 7,5 ҳазор нафарро ташкил медод [3, с. 197]. Агар аз шумораи соли 1986/87 шумораи андаки кӯдакони ин синну сол дар муассисаҳои томактабӣ бо барномаи синфи 1-ум бо таҳсил фаро гирифта шуда бошанд, дар соли хониши 1987/88 ҳамаи кӯдакони шашсолаи бо барномаи синфи 1 таҳсилкунанда ба мактабҳои умумӣқабул гардиданд. Вазни нисбии хонандагони 6-сола дар шумораи умумии кӯдакони ҳамин синну сол дар вилоят дар соли таҳсили 1986/87 – 1987/88 мутаносибан 25% ва 41%-ро ташкил дод.

Зимнан дар минтақаи Рашт дар охири даврони шӯравӣ аксари муассисаҳои томактабӣ бо сарбории аз ҳад зиёд фаъолият мекарданд, зеро сатҳи таъмин будани кӯдакон бо муассисаҳои доимамалкунандаи томактабӣ умуман дар тамоми ҷумҳурӣ, хусусан дар шаҳрҳо хеле паст буда, қариб 54 ҳазор нафар кӯдак барои таъмин кардан бо боғчаи кӯдакон ва яслиҳо ниёз доштанд. Дар минтақаи Кӯлоб бошад, ин нишондиҳанда, нисбат ба тамоми минтақаҳои Тоҷикистони шӯравӣ дар ҳади поёнтар қарор дошт. Барои мисол, мувофиқи омори расмии даврони шӯравӣ, сатҳи таъминоти кӯдакон бо муассисаҳои доимоамалкунандаи томактабӣбо фоиз нисбат ба шумораи умумии кӯдакони ҳамин синну сол дар соли 1989 дар ВМКБ – 6,6%, вилояти Кӯлоб – 5,1%, вилояти Қӯрғонтеппа – 12,6%, вилояти Ленинобод – 21,5%, шаҳри Душанбе – 51,5% ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 8,8%-ро ташкил медод [5, с. 95].

Таҳлили вазъияти мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар ҷумҳурӣ нишон дод, ки қариб дар 55,7% мактабҳои шаҳрӣ ва 13,7% мактабҳои деҳот машғулиятҳо дар биноҳои типи нав гузашта, зиёда аз 60 ҳазор хонанда дар мактабҳое таҳсил мекарданд, ки биноҳои онҳо дар ҳолати садамавӣқарор доштанд. Зиёда аз сеяки хонандагон (39,2%) дар мактабҳое таҳсил мекарданд, ки машғулиятҳо дар онҳо дар ду ва ё зиёда баст мегузаштанд [6]. Аксарияти мактабҳои таҳсилоти умумие, ки дар охири даврони шуравӣ дар минтақаи Рашт фаъолият мекарданд, дар солҳои 60-70-уми асри XX ва ё ҳатто аз ин ҳам пештар сохта шуда буданд.

Дар натиҷаи ба мактаб қабул кардани кӯдакони синни 6-сола дар мактабҳои минтақаи Рашт миқдори бастҳои таълимӣ афзуда, баръакс, шумораи хонандагон дар гурӯҳҳои таҳсилаш бардавом коҳиш ёфт. Аллакай, дар соли таҳсили 1988/89 аз рӯи барномаи синфи 1 қариб 44% кӯдакони шашсола бо таҳсил фаро гирифта шуда буданд [4, с. 89].

Ислоҳоти мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ бисёр ба душворӣ мегузашт. Ин масъала ҳатто дар Пленуми февралии КМ ҲКИШ баррасӣ гардида буд. Мушкилот ва вазниниҳо дар амалияи якҷоя кардани тайёрии таҳсилоти умумӣ бо тайёрии касбӣҳам дар мактаб ва ҳам дар низоми таҳсилоти касбӣ-техникӣ ба вуҷуд омаданд. Масъалаи ба таври куллӣ мустаҳкам намудан ва аз нав ҷиҳозонидани заминаҳои истеҳсолию таълимӣ дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ва бахусус, дар ҷумҳуриҳои қафомондаи Осиёи Марказӣ хеле тезутунд гашт. Ҳатто дар омори расмии соҳаи маориф дар соли 1989 эътироф карда мешуд, ки сарфи назар аз чораҳои дар солҳои охир андешидашаванда, заминаи моддии

мактабҳо аз нуқтаи назари талаботи муосир дар ҳолати хеле вазнин қарор дорад [4, с. 90].

Чунончи, сатҳи таъминоти мактабҳои таҳсилоти рӯзонаи умумӣ бо кабинетҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор, ки яке аз талаботҳои муҳими барномаи ислоҳоти мактабу маориф ба шумор мерафт, дар минтақаи Рашт хеле дар сатҳи паст қарор дошт. Дар ибтидои соли хониши 1989/90 шумораи мактабҳои миёнае, ки дорои кабинети информатика ва техникаи ҳисоббарор буданд, дарминтақаи Рашт ҳамагӣ 5 ададро ташкил медод, ки дар онҳо 68 ҷойи корӣ бо МЭҲ мавҷуд буд [4, с. 91]. Барои муқоиса, ҳамин нишондиҳанда дар соли хониши 1989/90 дар ВМКБ – 9, вилояти Қӯрғонтеппа – 5, вилояти Ленинобод – 50, шаҳри Душанбе – 28 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 45 мактабро ташкил медод [4, с. 9].

Дар маҷмуъ, дар низоми мактабу маорифи минтақаи Рашт дар давраи мавриди баррасӣ, яъне дар нимаи дуюми асри XX сарфи назар аз ҳама дастовардҳои он, норасоию камбудиҳои ҷиддӣ низ ба назар мерасиданд. Ин, пеш аз ҳама, дар сатҳи пасти таъминоти кӯдакон бо муассисаҳои томактабии доимамалкунанда, заминаи нисбатан сусти таъминоти моддӣ-техникӣ, сатҳи пасти таҷҳизонидани техникӣ ва иттилоотии раванди таълим, фарсуда ва ҷиддан таъмирталаб будани биноҳо ва иншооти таълимии минтақа, надоштани низоми гармидиҳии мутамаркази мактабҳо ва қубурҳои оби гарм зоҳир мегардид. Дар мактабҳои минтақаи Рашт ба мисли дигар навоҳии ҷумҳурӣ норасоии синфхонаҳои махсус барои гузаронидани машғулиятҳои дарси мусиқӣ, кабинетҳои лингофонӣ, толорҳои муҷаҳҳази варзишӣ эҳсос карда мешуд.

Илова бар ин, дар охири даврони шуравӣ иҷрои бисёр нақшаҳои ободонӣ ва сохтмони соҳаи маориф ғайриқаноатбахш ба назар мерасид. Чунончи, нақшаи бунёд кардан ва ба истифода додани боғчаҳои кӯдакон ва яслиҳо дар соли 1990 дар тамоми ҷумҳурӣ танҳо дар сатҳи 10 дарсад иҷро гардида буду халос. Нақшаи панҷсолаи XII, ки солҳои 1986-1990-ро дар бар мегирифт, оид ба сохтмони асосии мактабҳо дар ҶШС Тоҷикистон ва аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоб иҷро нагардида боқӣ монд.

Ҳамзамон, чуноне ки дар боло қайд кардем, ислоҳоти соҳаи маориф ба фаъолияти мактабҳои таҳсилоти умумӣ талаботҳои бисёр ҷиддие аз қабили муҷаҳҳаз будан бо кабинетҳои информатика, доштани техникаи ҳозиразамони МЭҲ, синфхонаҳои махсус ҷиҳозонидашудаи физика, биология, мусиқӣ, химия ва амсоли онро гузошта буд, ки иҷроиши онҳо дар минтақа хеле дар сатҳи паст қарор доштанд. Аз тарафи дигар, суръати баланди рушди демографӣ имкон намедод, ки пояҳои моддӣ-техникӣ ва инфрасохтори соҳа азнавсозӣ карда шаванд. Инкишофи демографӣ аз суръати рушди иқтисодӣ тезтар сурат мегирифт, ки ин мушкилоти бо мактабҳои замонавӣ таъмин намудани шумораи рӯз ба рӯз афзояндаи толибилмонро боз ҳам шадидтар мекард. Ин тамоил дар маҷмӯъ ба тамоми ҷумҳурӣ хос буда, барои мисол, дар соли 1979 шумораи аҳолии кишвар 3806 ҳазор нафарро ташкил мекард ва дар тӯли ҳамагӣ даҳ сол, яъне соли 1989 ин рақам ба 5092 ҳазор нафар расид [8, с. 41]. Чунин таносуб дар якбора афзудани мактаббачагон низ ба назар мерасид. Чунончи, агар дар соли хониши 1960/61 шумораи умумии хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ 50,9 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас ин рақам дар соли хониши 1987/88 ба 156,6 ҳазор нафар расидааст, яъне дар зарфи чоряк аср зиёда аз се баробар афзудааст.

Яке аз ҳадафҳои ислоҳоти мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ дар баробари баланд бардоштани сифати таҳсилот, азхудкунии амиқу мустаҳками асосҳои илм, беҳтаргардонии тарбияи ғоявӣ-сиёсӣ, меҳнатӣ ва ахлоқӣ буд. Бояд ба роҳ мондани тарбияи меҳнатӣ, таълим ва интихоби касб дар ин муассисаҳоба таври куллӣ таҷдиди назар карда мешуд. Дар мактабҳо синфхонаҳои меҳнати дастӣбарои хонандагони синфҳои 1-3 ва устохонаҳо барои синфҳои болоӣ сохта мешуданд. Корхонаҳои азимкабинетҳои таълимӣ ва устохонаҳоро дар мактабҳо муҷаҳҳаз мекарданд ва ё барои хонандагон мустақиман дар истеҳсолот ҷойҳои корӣ таъсис медоданд. Масалан, миқдори ҷойҳои кории таҷҳизонида барои меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ барои хонандагони синфҳои 7-11 дар оғози соли хониши 1987/88 дар минтақаи Рашт 4,9 ҳазор ҷойро ташкил дод, ки аз ин шумора 1,4 ҳазор дар шаҳр ва 3,5 ҳазор дар қишлоқҷойҳо таъсис дода шуда буданд. Аз ин миқдор ҷойҳои корие, ки барои меҳнати муфиди ҷамъиятию истеҳсолии хонандагон аз ҷониби корхонаҳо таъсис ёфта буданд, бо фоиз нисбат ба шумораи умумии ҷойҳои корӣ 3%-ро ташкил дод.

Дар минтақаи Рашт 1 муассисаи таҳсилоти миёнаи махсус бо шумораи умумии таълимгирандагон дар соли хониши 1987/88 дар онҳо 1200 нафарро ташкил медод [3, с. 208] ва 1 муассисаи таҳсилоти олӣ бо шумораи умумии донишҷӯён 4128 нафар дар соли таҳсили 1989/90 амал мекард. Дар ин соҳа, бозсозии таҳсилоти миёнаи махсус ва олӣ дар ҷумҳурӣ тайёркунии кадрҳоро дар сатҳи ҳозиразамони илмӣ-техникӣ, муҷаҳҳаз кардани онҳо бо донишҳои мустаҳками назариявӣ ва маҳоратҳои амалӣ, баланд бардоштани обрӯи меҳнати инженерӣ, ба таври куллӣ беҳтарсозии истифодабарии мутахассисонро дар истеҳсолот ҳадаф қарор дода буд. Дар асари бозсозии таҳсилоти миёнаи махсус ва олӣ бояд сифати нави омодакунии кадрҳо, мутахассисон дар робитаи зич бо қатъан беҳтарсозии истифодабарии онҳо таъмин карда мешуд. Ҳамаи ин ислоҳот дар миқёси ҷумҳурӣбояд рушди пешдастикунандаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсусро нисбат ба таҷдиду азнавсозии техникии хоҷагии халқ таъмин мекард.

Ҳамин тавр, умуман дар ҷумҳурӣ, дар соли хониши 1990/91 зиёда аз 94 ҳазор нафар муаллим дар макотиби таҳсилоти умумии рӯзона ба кори таълим ва тарбияи насли наврас машғул буданд. Соли 1988 Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус дар Тоҷикистони шӯравӣ бо қарори Шӯрои Олӣ барҳам дода шуда, дар ҷойи он Вазорати маорифи халқ таъсис дода шуд.

Инчунин, дар натиҷаи ҳаракати ҳақиқатан мардумӣ 22 июли соли 1989 дар бораи ба мақоми давлатӣ соҳиб шудани забони тоҷикӣқонун қабул карда шуд [2, с. 1]. Ин ҷунбиши бедории миллӣ дар мактабҳои минтақаи Кӯлоб низ беасар набуда, таълими забони тоҷикӣ дар онҳо комилан дигаргун шуд.

Барои мустаҳкам намудани пояи моддию техникии мактабҳо аз тамоми имконияти ёрии молии корхонаю муассисаҳои давлатӣ, колхозу совхозҳо бояд истифода бурда мешуд.

Соли 1989 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ барои 39 ҳазор хонанда мактабҳои таҳсилоти умумӣ сохта шуд. Дар буҷети ҷумҳурӣ хароҷот барои соҳаи маориф дар соли 1989 664,2 миллион сумро ташкил медод, ки нисбат ба соли 1985 8,7 % зиёд буд.

Бо вуҷуди ин дар рушду нумӯи соҳаи маорфи ҷумҳурӣ камбудӣ ва норасоиҳо хеле зиёд буд, ки ба раванди амалӣ гардидани ислоҳот халал мерасониданд. Масалан, муассисаҳои томактабии ҷумҳурӣ дар шаҳрҳо ва шаҳракҳо зиёд

буданд (ба ҳар сад ҷой 115-122 нафарӣ кӯдак рост меомад). Навбат дар боғчаҳои кӯдакон ва яслиҳо сол аз сол зиёд мешуд (беш аз 54,3 ҳазор оилаҳо дар навбат буданд). Дар ҷумҳурӣ ба як кӯдак танҳо 4,4 метр (5,75 метри мураббаъ) рост меомад. Бештар аз 30% муассисаҳои томактабӣ дар биноҳои фарсуда ҷой гирифта буд ва таъмиру тармими ҷиддиро талаб мекарданд. Онҳо қубури об, гармии мутамарказ ва барои машғулияти мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ҷои мувофиқ надоштанд. Дар нимаи якуми соли 1990 нақшаи ба кор андохтани муассисаҳои томактабӣ танҳо 10% иҷро шуда буд.

Дар маҷмӯъ, сарфи назар аз камбудиҳою норасоиҳои дар низоми мактабу маорифи минтақаи Рашт дар охири солҳои 80-ум ҷойдошта, бо боварии том метавон изҳор кард, ки ин соҳа ба давраи нави таърихӣ, яъне давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ бо нишондиҳандаҳои хуб ворид гардида буд.Зеро, дар аввали солҳои 90 аксарияти ин нишондиҳандаҳо аз омори баъдӣ – дар солҳои аввали истиқлол хеле баланд буданд. Сарфи назар аз ин, дар ин давра мушкилоти сифатнокии раванди таълиму тарбия, ки ба сифати омили калидӣ дар шаклгирии донишҳои инсонӣ баромад мекунанд, ба пуррагӣ ҳалли худро наёфта буд ва масъалаи камбудии муаллимон ва худи мактабҳо дар баъзе аз минтақаҳои ҷумҳурӣ комилан бартараф нагардиданд [7, с. 88].

**Муқарриз: Садиров Ш.А. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Қарори якҷояи КМ ҲКИШ, Шӯрои вазирони Иттиҳоди шӯравӣ ва Кумитаи марказии Иттифоқҳои касабаи умумииттифоқ «Дар бораи беҳтарсозии таълиму тарбияи меҳнатии мактаббачагон, касбинтихобкунии онҳо, ташкили меҳнати фоиданоки ҷамъиятии хонандагон» аз 04.05.1984.
2. Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи забон». Ахбори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, 1989, №2.
3. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1987 году. Народное образование и культура. / Статистический ежегодник.- Душанбе: Ирфон, 1988.
4. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1990 году. Народное образование и культура. / Статистический ежегодник.-Душанбе: Ирфон, 1991.
5. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1989 году. Народное образование и культура. / Статистический ежегодник.-Душанбе: Ирфон, 1991.
6. Образование в 1958-1991 гг. //URL: http://www.aot.tj/en/ index /index/pageId/406/ (Санаи муроҷиат 23.01.2026).
7. Раҳмонов А.А., Расулов А.Б., Қодиров Қ.Б., Афзалов Х.С. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: ҶДММ «Полиграфгрупп», 2011.
8. Тоҷикистон дар рақамҳо. / Маҷмӯаи мухтасари оморӣ /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2003.

## ТАЪМИНИ БАЗАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИ ВА НИЗОМИ МАКТАБУ МАОРИФИ МИНТАҚАИ РАШТ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX

Мақола дар мавзуи таъмини базаи моддӣ-техникии маорифи минтақаи Рашти даврони Шуравии дар нимаи дуюми асри XX навишта шуда, дорои таҳлили амиқи илми мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки ин масъаларо ба

риштаи илми таърихнигори кашида дар муқоиса бо дигар манотиқи ҶШС Тоҷикистон иникос намояд.

Маврид ба зикр аст, ки таҳлили вазъияти пояи моддию техникии мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки аз маҷмӯи мактабҳои ҷумҳурӣ дар шаҳрҳо 55,7% ва дар деҳот 13,7% онҳо дар биноҳои шакли нав воқеъ гардида, бештар аз 60 ҳазор хонанда дар биноҳои вайрона таълим мегирифтанд ва 39,2% онҳо дар бастҳои дуюм ва сеюм таҳсил мекарданд. Илова бар ин 70,8% мактабҳои шаҳрҳо, 62,3% мактабҳои деҳот то соли 1970 бунёд гардиданд. Дар солҳои панҷсолаи дувоздаҳум (1986-1990) Ҳукумати ҷумҳурӣ нақшаи сохтмони мактабҳоро ягон маротиба иҷро накард. Вазъияти иҷрои нақшаҳои сохтмони асосии мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ аз ин беҳтар набуд. Дараҷаи бо таҷҳизоти техникӣ муҷаҳҳаз будани мактабҳо ба талаботи рӯзафзуни донишомӯзӣ ҷавоб дода наметавонист. Танҳо 8,1% мактабҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ кабинети информатика ва техникаи ҳисоббарор, 67,6% кабинетҳои муҷаҳҳази биология, 84,3% кабинетҳои махсуси физика доштанд.

**Калидвожаҳо:** Рашт, Шуравӣ, мактаб, маориф, таҳсил, таъминоти моддӣ, китоб, хонандагон, муассисаҳои томактабӣ.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОЙ БАЗЫ И ШКОЛЬНО-ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЫ РАШТСКОЙ ОБЛАСТИ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XX ВЕКА

Статья написана на тему обеспечения материально-технической базы образования в Раштской области советской эпохи во второй половине XX века и содержит глубокий научный анализ. Автору удалось вывести этот вопрос в область историографии и осмыслить его в сравнении с другими регионами Таджикской ССР.

Стоит отметить, что анализ состояния материально-технической базы средних школ республики показывает, что из общего числа школ в республике в городах 55,7%, а в сельской местности – 13,7% расположены в зданиях нового типа, более 60 тысяч учащихся обучаются в ветхих зданиях, а 39,2% – во второй и третьей сменах. Кроме того, к 1970 году было построено 70,8% городских и 62,3% сельских школ. В двенадцатом пятилетнем плане (1986-1990) правительство республики вообще не реализовало план строительства школ. Ситуация с реализацией основных планов строительства средних специализированных и высших учебных заведений была не лучше. Уровень технического оснащения школ не мог удовлетворить растущие потребности образования. Только 8,1% общеобразовательных дневных школ имели кабинеты информатики и компьютерных технологий, 67,6% — оборудованные кабинеты биологии, и 84,3% — специализированные кабинеты физики.

**Ключевые слова:** Рашт, Советский Союз, школа, образование, обучение, материально-техническое обеспечение, книги, ученики, дошкольные учреждения.

## PROVISION OF THE MATERIAL AND TECHNICAL BASE AND THE SCHOOL EDUCATION SYSTEM IN THE RASHT REGION IN THE SECOND HALF OF THE 20TH CENTURY

This article examines the provision of educational facilities in the Soviet-era Rasht Region in the second half of the 20th century and provides an in-depth scholarly analysis. The author has successfully brought this issue into the realm of historiography and compared it with other regions of the Tajik SSR.

It is worth noting that an analysis of the state of the material and technical base of secondary schools in the republic shows that of the total number of schools in the republic, 55.7% in urban areas and 13.7% in rural areas are located in new buildings, while more than 60,000 students study in dilapidated buildings, and 39.2% are in the second and third shifts. Furthermore, by 1970, 70.8% of urban schools and 62.3% of rural schools had been built. In the Twelfth Five-Year Plan (1986-1990), the republic's government failed to implement any school construction plan. The situation with the implementation of the main plans for the construction of secondary specialized and higher educational institutions was no better. The level of technical equipment in schools could not meet the growing educational needs. Only 8.1% of general education day schools had computer science and computer technology rooms, 67.6% had equipped biology rooms, and 84.3% had specialized physics rooms.

**Keywords:** Rasht, Soviet Union, school, education, training, material and technical support, books, students, preschools.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Мудабирзода Зафарҷон Бадридин –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, Доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисосӣ таърих, муаллими калони кафедраи Таърих ва методикаи таълими он. Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Ғарм, к.Э. Муҳиддин-63.Телефон 931-80-26-46

**Сведения об авторе: Мудабирзода Зафарджон Бадридин** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доктор философии (PhD) по истории, старший преподаватель кафедры истории и методики преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Мухиддина, 63. Телефон: 931-80-26-46

**About the author: Mudabirzoda Zafarjon Badridin** – Tajik pedagogical institute in the Rasht district, doctor of philosophy (PhD) in history, senior lecturer in the department of history and teaching methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, Mukhiddin street, 63. Phone: 931-80-26-46

**ТДУ: 930.85.008**

# ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-МУҚОИСАВИИ МАҚОМИ ЗАНИ ТОҶИК

**Олимшозода Ф. О.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, ки қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Мардон ва занон баробарҳуқуқанд [1].

Мақоми зан дар ҷомеаи муосир яке аз масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии асри XXI ба шумор рафта, рушди демократия, таҳкими ҳуқуқи инсон, ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии арзишҳои иҷтимоӣ боис гардиданд, ки нақши зан дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ба таври ҷиддӣ бознигарӣ шавад. Дар ҷомеаи муосир зан на танҳо ҳамчун модар ва тарбиятгар, балки ҳамчун мутахассис, роҳбар, сиёсатмадор, олим ва соҳибкор фаъолият мекунад. Аммо, бо вуҷуди пешравиҳои

назаррас, масъалаҳои марбут ба баробарҳуқуқӣ, иштироки сиёсӣ, дастрасӣ ба таҳсил ва ҳифзи иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам аҳаммияти худро гум накардаанд.

Ҳамасола Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои мазкур дар Паёми худ баромад намуда, таъкид месозанд, ки: "Мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми занонро дар ҷомеа марҳала ба марҳала баланд бардошта, барои онҳо шароити муносиби фаъолиятро фароҳам овардем. Имрӯз занону бонувони тоҷик ба хотири рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содиқона хизмат намуда истодаанд".

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалин амалҳое, ки ба ташаккули нақши зан дар ҷомеа заминаро фароҳам овард, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 "Дар бораи тадбирҳои бардоштани мақоми зан дар ҷомеа" буд. Фармони мазкур дар таъмини иштироки воқеии занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлат нақши муҳим бозид. Тадбирҳои асосии барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа:

**Иштирок дар идоракунӣ:** Зиёд кардани шумораи занон дар мансабҳои роҳбарикунанда ва хизмати давлатӣ, махсусан дар сатҳи маҳаллӣ, таҳти назорати доимии ҳукумат қарор дорад;

**Дастгирии маориф:** Барои духтарони ноҳияҳои кӯҳистон ҷиҳати таҳсил дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус шароити имтиёзнок муҳайё карда мешавад;

**Соҳибкорӣ ва шуғл:** Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории занон, мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва омода кардани кадрҳои ихтисосманд (иқтисодчӣ, муҳандис, духтур, агроном, муаллим).

**Ҳифзи ҳуқуқ ва оила:** Татбиқи стратегияҳои миллӣ оид ба баробарҳуқуқии мардону занон, пешгирии хушунат дар оила ва ҳифзи модару кӯдак;

**Нақши иҷтимоӣ:** Тақвияти нақши занон дар низоми маориф, тандурустӣ, пойдории сулҳу субот ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ.

Ин тадбирҳо барои он равона шудаанд, ки занон ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа дар пешрафти давлат саҳми муносиб гузоранд.

Барномаи давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010" аз 30 апрели соли 2004, ки мақсади беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавии оилаҳо, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлат, тайёр намудани кадрҳои болаёқатманду донишманд аз ҳисоби духтарон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон ва беҳгардонии вазъи сиҳатии модару кӯдак равона карда шуда буд, мақоми махсуси занро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таъмин намуд.

Масъалаи мақоми зани тоҷик дар ҷомеа дар тӯли таърих таҳаввулоти гуногунро аз сар гузаронидааст ва тағйирёбии низомҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ ба мавқеи иҷтимоии ӯ таъсири бевосита расонидааст.

Хонандаи азиз, ҳадафи ин мақола таҳлили муқоисавии мақоми зани тоҷик дар замони гузашта ва ҷомеаи муосир бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ, таърихӣ, динӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иқтибосҳои мутафаккирон буда, бо шакли мушаххас пешниҳод мегардад.

**Мақоми зан дар давраи бостонӣ ва тамаддуни ориёӣ.** Дар тамаддуни бостонии ориёӣ ва зардуштия, зан мақоми баланд ва эҳтироми хоса дошт. Занон

дар баробари мардон дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва динӣ фаъолона иштирок мекарданд, ҳуқуқи моликият доштанд ва ба ҳайси модар, ҳамсар ва тарбиятгар муқаддас шуморида мешуданд. Дар давраҳои қадими таърихӣ, махсусан дар минтақаҳои Суғд ва Бохтар, занон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва хоҷагӣ нақши назаррас доштанд. Китоби муқаддаси "Авесто" ба покӣ, масъулият ва шаъну шарафи зан аҳаммияти махсус медиҳад [2]. Бино ба таҳқиқоти таърихшиносон, зан метавонист соҳиби молу мулк бошад ва дар идоракунии хоҷагӣ иштирок намояд [3, с.112].

**Ҳуқуқҳои баробар:** Дар низоми ҷомеаи ориёӣ, бахусус то давраи суқути ҳукуматҳои ориёӣ, занон ҳуқуқҳои баробар бо мардон доштанд ва метавонистанд дар масъалаҳои муҳими хонаводагӣ ва ҷамъиятӣ изҳори назар кунанд;

**Эҳтиром ба модар:** Зан ҳамчун модар, ки оташи хонадонро ҳифз мекунад ва насли пок ба дунё меорад, дар мақоми баланд қарор дошт;

**Иштирок дар дин:** Дар китоби муқаддаси "Авасто" занон ҳамчун пайравони дин ва тарғибгарони некӣ эътироф мешуданд;

**Мақоми хонаводагӣ:** Зан ҳамчун "Хонамонпаити" (бонуи хона) масъулияти идоракунии хонаводаро бар дӯш дошт;

**Иштирок дар ҷашнҳо:** Занон дар баргузории ҷашнҳои бостонӣ, ба монанди Наврӯз, ки рамзи пайванди инсон бо табиат ва покизагӣ аст, нақши фаъол доштанд [4].

Ин далелҳо гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки дар давраи бостонӣ мавқеи зан нисбатан муътадил ва фаъол буд. Ҳамин тариқ, тамаддуни ориёӣ занро на танҳо ҳамчун ҳамсар, балки ҳамчун унсури калидӣ дар устувории ҷомеа ва оила эҳтиром мекард.

**Мақоми зан дар давраи исломӣ (асрҳои миёна)**. Бо густариши ислом дар Осиёи Марказӣ, мақоми зан дар доираи меъёрҳои шариат муайян гардид. Дар Қуръони Карим омадааст: " Барои мардон аз он чӣ касб карданд, ҳиссае ҳаст ва барои занон аз он чӣ касб Мардонро аз он чӣ ба даст овардаанд насибест ва занонро низ аз он чӣ касб карданд, ҳиссае ҳаст" [5]. Ин суханҳо дар ояти 32 сураи "Нисо" дарҷ гардида, баробарии маънавии инсонҳоро таъкид намуда, шариат ба зан ҳуқуқи мерос, моликият ва ризоият дар никоҳро кафолат додааст. Аммо, дар амал суннатҳои маҳаллӣ ва сохтори патриархалӣ имкониятҳои занро маҳдуд мекарданд.

**Мақоми зан дар асрҳои XVIII–XIX.** Оиди мақоми зани тоҷик дар асрҳои XVIII–XIX мо тасмин гирифтем, ки ба асари безаволи таърихан муҳими устод Садриддин Айнӣ "Таърихи амирони манғит", ки вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Аморати Бухороро таҳлил мекунад рӯ оварем, то ки маълумотҳои муфидро соҳиб шавем ва маънавиёту мундариҷаи мақолаи хешро ғанӣ гардонем.

Мақоми зани тоҷик дар замони Аморати Бухоро ва сулолаи манғитиҳо (XVIII–XIX) натиҷаи таъсири сохтори патриархалӣ, анъанаҳои суннатӣ ва меъёрҳои динӣ буд. Дар асари таърихии "Таърихи амирони манғит" С. Айнӣ ба равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба таври муфассал ишора мекунад ва нақши занонро дар ҷомеа таҳлил менамояд [6, с. 54]. С. Айнӣ таъкид мекунад, ки вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон дар ҷомеаи Аморати Бухоро асосан дар доираи оила ва корҳои хона буданд [7, с. 55-57].

Дар ҷомеаи Аморати Бухоро нисбати занону духтарон маҳдудиятҳои зерин мавҷуд буданд:

- маҳдуд будани таҳсил барои духтарон;

- иштирок накардан дар сиёсат ва идоракунии давлатӣ;
- никоҳи бармаҳал ва вобастагӣ аз волидон;
- кам будани ҳуқуқи моликият.

Ба ҳамаи ин маҳдудиятҳо нисбати занону духтарон нигоҳ накарда дар ҷомеаи Аморати Бухоро нисбати занону духтарон ҷиҳатҳои мусбӣ низ вуҷуд доштанд, мисол:

- ҳарчанд ҳуқуқҳои сиёсӣ маҳдуд буданд, эҳтироми модар дар оила ва ҷомеа хеле баланд буд;
- Занон ҳамчун тарбиятгар ва ҳомии суннатҳои миллӣ ва фарҳангӣ шинохта мешуданд;
- Занони барҷаста (мисли занони ашрофзода) метавонанд таъсиргузор бошанд, гарчанде ки ин ҳолат кам ба назар мерасад.

**Мақоми зан дар иқтисод.** С. Айнӣ ишора мекунад, ки занон асосан дар хоҷагии хонаводагӣ фаъолият мекарданд ва нақши онҳо дар истеҳсолоти хонагӣ ва дар дастархони хонавода муҳим буд [8, с. 58]. Ҳарчанд иштироки занон дар фаъолияти тиҷоратӣ кам буд, вале онҳо дар хоҷагии хонавода бофандагӣ ва санъат саҳми назаррас доштанд.

**Мақоми зан дар фарҳанг ва адабиёт.** Дар ин бахш Айнӣ таъкид мекунад, ки занон дар Аморати Бухоро:

- асосан дар тарбияи фарзанд ва нигоҳдории суннатҳои фарҳангӣ нақши асосӣ доштанд;
- бо вуҷуди имкониятҳои иҷтимоӣ, истеъдоди хос ва саводи маҳдуд доштани баъзе занон ба рушди адабиёт ва фарҳанг таъсир мерасонад;
- аксари онҳо имкониятҳои таҳсили расмӣ надоштанд, аммо тавассути омӯзиши хонаводагӣ ва омӯзиши шеваҳои маънавӣ, дониш ва ҳунарҳои суннатиро ба наслҳои оянда интиқол медоданд.

Мутаассифона, аксари занон ба таҳсил дастрасӣ надоштанд, аммо нафароне буданд, ки ба монанди Робияи Балхӣ занони донишманд буданд, ки нишонаи барҷастаи фарҳанг буда, саҳми онҳо дар рушди адабиёти форсу тоҷик назаррас аст [9, с. 60-62].

**Мақоми зан дар замони Шуравӣ.** Дар замони Шуравӣ мақоми зан ба таври куллӣ тағйир ёфта, баробарҳуқуқӣ бо мардон дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ эълон шуд. Занҳо ба таҳсил, меҳнат, фаъолияти ҷамъиятӣ дастрасӣ пайдо карданд, аммо сатҳи баланди роҳбарии сиёсӣ иштирокашон маҳдуд буд.

Дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ дар баъзе ноҳияҳои Тоҷикистон занҳо аз сабаби надонистани забони давлатӣ (русӣ) ва надоштани маълумоти касбӣ ба корҳои маъмурӣ ва давлатӣ ҷалб карда намешуданд. Дар корхонаҳо вазифаҳои роҳбарикунанда ва бомасъул дар ӯҳдаи занони русзабон буданд.

**Баробарии ҳуқуқӣ:** Дар Конститутсияи Иттиҳоди Шуравӣ баробарии зан ва мард дар ҳама соҳаҳо таъмин гардид.

**Маориф ва касб:** Занон ҳуқуқи таҳсил доштанд ва ба касбҳои гуногун, аз ҷумла илм, тиб, маориф ворид шуданд;

**Иштироки сиёсӣ:** Занон дар идоракунии давлатӣ фаъол шуданд, гарчанде дар сатҳи баланди роҳбарӣ (вазирон) шуморашон кам буд;

**Нақши иҷтимоӣ:** Зан ҳамчун модар ва ҳамчун коргар (маошгир) эътироф шуда, дар таълиму тарбияи насли наврас нақши калидӣ дошт [10].

Ин давра боиси аз байн рафтани бисёр маҳдудиятҳои анъанавӣ гардид, вале ҳамзамон масъулияти дукарата – ҳам дар хона ва ҳам дар истеҳсолотро ба дӯш гирифтанд.

**Мақоми зани тоҷик дар замони муосир.** Дар замони муосир мақоми зани тоҷик дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам гардидааст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 17) баробарии ҳуқуқҳои мард ва занро кафолат медиҳад;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробарии онҳо дар амалисозии ин ҳуқуқҳо”.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” механизмҳои ҳифзи иҷтимоиро танзим мекунад.

Занон дар замони соҳибистиқлолӣ ба субъекти фаъоли ҳаёти сиёсӣ мубаддал гардидаанд ва маҳз ин давра ба зани тоҷик имкон дод, ки дар соҳаи илму сиёсат ва иқтисодиёт заминаи комёбиро соҳиб шавад. Ӯ тавонист, ки ба минталитети қафомондаи асримиёнагии баъзе аз тоифаҳои ҷомеа муқобил баромада, мақоми хешро дар партави тазодҳои гуногуни маънавӣ мустаҳкам созад. Пайваста бо дастгирии давлат заминаҳои зиёде барои рушди занон дар солҳои истиқлолият пайдо гардид. Дар Паёми навбатии худ Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаи мазкур чунин ифроз намуданд: “Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла дар хориҷи кишвар ҳазорҳо нафар духтарони боистеъдоди мо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз 41 ҳазору 232 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд”.

**Мақоми зани тоҷик дар соҳаи маориф**. Зани тоҷик дар соҳаи маорифи муосир накши калидӣ дошта, ҳамчун омӯзгор, мураббӣ ва роҳбар дар тарбияи насли наврас саҳми арзанда мегузорад. Дар даврони истиқлолият дастгирии давлатӣ боиси афзоиши шумораи занон дар зинаҳои гуногуни таҳсилот, илм ва идоракунии маориф гардид, ки ин ба рушди ҷлмеаи демократӣ ва дунявӣ мусоидат мекунад [11].

**Нақши калидӣ:** Занон дар маорифи Тоҷикистон на танҳо ҳамчун омӯзгори мактаб, балки дар вазифаҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд;

**Дастгирии давлатӣ:** Ҳукумати Тоҷикистон пайваста барои ҷалби бештари духтарон ба таҳсил ва дастгирии занони мутахассис тадбирҳо меандешад;

**Таъсири мусбат:** Иштироки фаъоли занон дар соҳаи маориф ва баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва маърифатнокии ҷомеа таъсир мерасонад;

**Иштирок дар илм:** Теъдоди занони тоҷик, ки дар соҳаи илм ва таҳсилоти олии касбӣ фаъолият доранд, мунтазам афзоиш ёфта истодааст [12].

Зан – омӯзгори тоҷик муаррифгари илму фарҳанги миллӣ буда, дар ташаккули ҷаҳонбинии насли ҷавон нақши меҳварӣ дорад ва имрӯз занон ба ҳамаи зинаҳои таҳсил дастрасӣ доранд, яъне ба мактаб, коллеҷ ва донишгоҳҳои давлатӣ. Таҳсил имконияти иштироки занонро дар бозори меҳнат ва идоракунии давлатӣ васеъ намудааст.

**Мақоми зани тоҷик дар иқтисод.** Дар замони истиқлолият таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон барномаҳои махсус оид ба баланд

бардоштани  мақоми занон ва дастгирии фаъолияти иқтисодии онҳо қабул шудаанд. Қонунгузорӣ принсипи баробарҳуқуқии мардон ва занонро дар фаъолияти меҳнатӣ кафолат медиҳад.

Мавқеи зани тоҷик дар иқтисодиёти миллӣ тайи даҳсолаҳои охир тадриҷан таҳким ёфта, имрӯз занон дар бахшҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолона иштирок менамоянд. Рушди сиёсати давлатӣ дар самти баробарҳуқуқӣ ва дастгирии соҳибкории занон ба густариши иштироки онҳо мусоидат кардааст.

**Иштирок дар бозори меҳнат:** Занон қисми муҳими қувваи кориро ташкил медиҳанд ва онҳо бештар дар соҳаҳои зерин фаъолият доранд:

- маориф, тандурустӣ, савдо ва хизматрасонӣ, кишоварзӣ, бахши иҷтимоӣ.

Дар баробари ин, ҳиссаи занон дар соҳаҳои истеҳсолӣ, сохтмон ва саноати вазнин нисбатан камтар мебошад, ки ин ба омилҳои иҷтимоӣ ва анъанавӣ вобаста аст.

**Нақши зан дар кишоварзӣ.** Дар деҳот занон нақши муҳим доранд:

- парвариши зироатҳо;
- чорводорӣ;
- коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- фаъолияти хоҷагии оилавӣ.

Дар бисёр мавридҳо бо сабаби муҳоҷирати меҳнатии мардон, занон сарварии хоҷагиҳоро ба ӯҳда мегиранд.

**Соҳибкории занон.** Дар солҳои охир шумораи занони соҳибкор дар кишвар афзоиш ёфтааст. Онҳо дар соҳаҳои зерин фаъолият менамоянд:

- тиҷорати хурд ва миёна;
- ҳунармандӣ;
- хизматрасонии маишӣ;
- истеҳсолоти маҳсулоти миллӣ.

Имрӯз, бо дастгирии бевоситаи давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барномаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ  барои рушди соҳибкори занон ва духтарон грантҳо ва омӯзишҳо пешниҳод менамоянд.

Мавқеи зани тоҷик дар иқтисодиёти кишвар сол аз сол тақвият меёбад. Агар дар гузашта фаъолияти онҳо асосан ба доираи хона ва хоҷагии оилавӣ маҳдуд буд, имрӯз занон ҳамчун иштирокчиёни фаъоли иқтисоди миллӣ, соҳибкорон, роҳбарон ва мутахассисон саҳми назаррас мегузоранд. Бо вуҷуди ин, барои ноил шудан ба баробарии комил дар бозори меҳнат, таҳкими сиёсати дастгирии соҳибкории занон ва тағйири шури ҷамъиятӣ зарур мебошад.

**Мақоми зани тоҷик дар сиёсат.** Дар гузашта иштироки занон дар сиёсат қариб вуҷуд надошт, вале ҳоло дар замони муосир занон дар парлумон ва мақомоти давлатӣ фаъолият доранд ва ин тағйиротҳо натиҷаи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Имрӯз, мақоми зани тоҷик дар сиёсати Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун узви баробарҳуқуи ҷомеа мустаҳкам гардида, таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон, бонувон дар идоракунии давлатӣ, соҳаҳаои иҷтимоӣ ва рушди фарҳанг нақши калидӣ доранд.

Ҷанбаҳои асосии мақоми зани тоҷик дар сиёсат:

**Дастгирии давлатӣ:** Аз солҳои аввали истиқлолият, сиёсати давлат ба баланд бардоштани мақоми зан-модар нигаронида шудааст;

**Иштирок дар идоракунӣ:** Бонувон дар сохторҳои Ҳукумат, Пралумон ва мақомоти маҳаллӣ вазифаҳои роҳбарикунандаро иҷро мекунанд;

**Рушди соҳаҳо:** Занон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва дигар бахшҳои хоҷагии халқ саҳми назаррас доранд;

**Тарбияи насли наврас:** Зан-модар ҳамчун тарбиякунандаи фарзандони фарзона ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ эътироф мешавад [13].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар замони гузашта мақоми зан бештар маънавӣ ва хонаводагӣ буд, дар ҳоле ки имрӯз мақоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ васеъ гардидааст.

Таърих гувоҳ аст, ки зан ва модари тоҷик дар ҳама давру замон посдори оину анъанаҳои муқаддаси миллат буданд ва яке аз нишонаҳои асосии фарҳангу тамаддуни миллати тоҷик зан ва модари боиффату босавод ба ҳисоб меравад. Яке аз неруҳои бузурги иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки зан ба ҳисоб меравад ҳукумати кишвар бевосита ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Иштироки фаъоли занон дар иқтисоди кишвар метавонад рушди устуворро таъмин намояд ва имрӯз занон дар соҳаҳои маориф, соҳибкорӣ ва идоракунии давлатӣ фаъолият доранд. Ҳамин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳои худ бо занону модарони фаъолу эҷодкори мамлакат чунин иброз доштанд: “Давлате, ки нисбат ба модар-сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсонӣ бепарво бошад, ояндаи худро аз даст медиҳад”.

Мақоми зани тоҷик дар таърих якранг набуда, дар баъзе давраҳо соҳиби ҳуқуқҳои муайян буд, аммо таъсири суннатҳои иҷтимоӣ имкониятҳоро маҳдуд менамуд. Дар замони муосир заминаи ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ фароҳам оварда шудааст ва бо вуҷуди ин, барои расидан ба баробарии воқеӣ тағйири тафаккур иҷтимоӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ зарур мебошад.

**Муқарриз: Одинаев Б.А. – Доктори фалсафа, дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 17. Душанбе: “Нашриёти Ганҷ”. 2016, С.-12.

2.Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.{https://www.facebook.com[Захираи электронӣ]- (таърихи муроҷиат: 04.03.2026).

3.Бартолд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. –М., 1963.-С.-112.

4.Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://matbuot@amit.tj [Захираи электронӣ]- (таърихи муроҷиат: 04.03.2026).

5.Тафсири Сураи Нисо, Ояти 32- Тафсири Осонбаён (Қуръон) бо забони тоҷикӣ /https://www.DONISH.su. [Захираи электронӣ]- (таърихи муроҷиат: 05.03.2026).

6.Айнӣ С. Таърихи амирони манғитӣ. –Душанбе, 1987.- С. 54.

7.Айнӣ С. Тамоми масъалаҳои иҷтимоӣ ва нақши занон дар Аморати Бухоро.-С.-55-57.

8.Айнӣ С. Вазъи иқтисодии занон ва саҳми онҳо дар хоҷагӣ.- С.-58

9.Айнӣ С. Нақши занон дар фарҳанг ва адабиёти Аморати Бухоро.-Душанбе, 1987.-С.-60-62.

10.Мақоми зан дар ҷомеа.https://www. Factbook.comm [Захираи электронӣ]- (таърихи муроҷиат: 04.03.2026).

11.Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.https://tgfeu.tj [Захираи электронӣ]- (таърихи муроҷиат: 04.03.2026).

12.Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.https://tgfeu.tj [Захираи электронӣ]- (таърихи муроҷиат: 05.03.2026).

13.Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.https://historical.tnu.tj [Захираи электронӣ]- (таърихи муроҷиат: 05.03.2026).

## ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-МУҚОИСАВИИ МАҚОМИ ЗАНИ ТОҶИК

Мақола ба таҳлили мақом зани тоҷик дар замони гузашта ва ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Дар он хусусиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқи мавқеи зан дар давраҳои гуногуни таърихӣ баррасӣ мегарданд. Бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ, аз он ҷумла осори Садриддин Айнӣ ва дигар муҳаққиқон, вазъи иҷтимоии зан дар замони аморат, маҳдудиятҳои анъанавӣ ва нақши ӯ дар оила таҳлил мешавад. Ҳамзамон, тағйироти мақоми зан дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, сиёсати давлатӣ дар самти баробарҳуқуқӣ ва иштироки занон дар соҳаҳои маориф, иқтисод ва идоракунии давлатӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар замони муосир имкониятҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии занон ба маротиб васеъ гардидаанд, ҳарчанд баъзе мушкилоти иҷтимоӣ боқӣ мондаанд.

**Калидвожаҳо:** зан, мақоми иҷтимоӣ, зани тоҷик, ҷомеаи анъанавӣ, ҷомеаи муосир, тадбирҳо, сиёсати давлатӣ, баробарҳуқуқӣ, таърих, хонамонпаити (бонуи хона), рушди иҷтимоӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ.

## ИСТОРИЧЕСКО-СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СТАТУСА ЖЕНЩИН ТАДЖИКИ

Статья посвящена анализу положения таджикской женщины в прошлом и в современном обществе. Рассматриваются социальные, культурные и правовые особенности статуса женщины в различные исторические периоды. На основе исторических источников, в том числе трудов Садриддина Айни, анализируется положение женщины в эпоху эмирата, традиционные ограничения и её роль в семье. Особое внимание уделяется изменениям статуса женщины в современном Таджикистане, государственной политике в сфере гендерного равенства и участию женщин в образовании, экономике и государственном управлении. Сделан вывод о значительном прав и возможностей женщин в современный период при сохранении отдельных социальных проблем.

**Ключевые слова:** женщина, социальный статус, таджикская женщина, домохозяйка, традиционное общество, современное общество, меры, государственная политика, равноправие, история, социальное развитие, общественная деятельность.

## HISTORICAL AND COMPARATIVE ANALYSIS OF THE STATUS OF TAJIK WOMEN

This article analyzes the status of Tajik women in the past and in contemporary society. At examines the social, cultural, and legal characteristics of women is positions across different historical periods. Drawing on historical sources, including the works of Sadriddin Ayni, the study explores women is status during the emirate period, traditional

restrictions, and their role within the family structure. Particular attention is paid to the transformation of women is status in modern Tajikistan, state policies on gender equality, and women is participation in education, the economy, and public administration. The findings demonstrate a significant expansion of women is legal rights an social opportunities in the contemporary era, despite the persistence of certain social challenges.

**Keywords:** woman, social status, Tajik woman, traditional society, modern society, measures, state / policy, eguality / egual rights, history, housewife / homemaker, social development, public activity / social activity.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Олимшозода Фарҳодшо Олимшо** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988420705. E-mail: f_olimsho @mail.ru

**Сведение об авторе: Олимшозода Фарходшо Олимшо** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры физического воспитания и военной подготовки. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988 42 07 05 E-mail: f_olimsho@mail.ru

**Information about the authors: Olimshozoda Farhodsho Olimsho** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, big teacher of the department of physical education and primary military training. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 988420705. E-mail: f_olimsho@mail.ru

**ТДУ: 930.85**

# ЧАРО ВА БА МАНФИАТИ КӢ ТАЪРИХУ ФАРҲАНГИ БОСТОНИИ ТОҶИКОН ИНКОР МЕШАВАД?

***(Дар ҳошияи суханони Пешвои миллат “Ман аввал тоҷикам, баъд мусулмон”)***

**Ақназаров Ҳ.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷиистон дар ноҳияи Рашт**

Дар даврҳои гуногуни тарихӣ, аҷдодони мо бо номҳои ориёӣ, аҷамӣ, озода, деҳқон, тоҷик, тат, сарт (бодиянишинон сокинони таҳҷоиро сарт мегуфтанд), ғалча (кӯҳистонӣ) ва ғайра ёд шудаанд. Маънои номи ориёӣ наҷиб, шариф, пок, озода, асил ва ватани онҳо Арияна ваеҷа (Эронвиҷ) маънидод карда мешавад. Дар бораи маҳалли ҷойгиршавии Арияна ваеҷа дар миёни донишмандон ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Аммо аз ошноӣ бо китоби “Авесто” баромадааст, ки Тоҷикистони кунуни як ҷузъи муҳими сарзамини Арияна ваеҷа (Эронвиҷ) мебошад [15, с. 84]. Забоншиносон ақидае доранд, ки номвожаи ба тариқи кӯтоҳшудаи Айваҷ дар ноҳияи Қубодиёни имрӯза, ҳамон Ориён Вейҷи авестоӣ мебошад. Ғайр аз ин дар ин ноҳия, номҳои дигари авастоӣ: Қубодиён, Кайқубод, Шаҳритус, руди бузург Охшо (Вахш) боқӣ мондаанд, ки сарчашмаи худро аз давраи рушди тамаддуни ориёӣ гирифтаанд [13, с. 86]. Лоиқи бузург низ дар шеъраш “Эй Хуросон, ту бигӯ, соҳати Эронвиҷ ку?” ё шеъри “Миллати ман бо нахустин шеъри дунё, бо Авсето...” ба сарзамини бузури Ориён ишора кардааст [2, с. 177]. Бояд илова намоям, ки истиллоҳи “вейҷ” ё “виҷ” то ҳол дар Бадахшон

мавриди истифода мебошад, ки маънои аз куҳо будани шахсро муайян мекунад. Масалан, Поршневич-Поршневӣ, Марғович- Мурғобӣ *(номи аслиаш Марғов)*. Ба асоси таҳқиқи забоншинос Ҷ.Парвона "дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ зиёда аз 150 калимаи авестоӣ мавҷуданд ва шояд аз он ҳам зиёдтар...". Яъне решаи тоҷикият аз давраи қадим пайдо шудааст, на аз асри VII, ки баъзеҳо ҳамин тавр меҳисобанд. Муаррихони бузурги Давлати Шӯравӣ азҷумла, Б.Ғафуров, А.М. Менделштам, Б.А.Литвинский ва дигарҳо далелҳо оварданд, ки яке аз маконҳои асосии ориёиҳо маҳз сарзамини Осиёи Миёна будааст. Сукунат доштани қавму тоифаҳои эронинажод–суғдиён, бохтариҳо, марғиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои мухталифи сакоӣ ва ғайраро олимон дар Осиёи Миёна хотирнишон кардаанд [1, с. 132].

Аз рӯи таҳқиқоти олими тоҷик Қаҳор Расулиён дар сарчашмаҳои Ҳинди қадим вожаи тоҷик ба шакли *tajika* ва ба маънои форс зикр шудааст [6, с. 70]. Исми тоҷикҳо дар манбаъҳои бостонии Юнон ва Хитой, яъне дар асарҳое, ки қабл аз пайдо шудани Ислом таълиф ёфтаанд, дучор меояд [10, с. 59]. Ҳеродот (асри 5 то милод) низ дар китоби "Таърих"-аш ду бор аз тоҷикҳо ёд кардааст: яке дар мавриди молиёт дар замони давлати Ҳахоманишиён, дигаре ҳангоми баёни пӯшоку силоҳи тоифаҳои ҳамон сарзамин. Ҳеродот тоҷикҳоро *"додиксҳо"* навиштааст. Ӯ ҷои дигар қайд кардааст, ки "форсҳо ҳамаи бошандагони Осиёро худӣ меҳисобанд" [5, с. 71].

Дар тахти Ҷамшед катибае боқӣ мондааст, ки дар он подшоҳи Ҳахоманишиён - Дориюши Бузург (Дорои 1, 521-485) худро бо ифтихор як ориёӣ ва ориёинажод муаррифӣ кардааст: "Манам Дориюши шоҳ... Шоҳаншоҳи бузург... Шоҳаншоҳи кишвари мухталиф ва миллатҳои гуногун. Подшоҳи ин сарзамини паҳновар... писари Ҳистопас, як фарди ҳахоманишӣ, як порсӣ, як порсизода, як ориёӣ... як ориёинажод" [13, с. 84]. Дар ин катиба омадани калимаҳои "порсӣ ё порсизода" басанда ҳастанд, ки бо гузашти дуввуним ҳазор сол бевосита аз порсӣ ба форсии тоҷикӣ омада расидааст.

Академик Б.Ғафуров дар китоби безаволаш "Тоҷикон" қайд кардааст, ки "...бар асоси халқиятҳои шарқиэронии Осиёи Миёна, пеш аз ҳама бохтариҳо, суғдиён ва ба дараҷаи камтар дигар ҷузъҳои таркибии нажодӣ халқи тоҷик ба вуҷуд омад" [4, с. 49]. Калимаи "тоҷик" ба сифати номи як халқи форсзабонон сараввал ба мардуми форсзабонони Осиёи Миёна ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд аз он дар мавриди ҳамаи форсзабонони рӯи дунё ба кор бурда шудааст.

Бино ба ахборе, ки дар "Осор-ул-боқия"-и Абурайҳони Берунӣ зикр шудааст, ниёгони мо бохтариҳо, портиҳо, суғдиён, хоразмиён дар баробари кибтиён, бобулиён, ҳиндувон, юнониён ва дигар қавмҳои бостони маълумоти гаронмояи илмӣ андухтаанд [3, с. 265]. Дар давраи давлатдории Сосониён (221-651) аввалин Академияи улуми Гунди Шопур (256 милодӣ) дар Тайсафун таъсис дода шуда асосгузораш шоҳ Шопури аввал (240-270) буд, ки бо таклифу дархости ӯ олимони гуногунзабон аз шаҳрҳои маркази фарҳангию тамаддунии Шарқу Аврупо ба ин даргоҳи муқаддаси илму фарҳанг ҷамъ омада буданд. Олимон, санъаткорон ва шахсони машҳури Сосониён дар ин боргоҳи маърифат ба воя расиданд: Салмони Форс, Ҷурҷонӣ, Навбохт, Саркаб, Ромтин, Саркаш, Саргис, Гесӯи Навогар, Бомшод, Озодворӣ Чангӣ, Борбади Марвазӣ ва дигарон буданд, ки ба пешрафти илму фарҳанг ва санъат саҳми бузург гузошта, оиди соҳаи илмҳои риёзӣ, ҳайат, фалсафа, ахлоқ, ҳуқуқ, тиб, кимиё, иқтисодиёт, санъати бадеӣ, меъморӣ, мусиқӣ ва ғайра диққати ҷиддӣ медоданд, ки аз ин сабаб дар ин давра

илмҳои гуногун шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Шиори муқаддаси ин фарҳангистон “*Донишу ҳикмат аз шамшер пурзӯр аст*” буда, дар пештоқи донишгоҳ сабт ёфта буд [9, с. 176].

Тибқи таҳқиқотҳои шарқшиносони рус ва Аврупо, тоҷикон яке аз қавмҳои қадимтарини Осиё буда, маълум аст, ки садҳо сол пеш аз мелоди Масеҳ бо номҳои тоҷик ва ғайра ном бурда шуданд ва пайравони мазҳаби зардуштӣ буданд. Ба қавли олими рус Николай Хаников (1819-1878) “Осиёи Миёнаро – гаҳвораи тамаддуни мардумии ориёасл меҳисобам”. Моунтстуарт Элфинстон (1779-1859) соли 1808 ба забони англисӣ китоби “Афғонон: ҷой, фарҳанг, нажод” навиштааст ва дар он ҷо ба саволи “Киро тоҷик меноманд?” чунин ҷавоб додааст: “Сокинони муқимии эронитабор, тоҷик номида мешаванд” [6, с. 90].

Пас аз он, ки аскарони араб таҳти фармондеҳи Қутайба Туркистони Ҷанубӣ ва Эрони Шарқиро забт намоянд, номи тоҷик ячанд аср нопадид мешавад ва баъдтар аз нав пайдо мегардад. Академик Б.Ғафуров навиштааст: “арабҳо аз номи асосгузори дини Ислом, Муҳаммад (с) ҳадисҳо оварда, пешниҳод мекарданд, ки забт намудани Мовароҳуннаҳр вазифаи муқаддас ва бошарофати пайравони дини ислом аст...” [4, с. 53]. Бо амри Қутайба, ҳар касе сари тоҷикро меовард, сад дирҳам ҷоиза мегирифт ва дар қароргоҳи арабҳо аз сари ҷанговарони Мовароҳуннаҳр манораҳои бузурге ба вуҷуд омаданд.

Тоҷикҳо мисли арабҳо аз қавми *сомӣ* нестанд, балки мансуб ба қавмҳои ориёӣ ва эрониёни асиланд. Арабҳо аз рӯи таассуби динӣ дар бораи тоҷикҳо осоре боқӣ нагузоштанд. Бинобар ин дар манбаъҳои исломӣ маълумот оиди тоҷикҳо хеле кам аст [11, с. 138]. Кор то ба ҷое расид, ки бархе аз муҳаққиқон, ба монанди В.В.Бартолд калимаи тоҷик, тозикро ба номи қабилайи “тай ё той”-и араб рабт дода буданд.

Бархе аз фарҳангҳо тоҷик ва ҷамъи он тоҷиконро муодили тозӣ ва ҷамъи тозиён ба маънии араб ва забони арабӣ донистаанд, ки асосе надорад. А.Наршахӣ навиштааст: “Вақте Қутайба ибни Муслим дар Бухоро масҷиди ҷомеъ бино кард, мардуми маҳалиро, ки тоҷик буданд, водор кард, ки рӯзҳо ҷамъ шаванд ва намоз гузоранд. Аммо мардуми Бухоро, ки тоза Исломро қабул карда буданд, забонашон ба забони арабӣ, ки бегона буд нагузашт. Қутайба рухсат дод, ки мардуми Бухоро дар намоз тарҷумаи форсии сураҳои Қуръони каримро хонанд” [10, с. 210]. Пас ин чи гуна арабест, ки ба забони худ, ки забони Ислом ва Қуръон аст, намоз ва маносики диниро ба ҷой оварда наметавонад?

Устод С.Айнӣ, асосгузори илми тоҷикшиносӣ дар мақолааш “Маънои калимаи тоҷик...” душмании арабҳоро нисбат ба тоҷикон ин гуна шарҳ додааст: “Арабҳо мисли як истисморгари бегона ба Хуросон ва Мовароҳуннаҳр, ки вилоятҳои марказии тоҷикон буданд, омаданд, чанд гоҳе ҳукмронӣ карданд, чунон ки дар Африқо ва Эрон карда буданд, барои барҳам додани забон, адабиёт ва маданияти мардуми маҳаллӣ-тоҷикон кӯшишҳо ба кор бурданд. Аммо тоҷикон халқи мадании ин сарзамин ва халқи шуҷои ватандӯст буданд, бо муборизаҳои гуногун (калонтарин шӯриши озодихоҳӣ, исёни Абумуслими Хуросонӣ ва Муқаннаъ) фарҳанг ва забони худро пеш бурда, дар замони Сомониён мустақил гардиданд. Мардуми Бухоро ҳатто баъд аз мусулмон шуданашон ҳам, дар намоз Қуръонро ба арабӣ нахонданд... Аммо намояндагони шовинистии арабҳо барои нигоҳ доштани ғурури миллии худ як “назария” сохта бароварданд. Ин назария “аслан авлоди араб будани тоҷикон” буд” [8, с. 91].

Устод С.Айнӣ баъзе луғатҳо ва иштибоҳҳое, ки аз ин пас дар китобҳо роҳ ёфтанд, ғайри илмӣ хонда навиштаҳои зерини китоби “Буръони қотеъ”-ро “бемуҳокима ва бе факти таърихӣ” номидааст: “...тоҷик ғайриараб ва ғайритуркро гӯянд, ки дар асл авлоди араб аст, ки дар Аҷам бузург шуда ва баромада бошад...”. Устод С.Айнӣ идома медиҳад, ки “модоме тоҷик ғайри араб аст, пас чӣ гуна дар асл авлоди араб мешавад?”.

Хулосаи устод С.Айнӣ доир ба халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон чунин аст: “Инҳо ҳамон халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон буданд, ки чандин аср пеш аз исломият дар ин сарзаминҳо ба тариқӣ муқимӣ - дар шаҳрҳо ва деҳаҳо ба хонаву ҷой зиндагонӣ карда, ба зироат ва касбҳои дастӣ умргзаронӣ мекарданд- инҳо ҳамон суғдиён буданд, ки дар шаҳрҳои марказии Моварохуннаҳр, дар канорҳо, рудҳо ва кӯҳҳои Зарафшон ва Бохтариёну Тахориён буданд, ки бо марказияти Балхи қадим дар Хуросон ва Чағониён буданд, ки бо марказият Тирмиз ва Ҳисори шодмони имрӯза дар канорҳои рости дарёи Ому зиндагонӣ мекарданд” [8, с. 95].

Тибқи китоби безаволи “Тоҷикон”-и Б.Ғафуров арабҳо кишвари забткардаи худро ғорат ва аҳолии онро ба қабули дини нав маҷбур карда, маданият ва урфу одатҳои мардуми маҳалиро таъқиб менамуданд. “Онҳо махсусан, бар зидди дини Зардуштӣ, ки оини аксарияти аҳолии Осиёи Миёна буд, ба таври хеле ҷиддӣ мубориза бурданд. Арабҳо барои ин ки ҳар чӣ зудтар таъсири дину мазҳабҳои дигарро аз миён баранд, дар ҳама ҷо адабиёти динии мардумони Осиёи Миёна, хусусан китобҳои зардуштиро сухта нобуд карданд. Дар натиҷа на фақат адабиёти динӣ, балки адабиёти дигар соҳаҳои зиндагии халқҳои Мовароуннаҳр ва дар ин қатор осори хаттии суғдиён низ қариб тамоман аз байн рафтанд” [4, с. 315]. Ба қавли А.Берунӣ: “дар натиҷа, хоразмиён аз хату савод ва умуман осори маданӣ маҳрум монда, он чизеро, ки донистан лозим буд, фақат дар ёдашон нигоҳ дошта тавонистанд [5, с. 268].

Истилогарони араб фарҳангистон бузурги Гунди Шопурро, ки дар он аз тамоми гӯшаю канори минтақаҳои маданӣ дастовардҳои нодиртарини фарҳангӣ ҷамъ оварда шуда буданд ва ганҷинаҳои бебаҳои ин фарҳангистон дар тӯли зиёда аз 300-сол маркази фарҳангӣ ҷаҳониён ба ҳисоб мерафт, дар охир сӯзондаю канда аз байн бурданд. Китобҳои қадим ба монанди, “Авасто”, “Наврӯз”, “Бунда Ҳишн”, “Меҳргон”, “Худойнома”, “Боғи Ширин”, “Пандномаи Анӯшервон”, “Дарахти Асурик”, “Динкард”, “Калила ва Димна”, ки ба забои паҳлавӣ навишта шуда буданд, несту нобуд гардиданд [9, с. 121]. Китобҳо ва афсонаҳои дигар даврони сосонӣ Андарзи Атурпат Меҳраспандон, Пандномаки Заратухшт, Аёткори Ҷамоспик буданд. Мутаассифона баъзе аз китобҳо танҳо дар феҳристҳо маҳфуз монданд, “Тоҷномак”, “Оинномак”, “Гоҳномак”, “Шатранҷномак”, “Ганҷи шойгон”-и Бузургмеҳри Бахтигон, “Васиятнома”-и Ардашер ва ғайраҳо [12, с. 59]. Пас кӣ ҳақ дорад, бигӯяд, ки тоҷикҳо пеш аз Ислом ягон фарҳанги маънавӣ надоштанд? Албатта, ба қавли академик А.Турсун “танҳо ҳасудон”.

Дар асрҳои (Vlll-lX) дар маркази хилофати араб шаҳри Бағдод, донишгоҳи бузурги илмӣ бо номи “Байт-ул-ҳикмат” таъсис дода шуд. Дар пешрафти илмии он эронинажодҳо саҳми калон доштанд. Академик А.Турсун дар китобаш “Эҳёи аҷам” навиштааст: “Маҳз анъанаҳои дерини фарҳангии қавмҳои эронӣ буданд, ки дар аҳди ислом ба инкишофи минбаъди илму фан дар хилофати араб замина шудаанд. Дар воқеъ, риёзидонон ва фарҳангшиносони ҳавзаи илмие, ки дар охири қарни VIII ва аввали қарни IX дар Бағдод ташаккул ёфта, бо номи “Байтулҳикмат” маъруф шуда аст, ҳамагӣ зодагони Хуросон, Мовароуннаҳр,

Бохтария ва Фарғона буданд”. Агар фарҳанги маънавии даврони Сосониён намебуд, рушди фарҳанги мусулмонӣ дар давраи Сомониён ба дараҷаи баланд намерасид. Барои он ки суханонамон бо далел бошанд, рӯ меорем ба китоби “Муқадима”-и олими араб Ибни Халдун: “ҷамеи мутахассисони сарфу наҳви (арабӣ) форсиён буданд”, “Агар илм дар арши аъло ҳам мебудааст ӯ,- ба аҳли Форс дастрас мебуд” [10, с. 208]. Барои дини Ислом бузургони форсу тоҷик хизматҳое карданд, ки ҳеҷ як қавми дигари мусулмон чунин корро накардааст. Академик А.Турсун бо факту далелҳои нав собит кардааст, ки дар давраи Эҳъёи Аҷам чи файласуфони ҷудогона ва чи ҷараёнҳои томи динию фалсафӣ аз анъанаҳои фарҳангии зардуштию монавӣ илҳоми ғоявӣ гирифтаанд. Аз ин рӯ, агар мақому нуфузи фарҳанги аҷамиро дар ташаккул ва тарақии “тамаддуни мусулмонӣ” ба мақому нуфузи маданияти юнонӣ дар инкишофи “тамаддуни насронӣ” мушобеҳ донем, ин қиёси таърихӣ амри воқеъ хоҳад буд. Бузургони фарҳанги исломии замони Сомониён, ки бо фарҳанги бостонии эронӣ мушкил надоштанд, то имрӯз дунё аз маънавиёти онҳо истифода мебаранд. Ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Насриддини Тӯсӣ, Носири Хусрав, Ибни Рушд, Абурайҳони Берунӣ, Муҳаммад Абунасри Форобӣ Абуали ибни Сино, Умари Хайём, Абӯнасри Аррокӣ, У.Хайём, Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ Хоразмӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Камоли Хуҷандӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва даҳҳо дигарон.

Дар замони ташаккули давлати нави тоҷикон, яъне замони Тоҳириён (821-873), Сафориён (870-1003) ва махсусан аҳди Сомониён (819- 1005) дар натиҷаи мубориза зидди арабҳо ҳисси миллии тоҷикон ба муқобили онҳо бедор шуд. Вақте ки арабҳо ва туркҳо сарзаминҳои ориёиро ба тасарруфи худ медароранд, нисбат ба ориёиён ба назари таҳқир муносибат мекунанд. Сабаби ҳаракати Шуубия низ мубориза бар зидди “тафовутгузории қавмӣ ва бартарӣ додани арабҳо” дар ҷомеаи исломӣ буд. Шуубиён исбот мекарданд, ки арзиш ва шарафи инсон ба қавм не, балки ба ахлоқ, илм ва дин вобаста аст. Эрониён барои ҳифзи таъриху фарҳанги худ ба муборизаҳои маънавӣ бармехезанд. Баландназарии арабҳо ва туркон боиси тавлиди мисраҳои ҷовидонии абармарди ориёӣ Ҳаким Фирдавсӣ шудаанд:

Зи шири шутур хурдану сусмор,<br>Арабро ба ҷое расидааст кор.<br>Ки тахти каёнро кунад орзу,<br>Туфу бар ту эй чархи гардун, туфу.

А.Фирдавсӣ достони ҷаҳонии “Шоҳнома” навиштааст, ки ба қавли Пешвои миллат “достони ҳазорсолаи фаромӯшшуда нест, балки акси садои ниёгони мост” [14, с. 210]. Вале худи муаллифро “кофир” эълон карда, дар қабри мусулмонон роҳ надоданд ва дар ҳавлии худаш беҷаноза гӯронида шуд [7, с. 264]. Чаро? Чунки арабҳо намехостанд форсу тоҷик таъриху фарҳанги гузаштаи худро дар хотир нигоҳ дорад ва ба ояндагон ба ёдгор боқӣ монад? Аз ин рӯ, тавассути рӯҳониёни маҳаллӣ сӯистифода аз дин карда, бартарияти халқи арабро бар ғайриараб таблиғ мекарданд. Бад дидан ё макрӯҳ ҳукм кардани таъриху фарҳанги пеш аз исломии тоҷикон – вазифаи аввалиндараҷаи душманони тоҷик буданд ва ҳоло ҳам ҳастанд, дар натиҷа худи рӯҳониёни дохилӣ низ ин анъанаи воридшударо то ба имрӯз кашонда оварданд. Зеро миллате, ки аз таърихаш дур нигоҳ дошта шавад, идора карданаш осон мегардад.

Пешвои миллат дар китобаш зарур будани ҳувияти миллӣ ва фарҳанги исломиро чунин шарҳ додааст. "…вобаста ба эълони "Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ" сару садоҳое баланд гардиданд, ки гӯё омӯзиши тамаддуни ориёӣ ва арзишҳои он ба сатҳи диёнат ва эҳсоси динии мардуми мусулмони мо халал ворид мекарда бошад. Чунин гузориши масъала бе бунёд ва аз воеқият дур аст. Воқеият ин аст, ки мо тамаддуни ориёиро ҳамчун падидаи сирф фарҳангӣ баррасӣ карда, ба наслҳои имрӯзу оянда омӯхтани онро ба хотири шинохти беҳтар ва амиқтари баромади таърихии миллатамон талқин менамоем. Ва ин амал пояҳои дини мубини исломро, ки аксарияти мутлақи мардуми мо пайрави онанд, заррае халалдор нахоҳад кард. Зеро ислом дар давоми асрҳои дароз ба тарзи ҳаёт ва қисми таркибии зиндагии миллати мо табдил ёфтааст" [13, с. 207].

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Ақназаров, Ҳ. Баҳси таърихии тоҷику турк дар масъалаи Варорӯд (Мовароуннаҳр) / Ҳ. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2019. – No. 1(1). – P. 131-142. – EDN QRAJKO.

2. Ақназаров, Ҳ. М. Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар ашъори Лоиқ Шералӣ / Ҳ. М. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. – No. 4(12). – P. 177-180. – EDN LBWVHM.

3. Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. / А.Берунӣ. –Душанбе: Ирфон.1990. -С.265.

4. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. / Б. Ғафуров. – Душанбе: -Дониш, 2008. -С.49.

5. Бузургмеҳри Б. Дӯстони тоҷик. /Бузургмеҳри Б. –Душанбе: "Шарқи Озод" 2025. -С.186.

6. Қаҳор Расулиён. Тоҷик кист? (Перомуни вожаи "тоҷик" ва сайри таърихии он). / Қ. Расулиён – Душанбе; 2015. – С.170 .

7. Сотим Улуғзода. Фирдавсӣ: Роман. / С.Улуғзода. –Душанбе: -С. 264.

8. Садриддин Айнӣ. Маънои калимаи "тоҷик" дар луғатҳо ва ҷои корармуда шудани он дар таълифоти муалллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима. // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. – Душанбе: Деваштич. 2009. -С.37.

9. Тоҷов Н., К. Ҳусейнов. Фарҳангшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишчуёни мактабхои олӣ. / Р. Назаров, М. Тоҷев. –Душанбе: «Шуҷоиён», 2011, -С.176.

10. Турсунов Акбар. Эҳьёи Аҷам. Руҷӯи таърихию публитсистӣ. / Т.Акбар — Душанбе: Ирфон, 1984. -С.203.

11. Фархангшиносӣ (фишурдаи дарсҳои назариявӣ). Душанбе. «Ирфон» -С. 138.

12. Ҷамшед Парвона. Аз Пешдодиён то Сомониён. (Чашмандозе ба забон, фарҳанг ва адаб) / Ҷ. Парвона. –Душанбе: Ҳумо. 1999. -С.159

13. Эмомалӣ Р. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. / Эмомалӣ Р - Душанбе, 2006.

14. Эмомалӣ Р. Тоҷикон дар оинаи таърих. китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. / Эмомалӣ Р.- Душанбе, 2009;

15. Эмомалӣ Р. китоби дуюм. Тоҷикон дар оинаи таърих Аз Ориён то Сомониён. / Эмомалӣ Р. - Душанбе, 2009;

16. Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ. Шинохти тоҷикон. // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. / Ю. Яъқубшоҳ – Душанбе: Деваштич. 2009. -С.262.

## ЧАРО ВА БА МАНФИАТИ КӢ ТАЪРИХУ ФАРҲАНГИ БОСТОНИИ ТОҶИКОН ИНКОР МЕШАВАД?

***(Дар ҳошияи суханони Пешвои миллат "Ман аввал тоҷикам, баъд мусулмон")***

Дар мақолаи мазкур масъалаи инкори таърих ва фарҳанги бостонии тоҷикон ва ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ ва мафкуравии чунин раванд мавриди таҳлили илмӣ қарор мегирад. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои бостонӣ, таърихӣ, забоншиносӣ ва осори муҳаққиқони маъруфи тоҷик ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки решаҳои тоҷикият ва ҳувияти миллӣ аз давраҳои хеле қадим — замони тамаддуни ориёӣ ва пеш аз ислом — сарчашма мегиранд. Дар мақола бо далелҳои муътамад исбот карда мешавад, ки тоҷикон дорои таърих, забон ва фарҳанги ғании пешазисломӣ буда, саҳми бузурге дар ташаккул ва рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ва исломӣ гузоштаанд. Ҳамзамон, сабабҳои таърихии коста гардондан ё таҳриф намудани ҳувияти миллии тоҷикон, аз ҷумла таъсири истилогарӣ, таассуби динӣ, шовинизми қавмӣ ва сӯистифодаи идеологӣ аз дин баррасӣ мешаванд. Муаллиф таъкид менамояд, ки ҷудо кардани ҳувияти миллӣ аз фарҳанги исломӣ амри ғайриилмӣ буда, омӯзиш ва эҳёи тамаддуни ориёӣ бо арзишҳои дини ислом мухолифат надорад. Мақола аҳамияти шинохти таърихи воқеии миллатро ҳамчун омили худогоҳии миллӣ, таҳкими ваҳдати ҷомеа ва муқовимат бо таҳрифу инкори фарҳангӣ таъкид мекунад.

**Калидвожа:** тамаддуни ориёӣ; давраи пешазисломӣ; тоҷикон ва ҳувияти миллӣ; сарчашмаҳои таърихӣ ва забоншиносӣ; шовинизми қавмӣ; таассуби динӣ; сӯистифодаи идеологӣ аз дин; фарҳанги исломӣ ва миллӣ; худогоҳии миллӣ; ваҳдати ҷомеа.

## ПОЧЕМУ И В ЧЬИХ ИНТЕРЕСАХ ОТРИЦАЮТСЯ ДРЕВНЯЯ ИСТОРИЯ И КУЛЬТУРА ТАДЖИКОВ?

***(В контексте высказывания Лидера нации: «Сначала я таджик, потом мусульманин»)***

В данной статье рассматривается проблема отрицания древней истории и культуры таджиков, а также анализируются политические, идеологические и мировоззренческие мотивы, лежащие в основе подобных процессов. Опираясь на древние исторические, лингвистические источники и труды известных таджикских и зарубежных исследователей, автор доказывает, что корни таджикской идентичности уходят в глубокую древность — в эпоху арийской цивилизации и дописьменный, доисламский период. В статье на основе достоверных научных данных показано, что таджики обладали развитой культурой, языком и устойчивыми формами общественной жизни задолго до принятия ислама и внесли значительный вклад в формирование мировой и исламской цивилизации. Одновременно раскрываются исторические причины и механизмы искажения или умаления национальной идентичности таджиков, включая последствия завоеваний, религиозного фанатизма, этнического шовинизма и идеологического злоупотребления религией. Автор подчёркивает, что изучение и возрождение арийского культурного наследия не противоречит исламским ценностям и не подрывает религиозную идентичность народа. В статье акцентируется значение

объективного осмысления истории как важнейшего фактора национального самосознания, духовной устойчивости общества и противодействия культурной фальсификации.

**Ключевые слова:** арийская цивилизация; доисламский период; таджики и национальная идентичность; исторические и лингвистические источники; этнический шовинизм; религиозный фанатизм; идеологическое злоупотребление религией; исламская и национальная культура; национальное самосознание; общественное единство.

## WHY AND IN WHOSE INTERESTS ARE THE ANCIENT HISTORY AND CULTURE OF THE TAJIK PEOPLE DENIED?

***(In the context of the Leader of the nation's statement: "First i am a tajik, then a muslim")***

This article examines the issue of denying the ancient history and culture of the Tajik people and analyzes the political, ideological, and intellectual motives behind such tendencies. Drawing on ancient historical and linguistic sources, as well as the works of prominent Tajik and international scholars, the author demonstrates that the roots of Tajik identity date back to deep antiquity—to the era of Aryan civilization and the pre-Islamic period. Based on reliable academic evidence, the article proves that the Tajiks possessed a rich cultural heritage, language, and social traditions long before the advent of Islam and made a substantial contribution to the development of world and Islamic civilization. At the same time, the study explores the historical factors and mechanisms that led to the distortion or marginalization of Tajik national identity, including the impact of conquest, religious fanaticism, ethnic chauvinism, and ideological misuse of religion. The author emphasizes that the study and revival of Aryan cultural heritage do not contradict Islamic values and do not undermine the religious identity of the people. The article highlights the importance of an objective understanding of history as a key element of national self-awareness, social cohesion, and resistance to cultural distortion.

**Keywords:** Aryan civilization; pre-Islamic period; Tajiks and national identity; historical and linguistic sources; ethnic chauvinism; religious fanaticism; ideological misuse of religion; Islamic and national culture; national self-awareness; social unity.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ақназаров Ҳамзалӣ Муборакқадамович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи ҷомеашиносӣ. Суроға: 734025 шаҳри Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, кӯчаи Э. Муҳиддинов, 63. Телефон: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Сведение об авторе: Акназаров Хамзали Мубараккадамович** –Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры социологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru.

**Information about the author: Aqnazarov Hamzali Mubarakqadamovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, senior lecturer of the department of sociology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

ТДУ: 94/94

# ПАНТУРКИЗМ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҲУВИЯТ ВА МАВҚЕИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

**Нозимов А.Ш.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Пантуркизм ҳамчун як ҷараёни идеологӣ ва сиёсӣ дар охири асри XIX ва оғози асри XX дар Туркия ташаккул ёфтааст. Асоси назариявии он бар ақидае такя мекунад, ки тибқи қонуниятҳои рушди таърихӣ, миллатҳои пурқувват мавқеи ҳукмрон пайдо намуда, ба тақдири миллатҳои хурд таъсир мерасонанд ва онҳоро ба доираи нуфузи худ ҷалб менамоянд. Ин таълимот ҳамчун воситаи муттаҳидсозии халқҳои турктабор ва ташкили як воҳиди ягонаи сиёсӣ зери роҳбарии давлати туркӣ ба вуҷуд омада, тадриҷан ба як идеологияи фарогири сиёсӣ табдил ёфт. Яке аз асосгузорон ва муаррифони барҷастаи он Юсуф Акчура мебошад, ки тавассути осори илмӣ ва фаъолияти ҷамъиятии худ дар ташаккул ва паҳн гардидани ғояҳои пантуркистӣ нақши муҳим бозидааст. Ғояҳои пантуркизм дар ҳудуди Русия ва минтақаҳои тобеи он, аз ҷумла дар Осиёи Миёна, бо роҳҳои гуногуни сиёсӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ интишор гардиданд. Дар марҳилаи ибтидоӣ, ин раванд бештар дар қолаби панисломизм зуҳур намуда, ҳамчун омили муттаҳидсозии аҳолии мусулмон истифода мешуд. Бо гузашти вақт, пантуркизм хусусияти равшани миллӣ ва сиёсӣ гирифта, ба як ҳаракати идеологӣ барои муттаҳид намудани халқҳои турктабор табдил ёфт. Азбаски туркҳо суннимазҳаб буданд, дар миёни мардумони суннимазҳаби ин сарзамин идеологияи худро ба осонӣ паҳн менамуданд ва ба хотири ғояҳои исломӣ ва ягонагии мазҳаб равшанфикрони тоҷик таҳти таъсири ин назария қарор мегирифтанд [8, с. 203].

Пантуркизм ба қаламрави Осиёи Миёна ҳанӯз дар охири асри XIX роҳ ёфта, дар ибтидои асри XX тадриҷан мавқеи худро устувор намуд. Пас аз инқилоби февралии Русия ин ҷараён густариши бештар пайдо карда, дар солҳои аввали барқарории Ҳокимияти Шӯравӣ ба марҳилаи баландтарини рушди худ расид. Нуфузи пантуркизм дар сарзамини мо ва таъсирпазир гардидани қисми муайяни равшанфикрони тоҷик аз он, бо роҳҳо ва омилҳои гуногун сурат гирифтааст. Пантуркистҳо Осиёи Миёнаро ҷузъи таркибии “Туркияи бузург” ҳисобида, мавҷудияти халқи тоҷикро дар ин минтақа зери шубҳа мегузоштанд ва ҳатто инкор мекарданд. Онҳо мавҷудияти тоҷиконро чи дар гузашта ва чи дар давраи муосир, махсусан дар шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд, рад намуда, назарияеро пешбарӣ мекарданд, ки гӯё тоҷикон аслан ӯзбак буда, дар натиҷаи равандҳои таърихӣ забони модарии худро аз даст дода, ба забони форсӣ, ки онро бегона медонистанд, гузаштаанд. “Сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки дар сарзамини Осиёи Миёна ва маҳалҳои ҳамсояи он тоифаҳои ориёӣ, аҷдоди эрониҳо ва ҳиндуориёиҳо то замони аз ҳам ҷудошавӣ якҷоя мезистанд. Ягона халқи ориёнажод дар Осиёи Миёна, ки аз қадимулайём дар ин ҷо сукунат доштанд тоҷикон буданд. Дигар халқҳои имрӯзаи Осиёи Миёна дар давраҳои гуногуни асрҳои миёна ҳамчун кӯчманчӣ ин сарзаминро ишғол намуданд” [6, с. 132].

Ҳамчунин, пантуркистҳо бар он ақида буданд, ки аҳолии Осиёи Миёна пурра аз қавмҳои туркӣ иборат буда, тоҷикон танҳо туркҳое мебошанд, ки дар натиҷаи таъсири муҳити фарҳангӣ ва забонӣ форсизабон шудаанд. Ба андешаи

онҳо, тоҷикони муқими Бухоро, Самарқанд ва дигар минтақаҳои Туркистон дорои асли туркӣ буда, забони воқеии онҳо низ туркӣ маҳсуб меёфт. Онҳо фақат бо таъсири забони форсӣ, ки забони коргузории идораҳои ҳукмрон ва забони таҳсил дар мактабҳо буд, инчунин бо таъсири адабиёти форс забони туркии худро гум кардаанду тоҷикзабон шудаанд. Пантуркистҳо исрор мекарданд: тоҷикони имрӯзаро лозим аст, ки забони туркиашонро аз нав қабул кунанд ва нажоди аслии хешро поянда созанд?! Пантуркистон мегуфтанд, ки "бухориёни тоҷиказбон ҳамчунин дар ҳақиқат турк буда, зери таъсири адабиёт ва фарҳанги Эрон забон ва миллияти хешро аз даст додаанд. Мо бояд дубора онҳоро турк бисозем…" [8, с. 202]. Пантуркистҳо «исбот мекарданд, ки дар қаламрави Осиёи Миёна аз қавми тоҷик ному нишоне нест. Онҳое, ки ба ҳайси забони модарӣ забони тоҷикиро ба кор мебаранд, ӯзбакҳои тоҷикшуда (форсшуда) ҳастанд, ки "она тилӣ»-ро гум кардаанд. "Пантуркистӣ – эътиқодест, ки ба ваҳдати ҳамаи қавмҳо ва миллатҳои турктабор дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз асос ёфтааст ва ҳадафи он турк кардани ҳамаи миллатҳои ғайритуркист..." [2, с. 289]. Ҳол он ки В.В. Бартолд борҳо таъкид кардааст, ки "... тоҷикон ақвоми асосии таҳҷоии ин марзу бум (Осиёи Миёна) ба ҳисоб рафта, кулли дастоварди фарҳангӣ дар замони атиқа ва қарнҳои минбаъда ба онҳо мансуб ҳасту онҳо эъҷодкорони санъатҳои нафиса, бунёдгузорони шаҳрҳои обод, марзу киштзорони ҳосилхез, шабакаҳои мукаммали обёрикунанда ба ҳисоб мераванд ва дар илму маданият собиқаи азалӣ доранд" [6, с.133].

Пантуркистҳо чунин ақида доштанд: "Осиёи Миёна-Туркистон аст, ватани туркҳост ва ҳеҷ халқе бо номи тоҷик ин ҷо набуду нест". Пеш аз ҳама ғояҳои пантуркизм дар Осиёи Миёна тавассути рӯзномаю маҷаллаҳои туркзабон паҳн гардидаанд. Дар ибтидои асри 20 дар шаҳрҳои Истамбул, Уфа, Боку, Қазон, Оренбург, Боғчасарой рӯзномаю маҷаллаҳои "Вақт", "Юлдуз", "Тарҷумон", "Мулло Насриддин", "Дабистон" ва ғайра интишор ёфта ва ба гуфтаи устод Айнӣ "ҳамаи ин матбуот ба Бухоро ҳам меомад ва дар кушода шудани фикри мардуми Бухоро… таъсир мекарданд". "Турктозиҳо ва турксозиҳои ин давраҳо аз тадқиқотҳои академик Муҳаммадҷони Шакурӣ низ дур намондааст: "Турк тоҷикро ба тамом зери по гирифт. Ӯзбекҳо тоҷикҳоро "қул" – барда, ғулом мехонданд ва гоҳ ғуломвор кор мефармуданд [7, с. 165]. Ҳангоми таҳсил дар шаҳрҳои Туркия гурӯхе аз ҷавонони точик ба заҳри пантуркизм олуда гардида ва пас аз бозгашт ба ватан ба ашаддитарин пантуркистон ва душмани миллати худ таблид гардида буданд. "Онҳое, ки аз Осиёи Миёна барои таҳсил ба Туркия мерафтанд, эътиқод ба он доштанд, ки зарурати таъсиси як давлати мустақил ва воҳиди туркӣ ба миён омадааст ва ин андешаро бо кӯшишҳои зиёд дар миёни аҳолӣ таблиғ мекарданд" [8, с. 203]. Яке аз чунин ҷавонони нобиғаи тоҷик, ки ба ботлоқи пантуркизм ғӯтида ва таи чанд сол дар хидмати ин идеология манофеи миллати хешро зери по гузошт, Абдурауфи Фитрат буд. Дар робита ба ин қазия Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар "Арзи ҳол"-и хеш чунин менависад: Замоне ки Фитрат ба Бухоро омад, бо ниҳояти эҳтиром ӯро пешвоз кардам. Ҳар чи мефармуд, аз самими қалб қабул мекардам. Борҳо гуфт, ки мо бухороиён аслан турknажодем ва забони аслии мо туркист, иллати тоҷикзабон шудани мо, аввалан, таъсири идораҳои ҳукуматии мо, ҳукмдорони калон шудани порсимиллатон, дуввум, ғалаба ва таъсири адабиёти порсӣ мебошад. Ба ҳамин ду иллат мо забони туркии худро гум кардем [10, с. 3].

Аммо лозим аст, ки забони туркии худро зинда ва нажоди аслии худро поянда гардонем. Гуфтаҳои ӯ бо як таъсири бузург дар дилам ҷойгир шуд. Аз ҳамон рӯз сар карда, ҳарчанд ки як калима ҳам туркиро надонам, ба туркӣ гап

задан даромадам, ба ҳар ки вохӯрдам, туркӣ гап мезадам, онҳо тоҷикӣ ҷавоб медоданд ва ман онҳоро ба туркӣ гуфтан ташвиқ мекардам. Ҳеҷ аз ёдам намеравад, ки соли 1925 бо шоири сурх рафиқ Лоҳутӣ дар Бухоро ҳамсӯҳбат шудам. Рафиқ Лоҳутӣ тоҷикӣ ҳарф мезад, ман туркӣ ҷавоб медодам, дигарон механдиданд. Рафиқ Лоҳутӣ: “Бародар, шумо тоҷикнажотед, забони модарии шумо тоҷикист, ба забони тоҷикӣ шеърҳои обдори бисёре навиштаед ва боз метавонед бинависед, аммо ба забони туркӣ ақаллан ҳарф зада наметавонед, чи расад ба ин ки чизе навишта бошед, ё тавонед навишт”. Ман: “Мо бухороиён аслан туркнажодем…” гуфта ҷавоб медодам. Ҳарчанд ки рафиқ Лоҳутӣ ин далелҳои пучро бо санадҳои нағзи пурмағз рад карда, ба ман ғолиб омад, то як андоза пучиҳои ақидаи худро фаҳмида бошам ҳам, асорати ин фикри хом дар майнаам боқӣ буд. Вақто ки масъалаи «забони бухориён тоҷикист ё ӯзбакӣ” дар майдони матбуот бардошта шуда, аз он ҷумла дар журнали “Роҳбарии дониш» моҳи август-сентябри 1928 бо сарлавҳаи “Мардуми шаҳру атрофии Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак” мақолаи рафиқ Муҳиддинов чоп шуд ва ин мақоларо мутолиа намудам, тамоман ба хато рафтани худро фаҳмида, ҳанӯз аст, ки аз он хатоҳои худ хиҷил ва мунфаил мебошам [10, с. 4].

Дар радифи густариши макотиби усули ҷадид пантуркизм низ доман паҳн мекард. Чунки макотиби усули ҷадиди тоҷикӣ аслан дар пайравӣ бо макотиби усули ҷадиди тоторҳо таъсис ёфтаю тибқи барномаҳо ва дар солҳои аввал китобҳои дарсии онҳо омӯзишу парвариш сурат мегирифт. Дар доман густурдани пантуркизм дар сарзамини мо маъмурони махфию ниммахфии Туркия ва Русия, ки борҳо ба Осиёи Миёна сафар кардаанд, нақши зиёд доранд. Аз ҷумла, яке аз пантуркистони ашаддии Русия Исмоили Ғаспарӣ борҳо ба Туркистону аморати Бухоро сафар намуда, ҳатто бо амири Бухоро мулоқот карда ва барои таъсиси макотиби усули ҷадиди туркӣ розигии амирро гирифтааст. Ё ки фаъолияти яке аз сарварони кумитаи “Иттиҳод ва тараққӣ”-и Туркия Солеҳ-афандӣ дар моҳи июли соли 1910 миёни бухороиён ба ҳамин хотир буд. То вақоеи муҳимми соли 1917, яъне то инқилобҳои февралӣ ва октябрӣ дар Русия дар Осиёи Миёна аслан бархе аз намояндагони буржуазияи навзоди маҳаллӣ, тоҷирону қисме аз ҷадидон ва дигар аносири туркпараст, ки нисбат ба Русия ҳисси бадбинӣ доштанд, ба пантуркизм гаравида ва идеяҳои онро тарғиб мекарданд.

Аммо пас аз соли 1917 сафи пантуркистони Осиёи Миёна аз ҳисоби табақоти мухталифи аҳолӣ аз қабили бархе аз рӯҳониюн, тотору қазоқҳои дар собиқа мутарҷим, теъдоди бузурги афсарону сарбозони турке, ки дар солҳои Ҷанги Якуми Ҷаҳон ба русҳо асир афтода, ба Осиёи Миёна омада, дар дастгоҳи идораҳои ҳокимияти ҷавони шӯравӣ, пеш аз ҳама, дар бахши фарҳанг, омӯзишу парвариш нуфуз пайдо намуда буданд, афзоиш ёфт. Пантуркистон чун ба мақсади аслии худ, яъне таъсиси ҷумҳурии ягонаи туркӣ дар Осиёи Миёна ноил нагаштанд, вожаи “турк”-ро ба “ӯзбак” иваз намуда, ба ҷои пантуркизм дар муқобили дигар халқҳо, пеш аз ҳама, тоҷикон идеологияи хешро ба шовинизми бузургӯзбакӣ табдил доданд. Ва тӯли чанд соли аввали солҳои 20-ум, то тақсимоти ҳудудии миллӣ дар Осиёи Миёна ба пайкари халқи тоҷик зарбаҳои ҳалокатбор заданд. Ва ин ҷо бояд ёдрас шуд, ки бархи аъзами пантуркистоншовинистони бузургӯзбакӣ фарзандони таҳсилкардаи халқи тоҷик буданд.

Устод Айнӣ дар робита ба ин падидаи номатлуб чунин менависад: “Баъд аз револютсияи феврал дар сари ҳаракати ислоҳотталабӣ мисли Фитрат ва Усмонхуҷа ҷадидоне гузаштанд, ки онҳо дар Туркия хонда, ташвиқоти пантуркистӣ мекарданд. Онҳо на танҳо дар байни худ, балки ба мардуми шаҳри Бухоро ҳам, ки бештарини онҳо забони ӯзбакиро намедонистанд, бо забони

туркии усмонӣ гап мезаданд". "Ин амали роҳбарони онвақтаи тоҷикон ба он оварда расонд, ки бисёре аз тоҷикон, ки худро узбак пиндошта буданд, баъдтар хатои худро фаҳмиданд ва ба баъзеҳо муяссар шуд, ки ин хатои худро ислоҳ кунанд" [8, с. 205]. Абдулқодир Муҳиддинов баъдҳо навишта буд, ки "Мо як гурӯҳ ҷадидони Бухоро, ки давраи тарбия ва инкишофи фикриамон таҳти таъсири ғояҳои пантуркизм ва панисломизм сурат мегирифт, тарафдор ва хидматгори мафкураи иттиҳоди миллати турк ва забони туркӣ будем, бо ақидаи пантуркистҳо, ки миллати тоҷик ва забони тоҷикиро ба нестӣ расониданӣ буданд, шарикӣ доштем… Мо саҳв ва хиёнати гузаштаи худро иқрор мекунем ва лозим медонем, ки ислоҳ карда шавад". Яъне онҳо фирефтаи сиёсати миллатгароёнаи "пантуркистон ва панузбекистон" гардида буданд [7, с. 166]. Пас аз таъсири Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Туркистон ва Ҷумҳурии Мардумии Шӯравии Бухоро сиёсати расмии ин ду давлат ошкоро зидди тоҷикӣ буд. Тибқи ин сиёсат мавҷудияти тоҷик ҳамчун як халқи мустақил инкор шуда, забони тоҷикӣ аз идораҳои давлатӣ, мактабу матбуот хориҷ гардид. Ҳарчанд ки тибқи саршумори соли 1897 дар ҳудуди Туркистон 1 миллиону 300 ҳазор тоҷик сукунат дошт, дар асноди расмии ин давлат аз тоҷикон ва забони онҳо ёд намешуд. Чунончи, 14 июли соли 1918 Кумитаи иҷроияи марказии Туркистон қарор намуд: забонҳои пурнуфузи маҳаллӣ (ӯзбакӣ ва қирғизӣ) забонҳои давлатӣ эълон гардад.

Дар Қонуни асосии Ҷумҳурии Туркистон, ки соли 1920 қабул шуда буд, "қирғизҳо, ӯзбакҳо ва туркманҳо ба сифати сокинони бумӣ эътироф шуда, вале сокинони қадимтарини ин сарзамин-тоҷикон фаромӯш гардиданд" Муаррихони бузурги Давлати Шӯравӣ азҷумла, Б.Ғафуров, А.М. Менделштам, Б.А.Литвинский ва дигарҳо далелҳо овარданд, ки яке аз маконҳои асосии ориёиҳо маҳз сарзамини Осиёи Миёна будааст. Сукунат доштани қавму тоифаҳои эронинажод– суғдиён, бохтариҳо, марғиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои мухталифи сакоӣ ва ғайраро олимон дар Осиёи Миёна хотирнишон кардаанд [6, с. 135]. Ин сиёсати душманонаи пантуркистон-шовинистони бузургӯзбакӣ доираҳои расмии ҳизбию давлатии Русияро низ ба иштибоҳ андохта, онҳо низ аз мавҷудиёти тоҷикон дар Осиёи Миёна ҳарфе намезаданд. Аз ҷумла, дар номаи КМ Ҳизби Коммунисти (болшевикон) Русия аз таърихи 12 августи соли 1920 унвони кули созмонҳои Ҳизби Коммунисти Туркистон омада, ки "аҳолии бумии Туркистон ӯзбакҳо, қирғизҳо ва туркманҳоянд. Ҳокимияти шӯравӣ бояд ба оммаи заҳматкашони халқҳои мазкур такя намояд". Дар суханронии дабири кули Ҳизби Коммунисти (болшевикони) Русия И.В. Сталин дар анҷумани 7 ҲК (б) Русия низ номи тоҷикон зикр наёфтааст: "Дар он ҷо, дар Бухоро, се миллат вуҷуд дорад; ӯзбакмиллати асосӣ, туркманҳо, ки аз нигоҳи шовинистони бухороӣ "чандон муҳим нестанд" ва қирғизҳо; онҳо каманд, чандон аҳамият надоранд". Дар ин солҳо фарзандони муборизи халқи тоҷик ба майдони мубориза бар зидди пантуркистҳо баромаданд, ба монанди Нусратуллоҳ Махсум, Абдулқодир Муҳиддинов, Абдурраҳим Ҳоҷибоев, Ширишоҳ Шоҳтемур, Нисор Муҳаммад ва дигарон [2, с. 290].

Дар гузориши Комиссияи ташкилии коргузорӣ дар муассисоти Ҷумҳурии Туркистон аз таърихи 15 сентябри соли 1923 зикр шуда, ки "ба сабаби мавҷудияти халқиятҳои зиёд дар Ҷумҳурии Туркистон коргузорӣ ба се забон (ӯзбакӣ, қирғизӣ ва туркманӣ) сурат гирад" Дар мушовараи муштараки КМ ҲК Туркистон, ҳайати раисони КИМ Туркистон ва кормандони масъули Тошканд дабири масъули КМҲК Туркистон Абдулло Раҳимбоев аз таърихи 10 марти соли 1924 дар суханронии хеш изҳор дошт, ки "Осиёи Миёна аз рӯи таркиби миллӣ мамлакатест,

ки миллатҳои асосии он ӯзбакҳо, қирғизҳо ва туркманҳо мебошанд. Сонӣ халқиятҳои хурду ҷудогона ҳам дучор мешаванд". Аммо Н.Махсум "Аз тақсимоти нобаробаронаи ҳудудӣ- миллӣ норозӣ баён карда, чандин бор ба унвони роҳбарияти Шуравӣ номаҳои эътирозӣ навиштааст. Бо вуҷуди ин хостори баррасии дубораи қарори комиссияи тақсимбандии ҳудудӣ-миллӣ буд" [8, с. 204].

Дар Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро низ ҳокимият асосан дар дасти пантуркистон-шовинистони бузургӯзбакӣ буд. "Дар ин ҷо се гурӯҳи пантуркистон ба назар мерасид: Аввалан, дар органҳои адлия, қитъаҳои ҳарбии миллии Бухоро роҳбариро асирони турк ва онҳое, ки пинҳонӣ ба Осиёи Миёна омада буданд, ба даст гирифтанд. Ба гурӯҳи дуввум касоне дохил мешуданд, ки дар органҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурият кор мекарданд ва аз тарафи роҳбарияти Ҷумҳурии Туркистон, аз ҷумлаи ӯзбакҳо, тоторҳо, бошқирдҳо ё тарафдорони турксозии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна фиристода мешуданд. Ба гурӯҳи севвум намояндагони тоҷикони Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд, ки таҳти таъсири зиёди мафкураи пантуркистӣ ва панисломистӣ қарор доштанд, мутааллиқ буданд. Бисёре аз равшанфикрони маъруфи тоҷик ва махсусан онҳое, ки дар Истамбул таҳсил кардаанд, баробари дониш ғояҳои пантуркистонро низ ҳамроҳи худ ба ватан меоваранд. Яке аз чунин тоҷикон Абдурауфи Фитрат буд, ки ҳангоми Комиссар (вазир)-и маорифи Ҷумҳурии Мардумии Шӯравии Бухоро будан бо сарварии дигаре аз фарзандони ин миллат Файзулло Хоҷаев мактабҳоро аз тоҷикӣ ба ӯзбакӣ гузаронида, дар комиссариат барои ҳар дафъаи тоҷикӣ гап задан 5 сӯм ҷарима ҷорӣ намуд. Ё ин ки дар ҷаласаи КМ ҲК Бухоро аз таърихи 27 феврали соли 1924 раиси Шӯрои нозирони Ҷумҳурии Мардумии Бухоро Файзулло Хоҷаеви тоҷик иброз дошт, ки аксари кулли аҳолии Бухоро ба Ӯзбакистон шомил шудан мехоҳанд, касе ба ин эътироз накард. На дабири аввали КМ ҲК Бухоро А.Мавлонбеков, на аъзои КМ ҲК Бухоро Абдулқодир Муҳиддинов ва на Аббос Алиев, ки ҳама тоҷик буданд.

Чаро дар ин солҳои барои халқи тоҷик сарнавиштсоз беҳтарин фарзандони он, ки роҳбарии ҷамоҳири Бухоро ва Туркистонро дар даст доштанд ва метавонистанд барои Тоҷикистони оянда хидмати босазое кунанд, накарданд? Ва чаро Файзулло Хоҷаев раиси Шӯрои нозирони Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро, Абдулло Раҳимбоев-дабири дуввуми КМ ҲК Туркистон ва узви Дафтар (бюро)-и Осиёи миёнагии КМ РКП (б), Аҳмадбек Мавлонбеков-дабири аввали КМ ҲК ҶХШ Бухоро, Абдулқодир Муҳиддинов-муовини раиси Шӯрои нозирони ҶХШ Бухоро, Абдураҳим Ҳоҷибоев-узви Кумитаи иҷроияи марказии ҶМШС Туркистон, Аббос Алиев-узви КМ ҲҚ ҶХШ Бухоро ва дигару дигарон ҳама худро "ӯзбак" мегуфтанд? Дар робита ба ин масъала Имомназар Келдиев чунин мегӯяд: "Иддае аз роҳбарон аввалан, ба сабаби ҷавонию бетаҷрибагӣ, нопӯхтагии сиёсӣ ва бехабарӣ аз таърих ва мақоми ҳақиқии халқҳои Осиёи Миёна, сонияи, бо матлаби шӯҳратҷӯӣ, бо ҳавову ҳаваси мушаррафшавӣ ба мартабаю вазифаҳои баланд ва унвони "қаҳрамонони миллӣ" мубталои дарзи пурхатари пантуркизм, шефтаи шиори ғояҳо ва навкарони фармонбардори он гардиданд" [8, с. 204]. Абдураҳмон Абдуманонов бошад чунин назар дорад: "…баъди инқилоби Бухоро ва хусусан дар солҳои бист яке аз идеологҳои ҷараёни пантуркизм шудани Фитрат ва Ф. Хоҷаев беасос набуд. Онҳо мақсадҳои сиёсӣ доштанд. Ба фикри ман мақсадашон ин буд, ки як ҷумҳурияти исломии туркӣ таъсис намуда, Осиёи Миёнаро аз Русия ҷудо кунанд. Ва барои ин мақсад ба ҳар иқдом ҳозир буданд. Фитрат ҳатто як муддат аз халқи худаш мункир мешавад, тоҷиконро инкор мекунад. Яъне ҳамингуна як мақсади сиёсӣ дошт, ки амалӣ нашуд ва баъд Фитрат аз фикраш даст кашид. Ба редаксияи "Қизил Ӯзбакистон" як мактуби кушод

навишта, расман ба гуноҳи худаш иқрор шуд. Агар ин мақсад сиёсӣ намешуд, Фитрат ва Ф.Хоҷаев барин шахсон чандон гӯлу сода набуданд, ки ба халқи худ хиёнат кунанд… Барои ноил гардидан ба мақсади нопоки хеш пантуркистон аз усулу шеваҳои мухталифи мубориза истифода мекарданд. Фиребу найранг, зӯрию таъдид ва тарғибу ташвиқи онҳо сабаб гардид, ки теъдоде аз роҳбарон ва оммаи мардум ба таври ихтиёрӣ худро "ӯзбак" гӯянд. Чунончи, дар охири моҳи августи соли 1924 ҳангоми мулоқот Г.В. Чичерин аз самарқандиёни дар майдони Регистон ҷамъомада суол кард, ки чаро онҳо, ки тоҷиканд, на ба ҳайати Тоҷикистон, балки ба Ӯзбакистон дохил шудан мехоҳанд. Онҳо посух доданд, ки: "Мо қабл аз Инқилоби октябр сокинони Туркистон будем, акнун ба ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбакистон дохил мешавем, мо ӯзбак ҳастем". Ё ин ки Абдулло Раҳимбоев то миёнаҳои соли 1923 худро ибтидо "мусалмон" ва баъд "тоҷик" мегуфту барои рушди забону фарҳанги тоҷик кӯшишҳое ҳам карда буд. Аз ҷумла, ҳангоми раиси кумитаи ҳизбии вилояти Самарқанд буданаш аз ягона нашрия ба забони тоҷикӣ-маҷаллаи "Шӯълаи инқилоб" пуштибонӣ кардааст. Ва ё моҳи сентябри соли 1920 дар анҷумани 5-уми ҳизби Коммунисти Туркистон изҳор дошта, ки: "ба ташкили мактабҳои тоҷикӣ дар шаҳру ноҳияҳои тоҷикнишин бештар таваҷҷӯҳ кунем" [9, с. 58].

Чун пантуркистон ӯро «ба мақсади тақвияти роҳбарияти ҳизбии ҷумҳурӣ» дар моҳи ноябри соли 1923 ба маснади дабири дуввуми КМ ҲК Туркистон баргузиданд, Абдулло Раҳимбоев дар ҳуҷҷатҳои расмӣ худро «ӯзбак» нависонда ва ҳатто ба яке аз пантуркистони сарсахт табдил ёфт. Оқибати ин аъмоли зишт он шуд, ки сол то сол теъдоди тоҷикон дар ҳуҷҷатҳои расмӣ коҳиш меёфт ва онҳо «ӯзбак» мешуданд. Чунончи, соли 1915 дар Самарқанд 59901 нафар тоҷик ва ҳамагӣ 819 ӯзбак буд. Дар соли 1920 теъдоди тоҷикон 44578 нафар ва ӯзбакҳо 3311 нафарро ташкил менамуд. Соли 1926 бошад дар ин шаҳри бостонии тоҷикон ҳамагӣ 10716 нафар тоҷик ва 43304 нафар ӯзбак сукунат доштанд. Танҳо дар байни солҳои 1918-1924 дар ҳудуди 38-40% тоҷикон дар ҳуҷҷатҳои расмии ҷумҳуриҳои Туркистону Бухоро "ӯзбак" шудаанд. Соли 1913 дар аморати Бухоро 2100 000 нафар (қариб 70%) тоҷик, қариб 750 000 (қариб 25%) ӯзбак, 5% дигар намояндагони соири миллиятҳо аз қабили яҳудиёни бухороӣ, русҳо ва ғайра буд [9, с. 58].

Пантуркизм ин идеологияи миллатгароию шовинистӣ дар лаҳзаҳои сарнавиштсоз ба сари халқи тоҷик таҳмил шуда ва бадбахтиҳои зиёдеро ба боровард: Тоҷиконро аз марказҳои аслии фарҳангиашон шаҳрҳои Бухорову Самарқанд маҳрум кард. Мубаллиғони аслии пантуркизм дар Осиёи Миёна инҳо буданд:

1. Маъмурони махфию ниммахфии пантуркистони Туркия ва Русия.
2. Гурӯҳе аз рӯҳониёне, ки нисбат ба Русия ҳисси бадбинӣ доштанд.
3. Ҷавононе, ки дар макотиби Туркия таҳсил намуда буданд.
4. Гурӯҳе аз донишомӯзони макотиби усули ҷадид.
5. Тотору қазоқҳои дар собиқ мутарҷим.

Афсарону сарбозони турке, ки дар солҳои ҷанги 1-уми ҷаҳон ба русҳо асир афтода, ба Осиёи Миёна омада, пас аз таъсиси ҳокимияти шӯравӣ дар дастгоҳҳои идорӣ кор мекарданд. Пас аз инқилобҳои Русия ва Бухоро дар ҷамоҳири Туркистон ва Бухоро туркпарастҳо ба сари ҳокимият омада, дар низоми давлатдорӣ ва омӯзишу парвариши забони форсии тоҷикиро, ки аз аҳди Сомониён то суқути аморати Бухоро забони расмию давлатии ин марзу бум буд, барҳам доданд. Дастгоҳи маориф, ки ба дасти туркони усмонӣ гузашта буд, дар макотиб омӯзишро ба забони туркии усмонӣ ҷорӣ намуданд.

Пантуркизм ҳамчун як ҷараёни идеологӣ ва сиёсӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ташаккул ёфта, тадриҷан ба минтақаи Осиёи Миёна роҳ ёфт ва ба равандҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва миллӣ таъсири ҷиддӣ расонд. Ин идеология бо мақсади муттаҳид сохтани халқҳои турктабор ва таъсиси як воҳиди ягонаи сиёсӣ ташаккул ёфта, мавҷудият ва ҳувияти миллии тоҷиконро зери шубҳа қарор дода, дар баъзе мавридҳо онро инкор менамуд. Пантуркистҳо бо истифода аз воситаҳои гуногун, аз ҷумла матбуот, низоми маориф, фаъолияти сиёсӣ ва таъсир ба равшанфикрон, кӯшиш мекарданд, ки ақидаҳои худро дар ҷомеа густариш диҳанд.

Дар натиҷаи ин таъсир, қисми муайяни зиёиён ва роҳбарони маҳаллӣ зери нуфузи ин идеология қарор гирифта, ҳатто аз ҳувияти миллии худ даст кашида, худро ба миллатҳои дигар мансуб медонистанд. Ин раванд боиси заиф гардидани мавқеи сиёсӣ ва фарҳангии тоҷикон гардида, дар баъзе мавридҳо ба маҳдуд гардидани истифодаи забони тоҷикӣ дар идораҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва матбуот оварда расонд. Ҳамчунин, сиёсати давлати онвақта ва фаъолияти гурӯҳҳои пантуркистӣ сабаб гардид, ки шумораи тоҷикон дар ҳуҷҷатҳои расмӣ кам нишон дода шавад ва қисми зиёди онҳо ба ҳайси намояндагони дигар миллатҳо сабт гарданд.

Бо вуҷуди ин, халқи тоҷик тавонист ҳувияти миллӣ, забон ва фарҳанги худро ҳифз намояд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки пантуркизм ҳамчун як идеология натавонист мавҷудият ва воқеияти таърихии миллати тоҷикро аз байн барад. Баръакс, ин раванд барои бедории худшиносии миллӣ ва дарки аҳамияти ҳифзи арзишҳои миллӣ замина фароҳам овард. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи пантуркизм ва таъсири он барои дарки равандҳои ташаккули ҳувияти миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангии халқи тоҷик аҳамияти муҳим дорад.

**Муқарриз: Мудабирзода З.Х. – доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисосӣ таърих, муаллими калони ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. – Душанбе, 1977.
2. Ақназаров, Ҳ. М. Мубориза бар зидди пантуркизм бидуни хушунат / Ҳ. М. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2023. – No. 2(14). – P. 289-296.
3. Ақназаров, Ҳ. М. захмҳои таърих / Ҳ. М. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2023. – No. 2(14). – P. 297-305.
4. Ақназаров, Ҳ. М. Нақши маданият дар азбайнбарии маҳалгароӣ / Ҳ. М. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. – No. 2(10). – P. 71-73.
5. Ақназаров, Ҳ. М. Ворух ва бузургии хоки Ватан / Ҳ. М. Ақназаров, Ф. М. Нодирбеков // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – No. 2(6). – P. 419-423.
6. Ақназаров, Ҳ. Баҳси таърихии тоҷику турк дар масъалаи Варорӯд (Мовароуннаҳр) / Ҳ. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2019. – No. 1(1). – P. 131-142.
7. Ақназаров, Ҳ. Шуҷоати Нусратулло Махсум дар “саҳифаҳои осебдидаи таърихи халқи тоҷик” / Ҳ. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – No. 4(8). – P. 165-167.

8. Қаҳор Расулиён. Воруди пантуркизм ба Осиёи Миёна. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) № 6 (70). Душанбе: «Сино»2011. –С.202-207.
9. Масов Р. История топорного разделения. – Душанбе, 1991. Стр.58.
10. Мунзим А. Арзи ҳол. // Адабиёт ва санъат. 1988, 6 октябр.

## ПАНТУРКИЗМ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҲУВИЯТ ВА МАВҚЕИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

Дар мақола масъалаи пайдоиш, паҳншавӣ ва таъсири идеологияи пантуркизм дар Осиёи Миёна баррасӣ гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки пантуркизм ҳамчун як ҷараёни сиёсӣ ва миллӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ташаккул ёфта, тавассути воситаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ дар минтақа паҳн гардид. Таъкид мешавад, ки ин идеология мавҷудият ва ҳувияти миллии тоҷиконро зери шубҳа қарор дода, ба заиф гардидани мавқеи забонӣ, фарҳангӣ ва сиёсии онҳо таъсир расонидааст. Дар мақола инчунин нақши равшанфикрон, матбуот ва сохторҳои сиёсӣ дар паҳншавии ғояҳои пантуркистӣ ва оқибатҳои он барои худшиносии миллии тоҷикон таҳлил шудааст. Муаллиф ба хулоса меояд, ки новобаста аз таъсири манфии ин раванд, халқи тоҷик тавонист ҳувияти миллӣ, забон ва фарҳанги худро ҳифз намояд.

**Калидвожаҳо:** пантуркизм, Осиёи Миёна, миллати тоҷик, ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ, равшанфикрон, забони тоҷикӣ, идеология, таърих, сиёсати миллӣ.

## ПАНТЮРКИЗМ В СРЕДНЕЙ АЗИИ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ ИДЕНТИЧНОСТЬ И ПОЛОЖЕНИЕ ТАДЖИКОВ.

В статье рассматриваются вопросы возникновения, распространения и влияния идеологии пантюркизма в Средней Азии. Автор показывает, что пантюркизм как политическое и национальное течение сформировался в конце XIX – начале XX века и распространялся в регионе посредством политических, культурных и просветительских механизмов. Подчеркивается, что данная идеология ставила под сомнение существование и национальную идентичность таджиков, а также оказала негативное влияние на их языковое, культурное и политическое положение. В статье анализируется роль интеллигенции, печати и политических структур в распространении пантюркистских идей и их последствия для национального самосознания таджиков. Автор приходит к выводу, что несмотря на значительное идеологическое давление, таджикский народ сумел сохранить свою национальную идентичность, язык и культуру.

**Ключевые слова:** пантюркизм, Средняя Азия, таджикский народ, национальная идентичность, национальное самосознание, иинтеллигенция, таджикский язык, идеология, история, национальная политика.

## PAN-TURKISM IN CENTRAL ASIA AND ITS INFLUENCE ON THE NATIONAL IDENTITY AND STATUS OF THE TAJIKS.

The article examines the origin, spread, and influence of the ideology of Pan-Turkism in Central Asia. The author shows that Pan-Turkism emerged as a political and national movement in the late 19th and early 20th centuries and spread throughout the region through political, cultural, and educational channels. It is emphasized that this ideology questioned the existence and national identity of the Tajik people and negatively affected their linguistic, cultural, and political status. The article also analyzes

the role of intellectuals, the press, and political institutions in spreading Pan-Turkist ideas and their consequences for the national self-awareness of the Tajiks. The author concludes that despite significant ideological pressure, the Tajik people managed to preserve their national identity, language, and cultural heritage.

**Keywords:** Pan-Turkism, Central Asia, Tajik people, national identity, national self-awareness, intellectuals, Tajik language, ideology, history, national policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Нозимов Айниддин Шамсиддинович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, кафедраи таърих ва методикаи таълими он, ассистент. Суроға: 734025 шаҳри Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, кӯчаи Э.Муҳиддинов, 63. Телефон: (+992) 908470066. E-mail: nozimov.a91@mail.ru.

**Сведения об авторе: Нозимов Айниддин Шамсиддинович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кафедра истории и методики её преподавания, ассистент. Адрес: 734025, г. Гарм, Республика Таджикистан, ул. Э. Мухиддинова, 63. Телефон: (+992) 908470066. Электронная почта: nozimov.a91@mail.ru.

**About the authors: Nozimov Ayniddin Shamsiddinovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant at the department of history and teaching methodology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin street - 63. Phone: (+992) 908470066. Email: nozimov.a91@mail.ru

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

ТДУ: 330.34

# ТАЪСИРИ МАНФИИ КОРРУПСИЯ БА ИҚТИСОДИЁТ

**Зокирзода З.Х., Шодизода А.Ш.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Коррупсия таърихи тӯлонӣ дошта, яке аз умдатарин масъалаҳо ва мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ маҳсуб мегардад. Он ҳамчун падидаи номатлуб ҳанӯз аз давраҳои қадим дар низоми идоракунии давлатҳо ба назар мерасид ва бо рушди ҷомеа шаклу усулҳои он тағйир ёфта, мураккабтар гардидааст. Дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр мегардад, ки ҳатто дар аҳди қадим амалдорони мансабдор барои иҷрои вазифаҳои худ аз шаҳрвандон подош ё тӯҳфа талаб менамуданд, ки ин падида бо гузашти вақт ба як мушкилоти системавӣ табдил ёфт. Тамоюли ташаккули мафҳуми ҳозираи коррупсия дар таърихи тамаддуни башар якчанд ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад. Ба ақидаи муҳаққиқон, аломатҳои нахустин дар бораи падидаи номатлуби коррупсия дар бойгониҳои Мисри қадим ба чашм мерасад. Ҳарчанд дар баъзе аснод сабт шудааст, ки гӯё суди Миср тантанаи ҳақиқату адолат буд, вале дар асл судҳо қаллобию ришвахӯрии зиёд мекарданд. Ҳамин тариқ, нишонаҳои коррупсия дар қонунҳои Ҳаммурапӣ дида мешавад. Мувофиқи қонунҳои Ҳаммурапӣ ришвагирандаву ришвадиҳанда ба қатл ҳукм мегардид [1, с. 102].

Мафҳуми «коррупсия» (аз лотини corruptio-вайрон кардан ва харида гирифтан) дар ибтидо амалҳои ашхосеро, ки ҳадафашон вайрон сохтан, халал расонидан ба рафти муътадили мурофиаи судӣ ва ё раванди идоракунӣ ба корҳои ҷомеа буд, ифода мекард.

Мавриди зикр аст, ки коррупсия шояд дар ҳар як ҷамъият вуҷуд дорад, вале он дар баъзе давлатҳо васеъ паҳн гаштааст [2, с. 23]. Коррупсия воқеан метавонад дар ҳар як ҷамъият ба назар расад, аммо сатҳ ва миқёси паҳншавии он аз дараҷаи рушди институтҳои давлатӣ, волоияти қонун, шаффофият ва назорати ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад. Барои асоснок кардани он ки дар кадом давлатҳо коррупсия васеътар паҳн гардидааст, одатан ба нишондиҳандаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Индекси дарки коррупсия (Corruption Perceptions Index – CPI), ки ҳамасола аз ҷониби Transparency International нашр мегардад, бояд такя карда шавад. Тибқи арзёбиҳои солҳои охир, сатҳи баланди коррупсия бештар дар давлатҳое мушоҳида мешавад, ки бо ноустувории сиёсӣ, низоъҳои мусаллаҳона, заъфи институтҳои демократӣ ва камбудиҳои ҷиддии идоракунии давлатӣ рӯбарӯ мебошанд. Масалан, дар гузоришҳои CPI кишварҳое чун Сомалӣ, Сурия, Яман, Венесуэла ва Судони Ҷанубӣ одатан дар поёнтарин зинаҳо қарор мегиранд. Ба чунин ҳолат омилҳое чун ҷанги дохилӣ, фалаҷи низоми судӣ, фишори сиёсӣ ба мақомоти назоратӣ ва сатҳи пасти ҳисоботдиҳии мансабдорон мусоидат мекунанд.

Дар баробари ин, таҷрибаи давлатҳои дорои сатҳи пасти коррупсия нишон медиҳад, ки таҳкими волоияти қонун, мустақилияти судҳо, шаффофияти буҷет, озодии ВАО ва иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд ба коҳиш ёфтани ин падида мусоидат намоянд. Масалан, кишварҳое чун Дания, Финландия ва Зеландияи Нав солҳои зиёд дар раддабандии мазкур ҷойҳои аввалро ишғол мекунанд.

Ҳамин тавр, паҳншавии васеи коррупсия бештар ба давлатҳое хос аст, ки дар онҳо механизмҳои самараноки назорат, шаффофият ва масъулияти ҳуқуқӣ ба таври кофӣ рушд накардаанд. Бинобар ин, сатҳи коррупсия на танҳо масъалаи ахлоқӣ, балки нишондиҳандаи сатҳи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии давлат низ ба шумор меравад.

Дар шароити муосир коррупсия на танҳо ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ, балки ҳамчун хатари ҷиддӣ ба рушди устувори давлат, суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ арзёбӣ мешавад. Он ба пояҳои иқтисоди миллӣ таъсири манфӣ расонида, рақобати солимро халалдор месозад, фазои сармоягузориро коҳиш медиҳад ва ба тақсимоти ноодилонаи захираҳо оварда мерасонад. Дар натиҷа, сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ паст гардида, нобаробарии иҷтимоӣ меафзояд. Коррупсия шояд дар ҳар як ҷамъият вуҷуд дошта бошад, вале дараҷа ва миқёси паҳншавии он гуногун аст. Дар баъзе давлатҳо он хусусияти оммавӣ гирифта, ба як монеаи ҷиддии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Омилҳое чун сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ, норасоии шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, назорати сусти ҷамъиятӣ, камбудиҳои қонунгузорӣ ва сатҳи пасти масъулияти мансабдорон метавонанд ба густариши коррупсия мусоидат намоянд.

Ҳамзамон, муқовимат бо коррупсия яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар аксари кишварҳо ба ҳисоб меравад. Қабули қонунҳои махсус, таъсиси мақомоти ваколатдор, ҷорӣ намудани механизмҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа, аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки барои коҳиш додани ин падида равона шудаанд. Бо вуҷуди ин, натиҷаи муассир танҳо дар ҳолате ба даст меояд, ки муқовимат бар зидди коррупсия хусусияти ҳамаҷониба дошта, на танҳо тадбирҳои ҳуқуқӣ, балки чораҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифатӣ низ андешида шавад.

Нахустин тарзи санҷиши меъёри коррупсионӣ аз ҷониби Паоло Мауро ва Филлип Киффер дар соли 1955 пешниҳод гардид, ки он усули муайян кардани хатари ширкатҳои хусусӣ буд [3, с. 99-100]. Ба андешаи иқтисоддони рус Константин Сонин, дар солҳои 1930-юм дар Иттиҳоди Шуравӣ коррупсия ҳамчун падидаи оммавӣ ва ошкоро ба назар намерасид. Ин назария бар он асос меёбад, ки низоми шадиди назорати давлатӣ, сиёсати репрессивӣ ва тарси ҷазо имкони зуҳури ошкорои амалҳои коррупсиониро маҳдуд месохт. Бо вуҷуди ин, таъкид кардан зарур аст, ки набудани омори расмӣ ё мавҷуд набудани муҳокимаи оммавӣ маънои комилан аз байн рафтани коррупсияро надошт. Баръакс, дар шароити режими тоталитарӣ бисёр зуҳуроти ғайриқонунӣ хусусияти пинҳонӣ ва «ноаён» мегирифтанд. Сохтори мутамаркази иқтисоди амрӣ-фармонӣ, тақсимоти маъмурии захираҳо ва норасоии молу хизматрасониҳо заминаи муносиб барои пайдоиши муносибатҳои ғайрирасмӣ ва сӯиистифода аз ваколатҳои хизматиро фароҳам месохт.

Ҳамчунин, дар солҳои 1930-юм дар ИҶШС баррасии қисми зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ, махсусан парвандаҳои дорои хусусияти сиёсӣ ё вобаста ба «ҷиноятҳои хизматӣ», берун аз тартиби классикии мурофиаи судӣ анҷом меёфт. Онҳо тавассути мақомоти махсус ва трибуналҳои ҳарбӣ баррасӣ мешуданд, ки дар бисёр ҳолатҳо кафолатҳои мурофиавии айбдоршавандагон пурра риоя намегардиданд. Ин вазъ боис мегардид, ки равандҳои тафтиш ва ҷазодиҳӣ бештар хусусияти сиёсӣ дошта бошанд, на ҳуқуқӣ.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар давраи мазкур коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ комилан аз байн нарафта буд, балки дар шароити назорати шадид ва репрессияҳо шакли пинҳонӣ касб карда, дар омори расмӣ ва муҳокимаҳои ҷамъиятӣ инъикоси васеъ намеёфт. Набудани шаффофият, маҳдуд будани озодии сухан ва мустақилияти судҳо имкон намедод, ки ҷомеа миқёси воқеии чунин зуҳуротро дарк намояд.

Назарияи иқтисодӣ кайҳо эътироф намудааст, ки вобастагии бизнес аз қарори ҳокимият хусусияти бозоргонии иқтисодиётро вайрон ва самараи онро кам менамояд, ки ин ба ҷамъият умуман таъсири манфӣ мерасонад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидор бояд бар пояи рақобати озод, баробарҳуқуқӣ ва қоидаҳои шаффоф ба роҳ монда шавад. Вақте ки натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ на аз сифати маҳсулот, навоварӣ ва идоракунии самаранок, балки аз наздикӣ ба марказҳои қабули қарор вобаста мегардад, принсипи асосии бозор – рақобати одилона вайрон мешавад. Аз нигоҳи иқтисоди институтсионалӣ, чунин вобастагӣ боиси пайдоиши рафтори «ҷустуҷӯи рента» (rent-seeking) мегардад, ки дар он ширкатҳо захираҳои худро на барои рушди истеҳсолот, балки барои ба даст овардани имтиёзҳо, иҷозатномаҳо ё дастгирии маъмурӣ сарф менамоянд. Ин раванд ба таҳрифи тақсимоти захираҳо оварда, сармояро аз бахшҳои воқеан самаранок ба самтҳои дорои пуштибонии маъмурӣ равона месозад. Иқтисоддони маъруф Адам Смит ҳанӯз дар асари худ The Wealth of Nations таъкид карда буд, ки озодии иқтисодӣ ва рақобати солим омили асосии афзоиши некуаҳволии ҷомеа мебошанд. Дар идомаи ин андеша, намояндагони мактаби институтсионалӣ, аз ҷумла Дуглас Норт, нишон додаанд, ки сифати институтҳо ва маҳдуд сохтани худсарии ҳокимият шарти муҳими рушди устувори иқтисодӣ ба шумор меравад. Вобастагии аз ҳад зиёди бизнес аз қарорҳои маъмурӣ метавонад ба афзоиши коррупсия, коҳиши эътимоди сармоягузорон ва паст шудани рақобатпазирии миллӣ оварда расонад. Дар чунин шароит, ширкатҳое бартарӣ пайдо мекунанд, ки дорои робитаҳои сиёсӣ мебошанд, на онҳое, ки самараноктар фаъолият мекунанд. Ин ҳолат ба коҳиши сифати маҳсулот, болоравии нархҳо ва маҳдуд гардидани интихоби истеъмолкунандагон мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, барои таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ зарур аст, ки қоидаҳои бозор шаффоф ва пешгӯишаванда бошанд, волоияти қонун таъмин гардад ва дахолати ҳокимият ба фаъолияти соҳибкорӣ танҳо дар доираи зарурӣ ва қонунӣ амалӣ карда шавад. Танҳо дар чунин ҳолат иқтисодиёт метавонад ба манфиати тамоми ҷомеа самаранок фаъолият намояд. Дар яке аз Паёмҳои худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дастгирии бахши хусусӣ ва рушди истеҳсолоти ватанӣ нисбат ба соҳибкороне, ки ба истеҳсоли мол машғуланд, мораторий ҷорӣ намуд, ки тибқи он гузаронидани санҷишҳои ғайринақшавӣ бе иҷозати дахлдор манъ гардида, танҳо санҷишҳои нақшавӣ дар доираи талаботи қонун иҷозат дода мешаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд, ки барои тақвият бахшидан ба ин раванд, зарур мешуморам, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои

соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ” ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда шаванд [7].

Инчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” амалӣ карда шавад [7].

Ҳадафи ин тадбирҳо пеш аз ҳама коҳиш додани фишори маъмурӣ ба фаъолияти соҳибкорон, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва ҳавасманд намудани рушди истеҳсолоти ватанӣ мебошад. Ҳамзамон, он ба пешгирии санҷишҳои беасос, маҳдуд сохтани омилҳои коррупсионӣ дар фаъолияти мақомоти назоратӣ ва таъмин намудани шаффофият дар муносибатҳои давлат ва соҳибкорон равона гардидааст. Тавассути чунин иқдом давлат кӯшиш менамояд, ки муҳити устувору пешгӯишавандаи иқтисодиро таъмин намуда, имконият фароҳам оварад, то соҳибкорон неру ва захираҳои худро ба густариши истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ равона созанд.

Мавриди зикр аст, ки эътирофи коррупсия ҳамчун падидае, ки ба рушди иқтисодӣ, рақобати солим ва эътимоди ҷамъият ба давлат таъсири харобиовар мерасонад, дар нимаи дуюми асри XX ба ташаккули заминаи муосири қонунгузории зиддикоррупсионӣ дар кишварҳои пешрафта оварда расонд. Яке аз қадамҳои муҳим дар ин самт қабули қонуни махсус дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соли 1977 буд (Foreign Corrupt Practices Act). Қабули ин қонун ба як қатор омилҳо вобаста буд. Аз ҷумла, дар солҳои 1970-ум таҳқиқоти расмӣ нишон доданд, ки баъзе ширкатҳои бузурги амрикоӣ ба мансабдорони хориҷӣ барои ба даст овардани шартномаҳо ва имтиёзҳо маблағҳои калон пардохт мекарданд. Ин амалҳо на танҳо ба обрӯи байналмилалии ИМА латма мезаданд, балки принсипи рақобати одилонаро низ вайрон мекарданд. Дар натиҷа, Конгресс ба хулоса омад, ки ришвадиҳӣ дар сатҳи байналмилалӣ низ бояд ҷавобгарии ҳуқуқӣ дошта бошад. Мувофиқи FCPA, ба ширкатҳо ва шахсони воқеии амрикоӣ манъ карда шудааст, ки бевосита ё бавосита ба мансабдорони давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳо ба мансабҳои давлатӣ ё намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ маблағ, тухфа ё дигар имтиёз пешниҳод намоянд, агар ҳадаф расонидани таъсир ба қабули қарор ба манфиати тиҷоратии онҳо бошад. Қонун на танҳо амали мустақими додани ришваро манъ мекунад, балки истифодаи миёнаравонро низ фаро мегирад, то аз роҳҳои ғайримустақим канорагирӣ пешгирӣ шавад. Илова бар ин, қонуни мазкур талаботи қатъиро оид ба муҳосибот ва шаффофияти молиявӣ муқаррар намудааст. Ширкатҳо вазифадоранд ҳисобдориро дақиқ ва воқеӣ ба роҳ монанд, то пинҳон кардани пардохтҳои ғайриқонунӣ имконнопазир гардад. Ҳамин тавр, FCPA на танҳо қонуни зидди ришвадиҳӣ, балки санади муҳими танзими шаффофияти корпоративӣ низ мебошад. Аҳаммияти ин қонун дар он аст, ки он принсипи масъулияти фаромарзиро ҷорӣ намуд: агар ширкат ё шаҳрванди амрикоӣ дар хориҷи кишвар низ ба ришвадиҳӣ даст занад, метавонад тибқи қонунгузории ИМА ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Баъдан, ин таҷриба ба ташаккули меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия таъсири ҷиддӣ расонд.

Бо ин роҳ, эътирофи коррупсия ҳамчун омили коҳишдиҳандаи самаранокии иқтисодиёт ва таҳрифкунандаи рақобат боиси ташаккули заминаи муосири ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ гардид. Қонуни соли 1977 дар ИМА яке аз аввалин намунаҳои низоми мукаммали ҳуқуқӣ дар ин самт буда, минбаъд ба қабули санадҳои шабеҳ дар дигар давлатҳо ва дар сатҳи байналмилалӣ замина гузошт[4].

Таърифи маъмулии коррупсия дар доираи назарияи «аномия»-и ҷомеашиноси фаронсавӣ Эмиль Дюркгейм баён гардидааст. Ба андешаи ӯ, аномия ҳолатест, ки дар он низоми меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ заиф ё норавшан мегардад ва рафтори афрод аз назорати ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ берун мемонад. Яъне, ҷомеа қобилияти танзими самараноки рафтори аъзои худро аз даст медиҳад. Ин мафҳум баъдан аз ҷониби ҷомеашиноси амрикоӣ Роберт Кинг Мертон такмил дода шуд. Ӯ нишон дод, ки аномия на танҳо набудани меъёрҳо, балки ихтилофи байни ҳадафҳои эътирофшудаи иҷтимоӣ (масалан, муваффақияти моддӣ) ва воситаҳои қонунии дастрас барои ноил шудан ба онҳо мебошад. Дар чунин шароит, баъзе шахсон барои расидан ба ҳадафҳо аз роҳҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла коррупсия, истифода мекунанд. Аз ин лиҳоз, коррупсия метавонад ҳамчун шакли «мутобиқшавии ғайриқонунӣ» ба фишорҳои иҷтимоӣ арзёбӣ гардад. Ворид гардидани маблағҳои зиёди коррупсионӣ ба низоми муносибатҳои байни ходимони давлатӣ ва соҳибкорон на танҳо боиси аз даст рафтани захираҳои молиявии давлат мегардад, балки ба пояҳои меъёриву ҳуқуқии ҷомеа зарбаи ҷиддӣ мерасонад. Зеро дар чунин ҳолат қарорҳо на бар асоси қонун ва манфиати умум, балки бар асоси манфиати шахсӣ ва пардохтҳои пинҳонӣ қабул мегарданд. Ин раванд принсипи баробарҳуқуқии шаҳрвандонро вайрон намуда, ба беэътимодӣ нисбат ба мақомоти давлатӣ ва адолати судӣ оварда мерасонад. Илова бар ин, коррупсия муҳити иқтисодиро таҳриф менамояд: ширкатҳое, ки омодаанд барои ба даст овардани имтиёз ришва диҳанд, бартарӣ пайдо мекунанд, дар ҳоле ки субъектҳои қонунписанд аз бозор танг карда мешаванд. Дар натиҷа, рақобати солим коҳиш ёфта, самаранокии умумии иқтисодиёт паст мегардад. Ин ҳолат ба таври даврӣ аномияро тақвият медиҳад, зеро шаҳрвандон мебинанд, ки риояи қонун на ҳамеша муваффақият меорад.

Ҳамин тариқ, коррупсияро метавон ҳам натиҷаи заъфи меъёрҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ва ҳам омили тақвиятдиҳандаи бенизомӣ арзёбӣ намуд. Вақте ки меъёрҳо амал намекунанд ва адолат таъмин намегардад, ҷомеа ба ҳолати аномия наздик мешавад. Аз ин рӯ, мубориза бо коррупсия на танҳо масъалаи ҷазодиҳӣ, балки масъалаи таҳкими арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд, волоияти қонун ва барқарор намудани эътимоди ҷамъият ба институтҳои давлатӣ мебошад.

Новобаста ба ин ки ақидаҳо доир ба алоқамандии коррупсия ва иқтисод бениҳоят зиёданд, вале то ҳол доир ба масъалаи ин ду зуҳурот ба таври дақиқ таҳқиқоти фарогир гузаронида нашудааст. Асоси муайян намудани алоқамандии коррупсия ва иқтисод дар хатогиҳои оморӣ ва ё он факте, ки на ҳамаи намудҳои коррупсия ба иқтисодиёт таъсири якхела мерасонад, ташкил медиҳад. Иқтисодчии бонки умумиҷаҳонӣ Якоб Свенсон дар китоби худ оиди «Ҳафт савол дар хусуси коррупсия» асоснок мекунад, ки коррупсия таҷассумёбандаи фазои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ин ё он мамлакат мебошад».

Доир ба падидаи коррупсия дар адабиётҳои ҳуқуқӣ назарияҳои гуногун пешниҳод мегардад. Бисёре аз муҳаққиқон қайд менамоянд, ки коррупсия ба иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад. Чунки, ташкилотҳое, ки даст ба коррупсия

мениҳанд, ресурсҳои он кам мегардад. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз зиёд шудани тамоюли коррупсионӣ бисёре аз ташкилотҳо (соҳибкорон) ё муфлис мешаванд ва ё умуман барҳам мехӯранд.

Дар баъзе таҳқиқотҳои муҳаққиқон роҷеъ ба мамлакатҳои рӯ ба рушд таъкид мегардад, ки коррупсия вазифаҳои мусбати иқтисодиро иҷро мекунад. Он гӯё ба соҳибкорон имконият медиҳад, ки монеаҳои бюрократиро пушти сар кунанд. Ба ҳамин минвол, коррупсия сармоягузориҳо, навовариҳо ва инкишофи малакаҳои идоракуниро ҳавасманд месозад. Ин гуна афкор, хусусан дар ҳолатҳое, ки коррупсия меъёри муқаррарии кору рафтор гаштааст, ба воқеият мувофиқат надорад. Коррупсия дар роҳи пешравии иқтисодиёти давлат ва баланд гардидани самаранокии институтҳои бозорӣ монеаи ҷиддӣ маҳсуб меёбад.

Аксари муҳаққиқони муосир бар он назаранд, ки коррупсия ё ба истилоҳи тоҷикӣ «фасод» ва «ришваситонӣ» дар фазои баъдишуравӣ хусусияти густурда касб намуд. Гузариш аз иқтисоди амрӣ-фармонӣ ба иқтисоди бозорӣ, хусусигардонӣ, тағйирёбии сохтори идоракунии давлатӣ ва заъфи муваққатии институтҳои ҳуқуқӣ дар солҳои аввали истиқлолият дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаи пайдоиши хавфҳои коррупсиониро фароҳам овард. Дар чунин шароит норасоии таҷрибаи идоракунии бозорӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва паст будани сатҳи назорати институтсионалӣ метавонанд ба паҳншавии амалҳои ғайриқонунӣ мусоидат намоянд.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ ва соҳибистиклол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати аз нав сохтани тамоми пояҳои ҳуқуқии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба миён омад. Паҳншавии коррупсия дар фазои иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ бо арзи вуҷуд кардани тавлиди шаклҳои муосири танзими давлатии иқтисодиёт ба монанди; литсензиякунонӣ, бақайдгирии давлатӣ, сертификатсиякунонӣ, қарздиҳӣ, имтиёзҳо, озмунҳои хусусигардонӣ, хариди давлатӣ, ҷойгиркунии фармоишҳои давлатӣ ва ғайра алоқаманд мебошад [5, с. 8-9]. Ин фишангҳо дар сурати танзими қонунии ҳамаҷонибаи худро наёфтан, барои коррупсия шароити боз ҳам мусоидро ба миён меорад. Бояд гуфт, ки имконияти дахолати давлат ба тамоюлҳои иқтисодӣ ҳама вақт барои фоидаи шахсӣ ва ваколатҳои мансабӣ шароит фароҳам меорад.

Коррупсия дар фазои иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар чунин ҳолатҳо ба вуҷуд меояд:

- ба саркашӣ аз иҷрои вазифаҳо оид ба пардохти андозҳо, пардохтҳои гумрукӣ ва дигар боҷҳо мусоидат мекунад;

-ҷаззобияти сармоягузории иқтисодиро барои сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ суст мегардонад;

-иқтисодиётро бесамар гардонида, ба сатҳи тафаккури сохибкорон таъсири манфӣ мерасонад;

-барои азонихудкунии кумакҳои башардӯстона ва исрофкории захираҳои миллии молиявӣ, аз ҷумла маблағҳои буҷетӣ заминаҳои мусоидро фароҳам меорад;

-иқтисоди пасипардагиро қувват бахшида, имконияти буҷетии давлатро баҳри иҷро намудани барномаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ суст мегардонад;

-суиистифода кардани шахсони мансабдор дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ, аз қабили хусусигардонии моликият, маҳдудкунии рақобат ва ғайра заминаҳои нобаробари бизнесро ба миён меорад;

-хароҷоти истеҳсоли мол ва арзиши хизматрасониро зиёд мекунад, чунки ба соҳибкорон зарур меояд, ки ришваро ба арзиши молу хадамот илова кунанд;

-даромадҳои коррупсионӣ аксаран барои истеъмолот сарф мегарданд, на барои маблағгузорӣ;

-коррупсия ба фоидаи соҳибкорони қавӣ набуда, онҳоеро дастгирӣ мекунад, ки алоқаҳои хубтари сиёсӣ доранд.

-ба бесифатии молу маҳсулот ва номусоидии хизматрасонӣ оварда мерасонад.

Мавриди зикр аст, ки тибқи таҳқиқи илмии эксперти байналхалқии молиявӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иқтисодиёти пасипардагӣ то 70%-и иқтисодиёти расмиро ташкил дода, маблағҳои коррупсионии ҳар сол ҷамъоваришаванда баробари нисфи қисми даромади онҳост [6, с. 86-87]. Дар чунин ҷомеа коррупсия аксаран ҳамчун бемории сирояткунанда тамоми қишрҳои ҷомеаро сироят мекунад. Ин вазъ аксаран дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки барои коррупсия алтернативи дигаре вуҷуд надошта бошад.

Коррупсия метавонад ба онҳое таъсир расонад, ки ба доми коррупсия кашида нашудаанд. Охир ҳадди минималии барои ҳаёт зарурӣ боло рафтан мегирад, сабабҳои ифтихор намудан аз мамлакати худ бошад, баракс кам шуда, дер ё зуд аз онҳо низ талаб мекунанд, ки дар фаъолияти коррупсионӣ ширкат варзанд. Аз ин сабаб, барои бо муваффақият идора кардани корҳои худ соҳибкорон кӯшиш менамоянд бо онҳое, ки воситаҳои ҳокимияти сиёсӣ дар даст доранд, дар муносибати хуб бошанд. Бархе аз соҳибкорон барои бо ҳокимияти сиёсӣ дар алоқаи хуб қарор доштан то 60%-и даромади худро медиҳанд. Ба қавли соҳибкорон коррупсия барои онҳо кори муқаррарии ҳамарӯза аст [9, с. 262-263.]. Ин доираи шахсон нисбат ба дигар гурӯҳҳои ҷомеа бештар бо коррупсия дучор мешаванд. Ин аст як қисми ҳолатҳое, ки соҳибкорон ба коррупсия дучор мегарданд:

1. Оғоз намудани фаъолияти нав;
2. Проблемаи ҳуҷҷатҳои хисоботиро қабул кардан;
3. Тезонидани муҳлати ҳалли масоиле, ки мақомоти давлатӣ бояд бе ин ҳам ҳал намояд;
4. Сабук кардани талаботҳо ҳангоми санҷиш аз тарафи мақомоти назоратӣ;
5. Ҳимояи моликияти шахсӣ ва тиҷоратии худ аз қасди ҳарифон;
6. Паси сар кардани монеаҳои маъмурие, ки ба ривоҷи фаъолияти соҳибкорӣ халал мерасонад;
7. Фармоиши давлатӣ қабул кардан;
8. Қабул шудани қарори зарурии судиро таъмин кардан;
9. Ғолиб омадан дар мубориза барои соҳиб шудан ба моликият;
10. Ба даст овардани бартарият дар муборизаи рақобатнок;
11. Таъмини мансаб дар ҳайати ҳукумат барои намояндагони тиҷоратии худ;
12. Таъмин намудани қабули қонунгузорӣ;
13. Таъмини қабули қарори зарурии маъмурӣ;
14. Пайдо кардани муттако барои тиҷорати худ аз ҳисоби мақомотҳои давлатӣ.

Гипотезаи машҳуре мавҷуд аст, ки мувофиқи он коррупсия аз инкишофёбии институтҳои ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад. Гурӯҳе аз олимон бар он ақида мебошанд, ки сифати инкишоф ёфтани институтҳои ҳокимият, дар мадии аввал дар факторї иқтисодӣ таҷассум меёбад. Ғайр аз ин, сабаби баландшавии коррупсия аз одамоне, ки маълумоти миёнаи касбӣ надоранд, инчунин шахсони бекор ба миён меояд. Сабаби асосии даст доштан ба амалҳои коррупсионӣ ин паст будани сатҳи маоши рӯзгузаронӣ мебошад. Ин муносибат иқтисодиётро бесамар гардонида, ба шаъни мақомотҳои давлатӣ доғ меорад ва боварии мардумро ба давлат коста мегардонад. Аз ин рӯ, мо бояд ба баландшавии маърифати ҳуқуқии мардум мусоидат намоем. Пеш аз ҳама, бояд дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коррупсия ҳамчун фанни таълимӣ мавриди тадрис қарор гирад.

Бо дарназардошти ин, мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Аз охири солҳои 1990-ум, бахусус аз соли 1999 сар карда, тадбирҳои пайгирона ҷиҳати ташаккули заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ амалӣ шудаанд. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ, таъсиси сохторҳои махсуси ваколатдор ва ҷорӣ намудани барномаҳои давлатӣ аз ҷумлаи иқдомҳое мебошанд, ки ба пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ равона гардидаанд.

Бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ, маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардид, ки барои кам кардани амалҳои коррупсионӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999, №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 қабул гардида, баъдан 25 июли соли 2005 Қонуни зикргардида бо назардошти ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба тасвиб расид. Инчунин бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, №143 Агентии назорати давлатӣ, молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти он ва муайян кардани мансубияти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, 20 марти соли 2008, №374 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатӣ, молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. Соли 2008 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №34 Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 тасдиқ гардид, ки стратегияи мазкур ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ баҳри тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксари масъалаҳо дар самти муқовимат бо коррупсия бо назардошти хулосаи таҳқиқоти сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия тайи давраи сипаригашта дар кишвар халли худро ёфтанд.

Муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва татбиқи он, аз ташаббуси олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз мегардад. Самаранокии муқовимат бо коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардонии он вобастагии зич ва ногусастанӣ дорад.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010 Шурои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Шурои миллӣ – мақоми умумимиллии машваратии мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, ба ҳайати он дар баробари мақомоти давлатӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, соҳибкорон, ВАО ва дигар табақаҳои гуногуни аҳолӣ шомил мебошанд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 Стратегияи зидикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 тасдиқ карда шуд. Стратегияи зидикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати миллии зидикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия мебошад, ки баҳри паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона гардида, дар ҳамкории зичи байни мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ амалӣ карда шуд[8].

Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012 ва Қонуни ҶТ Дар бораи муқовимат бо коррупсия аз 7 августи соли 2020 қабул карда шуд, ки дар самти муқовимат бо коррупсия нақши калидиро мебозанд. Меъёрҳои зиддикоррупсионӣ, инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ», «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» низ мавҷуданд.

Дар таҳқиқоти мазкур собит гардид, ки коррупсия роҳи тӯлонӣ ва таҳаввулёбандаи таърихиро тай намудааст. Муқоиса бо давраи шуравӣ нишон медиҳад, ки муносибати ҳуқуқӣ ба коррупсия аз шакли маъмурӣ ва идеологӣ ба низоми мукаммали миллӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтааст. Агар дар замони шуравӣ муқовимат бо коррупсия асосан ба ҷазодиҳии вазнин такя мекард ва механизмҳои мустақили назорату пешгирӣ вуҷуд надоштанд, дар давраи истиқлол Тоҷикистон тавонист заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалиро барои муқовимат ба ин зуҳуроти иҷтимоӣ созмон диҳад.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия», ташкили Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, такмили пайдарпайи Кодекси ҷиноятӣ, татбиқи Стратегияҳои миллӣ ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин пайвастан ба Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба сатҳи наве аз танзими ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ овард.

Агар дар давраи шуравӣ муносибат ба коррупсия бештар сиёсикунонидашуда, амрӣ-фармонфармоӣ ва маҳдуд ба доираи моддаҳои умумии Кодекси ҷиноятӣ буд, имрӯз Тоҷикистон ба воситаи механизмҳои муосири пешгирӣ, шаффофият, рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, таҳлили хавфҳо ва ҳамкориҳои байналмилалӣ муқовимат менамояд. Ин нишон медиҳад, ки

ҷумҳурӣ аз таҷрибаи ба таври маъмурӣ идорашавандаи ИҶШС ба модели мустақили давлатӣ бо пояҳои илмӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ гузашт.

Дар натиҷа, дар давраи истиқлоли давлатӣ низоми зиддикоррупсионии Тоҷикистон нисбат ба давраи шуравӣ хеле мукаммалтар ва самараноктар гардид. Он на танҳо ба ҷазодиҳӣ, балки пеш аз ҳама, ба пешгирӣ, таҳкими масъулият, баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва ҳамгирой бо меъёрҳои байналмилалӣ равона шудааст. Хусусияти асосии марҳилаи нав он аст, ки муқовимат бо коррупсия дигар як воситаи идеологӣ набуда, балки бахши муҳимми амнияти миллӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад [10, с. 107-108].

Таҷрибаи муосири Тоҷикистон нишон медиҳад, ки таъсири қонунҳои нав, рақамикунонии хизмати давлатӣ, рушди иқтисоди бозорӣ, иштирок ва назорати ҷомеа дар коҳиш додани омилҳои коррупсионӣ нақши назаррас доранд.

Ҳамин тариқ, бо вуҷуди он ки то расидан ба сатҳи баланди шаффофият ҳанӯз корҳои зиёде лозим аст, самти умумии ислоҳот ва такмили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон тавонистааст дар муқобили коррупсия аз марҳалаи шуравӣ ба фазои сиёсати ҳуқуқии муосир ва таҷрибаи ҷаҳонӣ гузарад.

**Муқарриз: Муқимӣ С.Д. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**


1.Гилинский, Я.И., Зокирзода, З.Х. Коррупция в экономической среде предпринимательской деятельности: криминологический анализ / Я.И. Гилинский, З.Х. Зокирзода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2020 – №4 (40). – С. 102-108.

2.Гилинский, Я.И., Зокирзода, З.Х. Коррупция в экономической среде предпринимательской деятельности: криминологический анализ // Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе. – 2020. – №4 (4). – С. 23-28.

3.Зокирзода, З.Х., Давлатов, Н.М. Рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо коррупсия / З.Х. Зокирзода, Н.М. Давлатов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №3 (15). – С. 97-107.

4.Зокирзода, З.Х., Давлатов, Н.М. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо коррупсия / З.Х. Зокирзода, Н.М. Давлатов // «Субҳи Рашт». – Рашт, 2024. – №4 (76) декабри соли 2024.

5.Коррупсия дар Тоҷикистон, ақидаҳои ҷомеа. – Душанбе, 2006. – 192 с.

6.Нодиров, Ф.М., Шонасриддинов, Н. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Қисми 1. – Душанбе, 2009. – 475 с.

7.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018. – Душанбе, 2018.

8.Стратегияи зидикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 8.12.2025).

9.Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10. – Душанбе, 2007. – 319 с.

10.Шаҳрвандӣ ва иштирок дар идоракунӣ: нақши шумо дар ҷомеаи шаҳрвандии асри XXI. Дастур барои талабагон. Қисми дуввум (нашри якум). – Душанбе, 2006. – 199 с.

## ТАЪСИРИ МАНФИИ КОРРУПСИЯ БА ИҚТИСОДИЁТ

Коррупсия яке аз мушкилҳои ҷиддӣ дар замони муосир буда, он ба рушди устувори иқтисодиёт таъсири манфии худро мерасонад. Дар ин мақола моҳият ва шаклҳои асосии коррупсия, инчунин паёмадҳои иқтисодии он мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Коррупсия боиси коҳиши сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин паст шудани сатҳи рақобат, зиёд гардидани хароҷоти истеҳсолот ва коҳиши даромадҳои буҷети давлатӣ мегардад. Дар натиҷа, самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва моддиро паст намуда, рушди бахшҳои муҳимми иқтисодӣ маҳдуд мегардад.

Ҳамзамон коррупсия ба афзоиши нобаробариҳои иҷтимоӣ, бекорӣ ва камбизоатӣ мусоидат намуда, эътимоди ҷомеаро нисбат ба сохторҳои давлатӣ коҳиш медиҳад. Мубориза бар зидди коррупсия шарти муҳимми таъмини шаффофият, волоияти қонун ва рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар асоси таҳлилҳо, хулоса баровардан мумкин аст, ки коҳиши сатҳи коррупсия метавонад ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд.

**Калидвожаҳо:** коррупсия, шаффофият, иқтисодиёт, муқовимат, мубориза, зуҳурот, таъсир.

## НЕГАТИВНОЕ ВЛИЯНИЕ КОРРУПЦИИ НА ЭКОНОМИКУ

Коррупция одна из самых серьезных проблем современности, оказывающая глубокое негативное влияние на устойчивое развитие экономики. В данной статье анализируются и обсуждаются сущность и основные формы коррупции, а также ее экономические последствия. Коррупция приводит к сокращению внутренних и внешних инвестиций, а также к снижению уровня конкуренции, увеличению производственных издержек и уменьшению доходов государственного бюджета. В результате она снижает эффективность использования финансовых и материальных ресурсов и ограничивает развитие важных экономических секторов.

В то же время коррупция способствует росту социального неравенства, безработицы и бедности, а также снижает доверие населения к государственным структурам. Борьба с коррупцией является важным условием обеспечения прозрачности, верховенства права и устойчивого экономического развития. На основе анализа можно сделать вывод, что снижение уровня коррупции может способствовать улучшению инвестиционного климата и повышению уровня благосостояния населения.

**Ключевые слова:** коррупция, прозрачность, экономика, сопротивление, борьба, явление, воздействие.

## NEGATIVE IMPACT OF CORRUPTION ON THE ECONOMY

Corruption is one of the most serious problems of modern times, which has a profound negative impact on the sustainable development of the economy. This article analyzes and discusses the essence and main forms of corruption, as well as its economic consequences. Corruption leads to a decrease in domestic and foreign investments, as well as a decrease in the level of competition, an increase in production costs and a

decrease in state budget revenues. As a result, it reduces the efficiency of the use of financial and material resources and limits the development of important economic sectors.

At the same time, corruption contributes to the growth of social inequalities, unemployment and poverty, and reduces public trust in state structures. The fight against corruption is an important condition for ensuring transparency, the rule of law and sustainable economic development. Based on the analysis, it can be concluded that reducing the level of corruption can contribute to improving the investment climate and increasing the level of well-being of the population.

**Key words:** corruption, transparency, economy, resistance, struggle, phenomenon, impact.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Зокирзода Зафар Хайрулло** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63, Телефон: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Шодизода Амон Шариф –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини декан оид ба корҳои тарбияи факултети иқтисод ва идора, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон:(+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**Сведения об авторах: Зокирзода Зафар Хайрулло** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры право и государственное управление**.** Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63, Телефон: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Шодизода Амон Шариф –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель декана по учебной работе факультета экономики и управления, ассистент кафедры бухгалтеский учет и менеҷмент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Э. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**Information about the authors: Zokirzoda Zafar Khairullo** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63, Phone: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Shodizoda Amon Sharif –** Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy dean for educational work of the faculty of economics and management, assistant of the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm city, k. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

ТДУ: 336

# НАҚШИ АНДОЗҲО ДАР ТАРКИБИ БУҶЕТИ НОҲИЯҲОИ МИНТАҚАИ РАШТ

**Амирзода С.А., Шарофов Ш.Ҳ.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Барои қонеъгардонидани талаботҳои умумидавалатӣ миқдори маблағ лозим аст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ қисми муайяни он аз ҳисоби андозҳо ҷамовари карда мешавад. Ва ин нишондод дар давлатҳои ру ба ин кишоф метавонад сахмашон зиёдтар бошанд. Ва давлатҳо дар шароити муосир кушиш ба он менамоянд, ки манбаҳои иловагии таъмини буҷети минтақаҳои худро аз ҳисоби имкониятҳои нав фароҳамоварда ғани гардонанд. Ташкили манбаҳои нави андозбандӣ имкони таъмини ҷойҳои кории нав, сохтани объектҳои замонавӣ инчунин рушди истеҳсолоти маҳалии воридотивазкунанда гарданд. Дар умум саҳми андозҳо имрӯзҳо назаррас буда, аз ҷониби шахсони воқеию ҳуқуқӣ, инчунин ғайрирезиентҳо пардохт карда мешавад.

Мафҳуми андоз дар моддаи 23-и Кодекси андоз чунин оварда шудааст. “Андоз пардохти ҳатмии муқарарнамудаи Кодекси андоз ба буҷет мебошад, ки ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад (ба истиснои андози иҷтимоӣ)”[5. с, 36].

Буҷет бошад, ин нақшаи молиявӣ буда, аз қисмати даромад ва хароҷотҳо иборат аст, ки аслан барои як соли тақвимӣ таҳия гардида, дар шакли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар тасдиқ карда мешавад. Дар қонуни мазкур ҳамасола даромадҳо ва хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин, касри онҳо барои соли навбатии молиявӣ муайян ва тасдиқ мегардад. Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду сатҳ иборат буда, ба сатҳи якуми он буҷети ҷумҳуриявӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ ва ба сатҳи дуюм бошад буҷети маҳаллӣ (буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо, шаҳракҳо ва ноҳияҳои кишвар) дохил мешаванд. Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду сатҳ иборат буда, ба сатҳи якуми он буҷети ҷумҳуриявӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ ва ба сатҳи дуюм бошад буҷети маҳаллӣ (буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо, шаҳракҳо ва ноҳияҳои кишвар) дохил мешаванд.

Бинобар ин нақши андозҳоро дар таркиби буҷети кишвар дар солҳои 2022, 2024 дар диаграммаи зерин меорем.



**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024. –Саҳ. 1-3.

Чи тавре ки аз диаграммаи 1-ум бар меояд, нақши андозҳо дар соли 2022-юм ба 20 463 521 ҳазор сомонӣ ё 62% баробар буда, дар соли 2024-ум бошад ба 26 608 377 ҳазор сомонӣ ё 61% - и буҷетро ташкил мекунад. Агар таносуби соли 2024-ро нисбат ба соли 2022-юм муқоиса намоем маълум мегардад, ки буҷети кишвар дар соли 2024-ум нисбат ба соли 2022-юм 9 953 611 ҳазор сомонӣ ё 30,1% зиёд гардидааст. Агар таносуби саҳми андозҳоро назар афканем маълум мегардад, ки 5 884 565 ҳазор сомонӣ зиёд ва агар саҳми ғайриандозиро назар афканем маълум мегардад, ки 4 069 046 ҳазор сомонӣ зиёд гаштаанд. Ва агар ба нақши даромадҳои андозӣ назар афканем маълум мегардад, ки нақши андозҳо дар соли 2024 нисбат ба соли 2022-юм 1% кам гардидааст, ки аз рушди дигар соҳаҳо дар таркиби буҷети кишвар хабар медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки даромадҳо ва хороҷотҳои буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт то кунун мавриди таҳлил ва тадқиқи пурраи олимони ватанӣ қарор нагирифтааст. Чунки иқтисодиёти минтақавӣ илми ҷавон мебошад ва дар ҳоли омӯзишу тадқиқотҳои нав қарор дорад. Оиди ин масъала А.Г. Гранберг қайд менамояд, ки “Иқтисодиёти минтақавӣ бояд яке аз нуқтаи марказиро дар иқтисодиёти милли дошта бошад”[1. с, 5]. Аз нигоҳи ин олим, марказӣ илми иқтисодӣ ҳамчун низоси се-қутба сохта мешавад.

1 - макроиқтисод;

2 - микроиқтисод;

3 - иқтисодиёти минтақавӣ.

Олимони ватани низ оиди масъалаи рушди иқтисодиёти минтақаҳо тадқиқотҳо намудаанд, ки яке аз онҳо иқтисодчи И. Аминов мебошад, ки оиди минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ақида дорад.

Минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ хусусиятҳои хоси худро доранд, ки дар мавқеи географӣ, табиӣ ва иқтисодӣ зоҳир мешаванд ва заминаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёт, дар имкониятҳои тараққиёти минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда метавонанд таъсири мусбат расонанд. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки заминаи обективӣ дар якчанд минтақаҳои иқтисодӣ ва сайёҳӣ ташаккул ёбанд. Ба монандӣ: Зарафшон, Ҳисор, Вахш, Кулоб, Ғарм ва Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (ВМКБ)[2. с, 1].

Минтақаи Рашт, ки сарзамини кӯҳсор аст аз панҷ ноҳия иборат буда дар ҳудуди он захираҳои табиии гуногун вуҷуд доранд, аз ҷумла, захираҳои тиллои пошхӯрда, захираҳои маҳсулоти сохтмонӣ, оҳаксанг, захираҳои ангиштсанг, захираҳои зеризаминии оҳан ва ғайра, ки дар асоси ин захираҳо метавон дар оянда корхонаҳои коркарди тилло ва маҳсулоти сохтмониро ба роҳ монд. Инчунин, маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи растанипарварӣ, боғу токпарварӣ ва чорводорӣ метавонад дар оянда ҳамчун сарчашмаи ашёи хоми маҳаллӣ ва замина барои бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ, аз ҷумла, корхонаҳои коркарди шир, пашму пӯст ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шавад. Истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва дар ин замина ба роҳ мондани бунёди корхонаҳои хурду миёна, метавонанд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми минтақа, ғанӣ гаштани қисми даромади буҷети ноҳияҳои минтақа заминаи устувор гузорад.

Зикр бояд намуд, ки имрӯзҳо ноҳияҳои минтақа қисми зиёди даромади буҷети худро ҳамчун маблағгузорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) қабул менамояд, ки ин ба афзоиши буҷети ҷумҳуриявӣ ва дар маҷмуъ ба рушди иқтисодии кишвар таъсири манфи мерасонад. Ва норасоии маблағ ба шароиту омилҳои гуногуни ноҳияҳои минтақа аз қабили набудани ҷойҳои корӣ, нарасидани мутахасисони соҳа, кам ҷалб гардидани сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ шаҳодат медиҳад. Ҳангоми таъмин будани сатҳи даромади буҷети маҳал ва озод будани ноҳияҳо ва минтақаҳои кишвар аз субвенсия имкониятҳои рушди иқтисодии кишвар меафзояд. Аммо, то ба ҳол маблағгузорӣ аз ҷониби буҷети ҷумҳуриявӣ бинобар сабаби рушд накардани инфрасохтори саноатӣ, ҷалб нагардидани сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ва рушд накардани фаъолияти соҳибкорӣ ба буҷетҳои ноҳияҳои минтақаи Рашт мушоҳида мегардад.

Ҳангоми таҳлили моҳияти андозҳо саҳми онҳоро дар таркиби буҷети минтақавӣ ва кишвар мавриди таҳлил қарор дода, натиҷа онро дар ҷадвали зерин пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 1. – Саҳми андозҳо дар таркиби буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт дар соли 2024 (сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Номи ноҳияҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Рашт | Нуробод | Тоҷикобод | Лахш | Сангвор |
| Андози даромад | 23383494 | 11047611 | 5819383 | 8315165 | 7070406 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 3444940 | 1180987 | 94181 | 771009 | 853903 |
| Низомҳои махсуси андозбандӣ | 8684695 | 2753254 | 2666123 | 3 868 697 | 1798963 |
| Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 494050 | -- | -- | -- | 9151825 |
| Андози иҷтимоӣ | -- | --- | -- | --- | --- |
| Андоз аз фуруш(алюминийи аввалия) | -- | --- | --- | --- | --- |
| Андозҳо аз молу мулк | **7203596** | **3622991** | 2130885 | 4653210 | 1138779 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои солонаи Раёсатҳои молияи ноҳияҳои Рашт, Нуробод,Тоҷикобод, Лахш ва Сангвор – С. 8-9.

Аз маълумоти ҷадвали 1 мушоҳида мегардад, ки нақши андозҳо дар таркиби буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт назаррас буда аз ҳама зиёд саҳми андози даромад дар таркиби буҷетҳои ноҳияҳои минтақа мавҷуд мебошад. Аммо арқомҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки дар байни ноҳияҳо андози даромад дар ноҳияи Рашт нисбат ба дигар ноҳияҳои минтақа зиёдтар мебошад. Вале ҳамагӣ дар ноҳияҳои минтақа андозҳо барои захираҳои табиӣ танҳо дар ду ноҳия, ноҳияи Рашт ва Сангвор мавҷуд мебошад, ки пардохтпазирии ин намуди андоз дар ноҳияи Сангвор нисбат ба ноҳияи Рашт 8657775 сомонӣ зиёд мебошад.

Ва роҷеъ ба ин Деҳқонов С.А. чунин қайд менамояд, ки “Бо ҷалби сармоягузориҳо корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ бунёд намуда, мардуми маҳал бо ҷои кор таъмин шуда, ҳамзамон даромадҳои худии минтақа афзоиш меёбанд”[4. с, 153].

Бо мақсади боз ҳам зиёд кардани манбаҳои даромадҳои худдӣ дар таркиби қисми даромади буҷети минтақаи Рашт аз ҳисоби манбаҳои андозию ғайриандозӣ бояд ҷалби имкониятҳои мавҷуда дар минтақа дар самти вусъат бахшидан пешниҳод менамоем, ки барои рушди ноҳияҳои минтақаи Рашт вусъат додани чунин соҳаҳо заруранд:

- соҳибкории истеҳсолӣ, хусусан: таъсиси корхонаҳои хурди истеҳсолӣ барои коркарди маваю сабзавот (шарбатҳои мева, хокаи картошка, крахмал);
- корхонаҳои коркарди сангҳои қиматбаҳо;
- сохтани неругоҳҳои обии барқӣ;
- рушди соҳаи сайёҳӣ ва моҳипарварӣ;
- рушди соҳаи чорводорӣ ва парандапарварӣ;
- рушди соҳаи боғдорӣ ва занбури асалпарварӣ;
- бо оби полезӣ таъмин намудани заминҳои кишти ноҳияҳои минтақа;
- ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорони маҳаллӣ;

Ҳамзамон барои рушди минтақа ва зиёд намудани даромадҳои худди ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷи яке аз роҳҳои асоси маҳсуб меёбад. Ва мафҳуми сармоягузориро иқтисодчии рус Голованова Л.А. чунин шарҳ додааст. Сармоягузорӣ - " пули нақд, коғазҳои қиматнок, амволи дигар, аз ҷумла ҳуқуқи моликият, дигар ҳуқуққое, ки арзиши пулӣ доранд, ба объектҳои соҳибкорӣ ва (ё) фаъолияти дигар гузошташуда бо мақсади ба даст овардани фоида ва (ё) ба даст овардани самараи дигари судбахш мебошад.

Дар умум метавон қайд намуд, ки барои зиёд намудани манбаъҳои андозбандӣ ва даромадҳои худдӣ яке аз механизми асосии қабули барномаҳои рушди иҷтимои иқтисодии минтақа, татбиқи рушди технологияҳои муосир ва саноатикунонии босуръати кишвар мебошад, ки иҷроиш ва татбиқи он аз мутахассисони баландихтисос вобаста мебошад.

Аз ин лиҳоз, Деҳқонов С.А. чунин қайд меномояд, ки “Баҳри афзун гардонидани манбаҳои даромадҳои худдӣ бояд ба таъсиси корхонаҳои хурди саноатӣ, аз қабили корхонаҳои коркарди меваю сабзавот (шарбатҳои мева, хокаи картошка, крахмал), корхонаҳои истеҳсоли пашму пӯст, дӯзандагӣ, коркарди масолеҳи сохтмонӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ, бунёди инфрасохтори муосири минтақа аҳамияти махсус зоҳир намудан бомаврид мебошад”[3. с,111].

Бо ҷалби сармоягузориҳои дохили ва хориҷӣ метавон ба рушди минтақа таъсири саривақтиро расонид, чунки дар минтақа сармоягузорони мувафақ мавҷуд мебошанд ва фақат онҳо бояд ҳавасман ва ҷалб карда шаванд. Бо ҷалби сармоягузориҳо корхонаҳои хурду бузурги саноати бунёд намуда мардуми маҳал бо ҷои кор таъмин шуда ҳамзамон даромадҳои худии минтақа афзоиш меёбанд.

Чи тавре, ки Ф.С. Убайдов қайд менамояд “Дар замони муосир давлат барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо аҳамият зоҳир менамояд, вале ҷидду ҷаҳд асосан ба ҳавасмандсозии рушди минтақаҳои ақибмонда равона шудааст, на ба бартараф кардани сабабҳои ақибмонии онҳо”[8. с. 40]. Бинобар ин масъулини соҳаро зарур мешуморем, ки барои бартараф намудани соҳаҳои рушд накардаи ноҳияҳои минтақа чораҳои заруририро андешанд.

Аз руйи таҳлилҳои гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, нақши андозҳо дар таркиби буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт назаррас мебошад. Аммо иқтисодиёти мусир тақозои онро дорад, ки рӯз то рӯз нақши андозҳоро то андазе

кам намоем. На аз ҳисоби кам кардани манбаҳои андозбандӣ балки аз ҳисоби паст намудани меъёрҳои андозҳо. Ва бо ҷойи он рушди дигар манбаъҳоро ҷонок намудан лозим, чунки метавонад аз дигар манбаҳо таркиби буҷети кишвар ғани гардад.

**Муқарриз: Саидзода А.С. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**


1.Алехин Э.В. Региональная экономика и управление. Пенза 2007г. - Ст. 5.

2.Аминов И. Природно экономические зоны Республики Таджикистон: состояние и перспективы статья - Ст. 1.

3.Деҳқонов С.А. Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт) [Матн]: дис. ...ном. илм. иқтисодӣ: 08.00.03 / Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич. – Душанбе, 2024. – 181 с.

4.Деҳқонов С. А. Асосҳои назариявӣ ва таҳлили молиявии ноҳияҳои минтақаи Рашт [Матн] / С. А. Деҳқонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - №5. - С. 146-155.

5.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. - С. 36.

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024. – С. 1-3.

7.Убайдов Ф.С., Деҳқонов С. А. Асосҳои назариявӣ ва методологии нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақавӣ [Матн] / Ф.С. Убайдов, С. А. Деҳқонов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2021. - №4/1 (29). - С. 39-45

8.Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Рашт барои соли 2019-2024. – С. 8-9.

9.Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Тоҷикобод барои соли 2019-2024. – С. 8-9.

10.Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Лахш барои соли 2019-2024. – С. 8-9.

11.Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Нуробод барои соли 2019-2024. – С. 8-9.

12Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Сангвор барои соли 2019-2024. – С. 8-9.


## НАҚШИ АНДОЗҲО ДАР ТАРКИБИ БУҶЕТИ НОҲИЯҲОИ МИНТАҚАИ РАШТ


Дар мақола нақши андозҳо дар таркиби буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Ва оиди ташкили манбаҳои нави андозбандӣ сухан рафта, қайд мегардад, ки ташкили манбаҳои нави андозбандӣ имкони таъмини ҷойҳои кории нав, сохтани объектҳои замонавӣ инчунин рушди истеҳсолоти маҳалии воридотивазкунанда гарданд. Дар умум саҳми андозҳо имрӯзҳо назаррас буда, аз ҷониби шахсони воқеию ҳуқуқӣ, инчунин ғайрирезиентҳо пардохт карда мешавад.


Ҳангоми таҳлил маълум гардид, ки нақши андозҳо дар таркиби буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт назаррас буда аз ҳама зиёд саҳми андози даромад дар таркиби буҷетҳои ноҳияҳои минтақа мавҷуд мебошад. Аммо арқомҳои ҷадвали нишон медиҳанд, ки дар байни ноҳияиҳо андози даромад дар ноҳияи Рашт нисбат ба дигар ноҳияҳои минтақа зиёдтар мебошад. Вале ҳамагӣ дар ноҳияҳои минтақа

андозҳо барои захираҳои табиӣ танҳо дар ду ноҳия, ноҳияи Рашт ва Сангвор мавҷуд мебошад, ки пардохтпазирии ин намуди андоз дар ноҳияи Сангвор нисбат ба ноҳияи Рашт 8657775 сомонӣ зиёд мебошад.

**Калидвожаҳо:** нақши андозҳо, буҷети ноҳияҳои минтақа, даромадҳои андозӣ, истеҳсолоти маҳаллӣ, даромадҳои ғайриандозӣ, иқтисодиёти муосир, рушди иқтисод, манбаъҳои нави андозбандӣ.

## РОЛЬ НАЛОГОВ В СОСТАВЛЕНИИ БЮДЖЕТА РАЙОНА РАШТТСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье анализируется и обсуждается роль налогов в бюджетной структуре районов Раштской области. Говоря о создании новых источников налогообложения, отмечается, что это позволит создать новые рабочие места, построить современные объекты и развивать местное импортозамещающее производство. В целом, доля налогов сегодня значительна и уплачивается физическими и юридическими лицами, а также нерезидентами.

В ходе анализа было установлено, что роль налогов в бюджете районов Раштской области значительна, и наибольшая доля подоходного налога в бюджете районов области приходится на подоходный налог. Однако данные в таблице показывают, что среди районов подоходный налог выше в Раштском районе, чем в других районах области. При этом во всех районах области налоги на природные ресурсы существуют только в двух районах, Раштском и Сангворском, и платежеспособность этого вида налога в Сангворском районе на 8657775 сомони выше, чем в Раштском районе.

**Ключевые слова:** роль налогов, бюджеты региональных округов, налоговые поступления, местное производство, неналоговые поступления, современная экономика, экономическое развитие, новые источники налогообложения.

## THE ROLE OF TAXES IN THE BUDGET COMPOSITION OF THE DISTRICT OF THE RASHT REGION

The article analyzes and discusses the role of taxes in the budget structure of the districts of the Rasht region. And speaking about the creation of new sources of taxation, it is noted that the creation of new sources of taxation will provide an opportunity to provide new jobs, build modern facilities, and develop local import-substituting production. In general, the share of taxes today is significant and is paid by individuals and legal entities, as well as non-residents.

During the analysis, it was found that the role of taxes in the budget of the districts of the Rasht region is significant, and the largest share of income tax in the budget of the districts of the region is in the form of income tax. However, the figures in the table show that among the districts, income tax is higher in Rasht district than in other districts of the region. However, in all districts of the region, taxes on natural resources are only in two districts, Rasht and Sangvor, and the solvency of this type of tax in Sangvor district is 8657775 somoni higher than in Rasht district.

**Keywords:** The role of taxes, regional district budgets, tax revenues, local production, non-tax revenues, modern economy, economic development, new sources of taxation.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Амирзода Соҳибназар Амирхоҷа** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини ректор оид ба

иқтисод ва хоҷагидорӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 988-19-20-19. E-mail: dot.sd@mail.ru

**Шарофов Шарифҷон Ҳомидхуҷаевич –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини сармуҳосиб. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 918-44-71-59.

**Сведения об авторах: Амирзода Сохибназар Амирходжа** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, проректор по экономики и хозяйству, кандидат экономических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, улица Э. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 988-19-20-19. E-mail: dot.sd@mail.ru

**Шарофов Шарифжон Хомидхуджаевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель главного бухгалтера. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, улица Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 918-44-71-59.

**Information about authers: Amirzoda Sohibnazar Amirkhoja –** Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy rector for economics and business administration, candidate of economic sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 988-19-20-19. E-mail: dot.sd@mail.ru

**Sharofov Sharifjon Homidkhujaevich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy chief accountant. Address: 734025, Republic of Tajikistan, city of Gharm, k. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 918-44-71-59.

**ТДУ: 338.2(575.4)**

## ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ МУАССИСАҲОИ МОЛИЯВИЮ БОНКӢ

**Саидзода А.С., Умаров У., Маҳмадов А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар зомони муосир татбиқи тахнологияҳои муосир, бахусус, дар идоракунии низоми молиявию бонкӣ ба таври густарда рушди бомаром дорад. Дар баробари ин, сатҳи татбиқи технологияҳои муосир дар раванди идоракунии муассисаҳои молиявию бонкӣ ҳанӯз ҳам ба такмил ниёз дорад. Дар чунин шароит, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии татбиқи технологияҳои муосир дар раванди идоракунии муассисаҳои молиявию бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Моро зарур аст, ки баҳри амалӣ гардидани аҳдоф аз технологияҳои нав ва худкор дар раванди идоракунии техникии муассисаҳои молиявию бонкӣ бо мизоҷон хизмат намоем ва дар ин ҳолат хатарҳои техникӣ ва молиявиро метавонем коҳиш диҳем. Аслан, муассисаҳои молиявию бонкӣ барои мутобиқ шудан ба талаботи бозор ва коҳиш додани хавфҳо инчунин, баланд бардоштани  рақобатпазирӣ маҷбуран аз технологияҳои муосир дар тамоми зинаҳои идоракунӣ ба таври зарурӣ истифода намоянд.

Албата, ҷорӣ намудани ин намуди низоми идоракунӣ то Истиқлолияти давлатӣ дар муассисаҳои молиявию бонкӣ рушд накарда буд [6, с. 47-52]. Бояд ёдовар шуд, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ рушди тамоми низомҳо

бараъло ба чашм мерасанд. Бояд хотирнишон сохт, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, бахусус, дар муассисаҳои молиявӣ ва бонкӣ, асосан дар охири солҳои 90-ум пайдо шуданд, ки ин барои аз нав сохтани қариб тамоми соҳаҳои мамлакат зарурат пеш омад [3, с. 172-178].

Агар мо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардозем, мебинем, ки дар моддаи 2-и қонуни мазкур чунин омадааст: «…доираи муайяни муносибатҳои молиявӣ, ки дар раванди онҳо маблағҳои пулӣ ташаккул мееёбанд ва истифода бурда мешаванд. Низоми молияи давлатӣ шакл ва усуҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои пули давлатиро муайян менамояд» [2, с. 2] пас, мо агар дар раванди амалишавӣ аз технологияҳои иттилоотии пешқадам ва муосир истифода намоем, низоми молиявию бонкии кишвар бо натиҷаҳои мусбат хоҳад расид.

Доир ба ин, Д.Б. Қодирзода ба он назар аст, ки «…дар бозори технологияҳои иттилоотӣ роҳи ягонаи магистралии рушд вуҷуд надорад ва пайдоиши гурӯҳҳои нави низомҳои интенсивнокӣ ва рушди фаъалияти корхонаҳо ва дигар хоҷагиҳо дар кишвар вобастагии ногусастани дорад» [1, с. 86-89]. Аз ин нуктаи назар бар меояд, ки баҳри амалӣ гардидани аҳдоф моро зарур аст, ки аз технологияҳои нав ва худкор дар раванди идоракунии техникии муассисаҳои молиявию бонкӣ ба таври густарда истифодаи бомаром намоем. Муносибатҳои нави идоракунӣ моро маҷбур месозад, ки усулҳои нави идоракунии мавҷудбуда, иваз карда шаванд. Масалан, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин омадааст: «…дар низоми идоракунӣ аксари механизмҳо ба таври лозими рушд наёфтаанд, ки онҳо бояд дар таъмини рушди индустриалию инноватсионӣ нақши муҳимро бозанд» [11].

Дар ин минвол, муҳақиқи ватанӣ Д.А. Ҳодиев қайд менамояд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъолу комилҳуқуқӣ иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва равандҳои дар ҷараёнбудаи ҷаҳонишавӣ мебошад, инкишофи шаклҳои навӣ идоракунӣ, ба миён овардани фановариҳои муосир, гузаронидани таҳқиқот ва коркардҳои муштарак ба баланд бардоштани ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ, барои хоҷагии халқи кишвари мо басо муҳимму мубрам арзёбӣ мегардад» [7, с. 87-93]. Бояд зикр намуд, ки имрӯзҳо ин воситаҳои қабулшуда моро қонеъ гардонида наметавонанд ва дараҷаи таҳқиқи техникии низоми молиявию бонкӣ дар маҷмуъ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ намебошанд.

Бояд тазаккур намуд, ки дар ин масъала яке аз муҳақиқи машҳур (Futurologe) –и амрикоӣ Э. Тоффлер қайд менамояд, ки «…маҳз бо истифода аз технологияҳои муосир дар раванди идоракунии муассисаҳои молиявию бонкӣ ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва коҳиш додани харҷ имконпазир мегардад» [5, с. 165-173]. Умуман, дар пешниҳоди худ Э. Тоффлер, технологияҳои муосирро калиди ҳалли ҳама гуна мушкилот, аз ҷумла, ҳалли мушкилоти идоракунӣ арзёбӣ намудааст. Моро зарур аст, ки аз технологияи муваффақ ба таври густарда дар низоми молиявию бонкӣ ва дигар муассисаву ташкилотҳои кишварамон истифодаи бомаром намоем.

Татбиқи мушоҳидаҳои технологияҳои муосир дар низоми идоракунии муассисаҳои молиявӣ ва бонкӣ ҳамчун ҷузъи раванди трансформатсияи рақамӣ арзёбӣ мегардад. Трансформатсияи рақамӣ – ин раванди ҳамгирои технологияҳои рақамӣ ба тамоми самтҳои фаъолияти ташкилот мебошад, ки боиси тағйирёбии сохти идоракунӣ дар низоми молиявӣ мегардад. Трансформатсияи рақамӣ имрӯз ба раванди ҷаҳонишавӣ шиддат бахшидааст.

Ҳамчунин, дар ҷорӣ кардани технологияҳои муосир дар ҳама самтҳои соҳибкорӣ барои самаранокии равандҳои кории ҳар як бахш зоҳир мегардад, бахусус, дар муассисаҳои молиявию бонкӣ [4, с. 27]. Бояд хотирнишон сохт, ки дар низоми молиявию бонкӣ истифодаи технологияҳои муосир аз қабили ҳуши маснуъӣ, платформаҳои рақамӣ, ҳамиёнҳои мобилӣ, QR code ва низомҳои автоматии идоракунӣ зиёд истифода мешаванд, аммо дар амалияи идоракунии низоми молиявӣ ва бонкӣ татбиқи ин гуфтаҳо хуб ба чашм намерасанд. Технологияҳои мазкур имкон медиҳанд, ки қарорҳои идоракунӣ дар асоси таҳлили амиқи маълумот қабул ва дар амалия истифода шаванд.

Масалан, амалияи идоракунии низоми молиявӣ ва бонкии моро зарур аст, ки пулҳои электрониро бо пулҳои нақдӣ ҳарчи тезтар иваз намояд ва ба ҷои пулҳои нақдӣ аз пулҳои электронӣ дар низоми молиявӣ ва бонкии кишвар истифода намоянд.

1. Дар асоси низомҳои худкори идоракунӣ метавонем, миқдори пулҳои нақдии дар муомилот бударо коҳиш диҳем ва баҷои пулҳои нақдӣ пулҳои электрониро дар муомилот зиёд намоем.

2. Дар асоси низомҳои худкори идоракунӣ ба низом даровардани қарздиҳӣ, дохил кардани бонкҳо ба низоми ягонаи муомилоти электронӣ, яъне, бонк имкони дар як вақт иҷро намудани уҳдадориро дорад.

3. Дар асоси низомҳои худкори идоракунии бонкӣ имкони пастнамудани ҳолатҳои киберӣ, монеъ шудан дар сохтани ҳуҷҷатҳои қалобӣ ва инчунин, монеъ шудан дар ҳолатҳои корупсионӣ мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки идоракунии низоми молиявию бонкӣ бо истифода аз технологияҳои муосир дар раванди идоракунӣ бо як қатор дастовардҳои муфид ноил гардид: 1. Ба воситаи технологияҳои муосир дар бонкҳо то андозае хавфи қарзро пешгӯи менамоянд; 2. Ҳолатҳои қалобиро ошкор месозанд; 3. Амнияти иттилоотиро тақвият мебохшанд.

Марбут ба ин масъала, моро мебояд диққати асосии худро бо нишондоди татбиқи технологияҳои муосир равона созем, чунки таҳлили вазъи низоми молиявию бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои рушди технологияҳои муосир мавҷуданд, вале зарурати гузариш аз рақамикунонии ибтидоӣ ба идоракунии интелектуалӣ ба миён омадааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло мебинем, ки соли 2019 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи иқтисоди рақамӣ» қабул намуд. Ин ташаббус барои пурра ҷори намудани технологияҳои муосири молиявӣ ва дар ин баробар коҳиш додани маблағҳои нақдӣ дар муомилоти пулӣ мусоидат менамояд [6, с. 47-52]. Чунин консепсия муҳаррики асосии рушди иқтисодии инноватсионӣ ва тағйироти иҷтимоии ҷаҳони муосирро таъмин менамояд. Бояд тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисоди рақамӣ аҳамияти хосса дорад, зеро он ба такмили иқтисодиёт, тағйири сохтори он ва ҳамгироӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Рақамикунонӣ ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои нави тиҷорат, рушди соҳаҳои нави иқтисодиёт, инчунин, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Дар робита ба ин, ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт санаи 28-уми декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2025-2030-ро «Солҳои рушди

иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» [10], эълон намуда, зарурати таъмини пурраи хизматрасониҳои давлатиро таъкид доштанд.

Бо назардошти рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин имкониятҳои назарас мавҷуд мебошад:

1. Рушди ҳамгирои бонкҳо бо платформаҳои давлатӣ (e-government);
2. Васеъ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ дар савдои чакана;
3. Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи киберамният ва ғ.

Бояд ёдовар шуд, ки айни ҳол имконияти рушди технологияҳои муосир то андозае рақобатпазир нестанд ва бо ин минвол расидан ба ҳадафҳои дарозмудат пурра истифода бурда намешаванд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармуданд: «Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузорону соҳибкорон тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд»[9]. Ба андешаи мо, яке аз чунин чораҳо ин рушди ҳамкориҳо дар самти идоракунии низоми молиявӣ ва бонкӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Агар мо, ба «Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар бахши низоми самарабахши идоракунӣ назар афканем мебинем, ки чунин омадааст: «...ҳалли бо муваффақияти масъалаҳои рушди минбаъда, пеш аз ҳама, бо фаъалияти самаронокии низоми идоракунӣ, ки дар истифодаи якҷояи оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, алоқаманд мебошад. Шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ омили муҳим буда, қобилияти таъмин намудани рушди пешгирикунанда, индустриалӣ ва инноватсионии кишварро дорост» [11]. Ба андешаи мо, баланд бардоштани рушди устувории низоми молиявию бонкӣ, аз ташаккули сармоя, беҳтар намудани хизматрасонии бонкӣ, навсозии таъминоти иттилоотӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, сатҳи саводнокии молиявию бонкӣ, таъмини рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, ҷори намудани стандартҳои ягони муосир ва технологияҳои муосир вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, зарурати таъмини рушди минбаъдаи бозори молиявию бонкӣ ба миён меояд, зеро дар марҳилаи ниҳоӣ фаъолияти он технологияҳо бартарӣ доранд. Бинобар ин, рушди низоми бонкии кишвар, рушди бахшҳои дигари бозори молиявиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, сиёсати молиявию бонкӣ бояд ба васеъ намудани доираи амалиёт ва хизматрасонии бонкӣ нигаронида шавад. Албатта, ин таъсиси марказҳои нави хизматрасонии молиявӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди миллӣ ва хориҷӣ, инчунин, таҳияи чунин механизмҳоро тақозо мекунад, ки ба рушди фаъолияти бонкӣ мусоидат кунад. Ҳамин тариқ, рушди сегментҳои дигари молиявии кишвар, барои рушди низоми молиявию бонкии кишвар заминаи устувори молиявӣ фароҳам оварда, дар навбати худ рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкиро дар бозори молиявӣ таъмин менамояд. Таъмини рушди устувори молиявӣ ва пардохтпазирӣ яке аз масъалаҳои асосии низоми молиявию бонкии кишвар мебошад. Мавҷудияти чунин унсурҳо аз рушди устувори молиявии бахши бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Аз ин лиҳоз, яке аз самтҳои афзалиятнокӣ сиёсати молиявию бонкии кишвар, таъмини пардохтпазирӣ ва қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои молиявию бонкӣ дар шароити бозор ба ҳисоб меравад. Бонк дар ҳамон сурат бозоргир ҳисобида мешавад, ки агар вай пули нақд ва дигар дороиҳоро сари вақт баргардонида тавонад [8, с. 176-182]. Инчунин, вобаста ба таъмини устувории

фаъолияти молиявию бонкӣ қайд намудан зарур аст, ки яке аз омилҳои муҳимтарини рушди бонкҳо мавҷудияти мутахассисони баландихтисос мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки сатҳи баланди касбии кормандони молия ва бонкдорӣ инчунин, дигар кормандон бевосита таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани санъати тахассусии кормандони муассисаҳои молиявию бонкӣ, бахусус, бонкҳои тиҷоратӣ самти муҳимми сиёсати ташкилотҳои молиявӣ эътироф гардад [5, с. 165-173]. Бояд тазаккур дод, ки бо васеъ шудани муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва рушди ҷаҳонишавӣ дар саросари ҷаҳон, низоми молиявию бонкӣ низ мисли дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ҳамдигарро пурра менамоянд. Агар низоми молиявию бонкӣ иштибоҳ ва таваккал кунанд, пас, оқибатҳои манфӣ ба кишварҳои дигар бараъло мерасад [8, с. 176-182].

Дар асоси ин гуфтаҳо, ба стандартҳои байналмилалӣ ба низоми молиявию бонкӣ имкон медиҳад, ки дар раванди дарозмудат самаранокии рушдро афзоиш диҳад. Дар шароити рушди сегментҳои дигари бозори молиявӣ мо имкон дорем, ки хизматрасонии бонкиро дар асоси ташаккули онҳо ба яке аз қувваҳои пешбарандаи фаъолияти иқтисодии кишвар табдил диҳем. Барои баҳодиҳии низоми молиявию бонкии кишвар дар иқтисодиёт ва фаъолияти иқтисодӣ нишондиҳандаҳои гуногун мавҷуданд, ки дар асоси онҳо воқеияти рушди бахши бонкӣ муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, барои рушди босуботи низоми молиявию бонкӣ бояд ба бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин механизмҳои рушди бозори молиявӣ диққати махсус диҳем. Қобили зикр аст, дар баробари бонкҳо дигар ниҳодҳои молиявии кишвар дар самти таъмини рушди устувори молиявӣ бояд ташаккул ва инкишоф дода шаванд. Аз тарафи дигар, чунин иқдом ба рушди ин ниҳодҳо мусоидат намуда, барои рақобатпазирии бозори молиявии кишвар заминаи мусоид мегузорад.

Аз ин рӯ, сиёсати молиявии кишварҳои пешрафта ба диверсификатсияи амалиёти молиявӣ тавассути ташкилотҳои ғайрибонкӣ нигаронида шудааст. Барои ноил шудан ба ин мақсад, ягне аз қабили таъсиси дигар ташкилотҳои ғайрибонкӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои амалиёти гуногуни бонкӣ ва ғайрибонкӣ, васеъ намудани механизми танзими бонкӣ ва ғайра корҳои зиёдеро анҷом додан ба манфиати кор аст. Дар ин шароит, дигар муассисаҳои ғайрибонкӣ ташкил карда мешавад, ки барои гаронии ташкилотҳои молиявии тиҷоратиро ба дигар муассисаҳо тақсим намуда дар чунин шароит мувозинати молиявиро дар кишвар таъмин мекунанд [12]. Дар охир, бо чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мушкилоти асосӣ дар татбиқи технологияҳои муосир, бахусус, дар шароити идоракунии низоми молиявию бонкӣ инҳо буда метавонанд:

1. Заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ такмил ва таҳкими дастрасии рушди устувори молияи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Фарогирии нобаробарии минтақаҳо бо нуктаҳои дастрасии воқеӣ;
3. Нокифоягии фаъолнокии шабакаҳои терминалӣ ва бонкоматҳо;
4. Фарогирии маҳдуди интернет, арзиши баланд, суръати нокифоя, мушкилоти пайвастшавӣ;
5. Маҳдудияти функсионалии кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамиёнҳои электронӣ;
6. Нокифоягии пайвастии амалиётҳои интиқоли маблағ ва ҳамиёнҳои электронӣ бо суратҳисобҳои бонкӣ ва ғ.

**Муқарриз: Амирзода С.А. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Кодиров Д.Б., Мухсинов Д.С. Информация - фактор экономического роста [Текст] / Д.Б. Кодиров, Д.С. Мухсинов. – Душанбе, 2014. – 172 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13.11.2023. – №2009. Моддаи 2. – С.2. Https://mmk.tj/content.

3. Миршарипов Э.К. Роль информационных ресурсов в системе факторов развития стратегического партнерства промышленных предприятий [Текст] / Э.К. Миршарипов, А.С. Махмадуллоев // Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе. Серия: Право, история и экономические науки. – 2025. – № 1(3). – С. 172-178.

4. Маҳмадуллоев А.С. Масоили мубрами густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев. – Нашри аввал. – Душанбе : «Эр-граф», – 2025. – 2020 с.

5. Деҳқонов С.А. Системаҳои иттилоотию иқтисодӣ - бахши муҳимми фаъолияти идоракунии корхона [Матн] / С.А. Деҳқонов, Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. – №1(1). – С. 165-173.

6. Маҳмадуллоев А.С. Таъмини самаранокии истифодабарии фановариҳои иттилоотию иртиботӣ дар менеҷменти муосир [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 4-1. – С. 47-52.

7. Ҳодиев Д.А. Ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / Д.А. Ҳодиев, А.С. Маҳмадуллоев, Ҳ. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №4. –С.87-93.

8. Олимов У.М. Роҳҳои такмили низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.М. Олимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 7. – С. 176-182.

9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ "Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш. Душанбе, аз 23.12.2022. [манбаи электронӣ]. http: // President. Tj /node /29823 (санаи муроҷиат 10.02.2026).

10 Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ "Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш. Душанбе, аз 28.12.2024. [манбаи электронӣ]. https://prezident.tj/event/news/49225 (санаи муроҷиат 23.02.2026)

11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – Душанбе, 2016.

12. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 – Душанбе, 2022. – 74 с. Https:// www.nbt. Tj/files. /program/ national _ srategy_tj.

## ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ МУАССИСАҲОИ МОЛИЯВИЮ БОНКӢ

Дар мақолаи мазкур, масъалаҳои татбиқи технологияҳои муосир дар раванди идоракунии муассисаҳои молиявию бонкӣ барраси гардида, таъсири рақамикунонӣ ба самаранокии идоракунӣ, идоракунии хавфҳо, инчунин, рушди низоми идоракунии хизматрасониҳои бонкӣ, баланд бардоштани шаффофият ва рақобатпазирии бонкҳо таҳлил карда шудааст. Муаллифон омилҳои асосии

трансфарматсияи рақамӣ, мушкилоти татбиқ ва самтҳои афзалиятноки рушди технологиро дар раванди идоракунии муассисаҳои молиявию бонкӣ муайян намуда, бартариятҳои технологиро дар идоракунии муасисаҳои молиявию бонкӣ зикр намудаанд. Дар доираи таҳқиқот моҳият, зарурият ва самтҳои асосии татбиқи технологияҳои рақамӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ҳамзамон таъсири технологияҳои муосир ба рақобатпазирии муассисаҳои молиявию бонкӣ ва дар ин асос таҳлилҳо, тавсияҳо ҷиҳати такмили низоми идоракунии муассисаҳои молиявию бонкӣ пешниҳод гардидааст.Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ ба беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ, кам шудани хароҷоти амалиётӣ ва таҳкими суботи молиявӣ мусоидат мекунанд.

**Калидвожаҳо**: идоракунӣ, технологияҳои муосир, рақамикунонӣ, идоракунии бонкӣ, хавфи молиявӣ, трансфарматсияи рақамӣ, муассисаҳои молиявӣ, рушди низоми молиявӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, идоракунии муассисаҳои молиявию бонкӣ.

## РЕАЛИЗАТЦИЯ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВЫМИ И БАНКОВСКИМИ УЧРЕЖДЕНИЯМИ

В данной статье рассматриваются вопросы реализатция современных технологий в процесс управления финансово-банковскими учреждениями, анализируется влияние цифровизации на эффективность управления, управление рисками, а также развитие системы управления банковскими услугами, повышение прозрачности и конкурентоспособности банков. Авторы определяют основные факторы цифровой трансформации, проблемы внедрения и приоритетные направления технологического развития в процессе управления финансово-банковскими учреждениями, а также выделяют технологические преимущества в управлении финансово-банковскими учреждениями. В исследовании рассматривается сущность, необходимость и основные направления внедрения цифровых технологий. Одновременно анализируется влияние современных технологий на конкурентоспособность финансово-банковских учреждений, и на этой основе представлены рекомендации по совершенствованию системы управления финансово-банковскими учреждениями. Результаты анализа показывают, что использование цифровых технологий способствует повышению качества услуг, снижению операционных издержек и укреплению финансовой стабильности.

**Ключевые слова:** управление, современные технологии, цифровизация, банковское управление, финансовый риск, цифровая трансформация, финансовые учреждения, развитие финансовой системы, банковские услуги, управление финансово-банковскими учреждениями.

## IMPLEMENTATION OF MODERN TECHNOLOGIES IN THE MANAGEMENT OF FINANCIAL AND BANKING INSTITUTIONS

This article examines the implementation of modern technologies in the management of financial and banking institutions, analyzing the impact of digitalization on management efficiency, risk management, and the development of banking services management systems, as well as increasing the transparency and competitiveness of banks. The authors identify the key factors of digital transformation, implementation challenges, and priority areas for technological development in the management of financial and banking institutions, and highlight the technological advantages in the management of financial and banking institutions. The study

examines the nature, necessity, and key areas of digital technology implementation. It also analyzes the impact of modern technologies on the competitiveness of financial and banking institutions, and, based on this, presents recommendations for improving the management system of financial and banking institutions.The analysis shows that the use of digital technologies contributes to improved service quality, reduced operating costs, and stronger financial stability.
**Key words:** management, modern technologies, digitalization, banking management, financial risk, digital transformation, financial institutions, development of the financial system, banking services, management of financial and banking institutions.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Саидзода Аҳмадҷон Саидҷон** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси менеҷмент, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к.Э. Муҳиддин-63. Телефон (+992) 988888337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**Умаров Умарҷон Қодирҷонович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти соли аввали ихтисоси молия ва қарз. Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к.Э. Муҳиддин-63. Телефон (+992) 935565668. E-mail: Umarjon.garm93@gmail.com

**Маҳмадов Аҳлиддин Сайалиевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти соли аввали ихтисоси молия ва қарз. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к.Э. Муҳиддин-63. Телефон (+992) 935113503. E-mail: makhmadov.1995@list.ru

**Сведения об фвторах: Саидзода Ахмадджон Саидджон** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доктор философии (Ph.D), доктор по специальности менеджмента, доцент кафедры бухгалтерского учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 988888337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**Умаров Умарджон Кодирджонович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистрант первого курса по специальности финансы и кредит. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 935565668. E-mail: Umarjon.garm93@gmail.com

**Махмадов Ахлиддин Сайалиевич –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистрант первого курса по специальности «Финансы и кредит». Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 935113503. E-mail: makhmadov.1995@list.ru

**Information about authers: Saidzoda Ahmadjon Saidjon** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, doctor of philosophy (Ph.D), Doctor of Management, associate professor of the accounting and Management department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, the city of Garm, st.E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 988888337. Email: dass_ahmadjon@mail.ru

**Umarov Umarjon Qodirjonovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, first-year master's student in the specialty finance and credit. Address: 734025, Republic of Tajikistan, the city of Garm, st.E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 935565668. Email: Umarjon.garm93@gmail.com

**Mahmadov Ahliddin Saialievich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, first-year master's student in the specialty finance and credit. Address: 734025, Republic of Tajikistan, the city of Garm, st.E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 935113503. Email: makhmadov.1995@list.ru

ТДУ: 339.138

# МАРКЕТИНГ ВА НАҚШИ ОН ДАР ИДОРАКУНИИ ФИРМА

**Назаров А.М., Ҷомиев А.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва шиддатёбии рақобатнокӣ нақши маркетинг дар идоракунии фирма босуръат меафзояд. Фирмаҳо барои мутобиқ шудан ба тағйироти бозор, нигоҳ доштани мавқеи рақобатпазир ва ба даст овардани фоидаи дилхоҳи устувор маҷбур мебошанд, ки усул ва принсипҳои маркетингро истифода намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши нақш ва мақоми маркетинг дар системаи идоракунии фирмаҳо аҳамияти калон дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки маркетинг ҳамчун унсури калидии идоракунии муосир ба омӯзиши бозор, қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти фирмаҳо мусоидат менамояд. Ин ҳамчун системаи фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки ба муайян намудани эҳтиёҷоту талаботи истеъмолкунандагон, ташаккули пешниҳоди мувофиқ ва расонидани молу хизматрасониҳо ба бозор равона шудааст. Дар илми муосир маркетингро на танҳо ҳамчун воситаи фурӯш, балки ҳамчун фалсафаи идоракунӣ эътироф гардидааст.

Яке аз мавзуъҳои муҳими илми иқтисод дар фаъолияти соҳибкорӣ омӯзиши илми маркетинг мебошад. Ба ин назар ҳоло дар ҷомеа раванди аз навбаҳодиҳи падидаҳои иқтисоди рафтаистодааст. Ибораи фаъолияти соҳибкори на ба ҳар як шахс муяссар мегардад. Аксари соҳибкоронро мебинем, ки фаъолияташонро оғоз намуда, онро номуваффақ анҷом медиҳанд, яъне ин гурӯҳ мувафақ ё сарватманд нашуда, балки аксаран дороии худро аз даст медиҳанд. Ин аст, ки Убайдов Ф.С. чунин қайд менамояд, ки “Иттифоқҳои соҳибкорон (тибқи қоидаи соҳавӣ ташкилёфта) амалан ташаккул наёфтаанд”[10. с. 43]. Бояд гуфт ки, аз омӯзиш нақш ва мақоми маркетинг дар системаи идоракунии фирма ё фаъолияти соҳибкорӣ таҷрибаи назариявӣ ва амалӣ надоранд. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки аз шахсони таҷрибадори соҳаи бозоршинос ва курсҳои кутоҳмудати соҳаи тиҷорат таҷрибаи худро сайқал диҳанд.

Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ ягон ширкати тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ бе истифода аз усулҳои пешқадами маркетинг наметавонад ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад.

Тибқи ақидаҳои Т.Т. Набиев, К.И. Шукуров, Б. Маҳмадалӣ, Ш.А. Акрамов истилоҳи «маркетинг» дар адабиёти иқтисодии ИМА дар асрҳои Х1Х-ХХ ба миён омадааст, ҳамчун самти тадқиқотҳои иқтисодӣ ва идоракунандаи амалия маркетинг бо иқтисодиёти капиталистии бозоргонӣ сахт алоқаманд буда, ба сифати ҷузъи муҳим дониста мешавад. Аз ин рӯ, дар ибтидои асри ХХ, чун анъана фаҳмиши маркетинг ҳамчун усули фурӯше фаҳмида мешавад, ки мақсади он аз пайдо намудани харидор барои маҳсулоти аз ҷониби истеҳсолкунанда тавлидоташ имконпазир иборат буд [1].

Ҳамчунин, Э. Ашраф, М. Ҳақбердӣ маркетингро чунин шарҳ доданд: “худи ибораи «маркетинг» аз калимаи англисии «market» бозор ё худ бозорёбӣ, яъне ҳамчун ҳавзаи иқтисод ё намуди фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки таҳвилгарон ва истеъмолгаронро ба ҳам пайваст карда, имкон медиҳад маҳсулоти

истеҳсолкардашуда ба зудӣ мубодила карда шавад. Зери мафҳуми маркетинг дар аввал фурӯш ва ҳавасмандкунӣ, сипас- омӯзиши талаботи бозор фаҳмида мешуд, зеро пештар шиори асосӣ «фурӯхтани тамоми чизи истеҳсолшуда» ба ҳисоб мерафт. Баъдтар бо сабаби омӯзиши дархостҳои истеҳсолкунандагон сатҳи нарх, рақобатнокӣ дар бозори фурӯш ба соҳибкорон имконият медиҳад, ки давраи маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолшударо тағйир дода, молҳои рақобатпазирро истеҳсол намоянд, технологияҳои навро истифода баранд, каналҳои муосири фурӯшро ба воситаи рекламаи самаранок ташкил намоянд ва ғайра” [2, с. 317-320].

Яке аз донишмандони соҳаи маркетинг, иқтисоддони амрикоӣ Ф. Котлер маркетингро чунин таъриф кардааст: “Маркетинг – яке аз намуди фаъолияти инсонӣ мебошад, ки бо воситаи мубодила эҳтиёҷот ва талаботи инсон қонеъ гардонда мешавад”. Он дар асоси шиори “тақозоро дарёб ва онро қонеъ гардон”, ки мақсади асосии маркетинг аст, асос меёбад.

Ба ибораи дигар, “Маркетинг фаъолиятест оиди таъмин кардани теъдоди зарурии молу хадамот барои иддаи одамон, дар вақти зарурӣ, дар ҷои даркорӣ, бо нархи муфид, дар шароити ба роҳ мондани алоқаи қулай ва тадбирҳо оиди ҳавасмандгардонии фурӯш” мебошад [3].

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити кунунӣ маркетингро чунин таъриф додан афзалият дорад: *Маркетинг фаъолияти муҳими иқтисодии корхона мебошад, ки омӯзиш, таҳлил ва хулосадиҳии фаъолияти бозоргирии корхонаро дар бар мегирад.*

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти муваффақонаи фирма бе истифодаи маркетинг ғайриимкон мебошад. Маркетинг на танҳо воситаи фуруши маҳсулот, балки низоми мукаммали идоракунии муносибатҳои фирма бо бозор дониста мешавад. Аз ин рӯ, муайян намудани мақом ва нақши маркетинг дар фаъолияти фирма аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад.

Бойяд гуфт, ки мақоми маркетинг дар фирма хеле баланд буда, он ҳамчун асосӣ идоракунии бозор хизмат мекунад. Маркетинг на танҳо фаъолияти фурушро таъмин менамояд, балки рушди стратегӣ, рақобатпазирӣ ва муваффақияти дарозмуддати фирмаро низ кафолат медиҳад. «Идоракунии маркетинг дар шароити имрӯза соҳаи аз ҳама муҳим ва мураккаби фаъолияти хоҷагидории ташкилот мебошад, ки бо масъалаҳои омӯзиши бозор, ваъи имрӯзаю ояндаи он, ташаккули системаи фуруш, коркарди сиёсати нарх, реклам ва ғайра алоқаманд мебошад»[4, с. 156]. Номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳакимов Абдумалик Абдувахобович чунин қайд менамояд. Дар марҳилаи навовариҳои босуръат ва ҷаҳонишавии устувори иқтисодиёт раванди татбиқи маркетинг дар иқтисодиёт омили хеле муҳим буда, омӯзиши амиқро талаб мекунад.

Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ ягон ширкати тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ бе истифода аз усулҳои пешқадами маркетинг наметавонад ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад. Имрӯзҳо маркетинг яке аз унсурҳои муайянкунандаи пешрафти иқтисодиёти мамлакатҳо ба шумор меравад. Рушди иқтисодиёти давлат бе мутахассисони соҳаи маркетинг ва тиҷорат ғайриимкон аст.

Чӣ тавре, ки Питер Друкер қайд мекунад, “бекор кардани кӯшишҳо оид ба фурӯш мебошад. Мақсади он, инчунин, хуб дарк намудан ва фаҳмидани мизоҷ мебошад, ки маҳсулот ё хизматрасонӣ мувофиқи табъи ӯ гардида, худаш худро фурӯхта тавонад. Маркетинг аз омӯзиши эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон оғоз

мегардад, аммо аксар вақт дар шароити ҳозира бисёр аз истеҳсолкунадагон диққати худро на ба талабот, балки ба фурӯши маҳсулоти худ ҷалб менамоянд” [5]. Тавре И.С. Зоирзода иброз менамояд “яке аз масъалаҳои муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ маҳорат ва дониши амиқи иқтисодӣ, инчунин, таҳлили дурусти бозор мебошад, ки асоси идоракунии онро менеҷмент ва маркетинг ташкил менамоянд. Соҳибкории муосирро бе маркетинги фаъол ва муассир тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бо тағирёбии доимии муҳити бизнес ва рушди босуръати технология, маркетинг як ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи ҳар як корхонаи муваффақ арзёбӣ мегардад” [6]. Аз рӯйи ин маркетингро ҳамчун ташкили комплексии фаъолияти истеҳсоли корхона маънидод кардан мумкин мебошад, ки дар ҳар сурат моҳияти маркетинг бо чунин мафҳумҳо, чун эҳтиёҷот, талабот, мубодила, хариду фурӯш, нарх ва бозор алоқамандии зич дорад. Дар ин ҷо, иқтисоддонҳо К.И. Шукуров ва М. Андалибов доир ба қисмҳои маркетинг, ки вобаста ба идора кардани фирмаҳо, ки маркетинг ба он таъсири бевосита мерасонад, андешаронӣ намудаанд. Чунончи дар асари худ қайд месозанд “Маркетинг - яке аз фанҳои асосгузаронда барои фаъолияти касбии ходимони бозор, ҳамчун савдогарони чакана, кормандон оид ба реклама, тадқиқотчиёни маркетинг, мудирони истеҳсолоти молҳои нав ва тамғадор бошад, ба онҳо лозим аст бидонанд, ки номгӯйи бозор ва қисматкунии он ба сегментҳо; баҳодиҳии эҳтиёҷот, дархост ва талабот дар чорчӯбаи бозори мақсаднок; таҳия ва санҷиши талабот бо хусусиятҳои истеъмолии лозима; бо воситаи нарх то ба истеъмолкунанда расонидани ақидаи арзиши мол; интихоби дурусти миёнаравони тавоно барои оммавӣ шудани мол; рекламаи беҳтарин ва фурӯши дурусти мол, ки онро шиносан ва хоҳиши ба даст оварданро пайдо намоянд” [7, с. 11].

Ҳамин тариқ, маркетинг ҷараёни иҷтимоӣ ва идоракунӣ номида мешавад, ки дар ин радиф тарафҳои алоҳида ё гурӯҳи одамон чизи мехостагиашонро тавассути мубодила барои қонеъгардонии талабот дастрас мекунанд. Барои дуруст фаҳмидани ин таъриф донистани мафҳумҳои зерин муфид арзёбӣ мешаванд, ки дар расми 1 оварда шудаанд.




**Расми 1. Мафҳумҳои асосии маркетинг**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ

Чунончи дар расми 1 мафҳумҳои асосии маркетинг нишон дода шудаанд, ҳар кадоме аз онҳо маънои хосе доранд, ки ба таври зайли метавонем онҳоро шарҳ диҳем:

**Эҳтиёҷот** - ин ҳисси норасоии чизе ба инсон мебошад. Эҳтиёҷоти инсон гуногун ва мураккаб аст. Масалан, эҳтиёҷоти ҷисмонӣ ба хӯрок, либос, гармӣ, бехатарӣ ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ба наздикшавии рӯҳӣ, дилбастагӣ ва таъсир ба чизе; эҳтиёҷоти шахсӣ ба илм ва худнамоишдиҳӣ мебошад. Ҳамаи ин таҷассумгари табиати инсони мебошад.

Талабот - эҳтиёҷоте, ки мувофиқ ба дараҷаи маданӣ ва фардии шахс шакли махсусро гирифтааст. Талабот ҳаду канор надорад ва рӯз то рӯз тамоили афзудан дорад.

Тақозо - ин талаботе, ки бо пул ифодааст ва бо қобилияти харидори зич алоқаманд аст.

Мол - ҳамаи он ҷисмҳое, ки ягон эҳтиёчоти талаботу қонеъ мегардонад ва бо мақсади чалб намудани диқати одамон барои харидан, истифода ва истеъмол намудани онҳо пешниҳод шудаанд.

Мубодила - ивази қиматҳоро нишон медиҳад, яъне пешкаш намудани ягон ва ба ҷойи вай ба даст овардани молҳои зарурӣ аст. Маркетинг дар он вақт мавқеи худро меёбад, ки инсон барои қонеъ намудани эҳтиёҷот ва зарурият ба мубодила рӯ меорад.

Созиш-ивази тиҷоратии арзишҳо дар байни тарафҳои мухталиф, одатан фурӯшандаҳову харидорон аст.

Бозор - ин маҷмуи муносибатҳои истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда оиди хариду фурӯши мол мебошад. Барои ширкат бошад, бозор бо шумораи харидорони имрӯза ва оянда, ки барои харидани ширкат тайёранд, ифода меёбад.

Дар фаъолияти маркетингӣ бозор ҳамчун ҷузъи таркибӣ, объекти асосии ва макони амалигардонии амалиётҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад.




**Расми 2. Мавқеи бозор дар фалсафаи маркетинг**
**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои илмӣ**

Чи тавре, ки аз расми 2 бармеояд агар мо бозорро ҳамчун маҷмуи талаботҳои мавҷуда ва ояндаи истеъмолгарон дар маркази чорчӯба гузошта, дар атрофи он мол, нарх, тиҷорат ва ҳавасманкунонии хариду фурӯш ҷойгир ноем, дар шакли мисол, дар шимол-молро, дар шарқ- нархро, дар ҷануб-тиҷоратро ва

дар ғарб ҳавасманкунӣ хариду фурӯшро бигзорем, онгоҳ имконияти мушоҳидоти қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ дар сохтори соҳибкории он пайдо мешавад.

Бозор асосан шаклҳои зеринро дорад: барои харидорон ё истеъмолкунандагон, бозори фурӯшандагон ё истеҳсолкунандагон, бозори яклухт ва чакана, бозори ҷаҳони ва ғайра.

Элементи ташкилкунандаи бозор ин: талабот, пешниҳодот, нарх ва ғайра мебошад. Бозор ҳамчун мачмуи талаботҳои мавҷуда ваояндаи истеъмолгарон, дар маркази чорчӯба гузошта шуда, дар атрофи он мол, нарх тиҷорат ва ҳавасманкунонии хариду фурӯш ҷой гирифтаанд. Дар ҳар сурат моҳияти маркетинг бо чунин мафҳумҳо, чун эҳтиёҷот, талабот, мубодила, харидуфурӯш, нарх ва бозор алоқамандии зич дорад.

Ба ақидаи олимони соҳа, маркетинг яке аз намуди фаъолияти инсонӣ мебошад, ки бо воситаи мубодила эҳтиёҷот ва талаботи инсонро қонеъ гардондан равона мебошад. Он дар асоси шиори "тақозоро дарёб ва онро қонеъ гардон", ки шиори асосии маркетинг аст, асос меёбад. Фирмаҳое, ки талаботи бозорро дуруст меомӯзанд ва идора менамоянд, метавонад рушди устувор ва фоидаи назарас ба даст гиранд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ муосир талаботҳо гуногун ва муракб мебошанд, ки вазифаи асоисии маркетинг омӯзиш ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти мизоҷон мебошад. Барои дуруст сарфаҳм рафтан вазифаҳои маркетинг дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Намудҳи талабот ва вазифаҳои маркетинг**

| № | Намудҳои талабот | Вазифаи маркетинг |
|---|---|---|
| 1 | Талаботи инкорӣ | таҳлили сабабҳои инкории мол ва ёфтани роҳҳои бартараф намудани он бо тағирдиҳии мол, пасткунии нарх ва ҳавасмандкунии истеъмолкунанда |
| 2 | Талабот вуҷуд надорад | ҷустуҷӯи роҳҳои ба истеъмолкунанда ба воситаи мол таъсиррасони тибқи завқи онҳо аст |
| 3 | Талаботи пинҳонӣ | баҳо додан ба иктидори бозор ва пешниҳоди молҳои самаранок барои қонеъ карда тавонистани талаботи истеъмолкунандагон |
| 4 | Талаботи афтанда | тахлили сабабҳои афтиши талабот ва хавасмандии фурӯш бо роҳҳои ҷустуҷӯи бозорҳои нави мақсаднок, тағир додан тавсифи молҳо |
| 5 | Талаботи бетартиб | ёфтани усулҳои муътадил намудани ин тағирёби бо тақсимоти вақтӣ ва мӯртии нархҳо, чораҳои ҳавасмандӣ ва дигар барангезандаҳои талабот аст |
| 6 | Талаботи пурра | дастгирии сатҳи талаботи вуҷуддошта, новобаста аз дигаршавии афзалиятҳои истеъмолӣ ва пурзуршавии рақобат иборат аст |
| 7 | Талаботи аз ҳад зиёд | дар ин маврид «демаркетинг» ном мегирад, дарёфти усулҳои мувакқатан ё доимӣ паст намудани талабот мебошад |

| | | |
|---|---|---|
| 8 | Талаботи нодуруст | бовар кунонидани шахсон аз даст кашидан аз одатҳои бад аст |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [7]

Вобаста ба ҷадвали мазкур ва шарҳи бештари қисмати намудҳои талабот вазифаҳои маркетингро дар зер ба таври асосноктар меорем:

1.***Талаботи инкорӣ.*** Муносибати харидор ба мол ва ё хизматрасонӣ манфӣ аст. Вазифаи маркетинг дар ин ҳолат таҳлили сабабҳои инкории мол ва ёфтани роҳҳои бартараф намудани он бо тағирдиҳии мол, пасткунии нарх ва ҳавасмандкунии истеъмолкунанда мебошад.

2.***Талабот вуҷуд надорад.*** Истеъмолкунандагон ба мол аҳамият намедиҳанд. Вазифаи маркетинг ҷустуҷӯи роҳҳои ба истеъмолкунанда ба воситаи мол таъсиррасони тибқи завқи онҳо аст.

3. ***Талаботи пинҳонӣ*** – он вақте, ки бисёрии истеъмолкунандагон бо молҳои дар бозор буда, қаноатманд намешаванд. Вазифаи маркетинг - баҳо додан ба иктидори бозор ва пешниҳоди молҳои самаранок барои қонеъ карда тавонистани талаботи истеъмолкунандагон мебошад.

4***. Талаботи афтанда***. Вазифаи маркетинг аз таҳлили сабабҳои афтиши талабот ва ҳавасмандии фурӯш бо роҳҳои чустуҷӯи бозорҳои нави мақсаднок, тағйир додан тавсифи молҳо ва ғайра муайян карда мешавад.

5. ***Талаботи бетартиб*** (тағирёбии мавсимӣ, ҳаррӯза ва ҳатто ҳар асоси вақт). Вазифаи маркетинг – ёфтани усулҳои мӯътадил намудани ин тағирёби бо тақсимоти вақт ва мӯртии нархҳо, чораҳои ҳавасмандӣ ва дигар барангезандаҳои талабот аст.

6. ***Талаботи пурра***. Ин талабот дар ҳолате дида мешавад, ки ташкилот аз гардиши фурӯши худ қаноатманд аст. Вазифаи маркетинг дастгирии сатҳи талаботи вуҷуддошта, новобаста аз дигаршавии афзалиятҳои истеъмолӣ ва пурзӯршавии рақобат иборат аст.

7. ***Талаботи аз ҳад зиёд*** - дар он вақти пайдо мешавад, ки талабот нисбати қонеъгардонии он барзиед мешавад. Вазифаи маркетинг дар ин маврид «демаркетинг» ном мегирад, дарёфти усулҳои муваққатан ё доимӣ паст намудани талабот мебошад.

**8.** ***Талаботи нодуруст***, яъне талабот бо молҳои ба саломати зарарасон: сигор, нӯшокиҳои спиртӣ, маводи муҳодир ва ғайра. Вазифаи маркетинг – бовар кунонидани ин шахсон аз даст кашидан аз чунин одатҳои бад аст. [7, с. 14-16]

Ҳақиқатан, дар ин ҷо талабот - эҳтиёҷот унсури калиди идоракунии фирма ба ҳисоб рафта, сатҳи самаранокӣ ва устувории фаъолияти онро муайян мекунад. Фирмаҳое, ки талаботи бозорро дуруст меомӯзанд ва идора менамоянд, метавонад рушди устувор ва фоидаи дилхоҳ ба даст гиранд. А.А. Ҳакимов вобаста ба ин масъалаи ихтисос ва омодасозии мутахассиони ояндаи соҳаи маркетинг, тиҷорат, менеҷмент ва амсоли ин чунин назар дорад, ки “Яке аз камбудиҳои асосӣ барои рушди ихтисосҳои номбурда аз он иборат аст, ки мардум ҳанӯз ҳам ба моҳияти онҳо дуруст сарфаҳм намераванд”. Инчунин, мавҷуд набудани боварӣ яке аз муаммоҳои дигари онҳо қисмати зиёди ширкатҳои фаъолият кунанда ба маънои ихтисосҳои менеҷмент, маркетинг, тиҷорат дар бозори берунӣ, молшиносӣ ва мумаизи молҳо, сервиси тарабхона ва меҳмонхонаҳо дуруст сарфаҳм намераванд. Омӯзиш ва таҳлили вазъи иқтисоди муосири аз он шаҳодат медиҳад, ки пешрафти иқтисодиёти мо аз мутахассисони баландихтисоси соҳаи маркетинг ва савдо вобастагии калон дорад.

Дар ин ҷо, мутахасиси ҳамин соҳа Б. Наврӯззода қайд мекунад, ки “дар адабиёти Ғарб зиёда аз 2000 маънидодкунии “market” вуҷуд дорад. Таҳти маркетинг, низоми идораи фаъолияти фирма оиди коркарду тадқиқот, истеҳсол ва фурӯши молу хадамот, дар асоси омӯзиши бозор ва ба даст овардани фоида тасаввур карда мешавад. Дар илми муосир маркетинг на танҳо ҳамчун воситаи фурӯш, балки ҳамчун фалсафаи идоракунӣ эътироф мегардад” [8].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ бошад, маркетинг ба яке аз унсурҳои калидии идоракунии фирма табдил ёфтааст. Имруз фаъолияти устувори фирма бидуни истифодаи усулҳои муосири маркетинг ғайриимкон аст. Рушди рақобат, тағйирёбии талаботи истеъмолкунандагон ва ҷаҳонишавиии бозорҳо роҳбаронии фирмаҳоро водор месозад, ки қарорҳои идоракуниро дар асоси таҳлили бозор ва ниёзҳои муштариён қабул намоянд.

Дар ин бора олимони соҳаи иқтисод С.Ҳ. Ҳабибов, Ҳ.Н. Фақеров, А.А. Мирзоалиев, Ф.Р. Шаропов оиди идоракуни фирма чунин андешаронӣ кардаанд “Мафҳуми усули идоракунӣ тарҷумаи калимаи юнонии «methodos» буда, воситаи ноил гаштан ба ягон ҳадафи фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Дар шароити кунунии хоҷагидорӣ истифодаи тарзу усулҳои идоракунӣ барои ташкили фаъолияти самарабахши истеҳсолот, эҳтиёҷот ва талабот нигаронида шудааст.

Се омили муҳимро хотиррасон кардан бомаврид аст, ки бо назардошти онҳо роҳбарон ба фаъолияти мақсадноки кормандони корхона таъсир мерасонанд:

Омили якум, сохтори зинагӣ мебошад, ки дар доираи он алоқамандии субъект бо объекти идоракунӣ ба амал меояд;

Омили дуюм, маданият аст, ки тибқи он қоидаҳои рафтор, арзишҳои муштараки кормандони корхона, гурӯҳи хурди меҳнатӣ ва умуман ҷамъият муайн мешавад;

Омили сеюм, ин бозор мебошад, ки дар чорчӯбаи қонуну қоидаҳои он муносибатҳои озоди хориду фурӯши маҳсулоту хадамот бо назардошти гуногуншаклии моликият ва баробари ҳуқуқи фурӯшандагон ва харидорон рушду нумуъ меёбанд, ки худи корхона як субъекти мустақили хоҷагидорӣ буда, барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва иҷрои ҳар гуна хадамот бо мақсади ба даст овардани фоида ва қонеъ намудани талаботи истеъмолгарон дар бозор фаъолият мекунад.

Нақши корхона ҳачун зинаи ибтидоӣ ва асосии иқтисодиёт дар амалӣ намудани мақсади олии сиёсати иқтисодӣ – иҷтимоии давлат – қонеъ намудани талаботи рӯзафзун ва боло бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ хеле бузург мебошад. Чи тавре, ки дар боло зикр кардашуд унсури ташкилкунандаи бозор ин: талабот, тақозо, нарх ва ғайра мебошад. Аз ин ҷо бар меояд, ки нарх усули иқтисодии идоракунӣ фирма баҳисоб меравад.

Нарх ифодаи пулии арзиши мол аст ва нархи маҳсулот инъикосгари таъсири ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти иқтисодии фиррма (корхона) баҳисоб меравад. Чунончи қайд гардидааст “Сиёсати нарху нархгузорӣ ба молу хадамот дар алоқамандӣ бо сатҳи харҷи мӯътадили истеҳсол ва фурӯши онҳо, меъёри зарурии фоида, андозҳо бо назардошти таносуби арза ва тақозо дар бозор, вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва даромадҳои буҷети давлатию маҳалӣ ва дигар омилҳои аҳамияти дохилию берунӣ тарҳрези мешавад”[9, с.49-102-107].

Қарори нархгузорӣ яке аз қарорҳои муҳими илми менеҷмент ба ҳисоб меравад. Ҳангоми муайян намудани нарх, роҳбарияти фирма бояд омилҳои

зеринро ба инобат гирад: хароҷоти истеҳсол ва фурӯш; сатҳи талаботи бозор; нархи рақибон; сиёсати маркетингӣ ва ҳадафҳои дарозмуддати фирма.

Як қатор олимони соҳаи маркетинг, аз қабили Т.Т. Набиев, К.И. Шукуров, Б. Маҳмадалӣ, Ш.А. Акрамов оиди нарх чунин иброз намуданд "Зери мафҳуми нарх ба маънои васеъ ҳамаи хароҷоти субъективӣ ва объективӣ барои ба даст овардани маҳсулоти сифатан хуб фаҳмида мешавад" [1, с. 109]. Вобаста ба ин метавон иброз дошт, ки нарх маблағе мебошад, ки истеъмолкунанда барои ба даст овардани маҳсулот ё хизматрасонӣ пардохт мекунад. Аз нуқтаи назари идоракунӣ, нарх натиҷаи ҳамкории хароҷот, талабот, пешниҳод, рақобат ва ҳадафҳои стратегии фирма мебошад.

Бояд қайд намуд, ки идоракунии дурусти нарх имкон медиҳад, ки фирма дар бозор устувор бимонад ва бартарии рақобатӣ ба даст орад. Дар асарҳои Карл Маркс низ оварда шудааст, ки ифодаи пулии арзиши молҳоро нарх меноманд. Яъне агар арзиши молҳо бо ёрии пулҳои дар муомилоти молӣ фаъолиятбаранда нишон дода шавад, онро нарх меноманд.

Аз ин лиҳоз, "дар замони ҳозира корхона ҳаракат менамояд барои молҳои нави истеҳсолкардаи худ нархҳои мувофиқ гузорад, то ки онҳо қодир бошанд дараҷаи баланди фоидаро таъмин намоянд. Аз ин хотир, шуъбаҳои маркетинг, молия ва нархгузорӣ тарз ва услубҳои гуногуни нархгузориро истифода мекунанд" [10, с. 182].

Имрӯз, фаъолияти устувори фирма бидуни истифодаи усулҳои муосири маркетинг ғайриимкон аст. Рушди рақобат, тағйирёбии талаботи истеъмолкунандагон ва ҷаҳонишавии бозорҳо роҳбарони фирмаҳоро водор менамояд, ки қарорҳои идоракуниро дар асоси таҳлили бозор ва ниёзҳои муштариён қабул намоянд. Аз ин лиҳоз, маркетинг ҳамчун фалсафаи идоракунӣ ва фаъолияти таблиғотӣ баромад мекунад.

Дар ҳақиқат, фаъолияти маркетингии корхонаро бидуни таблиғ (**реклама**) тасаввур кардан ғайриимкон аст. Таблиғ ягона воситае мебошад, ки перомуни он харидор имкони донистани маълумот оиди миқдор, сифат, мавзеи ҷойгиршавӣ, нарх, дизайн ва дигар хусусиятҳои мол маълумот гирифта метавонад. Маълумот бо воситаи фишангҳои гуногун: таблиғоти бевосита, почтавӣ, муроҷиати шахсӣ, таблиғоти матбуотӣ (рӯзномаю ҳафтаномаҳо, маҷаллаҳо, маълумотномаҳои саҳнавӣ, китобу китобчаҳо); таблиғоти чопӣ (варақаҳо, проспектҳо, феҳрастҳо); воситаҳои аудиовизуалӣ (садо, симо, синамо, видеокассетаҳо, аксҳо); таблиғот дар нақлиёт (навиштаҷот дар қади роҳҳо, истгоҳҳо, деворҳои воситаҳои нақлиёт); воситаҳои тӯҳфавӣ (тақвимҳо, дафтарҳои хотира, сумкачаҳо); таблиғ дар ҷойҳои фурӯш (намоиши мол аз пушти тирезаи фурӯшгоҳ, ҷойҳои доимии молфурӯшӣ) ва ғайра сурат мегирад. «Реклама (таблиғот) на фақат ба мақсади харидоронро ба тамға ва намудҳои мол шиносонидан, балки асосан ба мақсади васеъ намудани фурӯш (барпо намудани обурӯи корхона) офарида мешавад»[11, с. 85].

Муайян карда шудааст, ки корхонаҳо ба ҳисоби миёна то 50% хароҷоти муомилотро ба мақсади таблиғот сарф мекунанд. Чун таблиғ (реклама) ҷузъи муҳими стратегияи маркетинги фирма мебошад. Он бо сиёсати нархгузорӣ, тақсимот ва пешбурди маҳсулот алақаманд буда, ба ташакули муносибатҳои дарозмудат ба мизоҷон мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, таблиғ (реклама) дар фирма воситаи муҳими маркетинг буда, барои муваффақияти тиҷоратӣ ва рушди

устувори ширкат нақши калидӣ дорад. Истифодаи дурусти воситаҳои таблиғот ба фирма имкон медиҳад, ки дар бозор мавқеи устувор пайдо намояд.

**Муқарриз: Амирзода С.А. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1.Ашраф Э. Ҳақбердӣ М. Курси назарияи иқтисод. Душанбе: Эр-граф, 2003. – С. 12.

2.А.А. Мадаминов Асосҳои маркетинг. Душанбе: “Маориф ва фарҳанг”, 2007. - С. 124.

3.Амирзода С.А., Назаров А.М. Нақши иттилоот дар идоракунии иқтисодиёти муосир / С.А. Амирзода, А.М. Назаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт / Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. –2025, №3 (5) – С. 158

4.Бобокалони Исомат, Маҳбубаи Маҳмурод. Назарияи Иқтисод “Офест” 2012. – С. 58.

5.Нақши маркетинг дар рушди соҳибкории муосир (Захираи электронӣ) Facebook. ДБССТ, 01.04.2024 (санаи мурочиат 16-01-2026)

6.Наврӯззода Б. Муқаддимаи бозоргонӣ. Душанбе, 1993. – С. 125.

7.Набиев Т.Т., К.И. Шукуров, Б. Маҳмадалӣ, Ш.А. Акрамов Асосҳои маркетинг. Душанбе 2018. –С. 89.

8.Питер Друкер “ Management : Tasks Responsibilities, Proctice” (1973)

9.Ф.Котлер. Основы маркетинга. М., 1998.

10.Убайдов, Ф.С., Деҳқонов, С. А. Асосҳои назариявӣ ва методологии нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақавӣ / Ф.С. Убайдов С. А. Деҳқонов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. -2021. - №4/1 (29). - С. 39-45.

11.Ҳабибов СҲ., Фақеров Ҳ.Н., Мирзоалиев А,А., Шаропов Ф.Р. Менеҷмент. Душанбе: “Ҳумо” 2003. – С. 45.

12.Шукуров К.И. Андалибов М. Б. Асосҳои Маакетинг. Душанбе, 2015.–С. 87.

## МАРКЕТИНГ ВА НАҚШИ ОН ДАР ИДОРАКУНИИ ФИРМА

Маркетинг яке аз унсурҳои калидии идоракунии фирма ба ҳисоб меравад. Макоми он дар фирма на танҳо ба фурӯши маҳсулот маҳдуд мешавад, балки тамоми фаъолияти корхонаро ба талаботу эҳтиёҷоти бозор равона мекунад. Яке аз олимони соҳаи маркетинг Филипп Котлер чунин меҳисобад, ки маркетинг – ин намуди фаъолияти инсонӣ буда, ба қонеъгардонии эҳтиёҷот ва талабот ба воситаи мубодила равона карда шудааст. Маркетинг консепсияи махсуси идоракунӣ ҳисоб ёфта, зери итоати фурӯши самараноки маҳсулот чӣ дар бозорҳои дохилӣ ва чӣ дар бозорҳои беруна мебошад. Маркетинг (анг. – market) – бозор ё худ бозорёбӣ, яъне ҳамчун ҳавзаи иқтисод ё намуди фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки тавлидгарон ва истеъмолгаронро ба ҳам пайваст карда, имкон медиҳад, маҳсулоти истеҳсолкардашуда ба зуддӣ мубодила карда шавад. Мақоми маркетинг дар фирма хеле баланд буда, он ҳамчун пули пайвасткунандаи байни бозор ва фаъолияти дохилии корхона хизмат мекунад. Фирмаҳое, ки ба маркетинг аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, одатан устувор, рақобатпазир ва муваффақ мебошанд.

**Калидвожаҳо**: маркетинг, фирма, бозор, нақши маркетинг, эҳтиёҷот, мақоми нарх дар идоракуни фирма, талабот, таблиғот, нақши таблиғот, фурӯш, ҳавасмандкунӣ, роҳои қонеъ намудани талабот.

## МАРКЕТИНГ И ЕГО РОЛЬ В УПРАВЛЕНИИ ФИРМОЙ

Маркетинг является одним из ключевых элементов управления фирмой. Его роль не ограничивается только продажей продукции, а направлена на ориентацию всей деятельности предприятия на потребности и запросы рынка. Один из ведущих ученых в области маркетинга Philip Kotler — определяет маркетинг как вид человеческой деятельности, направленный на удовлетворение нужд и потребностей посредством обмена. Маркетинг рассматривается как особая концепция управления, подчинённая обеспечению эффективной реализации продукции как на внутреннем, так и на внешнем рынке. Термин «маркетинг» (от англ. market — рынок) означает рыночную деятельность, которая связывает производителей и потребителей и обеспечивает быстрый обмен произведённой продукции. Роль маркетинга в фирме очень велика: он выступает связующим звеном между рынком и внутренней деятельностью предприятия. Фирмы, уделяющие серьёзное внимание маркетингу, как правило, являются устойчивыми, конкурентоспособными и успешными.

**Ключевые слова:** маркетинг, фирма, рынок, роль маркетинга, потребности, спрос, цена в управлении фирмой, реклама, продвижение, продажи, стимулирование, способы удовлетворения спроса.

## MARKETING AND ITS ROLE IN FIRM MANAGEMENT

Marketing is one of the key elements of firm management. Its role is not limited only to selling products; rather, it directs all company activities toward meeting market needs and demands. One of the leading scholars in marketing, Philip Kotler, defines marketing as a type of human activity aimed at satisfying needs and wants through exchange. Marketing is considered a specific management concept focused on ensuring effective product sales in both domestic and foreign markets. The term “marketing” (from market) refers to market-oriented economic activity that connects producers and consumers and facilitates the efficient exchange of goods. The role of marketing in a firm is significant, as it serves as a bridge between the market and the internal operations of the enterprise. Companies that pay serious attention to marketing are usually stable, competitive, and successful.

**Keywords:** marketing, firm, market, role of marketing, needs, demand, pricing in firm management, advertising, promotion, sales, stimulation, ways of satisfying demand.

**Маълумот дар бораи муллифон: Назаров Абдувакил Маҳмадбоқиевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Ғарм, к.Э. Муҳиддин -63. Телефон: (+992) 988-14-02-83. nabduvakil@mail.ru

**Ҷомиев Аҳлиддин Маҳмадазимович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 931-07-81-11. E-mail: ahliddincomiev1905@gmail.com.

**Сведения об авторах: Назаров Абдувакил Махмадбокиевич** – Таджикский педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, ассистент кафедры бухгалтерского учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, к. Э. Мухиддин, 63. Телефон: (+992) 988-14-02-83. E-mail: nabduvakil@mail.ru

**Джомиев Ахлиддин Махмадазимович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доцент кафедры бухгалтерского учета и управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Е. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 931-07-81-11. Электронная почта: ahliddincomiev1905@gmail.com.

**Information about the author: Abduvakil Makhmadbokievich Nazarov** – Tajik pedagogical institute of Tajikistan in Rasht district, assistant at the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, E. Mukhiddin Street, 63. Phone: (+992) 988-14-02-83. E-mail: nabduvakil@mail.ru

**Jomiev Ahliddin Mahmadazimovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant professor of the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm city, E. Muhiddin street – 63. Phone: (+992) 931-07-81-11. E-mail: ahliddincomiev1905@gmail.com.

**ТДУ: 330.341.1:004**

# АРЗЁБИИ ТАЪСИРИ РАҚАМИКУНОНӢ БА РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ: ОМИЛҲО, МЕХАНИЗМҲО ВА АФЗАЛИЯТҲОИ РУШД

**Саидзода А.С., Боев Н.М., Ҳакимов Қ.Ш.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Бо бадастовардани истиқлолияти давлатӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагӣ халқи мамлакат тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад ва яке аз ин дастовардҳо таъмини рақамикунонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад. Рақамикунонӣ на танҳо воситаи такмил додани самаранокии истеҳсолот аст, балки механизми тағйирдиҳандаи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин омили рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар баҳисоб меравад.

Агар мо, такия ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ намоем, мебинем, ки соли 2019 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи иқтисоди рақамӣ» қабул намуд ва ин ташаббус барои пурра ҷори намудани технологияҳои муосири рақамӣ мусоидат менамояд [4]. Чунин консепсия метавонад ҳамчун муҳаррики асосии рушди иқтисоди рақамиро таъмин намояд. Бояд тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисоди рақамӣ аҳаммияти хосса дорад, зеро он ба такмили иқтисодиёт, тағйири сохтори он ва ҳамгироӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Рақамикунонӣ ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои нави тиҷорат, рушди соҳаҳои нави иқтисодиёт, иҷтимоиёт инчунин, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Агар мо такия ба адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ намоем мебинем, ки истилоҳи «Рақамикунонӣ» ба тавсифҳои гуногун шарҳ дода шудаанд. Аз ҷумла, муҳақиқи ватанӣ: С.А. Деҳқонов бар он назар аст, ки «Имрӯзҳо мо ба иқтисодиёти бозорӣ

гузашта, ҷоришавии тамоми шаклҳои онро дар ҷумҳуриамон мушоҳида намуда истодаем ва яке аз сабаби асосии рушди иқтисодӣ дар ҷори намудани рақамикунонӣ ва бозори иттилоотӣ дидан мумкин аст» [3, с. 165], инчунин, Э.Қ. Миршарифов бар он назар аст, ки «Иқтисоди рақамӣ натанҳо ба савдо рабт дорад, балки ба тамоми соҳаҳо, алалхусус, иқтисодию иҷтимоӣ асос ёфтааст [7, с.172]. Пас, моро зарур аст, ки аз рақамикунонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба таври густарда дар низоми идоракунӣ ва дигар муассисаву ташкилотҳои кишварамон амалан истифодаи бомаром намоем. Агар ба такия аз адабиёти хориҷӣ намоем мебинем, ки истилоҳи рақамикунониро муҳақиқи амрикоӣ Э. Тоффлер чунин тавсиф менамояд «Иқтисодиёти рақамӣ ин калиди ҳалли ҳама гуна мушкилот, аз ҷумла ҳаллӣ мушкилоти идоракунӣ [10, с. 87], арзёбӣ намудааст.

Дар замони муосир, зарурати коркарди ҳаҷми калони иттилоотӣ ва дар навбати худ зарурати воқеии татбиқи рақамикунонии корхонаҳои саноатиро ба миён меорад, ки он бидуни истифодаи технологияҳои муосир ҳал карда намешавад. Аммо бояд дар назар дошт, ки барои гузаштан ба рақамикунонии корхонаҳо бояд рақамикунонии умумӣ ва ҳамгирошавии равандҳои истеҳсолӣ бо дигар равандҳо, аз коркарди маҳсулот сар карда, то логистика, инфрасохтор ва ғайра, амалӣ карда мешаванд [2, с. 36].

Рақамикунонӣ дар ин ҷода ба беҳтар намудани хусусиятҳое нигаронида шудааст, ки имконоти дастрасӣ ба иттилоотро тарҳрезӣ намуда, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили онро бо истифода аз барномаҳои рақамӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба роҳ мемонанд. Яке аз омилҳои муҳиммӣ рақамикунонӣ ин автоматикунонӣ бо истифода аз платформаҳои рақамӣ ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки платформаҳои рақамӣ хатогиҳоро коҳиш дода, иттилоотро ҳифз менамояд.

Чуноне ки, Пешволи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ санаи 28-декабри соли 2024 ба Маҷлиси олии кишвар солҳои 2025-2030-ро "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон намуда, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазорату идораҳоро ҷиҳати таҳияи лоиҳаи "Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030" супориш додаанд, ки то охири соли 2025 баронмаи зикршударо таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд [11].

Дар баробари ин метавон гуфт, ки рақамикунонии соҳаҳои кишвар ҳамчун омили муҳимтарин барои рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, барои самаранокии меҳнат дуруст ба роҳ мондани хизматрасониҳо ва ба низоми рақамӣ гузаштани кишвар мусоидат мекунад. Баъзе муҳақиқон бар он назаранд, ки кишварҳои аз лиҳози техникию техналогӣ ва саноати тараққикорда ҷаҳон, ба монанди ИМА, Чин, Ҷопон, Олмон, Фаронса, Швейцария, Сингапур ва амсоли ин дар раванди истеҳсолот аз техналогияҳои муосири инноватсионӣ ва технологияҳои рақамӣ ба таври васеъ истифода мебаранд, ки боиси рушди иқтисодии онҳо гардида, қисми зиёди бозори ҷаҳониро бо навҷорисозии худ ва маҳсулоти хушсифат ҷавобгӯ бо стандартҳои ҷаҳонӣ ва нархи дастрасдошта таъмин менамоянд, ки аз истифодаи технологияи муосир бозгӯ мебошад [6, с.4]. Пас, моро зарур меояд, ки дар аввалин фурсат тамоми соҳаҳои кишварро бо дониши хуби соҳавӣ таъмин намоем ва соҳаҳоро бо техникаю техналоияии ҳозиразамон муҷҷаҳаз намоем, ки ин боис бар он мегардад, ки мисли давлатҳои дар боло зикргардида ба иқтисоди рушдёфта даст ёбем, молҳои хушсифат ва ба талабот ҷавобгӯ истеҳсол намуда ба мардум пешниҳод намоем.

Дар ин минвол, муҳақиқи ватанӣ: С. Аскарова қайд менамояд, ки "Дар раванди татбиқи рақамикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ афзалияти асосӣ дар баланд бардоштани маҳсулнокии корхонаҳо аз ҳисоби кам кардани вақти истеҳсоли коркарди маҳсуллоти нав, баровардани маҳсулот ба бозор ва дастрас кардан ба истеъмолкунанда, инчунин, беҳтар гардонидани захираҳои корхона инъикос меёбад, ки дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳо самароноктар мегардад [1, с. 92]. Бояд гуфт, ки дар ҳолати корхонаҳои санотиро ба техникаю теҳналогияи муосир муҷҷаҳаз гардонидан мо метавонем, самаранокиро дар сатҳи боло расонем, сатҳи истеҳсолотро боло барем ва сифати корро беҳтар созем. Яъне иқтисоди рақамӣ як низоми иртиботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки ба истифодаи технологияҳои рақамӣ асос ёфтааст. Метавон гуфт, ки истилоҳи иқтисоди рақамиро бо дигар истилоҳҳо низ истифода намоем, ба монанди иқтисоди нав ё веб-иқтисод, технологияи муосир, иттилоот, интернет ва ғайра. Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки ҳангоми рушди иқтисоди рақамӣ якчанд бартариятҳоро мушоҳида кардан мумкин аст (сарфаи вақт, дастрасӣ ба иттилоот доир ба молу маҳсулот, шаффофият, мониторинг ва ғ.).

Иқтисоди рақамӣ пеш аз ҳама, истифодабарии техникаю технологияи нави рақамиро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти нав пешбинӣ менамояд, ки дар навбати худ аз ҳар кадом мутахассис донишҳои муосири дараҷаи баландро талаб менамояд. Дар навбати худ, чунин тағйирот вобаста ба татбиқу истифодабарии технологияҳои рақамӣ дар тамоми соҳаҳо ва самтҳои фаъолият барои ҳар як мутахассис имкониятҳои бузургро фароҳам меоварад. Дар чунин шароит, муассисаю корхонаҳо бояд низоми идоракунии иқтидори кадриро такмил дода ва дар ин замина мутахассисонро низ зарур аст, ки аз такмили ихтисос, омӯзиш ва бозомӯзӣ гузаранд. Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди рақамӣ низ бояд ба муайянкунии талабот ба кадрҳо ва идоракунии иқтидори кадрӣ диққати махсус дода шавад. Дар шароити иқтисоди рақамӣ таҳти мафҳуми рушди кадрҳо бояд, раванди омода намудани кормандон барои иҷрои вазифаҳои нави истеҳсолӣ, ишғоли вазифаҳо, ҳалли масъалаҳои нав бо мақсади рафъи тафоввути байни талабот ба корманд ва хусусиятҳои шахсию меҳнатии ӯ фаҳмида мешаванд [5, с. 193]. Дар маҷмуъ, аҳаммияти калони самаранокии идоракунии иқтидори кадриро дар шароити иқтисоди рақамӣ ба назар гирифта, мо чунин мешуморем, ки сарфи назар аз мураккабӣ дар оянда ин масъаларо дар асоси таҷрибаи мавҷудбуда ва истифодаи усулҳои муосир ҳал кардан лозим аст [9, с. 67]. Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави иқтисоди рақамӣ қарор дошта, тадбирҳои муассирро барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаҳои гуногуни кишвар ба роҳ монда, солҳои охир ба як қатор дастовардҳо ноил гаштааст, ки рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои беҳтар намудани хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ ва соддагардонию шаффофияти фаъолияти сохторҳои давлатӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои олии рушди дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ва ҳамзамон ҳарчи зудтар ба сатҳи зиндагии кишварҳои дорои даромади миёна расонидани он чораҳои зарурӣ меандешад. Дар солҳои охир, рушд бахшидани иқтисоди рақамӣ ба яке аз ҳадафҳои муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити рушди технологияи рақамӣ мо метавонем дар беҳбудбахшии соҳаҳои

дигари ҳаёти ҷамъиятӣ аз имкониятҳои он истифода намоем. Дар ин баробар муҳаққиқон бар он назаранд, ки "Таъмини рушди бонизоми рақамикунонӣ, аз ҷумла технологияҳои зеҳни сунъӣ, рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ ва ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [8, с. 167]. Дар ин замина, меавон гуфт, ки бо ташабус ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои инфрасохтори иқтисоди рақамӣ ва асосҳои ҳуқуқии соҳа ташкилу тақвият ёфтаанд.

Дар шароити муосири рақамикунонӣ моҳият ва тарзи иҷроиши ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва ҳуқуққҳои истеъмолгар дигаргун гаштааст. Дар ин баробар метавон гуфт, ки яке аз омили асосӣ ин суръатбахшии рушди технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рушди бомароми технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳамаи ҳадафҳои рушди устувор аҳаммияти муҳим дорад. Пеш аз ҳама, барои суръатбахшии рушди соҳибкории хурд ва миёна, баландбардории ҳосилнокии меҳнат, афзоиши рақобатнокӣ ва дар умум рушди иқтисоди миллӣ ба амал меояд. Истифодаи технологияи рақамӣ имрӯзҳо ҳамчун мояи асосии рушди иқтисодиёт дар пояи ҳадафи чаҳоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръат, боиси ташаккул ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт гардидааст. Иқдоми мазкур саривақтӣ буда, пеш аз ҳама, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғаннӣ гардондани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мустаҳкам гузошта, барои баланд бардоштани рейтинги байналмилалии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад [13, с. 173]. Дар ин замина, муҳаққиқон бар он назаранд, ки иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама дар асоси технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меояд. Яъне фаъолияти иқтисодӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон гардиши маблағҳо тавассути воситаҳои электронӣ ба роҳ монда мешаванд, ки омили муҳимтарини тиҷорати электронӣ мегарданд. Ба вуҷуд овардани иқтисоди рақамӣ натанҳо ба савдо рабт дорад, балки дар соҳаҳои алоҳида: маориф, тандурустӣ, бонкдорӣ, суғуртавӣ, боркашонӣ ва ғайра низ татбиқпазир аст. Масалан, ба роҳ мондани таълимоти фосилавӣ, ташкил намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ташкилотҳо бо кормандони фосилавӣ, баргузор намудани музоядаҳои электронӣ ва ғайра.

Метавон ба чунин хулоса омад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли гузариш бо низоми рақамикунонӣ қарор дорад ва дар ин баробар ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт имконият фароҳам меорад, ки самаранокии истеҳсолот баланд гардида, сифати хизматрасониҳо беҳтар шаванд. Дар умум, арзёбии таъсири рақамикунонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ метавонад ба баланд гардидани самаранокии истеҳсолот, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши арзёбии таъсири рақамикунонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ метавон чунин пешниҳод намуд:

1.Барои рушди иқтисодӣ рақамӣ дар ҷумҳурӣ бояд инфрасохтори рақамӣ, аз ҷумла, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва хизматрасониҳои электронӣ густариш дода шаванд.

2.Барои тамини рушди умтувори иқтисоди рақамӣ зарур аст, ки ҳамкори байни давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тақвият дода шаванд.

3.Инчунин, зарур аст, ки сиёсати давлати рушди иқтисоди рақамӣ такмил дода шуда, барномаҳо ва стратегияҳои махсус барои рушди технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод таҳия ва татбиқ гарданд.

**Муқарриз: Амирзода С.А. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1.Азимов С.Ш. Таъмини ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ дар шароити рақамикунонӣ [Матн] / С. Ш. Азимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1. – С. 92-110.

2.Аскарова С.С. Заминаҳои асосии ташкили низоми инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.С. Аскарова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2023. – № 1(94). – С. 35-45.

3.Деҳқонов С.А. Системаҳои иттилоотию иқтисодӣ - бахши муҳимми фаъолияти идоракунии корхона [Матн] / С.А. Деҳқонов, Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. – №1(1). – С. 165-173.

4.Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642 тасдиқ шудааст. https://medt.tj/images/news/2019/KCERTtj. (санаи муроҷиат 12.02.2026)

Мавлоназаров С.С. Рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.С. Мавлоназаров, Р.С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 2(36). – С. 193-196.

5.Маҳмадуллоев А.С. Масоили мубрами густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев. – Нашри аввал. – Душанбе : «Эр-граф», – 2025. – 2020 с.

6.Миршарипов Э.К. Роль информационных ресурсов в системе факторов развития стратегического партнерства промышленных предприятий [Текст] / Э.К. Миршарипов, А.С. Махмадуллоев // Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе. Серия: Право, история и экономические науки. – 2025. – № 1(3). – С. 172-178.

7.Миршарифзода Э.Қ. Масъалаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия ва иқтисодиёти сабз дар Паёми Пешвои миллат [Матн] / Э. Қ. Миршарифзода, А.С. Маҳмадуллоев, Ҳ.Ҷ. Давлатов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2025. – № 2(4). – С. 167-174.

8.Неъматуллои М. Асосҳои назарявӣ ва амалии рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М. Неъматуллои // Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили рушди иқтисодӣ: Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи, Душанбе, 16 декабря 2024 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2024. – С. 66-72.

9.Ҳодиев Д.А. Ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / Д.А. Ҳодиев, Ҳ. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №4. –С.87-93.

10.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ "Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш. Душанбе, аз 28.12.2024. [манбаи электронӣ]. https://prezident.tj/event/news/49225 (санаи муроҷиат 23.02.2026)

11.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – Душанбе, 2016.

12.Юсупов Ш.Н. Баъзе масоили идоракунии иқтидори кадрии корхонаҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ [Матн] / Ш. Н. Юсупов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – № 3(87). – С. 173-185.

## АРЗЁБИИ ТАЪСИРИ РАҚАМИКУНОНӢ БА РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ: ОМИЛҲО, МЕХАНИЗМҲО ВА АФЗАЛИЯТҲОИ РУШД

Дар мақолаи мазкур, масъалаҳои таъсири рақамикунонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инчунин, омилҳо, механизмҳо ва афзалиятҳои рушди иқтисоди рақамӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллифон оид ба омилҳо, механизмҳо ва афзалиятҳои рушди иқтисоди рақамиро дар шароити муосир барраси намуда, нақши техналогияҳои рақамиро дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ бараъло ишора намудаанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ ва муқоисавӣ истифода гардидааст.

Натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки таъсири рақамикунонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ баромад намуда, ба баланд гардидани самаранокии истеҳсолот, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, такмили низоми идоракунӣ ва беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳо мусоидат менамояд. Инчунин, дар мақола фикру мулоҳизаҳои олимони ватанию хориҷӣ дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ ишора гардидааст. Дар баробари ин, масъалаҳои рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барраси гардида, зарурати густариши инфрасохтори рақамӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва баланд бардоштани сатҳу сифади хизматрасониҳо таъкид гардидааст. Муаллифон бар он назаранд, ки самараноки сиёсати давлатии рақамикунонӣ метавонад ба рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар мусоидат намояд.

**Калидвожаҳо:** рушди иқтисодию иҷтимоӣ, рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ, инноватсия, самаранокии иқтисодӣ, рушди устувор, идоракунӣ, технологияҳои муосир.

## ОЦЕНКА ВЛИЯНИЯ ЦИФРОВИЗАЦИИ НА СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ: ФАКТОРЫ, МЕХАНИЗМЫ И ПРЕИМУЩЕСТВА РАЗВИТИЯ

В данной статье анализируются вопросы влияния цифровизации на социально-экономическое развитие, а также факторы, механизмы и преимущества развития цифровой экономики. Авторы рассматривают факторы, механизмы и преимущества развития цифровой экономики в современных условиях и четко указывают на роль цифровых технологий в повышении эффективности экономической деятельности. В процессе исследования использованы методы теоретического и сравнительного анализа.

Результаты анализа показывают, что влияние цифровизации на социально-экономическое развитие является одним из важных факторов развития национальной экономики, способствующим повышению эффективности производства, развитию предпринимательства,

совершенствованию системы управления и повышению качества услуг. В статье также освещаются взгляды отечественных и зарубежных ученых на использование цифровых технологий и их влияние на экономическое развитие. Одновременно обсуждаются вопросы развития цифровой экономики в Республике Таджикистан и подчеркивается необходимость расширения цифровой инфраструктуры, внедрения современных технологий и повышения уровня и качества услуг. Авторы считают, что эффективность государственной политики цифровизации может способствовать устойчивому развитию национальной экономики и повышению конкурентоспособности страны.

**Ключевые слова:** экономическое и социальное развитие, цифровизация, информационные технологии, цифровая экономика, инновации, экономическая эффективность, устойчивое развитие, управление, современные технологии.

## ASSESSMENT OF THE IMPACT OF DIGITALIZATION ON SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT: FACTORS, MECHANISMS AND ADVANTAGES OF DEVELOPMENT

This article analyzes the issues of the impact of digitalization on socio-economic development, as well as the factors, mechanisms and advantages of the development of the digital economy. The authors consider the factors, mechanisms and advantages of the development of the digital economy in modern conditions and clearly indicate the role of digital technologies in increasing the efficiency of economic activity. The research process used theoretical and comparative analysis methods.

The results of the analysis show that the impact of digitalization on social and economic development is one of the important factors in the development of the national economy, contributing to increasing production efficiency, developing entrepreneurship, improving the management system, and improving the quality of services. The article also highlights the views of domestic and foreign scientists on the use of digital technologies and their impact on economic development. At the same time, the issues of developing the digital economy in the Republic of Tajikistan are discussed, and the need to expand digital infrastructure, introduce modern technologies, and improve the level and quality of services is emphasized. The authors believe that the effectiveness of the state policy of digitalization can contribute to the sustainable development of the national economy and increase the competitiveness of the country's economy.

**Keywords:** economic and social development, digitalization, information technologies, digital economy, innovation, economic efficiency, sustainable development, management, modern technologies.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Саидзода Аҳмадҷон Саидҷон** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси менеҷмент, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к.Э. Муҳиддин-63. Телефон (+992) 988888337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**Боев Неъматулло Муслуҳудинович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти соли аввали ихтисоси молия ва қарз. Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к.Э. Муҳиддин-63. Телефон (+992) 989077031. E-mail: Nematullo.boev.98@mail.ru

**Ҳакимов Қосимҷон Шухратҷонович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти соли аввали ихтисоси молия ва қарз. Суроға:

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к.Э. Муҳиддин-63. Телефон (+992) 026786565. E-mail: Shamil6230@gmail.com

**Сведения об фвторах: Саидзода Ахмадджон Саидджон** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доктор философии (Ph.D), доктор по специальности менеджмента, доцент кафедры бухгалтерского учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 988888337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**Боев Нематулло Муслухудинович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистрант первого курса по специальности финансы и кредит. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Мухиддина-63. Телефон (+992) 989077031. E-mail: Nematullo.boev.98@mail.ru

**Хакимов Косимджон Шухратджонович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистрант первого курса по специальности «Финансы и кредит». Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 026786565. E-mail: Shamil6230@gmail.com

**Information about authers: Saidzoda Ahmadjon Saidjon** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, doctor of philosophy (Ph.D), Doctor of Management, associate professor of the accounting and Management department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, the city of Garm, st.E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 988888337. Email: dass_ahmadjon@mail.ru

**Boev Nematullo Musluhudinovikch** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, first-year master's student in the specialty finance and credit. Address: 734025, Republic of Tajikistan, the city of Garm, st.E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 989077031. E-mail: Nematullo.boev.98@mail.ru

**Hakimov Qosimjon Shuhratjonovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, first-year master's student in the specialty finance and credit. Address: 734025, Republic of Tajikistan, the city of Garm, st.E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 026786565. E-mail: Shamil6230@gmail.com

**ТДУ: 334.722**

# ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аминов Ҳ.Н.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар раванди таъмини рушди иқтисодӣ яке аз вазифаҳои асосии давлату ҳукумат таъмини шароит ҷиҳати истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи минтақаҳо мебошад, ки самаранок истифодабарии онҳо бештар аз идоракунии салоҳиятдори ҳудудӣ дар самти амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, аз ҷумла саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ вобаста аст. Зеро, дастовардҳои бузурги иқтисодии ҳар як минтақа дар умум некӯаҳволии кишварро муайян месозад. Аз ин бармеояд, ки ба мавқеи минтақаҳо диққати махсус медиҳем. Бинобар ин, барои ба иштибоҳ роҳ надодан сараввал мехостем ба моҳияти иҷтимоию иқтисодии минтақа каме назар афканем. Бояд гуфт, ки имрӯз минтақа

макони фаъолияти ҷамъият мебошад, маҳз сифатҳои шахсият, самтҳои фаъолияти касбӣ дар маҷмӯъ сатҳи зиндагиро ташаккул медиҳанд. Омили ҳудудӣ масрафҳои ҷомеаро барои татбиқи фаъолияти истеҳсолию иҷтимоӣ аз ҷиҳати масофа, мавқеи шароит ва захираҳои мавҷудаи минтақа муайян мекунад. Алоқамандии муштараки фаъолияти минтақа дар он зоҳир мегардад, ки фарқияти шароити ҳудудӣ, тағйироти кори инсонро тақозо мекунад. Ба андешаи мо, рушди фаъолият ва инсоният аҳамияти ҷанбаҳои гуногуни минтақаро барои мавҷудияти инсон тағйир медиҳад. Ҳамзамон, бо пешрафти илму техника, ин муносибат инкишоф ёфта, доираи фаъолияти инсон ва сохтори маҳсулоти ниҳоӣ тағйир меёбанд. Дар заминаи тақвияти ҳамгироии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, пешрафти инноватсионӣ дар иқтисодиёт, афзоиши ҳиссаи истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддӣ, рушди бозори меҳнат, фаъолияти инсон аз ҳудуди минтақавӣ ва миллӣ вобастагӣ дорад [1, с.64].

Бояд қайд намуд, ки дар мамлакатҳои хориҷӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо фаъолтар ба назар мерасанд. Чунки ин минтақаҳо бо маҳсулоти кишоварзию саноатӣ марказҳоро таъмин менамоянд. Аз ин ҷост, ки дар минтақа, хусусияти иқтисоди тараққикарда дар он аст, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ, тақсимоти нерӯҳо, молҳо ва захираҳо нисбатан баробар мебошад, вале новобаста аз беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар омилҳои демографии минтақавӣ таъсир мерасонанд, ки яке аз онҳо сокиншавии мавқеи истиқоматии одамон ва муҳити муайяни иҷтимоӣфарҳангии онҳо мебошад. Аммо дар баъзе минтақаҳо, маҳдудияти захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ баробар нестанд ва аз ин лиҳоз, мушкилоти истифодаи самараноки захираҳоро ба миён меоранд. Бинобар ин пеш аз оид ба асосҳои илмӣ-назариявии сиёсати саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа ду сухан нисбати моҳияти худи минтақа истода хоҳем гузашт, то ки дар омӯзиши предмети таҳқиқот ба ғалатиҳо роҳ надиҳем.

Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ин маҷмуи муносибатҳое мебошанд, ки дар худ ихтиёрдории омилҳои истеҳсолӣ ва истифодаи натиҷаҳои истеҳсолотро ифода мекунанд. Онҳо инчунин унсури таркибии ду ҷанбаи муносибатҳои моликиятдорӣ мебошанд [2, с.78].

Ҷанбаи дигари онҳо муносибатҳои ихтиёрдории моликият ё ба ибораи дигар, муносибатҳои моликиятдорӣ мебошанд, ки дар ҷомеаи ибтидоӣ намунаи робитаҳои ахлоқӣ ва дар ҷомеаи синфӣ - робитаҳои ҳуқуқиро ифода мекунанд.

Зимни баррасии хусусиятҳои тағирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ дар охирҳои асри XX ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки гуногунӣ ва мураккабии равандҳои иқтисодӣ аз ҳисоби компютерикунонии босуръат ва автоматикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, ки марҳилаи навбатии он зеҳнигардонии истеҳсолот ва инчунин табдилдиҳии соҳаи хизматрасонӣ ба бахши асосӣ ташаккули маҳсулоти миллӣ ва шуғли аҳолӣ мебошад. Ҳамаи онҳо дар консепсияҳои "ҷомеаи иттилоотӣ", "иқтисоди инноватсионӣ", инчунин "иқтисодиёти ба дониш асосёфта" инъикос ёфтаанд.

Муносибатҳои иқтисодӣ пеш аз ҳама ҳамкориҳои дуҷонибаро дар раванди истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли молу хизматрасониҳо дар назар доранд. Онҳоро инчунин ҳамчун муносибати одамон нисбат ба чизҳо дарк кардан мумкин аст.

Вобаста ба ин, бояд таҳлили ҳама намудҳои муносибатҳои иқтисодӣ дар атрофи муносибатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо ҳалли масъалаҳои мол алоқаманданд, бояд ба роҳ монда шавад (ашёи ғайримоддӣ ва моддӣ).

Дар фаъолияти иқтисодӣ ҷомеа муносибатҳои муайян субъект ва объект доранд. Дар илми иқтисодӣ муносибатҳои иқтисодии ҷомеа, ки дар байни шахсони алоҳида, гурӯҳҳо, фирмаҳо, минтақаҳо, кишварҳо ба вуҷуд меоянд, таҳқиқ карда мешавад [3, с. 15].

Муносибатҳои иқтисодӣ робитаҳо ва ҳамкориҳои муайянеро ифода мекунанд, ки новобаста аз раванд, воҳидҳои иқтисодӣ ба ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ворид мешаванд. Дар сохтори онҳо муносибатҳои истеҳсолӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодиро фарқ намудан зарур аст.

Муносибатҳои дар охир номбаршуда байни синфҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, коллективҳои алоҳида ва аъзои ҷомеа ташаккул меёбанд. Дар онҳо нақши калидиро муносибатҳои амволӣ барои воситаҳои истеҳсолот иҷро мекунанд.

Муносибатҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ бо он сабаб зоҳир мегардад, ки истеҳсолот, тақсимот ва мубодила бидуни ташкили самарабахши ин раванд ғайриимкон аст. Онҳо шаклҳои робитаҳои ташкилиро инъикос мекунанд ва ҳама гуна фаъолияти умумии кормандонро ҳамроҳӣ мекунанд. Масалан, тақсимоти меҳнат ва махсусгардӣ. Таҳти тақсимоти ҷамъиятии меҳнат аз маҷмуъ ҷудо намудани намудҳои алоҳидаи фаъолияти меҳнатӣ фаҳмида мешавад.

Муносибатҳои истеҳсолӣ дар ҷараёни ташаккули хеш заминаи асосии ташкили иқтисодиёти иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд. Онҳо фаъолияти муштараки субъектҳои хоҷагидориро бо ҳамдигар дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ ошкор мекунанд. Аммо мавриди зикр аст, ки истеҳсолот пеш аз ҳама раванди ҷамъиятӣ аст, онро на субъектҳои хоҷагидории аз ҳам ҷудо, балки аз ҷониби субъектҳои ҷамъитӣ иҷро мекунанд. Ғайр аз он, истеҳсолот як раванди доимо амалкунандаи бетафсил аст. Ҷамъият истеъмолотро боздошта наметавонад ва ин боиси доимӣ будан ва такроршаванда будани раванди истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот мегардад. Ғайр аз ин, ҳамаи марҳилаҳои дар боло нишон додашуда ҳамзамон амалӣ карда мешаванд. Давомнокии раванди истеҳсолот ва такрори он такрористеҳсоли ҷамъиятиро тавсиф менамояд [4, с. 32].

Ҳамин тавр, дар рисолаи хатм маҳияти муносибатҳои иқтисодии ҷамъиятиро дида мебароем. Мафҳуми меҳнати ҷамъиятӣ ҳамчун раванде дарк карда мешавад, ки дар он ду ва ё зиёда нафар иштирок мекунанд. Тамоми муносибатҳои моддӣ ва унсурҳое, ки дар меҳнати инфиродӣ истифода мешаванд, ба ӯ хосанд. Низоми мазкур ташаккули муносибатҳои нави байни субъектҳои хоҷагидорӣ баррасӣ менамояд. Раванди иқтисодӣ ва мувофиқан, низоми муносибатҳои иқтисодии ҷамъитяӣ аз унсурҳои зерин ташаккул меёбад:

-азхудкунии неъматҳо;

-тақсимоти неъматҳо;

-мубодилаи неъматҳо;

-истеъмоли неъматҳо.

Тамоми муносибатҳо бо тарзҳои гуногун бо ҳамдигар дар робита қарор доранд ва дар тобеияти муайян мебошанд. Раванди ҳаракати ҷамъиятии неъматҳо тӯлонӣ аст ва муносибатҳое, ки қаблан ба вуҷуд меоянд, ба ин ё он тарз таъсир мерасонанд. Бояд дарк намуд, ки муносибатҳои иқтисодӣ бо якдигар бештар

ҳамчун истеҳсолкунанда ва маҳсулот робита доранд, на ҳамчун муносибатҳои сабабиву оқибатӣ. Ҳар як воҳиди хоҷагидории ҷомеа ё санади ҷудогонаи такрористеҳсоли маҳсулот ҳамчун манбаи такрористеҳсоли муносибатҳои муайяни дохилии иқтисодӣ ва асоси мавҷудияти муносибатҳои иқтисодии байнихоҷагидорӣ мебошад [6, с. 23].

Муносибатҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ - намудҳои гуногуни ҳамкорӣ ва тақсимоти меҳнатро ифода мекунанд. Онҳо бинобар зарурати ташаккули раванди муайяни ташкилии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тақсимот, мубодила ва истеъмолот ба вуҷуд меоянд:

1)мутамарказгардонӣ - муттаҳидсозии амвол ва истеҳсоли ташкилотҳои қаблан мустақил дар як воҳиди ягона;

2)ҳамгироӣ - муттаҳидсозии низомҳои инфиродии иқтисодӣ (ширкатҳо, кишварҳо ё соҳаҳо) ба низоми ягонаи ба ҳам алоқаманд;

3)омезиши истеҳсолот - истифодаи маҳсулоти иловагии як истеҳсолот ҳамчун захира барои истеҳсоли дигар;

4)кооператсияи меҳнат ва истеҳсолот - иштироки муштараки одамон дар раванди умумии ҳамоҳангшудаи истеҳсоли неъматҳои иқтисодӣ, ки арзи вуҷуди ҷомеаро дар маҷмӯъ таъмин менамояд;

5)консентратсияи истеҳсолот - васеъ кардани корхонаҳо тавассути истифодаи даромади онҳо, ки ба тавсеаи истеҳсолот, афзоиши ҳиссаи ширкатҳои алоҳида дар маҳсулоти истеҳсолнамудаи соҳаҳои алоҳида равона карда шудаанд;

6)ҷудосоӣ ва тақсимоти меҳнат - иҷрои амалиётҳои гуногун аз ҷониби кормандон, истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулот дар дохили як корхона.

Ҳангоми таҳлили муносибатҳои иҷтимоӣ набояд табиати истеҳсолӣ ва иқтисодии онҳо, ё ба ибораи дигар, муносибатҳои истеҳсолиро фаромӯш кард.

Таҳти онҳо маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ доир ба неъматҳои моддӣ, новобаста аз шуури одамон фаҳмида мешаванд, ки, дар ин раванд одамон  аз раванди истеҳсолот то истеъмолот иштирок менамоянд.

Муносибатҳои истеҳсолӣ ҳамчун ҷанбаи муҳими муносибатҳои истеҳсолӣ баромад мекунанд. Онҳо дар якҷоягӣ ду ҷониби ҳар як намуди истеҳсолотро ташкил медиҳанд ва тибқи қонунияти мутобиқати муносибатҳои истеҳсолӣ бо ҳам робита доранд.

Тибқи ин қонуният, муносибатҳои истеҳсолӣ вобаста ба хусусият ва сатҳи рушд қувваҳои истеҳсолкунанда ҳамчун шакли фаъолият ва инкишофи онҳо ташаккул меёбанд [5, с. 54].

Дар асоси гуфтаҳои боло, қайд намудан зарур аст, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ як падидаи бисёрҷабҳа аст ва баррасии муфассалро талаб мекунад, алахусус дар сатҳи иқтисоди миллӣ.

Ҳамин тавр, сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро дида мебароем (ба расм нигаред).




**Расми 1.1. Намудҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

Таҳлили муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, намудҳо ва моҳияти онҳо ба мо имкон медиҳад, ки равандҳои дар байнивоҳидҳои иқтисодӣ мушаххасан баррасӣ карда шаванд. Ин дар навбати худ ба мо имконият медиҳад, ки механизмҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатро бо дарназардошти манфиатҳои ҳар як субъекти фаъолияти иқтисодӣ самараноктар ва дақиқтар татбиқ намоем.

Агар аз таҳлили назариявӣ ва таҷриди (абстракси)-и ҳодиса андаке сукуд намоем ва ба амалия мурочиат кунем, онгоҳ низоми иқтисодӣ ҳамчун натиҷаи сиёсати иқтисодии давлат қарор мегирад ва мувофиқи хусусиятҳои таърихиву табиии онҳо муайян карда мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат, дараҷаи инкишофу ташаккули онҳо низ зери таъсири омилҳои зиёди иқтисодӣ қарор мегирад, ки онҳоро метавон чунин тақсимбандӣ кард:

1.**Омилҳои табиӣ** - мусоидии иқлим, ҷойгиршавии мамлакатҳо дар мавзеъ ва минтақаҳои ҷаҳонӣ, захираҳои об, канданиҳои фоиданок, ҳосилхезии замин...;

2.**Иҷтимоию маданӣ** - фаъолияти маънавию маориф, руҳӣ, фаъолияти ҳаётпазирии инсон, сатҳи инкишофи маориф, илм, фарҳанг, маданият...;

3.**Истеҳсолию иқтисодӣ** - предмет ва воситаҳои меҳнат, технологияи истеҳсолот, шакли ташкили истеҳсолот (меҳнат), дараҷаи даромаднокӣ, самаранокӣ, ҳосилнокию шиддатнокии меҳнат...;

4.**Омили инсонӣ** - нақш ва мақоми инсон ҳамчун коргар, шумораи мутахассисон, аҳолӣ ва таркиби иқтисодиву иҷтимоии онҳо, бекорон, шуғли аҳолӣ, камбуд ё барзиёдатии аҳолӣ, муҳоҷирати аҳолӣ, сатҳи даромад ва зиндагонии одамон, таъмин будан ба ҷои кор, бо манзил...;

5.**Техникию иқтисодӣ** - сатҳи техникаю технология, ихтироотҳо, навовариҳо, такмили таркибии истеҳсолот, ҳаҷми фоида, сатҳи рақобат, сармоягузорӣ, захираҳои молиявӣ...;

6.**Ҳуқуқию маъмурӣ** - ташаккул ва волояти қонунҳои ҳуқуқӣ, ташаккули шакл ва намудҳои моликият, вазни қиёсии моликияти хусусию давлатӣ, вазъи хусусигардонию ғайридавлатигардонӣ...;

7.**Фаъолияти хоҷагидорию соҳибкорӣ** - таносуби шаклҳои гуногуни хоҷагӣ - инфиродӣ, молӣ, деҳқонӣ, бозорӣ, фермерӣ, коллективӣ...;

8.**Идораву банақшагирӣ** - хел ва намудҳои идора, сатҳи ташаккули менеҷменту маркетинг, бизнес, барномаҳои иқтисодӣ ва дурнамои онҳо, нақш ва мақоми ислоҳотҳои хоҷагӣ дар дигаргунсозиҳои иқтисод ва ғайра;

9.**Омилҳои бурунмарзӣ** - равобитҳои байналхалқӣ, сатҳ ва дараҷаи ҳамгироии иқтисодӣ, тиҷорат, муносибатҳои қарзию пулӣ, молиявӣ, ҳалли масоилҳои умумибашарӣ...;

10.**Сиёсат ва сиёсати иҷтимоӣ** - сиёсати хоҷагидорӣ, дараҷа ва такомули сиёсати иқтисодӣ, вазъ ва мақоми партияҳои гуногун, ҳалли масоили иҷтимоӣ ва ғайра (ниг. Расмми 1.2.).




**Расми 1.2. - Омилҳои низоми иҷтимоӣ- иқтисодӣ**

Аз ҷумлаи омилҳои номбар кардашуда, моликият мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Он ҳамчун муносибатҳои объективӣ (айнӣ) ҳамаи ҷанбаҳои муносибатҳои иҷтимоии ҷамъиятро инъикос мекунад.

Мазмун ва таркиби моликият, асаб ва устухонбандии низомҳои иқтисодиро тавсиф менамояд. Низоми иқтисодӣ, махсусияти таркиботи ҷамъиятро, ки дар натиҷаи фаъолият ва таҷрибаи амалии ҳар як халқияту миллат ба вуҷуд меояд, мушаххасан ифода мекунад. Дар он санъати хоҷагидорӣ, анъанаҳои таърихӣ, ташаккули маънавиёти мардум, сарвати фарҳангу маърифат ва дарку зикри ҷаҳони муосир тасвир меёбад.

Аз ин нигаҳ, низоми иқтисодӣ - ҳамеша сирати инфиродию мушаххас дорад. Таърих аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аз нуқтаи назари эҳёву ташаккул, байни давлатҳои ҷудогона, перомуни низоми иқтисодӣ умумият вуҷуд надорад. Аз ҳамин ҷиҳат низоми иқтисодӣ, ҳамеша дар доираи ҳадди муайян, яъне доираи сарбастаи низоми мушаххас (конкрет) амал мекунад. Истифодаи тамсилаи (модели) иқтисодии як давлат дар мамлакати дигар (аз сабаби гуногунии омилҳои дар боло қайд карда шуда) имконнопазир ё худ маҳдуд аст. Ин хусусиятҳо ҳамчун тамсилаҳои рушди иқтисодӣ сурат мегирад. Мавҷуд будани тамсилаҳои гуногуни иқтисодӣ имкон медиҳад, ки таҷрибаи хоҷагидорӣ минбаъд амиқ омӯхта шуда, низоми иқтисодии мавҷуда такмил дода шавад.

Дар ин радиф, моҳияти иҷтимоию иқтисодии минтақаро аз нуктаи назари олимони иқтисодии ватаниву хориҷӣ таҳқиқ менамоем. Истилоҳи минтақа бо маънои васеъ ва истифодаи умум дар адабиёти ватаниву хориҷӣ самаранок истифода бурда мешавад. Яке аз маънидоди аввалини мафҳуми минтақа аз ҷониби

олими рус Некрасов Н.Н. дода шудааст, ки тибқи он “Минтақа ҳамчун қаламрави калони кишвар бо шароити каму беши якхелаи табиӣ ва самти хоси рушди нерӯҳои истеҳсолӣ дар асоси омезиши маҷмӯи захираҳои табиӣ бо заминаи мувофиқи моддию техникӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ дарк карда мешавад”. Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки дар замони муосир минтақа ҳудудҳоро дар вақт ва фазои муайян ва махсус ҷудо намуда, аз ҷиҳати соҳаҳои хоҷагии халқ ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, марзҳои гуногуни таърихӣ, демографӣ, маданӣ ва сиёсӣ аз ҳамдигар фарқ менамояд [7, с. 89]. Аз ин ҷост, ки дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоию таърихӣ тағйирот натанҳо дар 3худи низоми соҳаҳои хоҷагии халқи минтақа, балки дар ҷузъҳои алоҳидаи хоҷагидории он пешравиҳо ва тараққиёти соҳавӣ ба амал меоянд. Аз як тараф, ба монанди ҳама гуна падидаҳои мураккаби бисёрҷонибаи иқтисодӣ, мафҳуми минтақа дорои майдони васеи тавзеҳи илмӣ аз нуқтаи назари субъективии таҳқиқот ва ҷанбаҳои дигар мебошад. Бояд қайд кард, ки дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми истилоҳи «минтақа» ҳамчун ибораи чуқур ва васеъ истифода мешавад.

Дар ҳар як таҳқиқот истилоҳи "минтақа" дар асоси ҳадафҳои кори омӯзишӣ муайян коркард мешавад. Масалан, бо ишора ба моҳияти тафсири истилоҳи минтақа дар пажӯҳиши худ В.В. Жукова таърифи зеринро медиҳад: «Минтақа ҳамчун қаламраве мебошад, ки дар ҳудуди маъмурии як сохтори вилоятӣ бо мураккабӣ, тамомият, тахассус ва назоратшаванда тавсиф мешавад, яъне мавҷудияти мақомоти идоракунии сиёсӣ ва маъмурӣ, ки низоми ҷудонашавандаро бо сохторҳо, функсияҳо, робитаҳо бо муҳити беруна, таърих, фарҳанг, шароити зиндагии аҳолӣ таъмин мекунанд". Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, минтақа қаламраве мебошад, ки дар ҳудуди маъмурӣ мавҷуд буда, бо хусусиятҳои зерини бунёдӣ: мураккабӣ, тамомият, тахассус ва идорашаванда, яъне мавҷудияти мақомоти идоракунии сиёсӣ ва маъмурӣ тавсиф карда мешавад. Масъалаи мазкур дар асарҳои олимони ватанӣ, аз қабили Л.Х. Саидмуродов, Ф.М. Муминов ва Р.М. Мирбобоев қайд гардидааст, ки таҳти истилоҳи минтақа, рушди маҳалҳои алоҳидаи маъмурӣ бо назардошти зинаҳои онҳо дар сохтори ҳукумат баррасӣ карда мешавад [9, с. 21]. Интихоб бо сабаби мавҷудияти заминаи оморӣ ва инчунин сохтори мавҷудаи идоракунии давлатӣ вобаста буда, ин имкон медиҳад, ки сохтори минтақавии иқтисодиёти кишвар арзёбӣ карда шавад.

Ба ақидаи мо, дар шароити бозор, минтақа ҳамчун як сохтори иқтисодӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунад: - тасҳеҳи қарорҳои қабулшуда дар асоси чунин меъёр, ба монанди фоидаи инфиродӣ, яъне дараҷаи таъсири қарорҳои қабулшуда ба хароҷоти дигар субъектҳо ва дар маҷмӯъ, ба ҳолати ҳудудҳо ба назар гирифта шавад; - танзими сатҳ ва динамикаи маҷмӯи хароҷоти корхонаҳо бо ёрии афзоиши мувофиқи инфрасохтории минтақа. Дар баробари ин, минтақа бояд маҷмӯи принсипҳои зеринро ба ҳам алоқаманд намояд: - иқтисодиёти минтақавӣ, аз ҷумла тамоми инфрасохтор, ки нишондиҳандаҳои минтақаро таъмин мекунанд; - комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла саноати коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, захираҳои табиӣ ва ҳудудӣ ҳамчун манбаи боигарии минтақа; - соҳаи молиявию иқтисодӣ, ки бо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои молиявӣ ва буҷаи минтақавӣ таъмин карда мешавад. Дигар олими ватанӣ М.Т. Каримова қайд мекунад, ки: “Бо истилоҳи минтақа қаламрави муайянеро дар назар дорем, ки бо як қатор хусусиятҳояш аз дигар қаламравҳо фарқ мекунад ва дорои ягонагию вобастагии унсурҳои таркибии он мебошад". Аз

ин нуқтаи назар, минтақа ҳамчун ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста, аз ҷумла бахши саноат ҳисобида мешавад, ки дар он стратегия Саидмуродов Л.Х., Муминова Ф.М., Мирбобоев Р.М. ва усули истифодаи самаранокии иқтидори истеҳсолӣ дар иқтисодиёти кишвар ва минтақа тавлид ва татбиқ карда мешаванд.

Инчунин, профессор И.Р. Пулатова мафҳуми минтақаро аз нуқтаи назари имкониятҳои омӯзиши рушди қаламраве баррасӣ мекунад, ки дар он ҷо маҷмӯи пурраи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омада ҳалли худро меёбанд [10, с. 43]. Бояд қайд кард, ки минтақа аз нуқтаи назари омӯзиши равандҳои иқтисодии дар қаламрави мушаххас бааммаломада бояд бо назардошти маҷмӯи вариантҳои муайян кардани мафҳуми «иқтисодиёт», яъне иқтисодиёт, илм ва маҷмӯи муносибатҳо барои истеҳсол, мубодила, тақсим ва истеъмоли неъматҳои моддӣ бошад. Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, минтақа қаламрави муайянест, ки бо як қатор хусусиятҳояш аз дигар қаламравҳо фарқ мекунад ва як андоза бартарӣ дошта, бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда мешавад: - қаламрави маҳдуд бо мазмуни истеҳсолӣ, захираҳои табиӣ, меҳнатӣ; - тахассус ба ягон намуди соҳаи хоҷагии халқ (саноат, кишоварзӣ, ҳунармандӣ, сохтмон ва ғайра) [11, с. 74]. Аз ин рӯ, иқтисоди минтақавӣ аз нигоҳи методологӣ бояд ҳамчун минтақаи воҳиди ягонаи хоҷагидорӣ, дар шакли дугона – иқтисодӣ, минтақавӣ баррасӣ карда шавад, ки вобаста ба татбиқи мундариҷаи варианти консепсияи минтақа ва иқтисод табдил дода мешавад.

Бо назардошти ин, чунин мешуморам, ки мафҳуми "иқтисодиёти минтақавӣ" ҳамчун "иқтисодиёт дар қаламрави мушаххас" ё "ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои байни иштирокчиёни такрористеҳсоли минтақавӣ", ки дар раванди истеҳсол, мубодила ва истеъмол фаъолият мебаранд, истифода бурда шавад.

**Муқарриз: Саидзода А.С. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1.Ализода Б. П. Истиқлолият ва фарҳанги миллӣ  Паёми Донишкалаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Президенти Ҷумҳурии ТоҷикистонДушанбе,2007, -№ 1. С. 98

2.Бабич А.М. и др. Социальная сфера в условиях перехода к рынку /Под ред. Е.Н. Жильцова. - М., 2003.

3.Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015. - Душанбе: «Ирфон», 2009.  - 25 с.

4.Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2016. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. - 142 с.

5.Волгин Н.А. Социальная политика. Учебник / Под общ. ред. Н.А. Волгина. — М.: Издательство «Экзамен», 2003. - 736 с.

6.Государственное регулирование экономики и социальный комплекс /Под ред. Т.Г. Морозовой и А.В. Пикулькина. - М.: Финстатинформ, 2007.

7.Государство и управление в США /Отв. ред. Л.М. Евенко. - М.: Мысль, 1985.

8.Исмоилов А.А. Низоми идоракунии давлатӣ: курси лексияҳо. - Душанбе: «Соҳибкор», 2010. 143 с.

9.Кузьминский А.И. Модели развития экономики // Экономика и жизнь. - № 31. - 1993.

10.Қодиров Ш. Ш, Рахимов О. Н., Хоркашов И. С, Фозилхонов Д. О.

Назарияи иқтисод. Китоби дарсӣ (қисми 2). - Душанбе, 2008. - 182 с.
11.Саидмуродов Л.Х. Стратегия развития регионов страны на современном этапе. Материалы научнопрактической конференции 22 июня 2018 года. Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие регионов Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018.

## ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба таҳлили нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои вобаста ба моҳият ва аҳамияти рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, нақши соҳибкории иҷтимоӣ дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси таҳлили омилҳои ҳудудӣ, захираҳои меҳнатӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки рушди соҳибкории иҷтимоӣ метавонад ба беҳтар гардидани вазъи иҷтимоӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва тақвияти устувории иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, дар мақола таъсири равандҳои муосири инноватсионӣ, иқтисодиёти ба дониш асосёфта ва рушди технологияҳо ба ташаккул ва густариши фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ таҳлил карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории иҷтимоӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, минтақа, иқтисоди миллӣ, захираҳои меҳнатӣ, иқтисоди инноватсионӣ, бозори меҳнат, рушди минтақаҳо, технологияҳои муосир, иқтисодиёти ба дониш асосёфта.

## АНАЛИЗ ОСНОВНЫХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена анализу основных показателей развития социального предпринимательства в Республике Таджикистан. В ней рассматриваются вопросы, связанные с сущностью и значением социально-экономического развития регионов, ролью социального предпринимательства в повышении уровня жизни населения и эффективном использовании имеющихся ресурсов. На основе анализа территориальных факторов, трудовых ресурсов и экономических возможностей автор показывает, что развитие социального предпринимательства может способствовать улучшению социальной ситуации, созданию новых рабочих мест и укреплению устойчивости национальной экономики. Также в статье анализируется влияние современных инновационных процессов, экономики, основанной на знаниях, и развития технологий на формирование и расширение деятельности социального предпринимательства.

**Ключевые слова:** социальное предпринимательство, социально-экономическое развитие, регион, национальная экономика, трудовые ресурсы, инновационная экономика, рынок труда, развитие регионов, современные технологии, экономика, основанная на знаниях.

## ANALYSIS OF THE MAIN INDICATORS OF SOCIAL ENTREPRENEURSHIP DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the analysis of the main indicators of the development of social entrepreneurship in the Republic of Tajikistan. It examines issues related to the essence and importance of the socio-economic development of regions, the role of social entrepreneurship in improving the living standards of the population, and the effective use of available resources. Based on the analysis of territorial factors, labor resources, and economic opportunities, the author shows that the development of social

entrepreneurship can contribute to improving social conditions, creating new jobs, and strengthening the sustainability of the national economy. The article also analyzes the impact of modern innovative processes, the knowledge-based economy, and technological development on the formation and expansion of social entrepreneurship activities.

**Key words:** social entrepreneurship, socio-economic development, region, national economy, labor resources, innovative economy, labor market, regional development, modern technologies, knowledge-based economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Аминов Ҳокимҷон Нуралиевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи забони англисӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Ғарм, к. Э. Муҳиддинов – 63. Телефон: +992 987-84-64-40. E-mail: aminzoda.2000@mail.ru

**Сведение об авторе: Аминов Хакимджон Нуралиевич** – Таджикский педагогический института в Раштском районе, ассистент кафедры английского языка. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинова, 63. Телефон: +992 987-84-64-40. E-mail: aminzoda.2000@mail.ru

**Information about the author: Aminov Hokimjon Nuralievich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht district, assistant of the department of english language. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddinov - 63. Phone: +992 987-84-64-40. E-mail: aminzoda.2000@mail.ru

# МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Зокирзода З.Х., Пулодов Р.Т., Раҷабов Б.С.** Масъалаҳои экстремизм ва баъзе равишҳои муқовимат бо он.......................................................................................6-13
**Аламшозода Ф.А.** Танзими ҳуқуқии саломатии равонӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба кӯмаки равонӣ....................................................................................................................14-27
**Муқимӣ С.Д.** Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои Шарқи дур..................................................27-34
**Ахмедов Н.С.** Нақши ҳуқуқӣ кӯдак дар меҳвари таълиму тарбия.....................35-44
**Давлатзода Н.М.** Танзими ҳуқуқии низоъҳои оилавӣ..........................................44-53
**Шодизода Н.М.** Ҷавобгарии ҳуқуқӣ: аз таҳлили вазъи мавҷуда то такмили қонунгузорӣ....................................................................................................................53-62
**Муқимӣ С.Д.** Танзими ҳуқуқии баҳсҳои марзӣ байни Тоҷикистон ва Қирғизистон аз нигоҳи таърих.......................................................................................................63-69

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Наврӯзов Ғ.Л., Раҳимов А.Х.** Вазъи маорифи ноҳияи Тоҷикободи минтақаи Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2025)..............................70-77
**Шарифова М.Қ., Баргзода С.Р.** Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Нурободи водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлол (1991-2025).............78-87
**Махсудов А.М., Мудабирзода З.Б.** Рушду нумуи мактабу маорифи минтақаи Рашт дар солҳои 1956-1991.....................................................................................87-96
**Ақназаров Ҳ.М., Абдулов С.М.** Ҷаҳонбинии мифологии тоҷикони кӯҳистон дар партави таҳқиқоти Н.А. Кисляков..................................................................96-102
**Мудабирзода З.Б.** Таъмини базаи моддӣ-техники ва низоми мактабу маорифи минтақаи Рашт дар нимаи дуюми асри XX..................................................103-112
**Олимшозода Ф. О.** Таҳлили таърихӣ-муқоисавии мақоми зани тоҷик..........112-120
**Ақназаров Ҳ.М.**Чаро ва ба манфиати кӣ таъриху фарҳанги бостонии тоҷикон инкор мешавад?.................................................................................................120-127
**Нозимов А.Ш.** Пантуркизм дар Осиёи миёна ва таъсири он ба ҳувият ва мавқеи миллии тоҷикон...........................................................................................128-136

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Зокирзода З.Х., Шодизода А.Ш.** Таъсири манфии коррупсия ба иқтисодиёт.137-148
**Амирзода С.А., Шарофов Ш.Ҳ.** Нақши андозҳо дар таркиби буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт.........................................................................................149-155
**Саидзода А.С., Умаров У., Маҳмадов А.** Татбиқи технологияҳои муосир дар раванди идоракунии муассисаҳои молиявию бонкӣ.......................................155-162
**Назаров А.М., Ҷомиев А.М.** Маркетинг ва нақши он дар идоракунии фирма..........................................................................................................163-173
**Саидзода А.С., Боев Н.М., Ҳакимов Қ.Ш.** Арзёбии таъсири рақамикунонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ: омилҳо, механизмҳо ва афзалиятҳои рушд.......173-180
**Аминов Ҳ.Н.** Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................180-189

# ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 бошад.

2. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 20 саҳифа мебошад.

3. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.

4. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.

5. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.

6. Аннотатсия бояд 100-200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад.

7. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 7-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.

8. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].

9. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда мешавад.

10. Рӯйхати адабиёт бояд бо ду забон 1) ба забони асл (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва диг.) ва 2) тарҷумаи ҳама номгӯи адабиёт ба забони англисӣ оварда шаванд.

11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.

12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.

13. Ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.

14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз се ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад

15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.

16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.

17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.

18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

19. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририя дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

20. Мақола бо тақриз (дар шакли чопӣ ва электронӣ) ба суроғаи зерин пешниҳод карда мешаванд: 77817, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кучаи Э. Муҳиддинов, 63. Почтаи электронӣ: farodil_ff@mail.ru

## ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник Таджикского педагогического институт в Раштском районе. Серия право, история и экономические науки» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,5.

2. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 20 страниц.

3. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

4. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

5. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

6. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования.

7. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 7-10 слов и основных фраз темы.

8. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

9. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа,

10. Список литературы должны быть представлены на двух языках 1) на языке оригинала (таджикский, русский, английский и т.д.) и 2) перевод всего списка литературы на английский язык.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

19. Статья, поступившая в журнал, будет рассмотрена редколлегией в течение 30 дней.

20. Статью с рецензией (в печатном и электронном виде) необходимо направить по адресу: 77817, Республика Таджикистан, Раштский район, г. Гарм, улица Э. Мухиддинова, 63. Электронная почта: farodil_ff@mail.ru

## RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal «Bulletin of the Tajik pedagogical institute in the Rasht district. Series law, history and economic sciences» accepts scientific articles for publication on topics corresponding to the profile of the journal. When preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. The article should be typed in a WinWord text editor (A4 format) in Times New Roman font, with 2 cm margins, 14 font size and 1.5 line spacing.

2. The optimal volume of an article together with an abstract and a list of references is from 10 to 20 pages.

3. At the beginning of the article, on the left side of the page, the UDC index is placed.

4. Information about the author(s), the title of the article, the text of the abstract and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.

5. The full surname, first name, and patronymic name, academic title, academic degree, position, place of work, and address, e-mail, and telephone number of the author(s) are written on separate lines.

6. The abstract should contain 100-200 words and should contain a brief summary of the article and the results of the research.

7. Key words, separated by commas, should contain 7-10 words and key phrases of the topic.

8. The text of the article must contain references to the sources used. A reference to the source is given after the quoted text, indicating the ordinal number of the source and page in square brackets, for example: [5, p. 24].

9. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order as a bibliography. The bibliography is prepared in accordance with the requirements of GOST,

10. The list of references must be presented in two languages 1) in the original language (Tajik, Russian, English, etc.) and 2) translation of the entire list of references into English.

11. In the list of references, when describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, theses, chapters or section of a book, etc. - their pages.

12. The list of references must contain at least 10 research sources, of which at least 30% are scientific works published in the country. The author's bibliography should not make up more than 25% of the article's list of references.

13. Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.

14. The journal does not publish scientific articles with more than two co-authors (with the exception of experimental studies).

15. Articles by postgraduate students, PhD candidates and doctoral students are accepted for publication upon recommendation of the supervisor, and articles by master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.

16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit a scientific article.

17. The text of the submitted material is the final version, must be proofread and free of errors. The author(s) are responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.

18. In case of non-compliance with the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

19. The article received by the journal will be reviewed by the editorial board within 30 days.

20. The article with a review (in printed and electronic form) must be sent to the following address: 77817, Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm city, E. Mukhiddinov street, 63. E-mail: farodil_ff@mail.ru

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА
# В РАШТСКОМ РАЙОНЕ

**СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**

**№1 (7), 2026**

**Издательский центр**
Издательство ТПИ в Раштском районе
«Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе.
Серия право, история и экономические науки»:
77817, Таджикистан, Раштский район, г. Гарм,
улица Э. Мухиддинова, 63.
Сайт журнала: https://dotr-vestniki.tj
E-mail: farodil_ff@mail.ru
Тел.: (+992) 313121103; (+992) 999333160

Сдано в печати 10.03.2026. Подписано к печати 16.03.2026.
Формат 60x84 1/8. Печать офсетная. Бумага офсетная 80 г.
Объём 13 п. л. Тираж 100 экз. Заказ № 3

Отпечатано в типографии «Ашуриён»
г. Душанбе, р-н Сино, уч. «Озоди занон».